СамДУ ҳузуридаги педагог кадрларни қайта тайёрлаш ва уларнинг малакасини ошириш минтақавий маркази

# ТОЖИК АДАБИЁТШУНОСЛИГИ ВА АДАБИЙ ТАНҚИД ТАРИХИ МУАММОЛАРИ

модулидан ўқув-услубий мажмуа

САМАРҚАНД - 2022

**Модулнинг ишчи дастури Олий ва ўрта махсус таълим вазирлигининг 2020 йил 7 декабрдаги 648-сонли буйруғи билан тасдиқланган ўқув дастури ва ўқув режасига мувофиқ ишлаб чиқилган ҳамда СамДУ Илмий кенгашининг 2020 йил «28» декабрдаги 4 -сонли қарори билан тасдиқланган.**

| | |
|---|---|
| **Тузувчи:** | СамДУ Тожик тили ва адабиёти кафедраси профессори, ф.ф.д. Ж.Ҳамроев |
| **Тақризчи:** | СамДУ Тожик тили ва адабиёти кафедраси профессори ф.ф.д. С.Саъдиев |
| **Хорижий экспертлар:** | Тожикистон Миллий университети, филология факультети профессори, ф.ф.д. Эмомали Сирожиддини |
| | Тожикистон Миллий университети, филология факультети профессори, ф.ф.д. Дилмурод Ражабович Хомидов |

# МУНДАРИЖА

I. ИШЧИ ДАСТУР....................................................................................................4

II. МОДУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ...........................................................................................7

III. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАР........................................13

IV. АМАЛИЙ МАШҒУЛОТЛАР МАТЕРИАЛЛАРИ.....................................122

V. ГЛОССАРИЙ...........................................................................................144

VI. АДАБИЁТЛАР РЎЙХАТИ....................................................................181

VII. ЭКСПЕРТ ХУЛОСА...............................................................................183

# I. Ишчи дастур

## КИРИШ

Мазкур дастур Ўзбекистон Республикаси Президентининг 2017 йил 7 февралдаги “Ўзбекистон Республикасини янада ривожлантириш бўйича Ҳаракатлар стратегияси тўғрисида”ги ПФ-4947-сон, 2019 йил 27 августдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг узлуксиз малакасини ошириш тизимини жорий этиш тўғрисида”ги ПФ-5789-сон, 2019 йил 8 октябрдаги “Ўзбекистон Республикаси олий таълим тизимини 2030 йилгача ривожлантириш концепциясини тасдиқлаш тўғрисида”ги ПФ-5847-сонли Фармонлари ҳамда Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамасининг 2019 йил 23 сентябрдаги “Олий таълим муассасалари раҳбар ва педагог кадрларининг малакасини ошириш тизимини янада такомиллаштириш бўйича қўшимча чора-тадбирлар тўғрисида”ги 797-сонли Қарорларида белгиланган устувор вазифалар мазмунидан келиб чиққан ҳолда тузилган бўлиб, у олий таълим муассасалари педагог кадрларининг касб маҳорати ҳамда инновацион компетентлигини ривожлантириш, соҳага оид илғор хорижий тажрибалар, янги билим ва малакаларни ўзлаштириш, шунингдек амалиётга жорий этиш кўникмаларини такомиллаштиришни мақсад қилади.

Қайта тайёрлаш ва малака ошириш йўналишининг ўзига хос хусусиятлари ҳамда долзарб масалаларидан келиб чиққан ҳолда дастурда тингловчиларнинг мутахассислик фанлар доирасидаги билим, кўникма, малака ҳамда компетенцияларига қўйиладиган талаблар такомиллаштирилиши мумкин.

**Тожик адабиётшунослиги ва адабий танқид тарихи муаммолари фанининг мақсади ва вазифалари:**

- педагог кадрларни қайта тайёрлаш ва малака ошириш курси тингловчиларида адабиётшуносликнинг юзага келиши ва адабиётшунослик тарихини ўрганишда ёзма матнларнинг ўрни ва роли, адабиётшунослик ва адабий танқидчиликнинг ўзига хос хусусиятлари, қадимги дунё адабиётшунослиги ва унинг ўзига хос жиҳатлари, адабиётшунослик тарихида мустақил адабиётшунослик мактаблари ва уларнинг ҳозирги миллий адабиётшунослик мактабларнинг юксалишидаги ўрни, Шарқ адабиётшунослиги тарихи, ўрта асрлар адабиётшунослиги, Аврупо уйғониш даври адабиётшунослиги, XX аср адабиётшунослиги ва турли адабиётшунослик жараёнлар ҳамда йўналишларнинг пайдо бўлиши ҳақида тасаввурни шакллантиришдан иборат. Шунингдек тингловчиларга мумтоз адабиёт тарихи ва адабий танқидчилик, ўрта асрлар адабий танқидчилигининг асосий хусусиятлари, ифодаланиш шакл ва усуллари, сифатан янгилана

бориши, адабий танқиднинг асосий йирик сиймолари, янги тожик адабий танқидининг шаклланиши, йирик тожик мунаққидлари ва уларнинг хизматлари, адабий танқидчиликда шакл ва услублар хилмахиллиги, ҳозирги замон тожик адабий танқидчилигининг усуллари ва ютуқларини ёритиб беради;

**Модулнинг ўқув режадаги бошқа модуллар билан боғлиқлиги ва узвийлиги**

“Тожик адабиётшунослиги ва адабий танқид тарихи муаммолари” фани тожик адабиёти муаммоларини ҳал қилишда, адабиётшунослик, лингвокультурология, математика ва тизимли таҳлил усулларидан фойдаланади. Фан юзасидан тайёргарлик – адабиётга оид муҳим ахборотни олиш мақсадида шеърият структурасига доир экспериментал маълумотларни таҳлил қилиш учун компьютер технологияларидан назарий ва амалий билим ва кўникмалар олиш имкониятини беради. Шу боис тингловчилар уни тўлиқ ўзлаштиришлари учун XX аср бошларидаги тарихий шароит ва тожик адабиётидаги ўзгаришлар, жадид адабиётининг шаклланиши ва асосий хусусиятлари, шўролар даври адабиётининг майдонга келиши ва бадиий адабиётнинг янги йўналиши, мафкуравий тазйиқ ва адабий жараён 20-30 йиллар адабиётининг ғоявий йўналиши, мавзулари ва йирик вакиллари, социалистик реализм ижодий методи ва унинг бадиий адабиёт такдиридаги ўрни, миллий мустақиллик мафкураси ва ҳозирги адабий жараённинг асосий тамойиллари, мустақиллик даври адабиётининг асосий хусусиятлари, мавзу ва ғоявий йўналиши, ҳозирги адабий жараёндаги сифат ўзгариши ва унинг ифодаланиш шакл ва жанрлари, ҳозирги адабий жараёнга хос қонуният ва бадиий –эстетик кашфиётлар, ҳозирги тожик адабиётининг ғоявий йўналиши, мавзулар доираси ва жанрий хусусиятларидаги янгиланишлар содир бўладиган мураккаб жараёнларни умумлаштириш учун етарли билим ва кўникмаларга эга бўлиши талаб этилади.

**Модулнинг олий таълимдаги ўрни**

Республикамизнинг иқтисодиёти ижтимоий фанларнинг ривожланишига ва унинг ютуқларига ҳам боғлиқ. Қайта тайёрлаш ва малака ошириш йўналишининг ўзига хос хусусиятлари ҳамда долзарб масалаларидан келиб чиққан ҳолда дастурда тингловчиларнинг мутахассислик фанлар доирасидаги билим, кўникма, малака ҳамда компетенцияларига қўйиладиган талаблар такомиллаштирилиши мумкин. Шу сабабли ҳам ушбу модулни ўзлаштириш орқали тингловчилар Тожик адабиётшунослиги ва адабий танқид тарихи муаммолари фанини амалда қўллаш ва тожик тили соҳасидаги мавжуд муаммоларни баҳолашга доир касбий компетентликка эга бўладилар.

## Модул бўйича соатлар тақсимоти

| № | Модул мавзулари | Тингловчининг ўқув юкламаси, соат | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳаммаси | Аудитория ўқув юкламаси | | | Кўчма машғулот |
| | | | Жами | жумладан | | |
| | | | | Назарий | Амалий машғулот | |
| 1 | Муқаддима | 2 | 2 | 2 | | |
| 2 | Нақди адабии тоҷик ва давраӯои асосии инкишофи он | 2 | 2 | 2 | | |
| 3 | Инкишофи нақд дар асрӯои XIV-XV | 2 | 2 | 2 | | |
| 4 | Нақди адабӣ дар асрӯои XVI-нимаи аввали асри XIX | 2 | 2 | 2 | | |
| 5 | Дарачаи ташаккули насри бадеии тоҷик аз солҳои 60 қарни XX- то имрӯз | 2 | 2 | | 2 | |
| 6 | Трилогияи Чалол Икромӣ | 2 | 2 | | 2 | |
| 7 | Мавқеи достон дар эҷодиёти М.Турсунзода | 2 | 2 | | 2 | |
| 8 | Сотим Улуғзода ва таърихият дар осори Ӯ | 2 | 2 | | 2 | |
| 9 | Инкишофи жанри достони манзум дар эҷодиёти М. Қаноат | 2 | 2 | | 2 | |
| 10 | Тасвири проблемаҳои ахлоқи ичтимой, қувватгирифтани психологизми тасвир, вусъати монологи ботинӣ | 2 | 2 | | 2 | |
| | **Жами:** | **20** | **20** | **8** | **12** | |

## ЎҚИТИШ ШАКЛЛАРИ

Мазкур модул бўйича қуйидаги ўқитиш шаклларидан фойдаланилади:

- маърузалар, амалий машғулотлар (маълумотлар ва технологияларни англаб олиш, ақлий қизиқишни ривожлантириш, назарий билимларни мустаҳкамлаш);
- давра суҳбатлари (кўрилаётган лойиҳа ечимлари бўйича таклиф бериш қобилиятини ошириш, эшитиш, идрок қилиш ва мантиқий хулосалар чиқариш);
- баҳс ва мунозаралар (лойиҳалар ечими бўйича далиллар ва асосли аргументларни тақдим қилиш, эшитиш ва муаммолар ечимини топиш қобилиятини ривожлантириш).

## II. МОЛУЛНИ ЎҚИТИШДА ФОЙДАЛАНИЛАДИГАН ИНТЕРФАОЛ ТАЪЛИМ МЕТОДЛАРИ

### “SWOT-таҳлил” методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** мавжуд назарий билимлар ва амалий тажрибаларни таҳлил қилиш, таққослаш орқали муаммони ҳал этиш йўлларни топишга, билимларни мустаҳкамлаш, такрорлаш, баҳолашга, мустақил, танқидий фикрлашни, ностандарт тафаккурни шакллантиришга хизмат қилади.

| | |
|---|---|
| **S – (strength)** | • кучли томонлари |
| **W – (weakness)** | • заиф, кучсиз томонлари |
| **O – (opportunity)** | • имкониятлари |
| **T – (threat)** | • тўсиқлар |

**Намуна:** Анаънавий ва замонавий таълим шаклларини “SWOT-таҳлил” методида таҳлил қилинг.

| | | |
|---|---|---|
| | Оддий маърузада маърузачи талабалар, тингловчиларга кўп маълумот бера олади | Муаммоли маърузада камроқ маълумот берилади, бироқ улар талабалар онгига сингдириб берилади |
| | Ўқитувчи асосан ўзи ва аълочи, қизиқувчи талабалар билан гаплашади, яъни дарсда оз сонли талабалар қамраб олинади | Муаммоли маърузада кўп сонли талабалар, тингловчилар қамраб олинади |
| | Оддий маърузада фақат ўқитувчи режа асосида ва тайёрлаб келган маълумотлари атрофида гаплашилади | Муаммоли маърузада муҳокама жараёнида янги-янги масалалар, муаммолар юзага чиқиши, ғоялар туҳилиши мумкин. |
| | Ўқитувчи учун асосий тўсиқ – дастурдан чиқиб кета олмаслик, талаба учун қизиқмаса ҳам ўқитувчини эшитиб ўтириш мажбурияти | Кенг муҳокама учун вақтнинг чегараланганлиги, талабаларни мавзудан четга буришга |

| | | |
|---|---|---|
| | | интилишлари |

Резюме, Веер методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** Бу метод мураккаб, кўптармоқли, мумкин қадар, муаммоли характеридаги мавзуларни ўрганишга қаратилган. Методнинг моҳияти шундан иборатки, бунда мавзунинг турли тармоқлари бўйича бир хил ахборот берилади ва айни пайтда, уларнинг ҳар бири алоҳида аспектларда муҳокама этилади. Масалан, муаммо ижобий ва салбий томонлари, афзаллик, фазилат ва камчиликлари, фойда ва зарарлари бўйича ўрганилади. Бу интерфаол метод танқидий, таҳлилий, аниқ мантиқий фикрлашга ҳамда ўқувчиларнинг мустақил ғоялари, фикрларини ёзма ва оғзаки шаклда тизимли баён этиш, ҳимоя қилишга имконият яратади. “Хулосалаш” методидан маъруза машғулотларида индивидуал ва жуфтликлардаги иш шаклида, амалий ва семинар машғулотларида кичик гуруҳлардаги иш шаклида фойдаланиш мумкин.

**Методни амалга ошириш тартиби:**



тренер-ўқитувчи иштирокчиларни 5-6 кишидан иборат кичик гуруҳларга ажратади;



тренинг мақсади, шартлари ва тартиби билан иштирокчиларни таништиргач, ҳар бир гуруҳга умумий муаммони таҳлил қилиниши зарур бўлган қисмлари туширилган тарқатма



ҳар бир гуруҳ ўзига берилган муаммони атрофлича таҳлил қилиб, ўз мулоҳазаларини тавсия этилаётган схема бўйича тарқатмага ёзма баён қилади;



навбатдаги босқичда барча гуруҳлар ўз тақдимотларини ўтказадилар. Шундан сўнг, тренер томонидан таҳлиллар умумлаштирилади, зарурий ахборотлр билан тўлдирилади ва

Намуна:

| Филологиядан малака талаблари | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| **Собиқ стандартлар** | | **Амалдаги стандартлар** | | **Такомиллаштирилган стандартлар** | |
| афзаллиги | камчилиги | афзаллиги | камчилиги | афзаллиги | камчилиги |
| | | | | | |
| **Хулоса:** | | | | | |

**“ФСМУ” методидан фойдаланиш**

**Технологиянинг мақсади:** Мазкур технология иштирокчилардаги умумий фикрлардан хусусий хулосалар чиқариш, таққослаш, қиёслаш орқали ахборотни ўзлаштириш, хулосалаш, шунингдек, мустақил ижодий фикрлаш кўникмаларини шакллантиришга хизмат қилади. Мазкур технологиядан маъруза машғулотларида, мустаҳкамлашда, ўтилган мавзуни сўрашда, уйга вазифа беришда ҳамда амалий машғулот натижаларини таҳлил этишда фойдаланиш тавсия этилади.

Технологияни амалга ошириш тартиби:

- қатнашчиларга мавзуга оид бўлган якуний хулоса ёки ғоя таклиф этилади;
- ҳар бир иштирокчига ФСМУ технологиясининг босқичлари ёзилган қоғозларни тарқатилади:




-

ФСМУ таҳлили қатнашчиларда касбий-назарий билимларни амалий машқлар ва мавжуд тажрибалар асосида тезроқ ва муваффақиятли ўзлаштирилишига асос бўлади.

Намуна.

**Фикр:** “Филологиядан малака талабларини халқаро андозалар асосида такомиллаштириш ва сертификатлаштириш таълим самарадорлигининг энг муҳим омилларидан биридир”.

**Топшириқ:** Мазкур фикрга нисбатан муносабатингизни ФСМУ орқали таҳлил қилинг.

### Венн Диаграммаси методидан фойдаланиш

**Методнинг мақсади:** Бу метод график тасвир орқали ўқитишни ташкил этиш шакли бўлиб, у иккита ўзаро кесишган айлана тасвири орқали ифодаланади. Мазкур метод турли тушунчалар, асослар, тасавурларнинг анализ ва синтезини икки аспект орқали кўриб чиқиш, уларнинг умумий ва фарқловчи жиҳатларини аниқлаш, таққослаш имконини беради.

### Методни амалга ошириш тартиби:

- иштирокчилар икки кишидан иборат жуфтликларга бирлаштириладилар ва уларга кўриб чиқилаётган тушунча ёки асоснинг ўзига хос, фарқли жиҳатларини (ёки акси) доиралар ичига ёзиб чиқиш таклиф этилади;
- навбатдаги босқичда иштирокчилар тўрт кишидан иборат кичик гуруҳларга бирлаштирилади ва ҳар бир жуфтлик ўз таҳлили билан гуруҳ аъзоларини таништирадилар;
- жуфтликларнинг таҳлили эшитилгач, улар биргалашиб, кўриб чиқилаётган муаммо ёҳуд тушунчаларнинг умумий жиҳатларини (ёки фарқли) излаб топадилар, умумлаштирадилар ва доирачаларнинг кесишган қисмига ёзадилар.

Намуна: Филологияни турли йўналишларда ўқитишнинг фарқли жиҳатлари ўзига хосликлари




“Зинама-
зина”,
Матн билан ишлашга йўналтирилган интерфаол метод ва усуллар
“Бумеранг”
“Инсерт”
“Кейс-
стади”


Ижодий фаолият ва мантиқий фикрлашни ривожлантиришга
йўналтирилган интерактив методлар:
“Идрок харитаси”
“Эссе”
“ФСМУ”
“Кластер”
“Гуруҳларда ишлаш”


Ўқув жараёнида муаммолар ва муаммоли вазиятларни ечишга йўналтирилган интерфаол методлар
“CWOT-универсал таҳлил”
“Дебат”,
Муаммоли вазият яратиш”
“Резюме”,


“Т-чизмаси”,
“Венн диаграммаси”,
“Органайзер”,
Ҳар хил чизмалар, жадваллар ёрдамида амалга ошириладиган интерфаол методлар:

# III. НАЗАРИЙ МАШҒУЛОТ МАТЕРИАЛЛАР

**Мавзӯи 1** | **Муқаддима** | **Маърӯза**

Накди адабӣ як шӯъбаи илми адабиётшиносист, ки осори бадеӣ ва ё силсилаи асарҳоро сари вақт таҳлил карда, арзиши аслии онҳоро муайян менамояд. Ин соҳаи адабиётшиносӣ дар рӯзгори мо ташаккул ёфта, ба илми таҳқиқи адабиёт табдил ёфт. Ин илмро ҳоло аксаран танқиди адабӣ мегӯянд, ки тарҷумаи таҳтуллафзи “литературная критика”-и русист. Дар таърихи адаби форсии тоҷикӣ ин илмро бо номи “накди адабӣ” ва ё “накди шеър” ёд кардаанд.

Маънии лафзи “накд” дар луғат “беҳин чизе баргузидан” аст. Яъне, ба қавли аҳли луғат назар кардан аст ба дирҳам то дар он “сараро аз сақат бозшиносанд”. Ин калима маънии “айбҷӯӣ” низ дорад, зеро вақте беҳин чизро мегузинед ё интихоб мекунед, ногузир иллати онро таъйин хоҳед кард. Ин маънӣ аз қадим дар зоти ин луғат будааст.

Ин луғатро, ки аслан арабист, дар форсии тоҷикӣ ва ҳам тозӣ аз замонҳои дур маҷозан дар мавриди шинохти ҳусну қубҳи калом истифода кардаанд. Ҳамчунин он лафзе ҳам, ки имрӯз дар Урупо ба ин маънӣ ба кор меравад. дар асл ба маънии рой задан ва доварӣ кардан аст, яъне шинохти неку бад ва сараву носара дар амалу кирдорҳост. Вале чун истилоҳи адабиётшиносӣ накд мафҳуму маънии васеътар ва таърифи ҷомеътаре дорад.

Накди адабӣ илмест, ки осори бадеиро сари вақт таҳқиқ карда, арзиши аслии онро муайян мекунад. (Ин илм дар адабиётшиносии имрӯз ба номи танқиди адабӣ низ ёд мешавад. Дар таърихи афкори адабию эстетикии мо дар шакли накли адабӣ ва накди шеър омадааст).

Мавзӯи баҳси накди адабӣ, чунон ки ишора шуд, қабл аз ҳама моҳият ва арзиши осори адабиёт, шинохти неку бад ва сараву носара аст.

Накди адабӣ, қабл аз ҳама, ҷараёни адабиро дар замони зуҳуру инкишофи он таҳқиқ мекунад. Вай ҳамзамон бо воқеияти тозаи адабӣ қадам мезанад. Моҳияти ҳодисаҳои адабиро ошкор сохта, ба фаъолияти ин ё он адиб

ва осори ӯ арҷ медиҳад. Дар зимни ин ҷустуҷӯҳо хусусияти ҳодисаҳои адабиро ба тақозои завқи зебошиносии шоеъ дар ҷомеа баррасӣ мекунад.

Доираи баҳси нақди адабӣ васеъ аст. Мавзӯи баҳси нақд метавонад асари нав эҷодшуда қарор гирад. Силсилаи асарҳои тоза ё марҳалаҳои эҷодиёти адибе, ҳамчунин муҳимтарин хусусиятҳои мундариҷавию ғоявӣ, мавзӯиву услубии адабиёти давр метавонад мавзӯи гуфтугӯ ва баррасии нақди адабӣ қарор гирад. Дар ин замина нақд хусусияти фаврӣ дорад. Яъне ҳар чизе ки эҷод шуд, баррасӣ карда сари вақт неку бади онро муайян менамояд. Ҳодисоти манфӣ ва бесамари ҷараёни адабиро зуд ошкор сохта, роҳи рост ва саҳеҳи инкишофи адабиётро муайян мекунад. Аз ин ҷиҳат мақсад ва вазифаи нақди адабӣ муайян аст. Вай бо осори мушаххас ва ҳадафҳои рушан сару кор дошта, роҳҳои саҳеҳи инкишофи адабиёти бадеӣ ва тавсиъа бахшидани завқи зебошиносӣ  ва инкишофи мафкураи ҷомеаро мадди назар дорад.

Вазифаҳои назария, таърихи адабиёт ва нақди адабӣ мутафовут аст, вале иҷрои ин ҳадафҳо танҳо тавассути пайвастагии ком ва таърихи он ёрӣ мерасонад ки моҳияти ҳодисаҳои адабӣ ҳамзамон муайян шавад или онҳо даст медиҳад.

Дарки зинаҳои гузаштаи инкишофи адабиёт ва дурнамои инкишофи адабиёт таъйин гардад, ки ин ҳам барои назарияи адабиёт ва ҳам нақди адабӣ бисёр ҳам муҳим аст. Нақди адабӣ хусусиятҳои ҳодисоти тозаи адабиро муайян карда, роҳи саҳеҳи инкишофи таърихи адабиётро муайян мекунад ва ба назарияи адабиёт кӯмак мерасонад, ки қонунмандии умумии инкишофи адабиётро равшан созад.

Фаҳмиши қонуниятҳои умумии инкишофи адабиётро матраҳ карда, назарияи адабиёт, пеш аз ҳама асосҳои илмии таърихи адабиёт ва нақди адабиро тақвият мебахшад. Дар равиши таърихии инкишофи адабиётшиносӣ таърихи адабиёт ва нақди адабӣ танҳо дар сурати корбасти назарияи адабиёт ба ҳадафҳои худ расида метавонаду бас. Назарияи адабиёт миёни ҳамаи ҳодисаҳои адабӣ, ки хусусияти эҷодиёти бадеӣ, махсусиятҳои умумӣ ва тафовути онҳоро муайян мекунад, вобаста ба ҳодисоти таърихӣ алоқамандӣ ва ҳамгироӣ ба вуҷуд меоварад. Дар ҳамин замина нақди адабӣ метавонад дар

таҳқиқи ҳам осори ҷудогонаи адибон ва ҳам ҷараёни адабӣ муваффақ шавад.

Илмҳои ёвари адабиётшиносӣ-матншиносӣ ва сарчашмашиносӣ низ дар доираи нақди адабӣ мақом доранд.

Маълум аст, ки матни асари бадеӣ ҳамеша дар як ҳолат боқӣ намемонад, балки доиман дар тағйиру такмил аст. Ин тағйиру такмил ё аз тарафи нависанда ва ё шоир, ё аз ҷониби ношир сурат мегирад. Чунин ҳодисаро маҳз илми матншиносӣ меомӯзад. Бинобар ин ҳам ноқиди адабӣ дар вақти омӯзиши осори ин ё он адиб наметавонад аз тағйироту такомулоти осор сарфи назар кунад. Балки ӯ вақте сухани қотеъ ва охирро гуфта метавонад, ки ҳодисаи тағйироти мутунро дар эҷодиёти адиб зери назар дошта бошад, балки ин тағйиру такмил ба кадом савия анҷом гирифтааст, низ бояд мавриди таваҷҷӯҳи ӯ бошад. Танҳо дар ҳамин замина арзиши воқеии осори адибро муайян кардан имконпазир аст.

Илми нақд ҷузъе аз таърихи адабиёт аст. Сарчашмаҳои адабӣ ин таърихро шарҳ медиҳанд. Сарчашмаҳои ин ё он давраро муайян ва танзим накарда, таърихи адабиёти он аҳдро қазоват кардан имконнопазир аст. Илова бар ин бе донистани чарчашмаҳои назарии гузаштаи адаби форсӣ, бе баррасии ақоиди дастурии адибони пешинзамон дар роҳи таҳқиқи таърихи нақди адабӣ наметавон комёб шуд. Балки худи ин таърихро танҳо дар заминаи сарчашмаҳои таърихӣ ва замонӣ метавон муайян кард.

Илми дигари ёвари адабиётшиносӣ, ки бо тартибу танзими адабиёти бадеӣ ва адабиёти илмии соҳаҳои мушаххаси он машғул мебошад ва дар роҳи густаришу инкишофи нақд мақоми хос дорад, китобшиносист. Ин илм метавонад феҳрасти осори адибони ҷудогона, феҳрасти мавзӯии озод, феҳрасти адабиёти ин ё он маҳал ва феҳрасти ҷомеи адабиётро бунёд кунад. Феҳрастсозӣ дар таърихи адаби мо собиқаи қадим дорад. Аз ҷумлаи феҳрастҳои ҷомеъи адабиёт, ки дар гузашта таълиф шуда, асари Ибн-ан-Надим “Ал-феҳраст” мебошад. Мунтақиди осори адабӣ ҳангоми омӯзиш ва таҳқиқи осори адабӣ бевосита бо феҳрастҳо сару кор дорад. Танҳо дар ҳамин замина манзараи умумӣ ва мушаххаси инкишофи адабиётро нигоштан имконпазир аст.

Нақди адабӣ бо улуми дигар, минҷумла, забоншиносӣ, улуми ҷамъиятӣ ва табиатшиносӣ низ алоқаманд аст. Чун мавзӯи омӯзиши нақд қабл аз ҳама осори адабиёт аст ва ин осор ҳаёти фард ва ҷомеаро акс мекунад, бинобар ин ҳам табиист, ки он бо илмҳои ҷамъиятӣ ва табиатшиносӣ вобастагии қавӣ дорад.

Нақди адабӣ, пеш аз ҳама бо матни осори адиб сару кор дорад. Дар ин замина агар адабиётшиносӣ комилан ба адабиёти бадеӣ бахшида шуда бошад, забоншиносӣ ба он қисман такя мекунад. Муайян намудани меъёри забони адабии миллӣ аз вазифаҳои асосии забоншиносии ин ё он халқ мебошад. Адабиёти бадеӣ дар ин ҷода манбаъи нофеъ ва қотеъ аст. Азбаски мавзӯи омӯзиши ҳам адабиётшиносӣ ва ҳам забоншиносӣ адабиёти бадеӣ "санъати сухан" аст, яъне он чунон навъи санъатест, ки ба воситаи забон шакли моддӣ мегирад. Маҳз барои ҳамин муҳаққиқи адабиёт дар айни замон забоншинос ҳам бояд бошад, зеро агар ӯ забони асари бадеиро хуб нашиносад, сараро аз сақат ҷудо карда наметавонад. Беш аз ин, ноқиди адабӣ бояд ба шинохти ҳодисаҳои забонӣ даст дошта бошад. Таҳаввулот ва инқирози забони осори бадеиро пай барад ва аз музахрафоти ин соҳа аҳли қаламро огоҳ намояд.

Нақди адабӣ дар ҷумлаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ бо таърихшиносӣ қаробате дорад. Ҷамъият бо инсон сару кор дорад ва инсон бо муҳити зист ва фаъолияташ дар маркази тасвири адабиёти бадеӣ қарор гирифтааст. Аз ин назар, нақди адабӣ бо таърихшиносӣ сахт пайванд аст. Масоили умдаи таърихи халқ бо фоҷиаву шодкомиҳои ҳамеша мавриди таваҷҷӯҳи адибон аст. Таърих санадҳоро баррасӣ мекунад. Адабиёт ба ҳуҷҷатҳо ҷон ато мекунад. Яъне, нависанда бо тасвири гиро санадҳои таърихро ба забон меоварад. Масалан, Бобоҷон ғафуров дар таълифоти худ мубориза и халқи тоҷикро ба муқобили истилогарони араб нишон медиҳад. Ҳамин санади таърихро С.Улуғзода дар қиссаи "Ривояти суғдӣ" ба тасвири бадеӣ кашидааст.

Донистани таърих ва дар қиёси ҳодисоти воқеии таърихӣ баррасӣ кардани осори таърихии бадеӣ нақдро аз роҳи хато боз дошта ноқидонро ба фаҳмиши саҳеҳи осор во медорад. Ин ҷо зикри мубоҳисаи мунаққид А.Сайфуллоев пиромуни симои Хотун дар қиссаи С.Улуғзода "Ривояти суғдӣ"

кофист, ки агар муҳаққиқ илми таърихшиносиро аз мадди назар дур дорад, дар шинохти моҳияти амал ва кирдори ашхоси бадеӣ ва таърихӣ хато хоҳад кард. Ё худ санади таърихро танҳо барои вақтхушӣ ва дафъи малолат истифода кардани адиб /Ю.Акобиров "Дунё ба умед"/ ўро ноком хоҳад кард. Агар мунаққид Ҷ.Бақозода ба қадри кофӣ аз таърих, назарияи адабу нақд бархурдор намебуд, саҳви қабеҳи адибро дар тасвири симои қаҳрамони марказӣ Бадриддинхоҷа, ки ҷамъбасти зиёиёни пешқадами охири қарни XIX ва ибтидои садаи бист аст, боварибахш собит намекард. Ин ҷо сухан аз таҳрифкориҳои нависанда ҳангоми тасвири симои таърихии устод Айнӣ меравад, ки мунаққид холисона зери тозиёнаи танқид гирифтааст.

Дар ин замина илми иқтисд ва ҳуқуқшиносиро метавон зикр кард, ки бо адабиётшиносӣ, минҷумла нақди адабӣ равобити қавӣ доранд. Ўаёти моддии ҷомеа. усусли истеҳсолот, шароити моддии ҳаёти ҷомеа, сукут ва эҳёи истеҳсолот мавзўи баҳс ва омўзиши иқтисд аст. Табиист, ки адиби зиндагишинос аз ҳаводиси иқтисдии ҳаёти ҷомеа чашм пўшида наметавонад. Касолати иқтисд ва муносибатҳои истеҳсолӣ адибони пешқадамро ҳамеша ба андеша во дошта. Ноқиди адабӣ агар ҷараёни муносибатҳои истеҳсолӣ ва раванди инкишофи иқтисдро ба қадри ҳол надонад, ба таҳқиқу таҳлил ва баррасии асаре чун "Марги судхўр"-и устоди Айнӣ қудрат нахоҳад ёфт. Ва ба ин монанд санадҳои таърихиву адабӣ дар таърихи адабиёт фаровонанд.

Агар таърихи адабиёти гузаштагонамонро саҳифагардон кунем, бо ғазалу қасида, достону мусаммат ва ҳаҷву мутоибаҳое вомехўрем, ки дарду ҳасрат, нокомиҳо, беҳуқуқии мазлумон ва бедодиву зулму ситами зимомдоронро ифода кардаанд. Агар илми ҳуқуқшиносӣ ба омўзиш ва дифоъ аз ҳуқуқҳои инсон машғул бошад, адибони пешқадам низ дар тўли таърих дар ҳимояи инсон ва амнияту саодати ў овоз баланд кардаанд. Беш аз ин аз манфиат ва саодати инсон ҳимоят ҷустаанд. Ҳамчунон ки Фирдавсӣ дар марги нобаҳангоми Сўҳроб мегўяд:

Ба яздон, ки то дар йаҳон зиндаам,
Ба кини Сиёвуш дил огандаам.

Бе шинохти ҳуқуқҳои инсон ва донистани дастуроти ҳуқуқӣ мунаққиди адабӣ наметавонад моҳияти ҳуқуқии осори бадеиро баррасӣ кунад. хатову савоби адибро дар ин равиш собит намояд. Илова ба ин дар адабиёти кунунии мо жанри статистика ва мойарочӯӣ арзи вуҷуд кард, ки қисме аз онҳо бевосита ба таҳқиқи бадеии фаъолияти инсон дар вартаи ҷиноят тахассус доранд. Дар ин равиш салоҳияти ҳуқуқӣ ба ноқид ва нақди адабӣ муфид хоҳад буд.

Нақди адабӣ бо бисёр илмҳои омӯзандаи оламу одам марбут мебошад. Аз ҷумлаи ин илмҳо нуйум ва табиатшиносианд, ки перомуни муҳити зисти инсон, кавну макон, олами сағиру кабир ва коинот баҳс мекунанд. Адабиёти классикии форсии тоҷикӣ ба истилоҳ муҳити космологӣ ва наботиро офаридааст. Масалан, дар осори шоирони асрҳои X-XII муҳити наботия ҳукумат дорад. Шоиреро ёфтан душвор аст, ки чизеро аз наботот ба силки ташбеҳу тавсиф накашида бошад. Назари шоиронаи Лоиқ ба сарнавишти рамзии офтоб дар рӯзгори мо (”Марсияи хуршед”) мунаққидро во медорад, ки ҳангоми таҳлили ин шеър биандешад. Нуҷумро надониста, аз гардишҳои наботот бохатар набуда, ба моҳияти образҳои кайҳонии шеъри гузашта ва имрӯза сарфаҳм рафтан душвор аст.

Бояд гуфт, ки инсон бевосита мавзӯи омӯзиши илмҳои ҳисоб, ҳандаса, тиб, топонимика нест, аммо усул ва қонуни илмии онҳо барои нақди адабӣ муҳим аст. Муҳим ин аст, ки дар осори бадеӣ симметрия. гармонияву таносуб чун қонун амал мекунанд ва барои комилан ошкор кардани ҳақиқати ин масъалаҳо нақди адабиро ба донистани ҳисобу ҳандаса эҳтиёӣ ҳаст. Илова бар ин, дар адабиёти мо муаммо, луғз, абҷад, таърих барин санъат ва усулҳое мавӣуданд, ки бе кӯмаки ҳисоб, ҳандаса. мантиқ ва ғайра ҳалли онҳо имконпазир аст.

Ҳамин тариқ, нақди адабӣ бо бисёр илмҳо робитаи бевосита  ва ё бавосита дорад. Таҳлил ва таҳқиқ ҳамон вакт ҷомеъ ва муфид хоҳад буд, ки он ҳамаҷониба, аз маҷмӯи ҷонибҳо баррасӣ шуда бошад. Мунаққиди донишманд бояд аз улуми забоншиносӣ, таърих, иқтисд, ҳуқуқ, ҳисоб ва ғайра бархурдор бошад. Танҳо дар ҳамин сурат ҳукми ӯ қотеъ ва боварибахш хоҳад буд.

Акнун меоем сари масъалаи ағроз ва фавоиди нақд. Ағрози нақд мухталиф аст. Масалан, нақдиОристуфон ҷанбаи мушоҳаба дошта, дар сурате ки нақди Сукрот нақди ахлоқӣ ба шумор меояд. Нақди Афлотун ҷанбаи арзёбӣ дорад. Назди қудамои мо низ нақд мартаба ва манзалате, ки имрӯз дорад, надоштааст. Ағрози нақд ҳар қадар, ки мутафовут бошад, таъсир ва нуфузи он низ қатъӣ ва гиро аст. Дар воқеъ нақд қабл аз ҳама ба афкори омма таъсир мегузорад, назари омро ба ҳодисоти адабӣ рӯшан месозад, сониян, ба афкору андешаи нависандагону шоирон ва гӯяндагон таъсир мерасонад ва хатти инкишофи адабиётро мушаххас ва рӯшан менамояд.

Ҳарсанд дар адабиёти қадими мо нақд ба сурати имрӯз зуҳур накарда буд, вале афкори адабиву зебошиносии шоирон таъсире ба инкишофи адабиёт, хоса шеър дошт. Ин гуна нақдро нақди луғавӣ мегуфтанд. Сабаб он буд, ки маънӣ ва мазмуни шеър дар назди баъзе аз милал амре илҳомӣ ва қудсӣ ба назар мерасид. Бад-ин сабаб танҳо ҷанбаи фаннӣ ва луғавии он мавриди баҳс буду бас. Аз ин рӯ нақд дар куҳанзамин ғолибан ҷанбаи луғавӣ ва наҳвӣ дошт. “Аз вақте ки маънӣ ва мазмуни шеър ҷанбаи қудсӣ ва илҳомии худро аз даст дод, нақди мазмун ва маънӣ низ ривоҷ ёфт.” /Абдулҳусайни Зарринкӯб. Нақди адабӣ. Теҳрон 1354. с.25. Минбаъд “Нақди адабӣ” меояд./

Нақди имрӯз аз нақди қадим тафовути ҷиддӣ дорад. Ҳам аз ҷиҳати ағроз ва ҳам аз ҳайси моҳият. Вале дар ҳама замонҳо ҳадафи аслии он як будааст. Тамйизи неку бад, сарвату сақат дар адабиёт. Вале касоне буданд, ки иддаъо мекарданд: “Мунтақид ҳаргиз наметавонад аз хештан бар ояд ва дар асаре, ки ҷанбаи адабӣ дорад, ворид шавад”. Ин ақидаро таърихи инкишофи нақд ботил сохт.

Касоне, ки имконоти нақди адабиро рад кардаанд, арзиш ва фоидаи онро низ мункиранд. Ба ин ҳама арзиш ва аҳамияти нақд аз қадим мавриди қабули соҳибназарон қарор доштааст. Ибни Салом гӯяд, ки “Касе халафро гуфт: вақте ки ман шеъреро бишнавам ва биписандам дигар бад-он чи ту ва ёронат  дар он гӯед, илтифот  намекунам”. Гуфт: агар дар мебистонӣ ва онро нек шуморӣ ва биписандӣ он гоҳ сарроф  гӯяд, ки он дирам носара аст. Оё писанди ту барои ту суде тавонад дошт?” Дар воқеъ онҳое, ки арзиш ва фоидаи нақдро нодида

мегиранд, таъсиреро, ки нақди адабӣ дар инкишофи завқи мардум ва ҳидояти қареҳаи ҳунарманд дорад, намефаҳманд.

Агар нақд ва наққодон набошанд, арзиши аслии осори ҳунару адаб маълум намегардад. Зиёда аз ин нақди адабӣ пулест миёни хонандаву нависанда. Яъне, нақд арзиши дучониба дорад. Нахуст арзиши ҳунарии осори адабиро муайян кунад, сониян. фикри оммаро тағйир медиҳад. Бо ин хатти сайри ҳунарро муайян карда, пеши роҳи рукуд ва нобасомониро дар олами адаб мегирад. Осори асилро аз музахрафот тарҷеҳ дода, пеши роҳи газофгӯён ва бӯқаламунро мебандад. Бо ин чашми хонандаро кушода медорад. Мунаққиди равшанбин ва беғараз. ки завқи саршор ва фаҳми даррок дорад, бо мадади қареҳаи ҳунариаш роҳи ҳунармандони асилро рӯшан карда, дар пешрафти ҳунар саҳм мегузорад. Вай довари саҳнаи ҳунар метавонад бошад. Фақат ба василаи илм, мантиқи бурро адабиёти баарзишро арӣ дода, ҳунарфурӯшонро аз саҳна меронад. Бо ин қабл аз ҳама ба инкишофи адабиёт мусоидат мекунад.

Ин андешаро таърихи инкишофи адабиёти дунё собит месозад. Масалан, дар адабиёти рус Белинскийро чун мунаққиди тундрав, ки хатти сайри адабиёти як аҳди русро ба ҷониби хубӣ равона кард, парастиш мекунанд. Белинский на фақат ба эҷодиёти бисёр нависандагони рус таъсири мусбат расонд, балки муҳити адабие сохт, ки мафкураи ҷомеаро тағйир дод. Муҳити афкору андешаи солимро эҳё кард. Бузургтарин симоҳои адабиёти асри XIX рус, минҷумла Гогол. Пушкин аз Белинский таълими ҳунар гирифтаанд.

Аз хусуси арзиши танқид аз таърихи адаби форсӣ низ метавон санадҳои зиёд овард. Нақд дар гузашта ба ислоҳи камбудиҳои ҷиддии наҳвию луғавии шеър кӯмак кардааст. Ин ҷо танҳо зикри таълифоти Шамси Қайси Розӣ “Ал-мӯъҷам...” кофист. Ин муаалиф нахустин бор дар таърихи адаби форсӣ ба нақд ва ноқидон мақоми хос дода, усули баррасии осори адабӣ-шеърро муайян кардааст. Беш аз ин вай дар бисёр қисматҳои китобаш ашъори шоиронро таҳлил карда, ҳусну қубҳи онро нишон медиҳад. Ҳатто вай ба шеъри устод Рӯдакӣ эрод мегирад. Албатта, эродҳои Шамси Қайс аксаран луғавию наҳвӣ ҳастанд. Ҷо-ҷо аз хусуси норавонии вазну қофия низ сухан ба миён меоварад,

ки дар амалияи инкишофи адабиёт бетаъсир набудааст. Ин гуна мисолҳоро аз таърихи нақди муосири тоҷик низ метавон фаровон зикр кард. Нависандаи маъруф Фазлиддин Муҳаммадиев боре гуфта буд, ки танқидро аз давраҳои қадим қувваи пешбаранда. ба роҳи дуруст ҳидояткунандаи адабиёт донистаанд... Назари мунаққид қимати хосе касб кардааст: вай акнун овози ҷамоат аст... қимати асли асари адиброро ба хонанда кӣ нишон медиҳад?... Дуруст аст, ки хонанда дар мулоқоту ҷамъомадҳои адабӣ фикрашро дар бораи асарҳои ҷудогона баён мекунад. Вале фикри болоӣ, пуртаъсирро, ки дар ҷараёни адабӣ нақше гузорад, бояд танқиди адабӣ бигӯяд. /Ҷ.Бақозода. Нависанда ва идеали замон. -Душанбе: "Адиб", 1987, саҳ. 26./ Минбаъд "Нависанда ва идеали замон" меояд/. Ин иқрори нависанда бори дигар таъкиди рисолати накд ва ноқид дар муҳити адабист.

Беш аз ин интиқод дунёи адабро аз хатари газофагӯӣ (шарлтанизм) ва дӯкондорӣ (индустриализм/ наҷот медиҳад, ки ин хидмати бесобиқаи нақди адабист дар таърихи ҳунари дунё. Зеро агар нақди дуруст намебуд, адабиёт танҳо дар василаи зист ва дӯкондорӣ қарор мегирифт ва эҷодиёти асил паси ин парда мемонд. Дар ҳунар худбаҳои ривоҷ меёфт.

Ҳамин тариқ, ба он чи гуфта шуд, метавон афзуд, ки нақди адабӣ арзиши дучониба дошта, ҳам ба инкишофи дурусти адабиёт мусоидат мекунад ва ҳам мафкураи ҷомеаро зери таъсири афкори судманд мегирад.

Вобаста ба мақом ва арзиши нақд суоле пеш меояд, ки зоҳиран оддӣ ва бечо менамояд. Вале барои дарёфти ҳадафҳои нақд ба қадри ҳол кӯмак мекунад. Суол ин аст: "Нақди адабӣ илм аст ё ҳунар" /санъат/?

Дар таърихи афкори адабӣ ба ин суол ҷавобҳои мухталиф додаанд. Нависандаи озар Анор ба ин суол чунин ҷавоб гуфтааст: "... Танқид назар ба илм бештар ба санъат анздик аст". Бисёр нависандагон доир ба нақд чунин ақида доранд. Вале назари олими рус В.Перцов дар ин хусус саҳеҳ аст. Ӯ мегӯяд, ки "Нақд қабл аз ҳама илм аст. Вале барои он ки дар ин кор комёб шавед, санъати наққодиро донистан лозим аст. Ин санъат душвор буда, то рафт мушкилтар шуда истодааст."

Дар ин баён нуқтаи муҳим ин аст, ки нақд ҳам илм аст ва ҳам ҳунар.

Воқеан, нақд, чунон ки зикр кардем, нахуст як шӯъбаи илми адабиётшиносист. Сонияи, фақат амали комилан илмӣ бунёди зеҳнии нақдро истеҳком бахшида метавонад ва ин усул бояд равиши нақдро муайян кунад.

Бунёди қавии илмӣ имкон медиҳад, ки асари ҷудогона ва ё ҳодисаи адабӣ, ки даро эҷодиёти адиб ба назар мерасад, ҳамаҷониба таҳқиқ ва таҳлил шавад, равишҳое, ки дар адабиёт ҷараён дорад, ошкор ва моҳияти онҳо саҳеҳ муайян шавад, он чи ки барои нақд муҳим аст, бунёди боэътимоди илмӣ ва хулосаҳои вусъатнок аст.

Яке аз камбудиҳои ҷиддии нақди имрӯзи тоҷик ҷанбаи сусти илмии он мебошад. Ин навъи нақд мақолаҳои умумӣ ва бебунёдро ба миён меоварад. Чунин мақолаҳо доир ба асари бадеӣ одатан ҳукм ё баҳогӯии қатъиро пеш мегузорад. Ячъне, фалон чиз хубу фалонаш бад. Дар ин маврид муаллиф ақидаашро бо далели қатъӣ собит намекунад. Ин гуна фикри бедалел ҳам дар назари нависанда ва ҳам хонанда арзиши кофӣ надорад ва табиист, ки эътибор ҳам пайдо намекунад. Барои исботи фикр далел лозим аст. Ё худ онро бо қиёсу муқобила ва андешаҳои асоснок исбот кардан низ ҳунар аст ва маҳорати мунаққид низ маҳз дар ҳамин ҷо ошкор мешавад. Моҳияти асари нақдиро ҳамоно таҳлили амиқу эътимодбахшоии илмӣ муайян мекунад.

Ноқиди адабӣ нияти эҷодии нависанда, хусусиятҳои хоси эҷоди ӯ, муносибати вай ба воқеият ва равишҳои адабиро бояд нозукона дарёбад. Ин корро на фақат ҳангоми аз назар гузаронидани масъалаҳои умумии адабиёт ба ҷо овардан лозим аст, балки ҳангоми аз асаре ва ё эҷоди нависандае сухан ба миён овардан тамоми адабиётро ба ҳайси як воҳиди кулл ба таҳқиқ кашидан лозим аст. Агар чунин амал сурат нагирад, масъалае, асаре, нависандаеро аз муҳимтарин равишҳое, ки дар адабиёт рух медиҳанд, на фақат тафовут дода наметавонем, балки мавқеи онҳоро дар пешрафти адабиёт таъйин ҳам карда наметавонем.

Илмияти нақд аз расионализми сирф тафовут дорад. Аз он бояд ийтиноб кард. Ин гуна нақд ҳеҷ гоҳ ба дили хонанда роҳ намеёбад, балки эҳсосу андешаи ӯро кунд хоҳад кард. Илова ба ин илми нақд аз андешарониҳои хушки илминамо низ тафовут дорад. Гоҳо нақли мундарийаи асари бадеиро низ баёни

илмӣ мепиндоранд, ки ҳаргиз чунин нест. Ин гуна амалҳо нақдро аз роҳи дурусти илмӣ берун мекашанд ва қадру манзалати онро паст мезананд.

Нақдро санъат мегӯянд, саҳеҳтараш санъати сухан, илми адабиёт. Вале ин илми санъатшиносӣ нисбат ба улуми дигар камтар фазилати “академӣ” дорад. Беш аз илмҳои дигар бо омма муҳовара дорад. Ба иборати дигар, санъат, ҳунар ва маҳорати барои ноқид беш аз дигарон зарур будааст.

Ноқиди адабӣ бояд табъи воло дошта бошад, то назокати каломи бадеъ ва санъати сухансанҷиву суханвариро иҳсос кунад. Ӯро табъи солим лозим аст, то некро аз бад ва сараро аз сақат тамйиз диҳад. Ӯро завқи волои суханшиносӣ бояд то зебоиҳои эҷоди бадеъро ба хонанда намояд.

Ин ҳама ҷанбаи зеҳнӣ ва айнии ҳунарӣ ҳиссаи нақдро чун илми адабиёт фароҳам меоварад.

Дар факултаҳои филологии мактабҳои олӣ омӯзиши адабиёт аз оғоз ба дарёфти ихтисоси адабиёт мусоидат мекунад. Ин факултаҳо дар қатори забоншиносон ва рӯзноманигорон адабиётшиносонро низ ба камол мерасонанд. Бо азми тарбияи мутахассисони босалоҳият ба ин гурӯҳҳо аз фанҳои “Мадхали адабиётшиносӣ”, “Шеършиносӣ” сабақ дода мешавад. Ин омӯзиш, табиист. ки бе назардошти таълими ”Таърихи нақди адабии тоҷик” нопурра аст.

Бинобар ин ҳам зарурати омӯзиши “Таърихи нақди адабии тоҷик” тақозои вақт аст ва ин фан толибонро бо ҳадафҳои асосии нақди адабӣ ва равишҳои таърихи он ошно месозад. Мақсади он, аввалан, фаҳмиши дурусти адабиётро ба донишомӯзон талқин кардан буда, сониян онҳоро водоштан аст, ки доир ба нақд, маънию мақсад, равишҳои таърихӣ ва аҳдофи он тасаввуроти ҷомеъ пайдо кунанд, дар ин замина ба фаҳмиш ва таҳлили дурусти адабиёт омода бошанд.

Вобаста ба мақсади омӯзиши ин фан ҳудуди маводи таълимии он низ муайян мешавад. Қабл аз ҳама толибон бояд асосҳои назарии нақди адабиро омӯзанд. то усули таҳқиқ ва таҳлили осори бадеиро донанд. Ҳамчунин омӯзиш ва донистани даврахои инкишофи таърихи нақд чашми онҳоро ба воқеияти адабӣ мекушояд ва заминаи амалии дарки ин фан муҳайё мегардад. Аз ин назар

омӯзиши онро ба ду давра чудо кардем. Аввал, давраи асримиёнаи таърихи накди адабии форсии тоҷикӣ, сипас, давраи навини таърихи он.

Давраи аввалро ба омӯзиши мавзӯоти “Ташаккули накди адабӣ дар Юнони қадим”, “Накди адабии тоҷик ва давраҳои асосии инкишофи он”, “Пайдоиш ва ташаккули накди адабии тоҷик дар асрҳои IX-XIII”, “Инкишофи накд дар асрҳои XIV-XV” ва “Накди адабӣ дар асрҳои XVI-нимаи аввали асри XIX” ихтисос додем.

Ӯудуди омӯзиши “Давраи навини таърихи накди адабии форсии тоҷикӣ”-ро бобҳои “Накди адабии маорифпарварон /Нимаи дуюми асри XIX/”, “Марҳалаи ҷадидия (солҳои 1900-1926), “Марҳалаи инкори суннатҳо ва мерос /солҳои 1926-охири солҳои панҷоҳум/, “Марҳалаи бозгашт ва бозёфт /Охири солҳои панҷоҳум ва охири солҳои ҳаштодум/” ва “Марҳалаи накди солим” /Аз охири солҳои ҳаштодум ин тараф/, ташкил медиҳанд.

Таҳкими донишҳои назарии донишомӯзон дар ҷараёни дарсҳои амалӣ идома меёбад.

**Мавзӯи 2** — ***НАҚДИ АДАБИИ ТОҶИК ВА ДАВРАӮОИ АСОСИИ ИНКИШОФИ ОН*** — **Маърӯза**

Омӯзиши ёдгориҳои адабӣ-назарӣ ва ҳам афкори интиқодии гузаштагон барои фаҳмиши дуруст ва таҳлили санадҳои таърихи адабиёт ёрии муфид мерасонад. Ба қавли Н.И.Конрад “худи мавод далели он аст, ки таърихи адабиёт таърихи тасаввурот дар бораи он низ будааст...” /Конрад Н.И. Запад и Востонк; М., 1972. стр. 418/.

Бунёди таърихи ҷомеъи адабиёти ин ё он халқ бе омӯзиши амиқи афкори адабию интиқодии ин адабиёт имконпазир аст.

Аз ин лиҳоз омӯзиши амиқи таърихи афкори адабӣ ва интиқодии халқҳои форсу тоҷик зарурати Айнӣ аст. Муҳаққиқин бо мақсади муназзам ва амиқ омухтани ин ҳодиса таърихи онро ба давраҳо тақсим кардаанд.

Зимнан бояд ёдрас кард, ки то кунун масъалаи табақабандӣ ё худ даврабандии /истилоҳи аввалӣ саҳеҳу пурғунҷоиш аст/ таърихи адабиёти

тоҷик комилан ҳал нашудааст. Дар ин боб миёни муҳаққиқин мухолифати фикр аст. Гурӯҳе табақабандии ин таърихро ба асрҳову даҳсолаҳо муфид шумурдаанд. Бархе аз уламо табақабандии сулолавиро раво донистаанд.

Аз ҷумла муҳаққиқи рус В.Ф.Минорский табақабандии сулолавиро кӯҳнашуда намеҳисобад. Ӯ таъкид мекунад, ки истифодаи ин калима ба номи халифае ё шоҳе ҳеҷ рабте надорад. Ба майдон омадани ин ё он сулола ба равиши фарҳангу адаб низ бетаъсир намбудааст.

И.С.Брагинский дар яке аз мақолаҳои бунёдиаш оид ба ин масъала "Доир ба масъалаи табақабандии таърихи адабиёти форсу тоҷик" /Брагинский И.С. Из истории таджикской и персидской литературы. М., 1972/ табақабандии таърихи адабиётро аз рӯи асрҳо ва замонҳои кӯтоҳтар пураҳамият медонад.

Чунин ақида, ки таърихи адабиётро маҷмӯи адибон ва осори онҳо ба ҳам меоварад, пурарзиш аст. Танҳо дар ҳамин замина метавон зоҳири ҳодисаҳои адабиро вогузошт ва моҳияти аслии онҳоро ошкор сохт. Зеро, чунон ки В.Г.Белинский таъкид мекунад, "Воқеан, бе китоб, бе нависанда ва бе хонанда ҳеҷ адабиёт вуҷуд дошта наметавонад, ҳамчунон ки театр бе саҳна, бе репертуар, бе актёр ва тамошобин; вале танҳо китоб, нависанда ва хонанда ба сари худ адабиётро тарҳ намедиҳанд: онро рӯҳи халқ, ки дар таърихи он ҷорист, меофаринад" /Белинский В.Т. Избранные сочинения. Т.1, 1967, стр. 586/.

Аз ҳамин мавқеъ ба табақабандии таърихи адабиёт бояд наздик шуд. Бинобар ин ҳам, ба назари мо, табақабандии асрӣ ба ҷуз мушаххасоти сиёсиву замонӣ дигар аломати тавовутдиҳанда надорад. Ҳол он ки табақабандии сулолавӣ аз аломатҳои мушаххаси замон холӣ нест, балки таърихи инкишофи адабу фарҳанги ин ё он давр ба зуҳур ва мақоми таърихии ин ё он сулола сахт марбут аст.

Таърихи инкишофи нақди адабии форсии тоҷикиро низ муҳаққиқони мо асосан дар заминаи ақидаи фавқ, яъне табақабандии асрӣ матраҳ кардаанд. Ва дар асари ҳамин усул онро ба ду давра: асри миёна ва давраи нав қисмат кардаанд. Ва ин ду даврароба маралаҳои ҷудогона тақсим

намудаанд. Аввал се давраи асри миёнаро ба марҳалаҳои-асрҳои IX-XIII, XIV-XV, XVI-нимаи аввали асри XIX ва давраи навро ба панӣ марҳала-нимаи дуюми асри XIX. солҳои 1900-1925, 1926-1956, аз охири солҳои панҷоҳўм то авохири солҳои ҳаштодум ва ниҳоят аз охири солҳои ҳаштодум ба ин тараф тақсим кардаанд.

Мо зери мафҳуми асри миёна муҳимтарин хусусият, қонуният ва арзишҳои накди асрҳои IX ва нимаи аввали асри XIX-ро дар назар дорем. Оид ба хусусиятҳои накди адабии давраи нав баъдтар сухан хоҳем гуфт.

Чун ишорае рафт, ки "Таърихи адабиёт таърихи тасаввурот дар бораи он низ будааст", бинобар ин баъзе хусусиятҳои назари адабиро то асри мавриди назар низ ишора мекунем.

Маълум аст, ки қабл аз ислом осори адабии зиёде боқӣ намондааст, то дар ин замина қонуниятҳо ва арзишҳои нақду наққодиро дар он замон муайян кунем. Бо вуҷуди ин намунаҳое ҳаст, ки дар заминаи он метавон баъзе нуктаҳоро таъкид кард. Аз катибаҳои шоҳони Ўахоманишӣ, то андарзҳову корномаи паҳлавӣ ҳама саршор аз латоиф ва дақоиқанд. "Авасто"-ву "Занд" дар мавқеи худ осори азими завқӣ ва рўҳонӣ мебошанд. Худи "Авасто" ба сари худ шеър аст. Он мавзун аст ва ин гувоҳи он аст, ки сухани мавзун ва номавзунро дар Ирони қадим аз ҳам тарҷеҳ медодаанд.Ривоҷи мусиқиву шўҳрати ҳунёгароне чун Борбаду Накисо далели мавӣудияти шеъру суруд аст. Сурудҳои монавиён намунаи шеъри қадими динӣ ва ирфонӣ аст. "Дарахти ассурик" ва "Ёдгории зарирон"-ро баъзе аз аввалин қавли мавзун донистаанд. Аз худи ҳамин мисолҳо метавон хулоса бардошт, ки ҳарчанд дар адабиёт қабл аз ислом рисолае ё китобе дар боби нақд ба даст наомадааст, он чи зикр шуд, ба сари худ далели наққодиву сухансанҷӣ аст.

Ин намунаҳо назари наққодии гузаштагони моро ба сухан ифода мекунанд. Шинохти ҳарфи мавзуну номавзун худ яке аз қонуниятҳои нақди адабист. Таваҷҷўҳ ба сухани дилпазир ва кирдори шахсро аз ҳарфи ў дарёфтан хусусияти тафаккури наққодии гузаштагони адаби форсии тоҷикист. Ин ҷо барои далел нақлеро аз кутуби араб меорем, ки завқи Хусравро гувоҳ аст: "Хусрав вақте Ашӣ маймунро дид, ки шеър мехонад. пурсид ин кист?

Гуфтанд: Ашӣ шеър бихонад. Хусрав гуфт: Ин суханро барои мо тарҷума кунед. Гуфтанд: гӯяд, ки бе ҳеҷ ранҷурӣ ё ишқе ҳама шаб бехобӣ кашидааст. Хусрав гуфт: Агар бе ҳеҷ ранҷуриву ишқе ҳама шаб бехобӣ кашидааст, пас дузд бошад". Ин гувоҳи қареҳаи сухансанҷист.

Равиши асосие, ки дар суханшиносии ин аҳд ба назар меравад, тамйиз додани сухани мавзун ва маънидор аст. Қадри сухан аз рӯи тасаввурот хеле баланд будааст. Худи мисоли болоро метавон "навъе накд бар мабнои маънӣ маҳсуб кард" /Накди адабӣ. саҳ. 185/

Муҳимтарин равише, ки дар накди адабии замони Сомониву ғазнавӣ ба назар мерасад ин гароиш ба накди завқӣ аст. Мисоли ин намунаи накд муқаддимаи "Шоҳнома"-и Абӯмансурист. Ин муқаддима баҳси интиқодӣ ва шинохти завқии осори адаб аст. Ба порае аз ин асар таваҷҷӯҳ кунед: "Ва чизҳо андар ин нома биёбанд, ки саҳмгин намояд ва ин некӯст. чун мағзи он бидонӣ ва туро дуруст гардад ва дилпазир ояд... Чун ҳамон санг куҷо Офаридун /Фаридун/ ба пой боздошт ва чун морон, ки аз дӯши Заҳҳок баромаданд, ин ҳама дуруст ояд ба наздики доноён ва бихрадон ба маънӣ, он ки душмани дониш буд, инро зишт гардонд ва андар йаҳон шигифтӣ бисёр аст".

Ин пораи иқтибостшуда қареҳаи наққодӣ ва сухансанҷии муаллифро нишон медиҳад. Ин қареҳа чӣ фазилате доштааст. Агар ифодаҳои "саҳмгин, мағзи он, дуруст, дилпазир, дуруст ояд ба наздики доноён ва бихрадон ба маънӣ, душмани дониш ва зишт гардондро "қазоват кунем ва тафсир кунем, мебинем, ки тасаввурот доир ба адабиёт, хоса осори ҳунар дар он замон вусъате доштааст. Муаллиф бо итминони комил таъкид мекунад, ки танҳо касоне, ки ба маънии воқеоти саҳмгин сарфаҳм мераванд, мағзи онро фаҳм мекунанд, маънии сангеро ки Офридун бо пой боздошт ва морони" дӯши Заҳҳокро дармеёбанд. Ин кор танҳо аз дасти "доноён ва бихрадон" меояд, ки ба маънӣ ошно ҳастанд. Бе ҳеҷ гуфтугӯ ин ҷо сухан аз духӯрагии осори адабӣ меравад. Яъне сухани Мавлавӣ ёд меояд, ки гуфта буд: "Қисса аз бахри дафъи малолат нест". Яъне "рамзошнои маънӣ ҳар хирасар набошад". Доно ба ишорат аз ҳарфе йаҳонеро дарёбад.

Шеваи дигар накди истеҳсонӣ аст. Яъне мояи суханони ононе, ки дар маҷолиси унси салотин ва умаро ба таҳсин ҳарф мезаданд, низ иборат аз лутфеву шаабе будааст. Мақоми Рӯдакиро дар дарбори амир Насри Сомонӣ аз ин мавқеъ бояд шинохт. Сухани ӯ истеҳсони холӣ ва бемоя набуд. Табъи амир ба ҳарфи Рӯдакӣ гароида буд. Агар ин тавр намебуд, бо шунидани қасидаи "Бӯи ӣӯи Мулиён" амир ба роҳ намеафтод.

Яке аз хусусиятҳои муҳими накди ин давра шинохти моҳияти шеър ва аѓрози фунуни он аст. Далели ин гуна накд байти Шаҳиди Балхист:

Даъвӣ кунӣ, шоири дар ҳам, валек нест
Дар шеъри ту на лаззату на ҳикмату на чам.

Шоир муҳимтарин фазилати осори ҳунар - лаззатбахшии онро таъкид карда, ашъореро, ки ҳикмату чам (авсоф) надорад хормоя медонад. Ин ҷо усули шинохти моҳияти шеърро лазатбахшии он тасдиқ кунад, ҳикмату чам назари ӯро ба аѓрози фунунии шеър таъин менамояд. Намунаи чунин шеваи сухансанҷиро дар осори Фаррухӣ, Унсурӣ ва Манучеҳрӣ мебинем.

Рӯдакӣ дар мадҳ бештар ба осонии маънӣ ва хубии лафз такя мекунад, ки ин далели шинохти аѓрози фунунии шеър аст.

Шеваи дигари накдро дар ин давра накди бурҳонӣ гуфтем, ки ноқид "иддаъои шоирро ба мизони бурҳон месанҷад ва сиҳату сақати онро фаро менамояд". Назири ин гуна накд қиёси Унсурӣ дар каломи ѓазоирӣ аст.

Умуман аз ҳамон даме ки одамӣ ташхис медиҳад, ки яке тарзи баён аз тарзи дигаре барои адои мақсуди вай шоистатар ва ё як шеър дар қазовати вай аз шеъри дигар зеботар ва дилпазиртар аст, танқид ва сухансанҷӣ оѓоз меёбад. Вале чунон ки Гёте фармудааст. "дониш хокистар аст ва дарахти зиндагӣ ҳамеша сабзу хуррам".

Вобаста ба ин гуфта афкори адабӣ аз замонҳои қадим сар карда, то ба имрӯз вобаста ба таѓйироти иҷтимоиву сиёсӣ сайри таҳаввул ва такомули ҷиддӣ кардааст. Агар аз дидгоҳи диалектика нигарем, саранҷом воқеият ҳадди назарҳоро доир ба адабиёт ва таҳқиқи он шикастааст, зеро зиндагии воқеӣ аз

мафҳум ғанитар аст.

Чунон ки ишора шуд, аввалин кашфи башар оид ба шинохти ҳақиқати ҳунар мансуби юнониён буда, Суқрот дар ин боб сухани аввал гуфтааст. Донишмандони дигари юнонӣ - Афлотун, Арасту ва Арастарх мавқеъ ва арзиши донишҳои инсониро дар боби ҳадду ҳақиқати шеър ва ғаразҳои он таъкид кардаанд.

ШуҚли асосии накд ва ноқидон дар қадим аз лиҳози луғат ва наҳв баҳодиҳӣ ба шеър будааст. Чунин тарзи маърифат асоси ақоиди донишмандони юнониро монанди Арасту низ муайян мекунад. Ҳамчунин дар адабиёти Ачаму Араб низ “баҳс дар боби алфозу маънӣ ва таҳқиқ дар кайфияти истеъмоли луғат ва адои мақосид /Зарринкўб/ муҳимтарин равиши накди пешин буд. Чунин фаҳмиш. яъне муносибати эҳтиёткорона ба қалам ва парастиши он анъанаи дерин ва аз эътиқоди қадимиён ба нирўи эчодкоронаи калом ибтидо мегирад. Дар қадим чун маънӣ ва мазмуни шеър назди баъзе миллал амре илҳомӣ ва қудсӣ ба назар мерасид. ҳар чиз ҳадафи накд ва мавриди баҳс қарор намегирифт, аммо чанбаи луғавӣ ва наҳвӣ дошт. Ин гуна фаҳмиши калом, чунон ки В.Г.Белинский низ таъкид карда буд, “мисли он ки дар олам ҳамаи мавчудот аввал дорад”, дар замонааш “ба маврид ва хуб буд ва дар он давра ҳам ба он на ҳар кас, балки танҳо одамони бохирад, соҳибистеъдод ва рамузфаҳм даст зада, комёб мегардиданд”.

Афкори адабӣ ё худ андешаҳои интиқодӣ доир ба адабиёт асосан дар ду шакл зуҳур кардааст. Аз “Авасто” сар карда, то имрўз қаламкашон сухани худро доир ба ҳақиқати эчоди бадеӣ гуфтаанд. Ин гуна андешаҳо дар роҳи омўхтани таърихи накд арзиши фаровон доранд. Дигар таълифи асарҳои чудогона оид ба шеър ва улуми сегона мебошад, ки дар таърихи адаби халқамон мақоми шоён доранд.

Накди фаннӣ аз шеваҳои муассири таърихи накди адабист. Ин накд такя бар саноеи бадеъ дошт ва ба таъбири дигар, метавон гуфт, ки “ин накд аввалин қадами матин ва устуворе буд, ки адибону наққодон дар роҳи идроку шинохти латоифу маҳосини калом бардоштанд ва фунуну саноеъро малоки арзишу эътибори осори адабӣ” шинохтанд. Дар ин замина асарҳои

зиёде ба майдон омад, ки дар мавқеи муносиб аз ин боб сӯҳбат хоҳем кард.

Аз муҳокимаҳо бармеояд, ки нақди давраи аввали инкишоф асосан иборат аз нақди завқӣ ва истеҳсонӣ ва фаннӣ будааст. Сонитар, доираи баҳс ва таҳқиқи нақд тавсиа ёфт. Бинобар ин ҳам ба тариқи умумӣ таъкид мекунем, ки дар аҳдҳои сонӣ, яъне то давраи нав шинохти фалсафии шеър аз муҳимтарин хусусиятҳои нақди адабӣ буд. Фаротар аз ин нақди адабӣ ба масъалаҳои шаклу мундарийаи шеър, таърифи сухан, хоса сухани бадеӣ. вазъи ҳолии назми ин ё он замон. доир ба эҷоди шоиру нависандагони мушаххас ва масоили дигар баҳс ба миён меоварад, ки ҷанбаи назарӣ ва илмиаш устувортар аст.

Умуман, беҳтарин дастовардҳои таърихи нақди тоҷик ба асрҳои X-XV тааллуғ дорад. Баъд аз асри XV дар ин равиш, махсусан дар нақди фаннӣ асари муҳимме ба майдон наомадааст.

Аз ин нуқтаи назар муҳимтарин воқеоти замон ба инкишофи илму адаб ва вусъати мафкураи ҷомеа бетаъсир набудааст. Истилои араб ва зуҳури ислом барои тамаддуни тоисломии Аҷам фоҷиа буд, вале роҳи ояндаи инкишофро барои таърихи навини форсҳо боз кард. Пас аз зуҳури Сомониён ва ба курсӣ нишастани шеъру адаби форсии тоҷикӣ адабу фарҳанги тоҷикон ба зинаҳои олии рушду такомул расид. Маҳз дар ҳамин замина нақди адабӣ ва нуктаи назарҳо доир ба адабиёт хеле инкишоф ёфт ва ин ҳодисаи муфид то охирҳои садаи XV идома ёфт.

Нобасомониҳо дар сиёсати ҷории асрҳои XV-XIX на фақат мамлакат, балки фарҳангро низ ба вартаи харобӣ кашид. Санади баъди асри понздаҳ махсусан дар асрҳои XVIII ва XIX ба миён наомадани ягон асари барӣаста дар нақду сухансанҷӣ далели ин сухан аст. Гунаҳкори ин ҳодиса, албатта, манғитиён ва аҳкоми маъмури онҳост.

Аз нимаи дуюми садаи XIX давраи ҷадиди таърихи сиёсӣ, арзёбӣ ва фарҳангии халқҳои Осиёи Марказӣ шурӯъ мешавад. Пайдоиши ҷараёнҳои мухталифи фарҳангӣ ба тадриҷан дигар шудани тафаккури маънавӣ мусоидат кард. Муҳимтарин ва судмандтарин таконро ба ҳаёти маънавии ҷомеа ҷараёни маорифпарварӣ дод. Аз замони Аҳмади Дониш ба баъд назари иҷтимоии адабиёт ба воқеият густариш ёфт. Чунон ки шеъру адаб бори маърифатӣ,

омӯзандагӣ ва арзёбӣ бар дӯш гирифт, нуқтаи назарҳо доир ба мақоми шеъру адаб дигар мешуд. Ва ин ҳама ба тафаккури ҷомеа бетаъсир набуд. Махсусан мақоми осори Аҳмади Дониш дар ин замина бузург буд. Осори Аҳмади Дониш далели завқ ва салиқаи шинохти рисолати адабиёт дар ин давра буд. Ба қадре ки лозим аст, таърихи афкори интиқодӣ, равишҳои нақкодӣ ва арзиши онҳо дар ин давра таҳқиқ нашудааст, боиси афсӯс аст.

Умдатарин хусусияти нақди адабии ин давраи нав, яъне садаи бистум он аст, ки дар шууру тафаккури зиёиён, ки аз ҳайси йаҳонбинӣ, дониш ва таҷрибаи ҳаётию эҷодӣ дар як поя набуданд, батадриҷ нигоҳи материалистӣ ба таърих, воқеият ва адабиёту санъат қувват мегирифт. Чунин ҳолат нахуст роҳу равиши нақди адабии тоҷикро муайян кунад, сониян, майлу ақидаҳои мухталифро дар маънидоди вазъи адабӣ, адабиёти классикӣ. анъанаву навоварӣ ва шаклу мазмун нишон медиҳад. Азбаски дар солҳои аввали баъди инқилоб сохти сусиёлистӣ дар муборизаҳои шадиди қувваҳои иртиҷоии дохилию берунӣ истеҳком меёфт, тарбияи рӯшанфикрони насли аввал ва ҷавон душвориҳо дошт.

Возеҳ аст, ки дар ин давра танқиди адабию адабиётшиносӣ ягон мақолаи ҷиддии  тафсирию масъалагузор ва рисолаҳои назаррас ба майдон наомадааст. Ин ҳолат сабабҳои воқеӣ дошт. Махсусан набудани нашрияҳо ва қатъ гардидани чопи маҷаллаи “Шӯълаи инқилоб” /1919-1921/ барои чанд муддат хомӯш гардидани адабиёт ва танқиду адабиётшиносӣ боис гашт. Вале ин вазъиятро таъсиси Ҷумҳурии Мухтори Тоҷикистон ислоҳ кард.

Ҷустуҷӯҳои ҷиддию пайваста барои муайян кардани принсипу усулҳои бадеии инъикоси воқеият ва инсон, ки ба тақозои низоми нав ва ҳадафҳои он ба вуқӯъ омада буд, хусусиятҳои нақди ин солҳо ва баъдро муайян мекунад. Муҳаққиқон эҷодиёти аксар нависандагонеро, ки аз ҷиҳати ақида ва эътиқод ба воқеаҳои сиёсию иҷтимоии замон хилофи якдигаранд, ба тадқиқ гирифтаанд. Ҳамин ҳодиса доираи масъалаҳо ва рӯҳи хҳввиятхоҳии нақди адабии тоҷикро муайян мекунад.

Нақди адабии ин давраро вобаста ба муҳимтарин ҳаводиси рӯзгор ба маҳалаҳои нақди маорифпарварон, нақди марҳалаи ҷадидия; нақди марҳааи

инкори суннатҳо ва мерос; нақди давраи бозгашт ва бозёфт ва марҳалаи нақди асил қисмат кардан саҳеҳ аст.

***ПАЙДОИШ ВА ТАШАККУЛИ НАҚДИ АДАБИИ ТОҶИК ДАР АСРӮОИ IX-XIII.***

Ин аҳд давраи шукуфоии адабу фарҳанги қавмҳои форсигӯ аст. Вазъи сиёсии давр, минҷумла барқарории давлати мутамаркази тоҷикон барои равнақи илму фарҳанг заминаи мусоид ба вуҷуд овард.

Ҳарчанд зуҳури ислом то андозае ба инкишофи тафаккури меросии халқи тоҷик халал расонд, равнақи муназзами адабу фарҳангро боздошт, беш аз ин  сукуте дар инкишофи забони форсии тоҷикӣ ба миён овард, вале умуман ба пешрафт ва дурнамои ҷомеаи форсизабонон таъсири мусбат расонд. Ахлоқӣи исломи рошидӣ, ки заминааш Қуръони Муҳаммадӣ буд, ҷомеаро аз бисёр касолатҳои ахлоқӣиву арзёбӣ раҳоӣ бахшид ва низоми устувори омӯзишу парваришро тарҳ ниҳод.

Робитаи мутақобилаи фарҳанги Аҷаму Араб ва баръакс, таъсири мутақобилаи онҳо раванди инкишофи илму адабро ба сӯи беҳӣ тағйир дод. Бархӯрд ва баҳрабардории арабҳо аз осори қадими ориёӣ ва тарҷумаи ин осор аз ҷониби соҳибонаш ба забони арабӣ ғановати фарҳанги арабро афзуд. Ҳамчунин таъсири адабу фарҳанги араб ба адаби форсии тоҷикӣ хеле зиёд аст. Ин ҷо интишори улуми сегонаи арабиро ба хусус бояд таъкид кард, ки яке аз заминаҳое буд барои равнақи нақди адабии асрҳои миёна. Нақду шеъри араб дар пайдоиши ин соҳа таъсири фаровон дошт.

Ислом, ки ба уламо мақоми аввал медод, ба ташаккули мактабҳои мухталифи адабӣ мусоидат кард, яъне барои равнақи илму адаб заминаи мусоиди арзёбӣ фароҳам овард. Нашр ва интишори кутуби илмиву адабӣ, тазокир ва луғатҳои арабӣ боиси пайдоиш ва равнақ ёфтани соҳаҳои мухталифи илму адаб дар форс гардид. Бо вуҷуди маҳдудиятҳои мазҳабӣ, ки хулафои рошидӣ эҳё карда буданд. бо вуҷуди он ки фосилаи форсигӯён ба сукути забон ва адаби зотии хеш тан доданд ва аъроб дар зиндагӣ ва тафаккури зотии онҳо таҳрифоте ворид сохтанд, ислом дар таърихи баъдӣ омили пешрафт ва пешбар гардид.

Таъсис ва равнақи бемонанди давлати Сомониён барои эҳёи тамаддуни форсӣ, ки акнун ангезаҳои зиёдеро аз мероси арабу Юнону Рум бо худ дошт, ба пайдоиш ва инкишофи илму адаб дар заминаҳои беҳтаре мусоидат кард. Ин ҳодиса заминаи асосии иҷтимоиро барои ташаккули нақд, ба хусус нақди фаннӣ ба вуҷуд овард.

Нахуст агар таълифоти арабӣ мактаби назарии таълим шуда бошад, баъд ба воситаи араб таълифоти донишмандони Юнону Руми Қадим, ба хусус тарҷумаҳои суриёиву арабии “Фанни шеър”-и Арасту ворид гардид, ки тафаккури фалсафӣ, аз ҷумла афкори назарии уламои моро доир ба шеъру адаб дигар кард. Дар ин замина мактаби наққодии форсӣ ташаккул ёфт. Рисолаҳои Абӯнасри Форобӣ “Рисола дар бораи қонунҳои санъати шеърӣ”, Ибни Сино “Дар бораи санъати шеърӣ”, Ибни Рушд “Китоби шеър” ва Насириддини Тӯсӣ “Дар ҳадди шеър ва ҳақиқати он”, ки “як навъ шарҳу гузориши “Поэтика”-и Арасту мебошанд, аз намунаҳои аввалини афкори назарӣ ва интиқодӣ доир ба шеър ва ғаразҳои он мебошанд. Нашри ин панӣ рисола зери як ҷилд аз тариқи нашриёти “Ирфон” бо танзим, тасҳеҳ ва тавзеҳоти донишмандон, шодравон Ш.Ҳусейнзода ва Х.Шарифов ин ақидаро бори дигар собит мекунад.

Ҳамин тариқ, дар таърихи инкишофи нақди ин давра ду равияи асосӣ ба назар мерасад, ки яке шеваи амалӣ ва дигаре назарист.

Заминаи устувори шеваи назарӣ дар нақди форсии тоҷикӣ аввалан кутуб ва расоили дастурии арабӣ бошад, сонияи муҳимтарин замина осори Суриёӣ ва Юнону Руми қадим буд.

Чунон ки дар фавқ ёдрас шуд, зери як ҷилд нашр гардидани чаҳор рисолаи донишмандони форсу тоҷик худ далели таъкиди ин масъала аст ва ин “рисолаҳо асоси равияи фалсафию мантиқии назарияҳои шеърии гузаштаи моро ташкил додаанд” /Фанни шеър. саҳ. 14/. Зимнан бояд гуфт, ки китоби Арасту ба тавассути тарҷумаву тафсирҳое, ки дар шарқ аз ҷониби донишмандони форсу араб сурат гирифт. умри дубора ёфт ва сонитар дар Аврупо низ машҳур гардид. Аз донишмандони шарқ Ал-Киндӣ аввалин касест, ки ба ин асар шарҳу тафсир навиштааст ва баъди ӯ ин корро Форобиву

Сино кардаанд. Вале рисолаеҳое, ки дар Шарқ ба тафсири китоби Арасту ба вуҷуд омадаанд, нисбат ба китоби муаллими аввал тафовути ҷиддие низ доштаанд. Аз ин мавқеъ шеваи назарии нақди форсии тоҷикӣ дар пайравии сирфи афкори адабии юнонӣ, шакл нагирифтааст, балки равишҳои хоси худро низ пайдо кардааст.

Равияи назарии нақд асосан дар асрҳои X-XI пайдо шуда, дар аҳдҳои XII-XIII инкишоф ёфта, дар садаи XV ба авҷи тараққиёт расидааст. Пешвоёни ин соҳаро дар ин замина метавон ном бурд. Инҳо Юсуфи Арӯзӣ, Ҳасан ибни Каттони Хуросонӣ, Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, Рашиддаддини Ватвот, Шамси Қайси Розӣ, Шарафиддини Ромӣ, Тоҷ ал-Ҳаловӣ, Ваҳиди Табрезӣ, Ҳусайн Воизи Кошифӣ, Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ва дигарон будаанд.

Маҳз ба тавассути осори назарии ин гурӯҳ идроки бадеӣ ва шинохти илмии қонунҳои адабиёт, махсусан шеър шакл пайдо кард ва устувор гардид. Диди назариву интиқодӣ оид ба шеър ташаккул ёфт. Шеър аз назари шакл ва маънӣ мавриди таваҷҷӯҳ қарор гирифт. Истилоҳи “нақди шеър”, ки моҳият ва равиши нақдро муайян мекунад. маҳсули ҳамин давра аст.

Шеваи амалӣ аз равияҳои дигари таърихи нақди асрҳои миёна аст. Ин равиш мубтанӣ бар афкори адабии шоирон ҷиҳати шарҳу тафсири каломи мавзун мебошад. Зуҳури ин тамоюл то андозае ба таъсири адаби Юнону Рум вобаста бошад, минбаъд хусусиятҳои хоси инкишофи худро пайдо кард.

Дар ҳамин замина назари шоиронро ба шеъри якдигар метавон тарҷеҳ дод. Дар ин боб гоҳе шеъри ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор мегирад, гаҳи дигар осори шоироне дархурди қазоват мегардад. Назари Рӯдакиро ба шахсият ва ҳайсияти шоирии Муродӣ, Шаҳидӣ ва Фароловӣ дар ҳамин боб метавон мисол овард, ки поёнтар ин масъала тафсири комилтаре хоҳад ёфт.

Дар боби пешин мо санадҳоеро аз намунаи осори завқии замони қадим зикр кардем. Ин ҷо бо мақсади амиқ донистани шеваҳои мухталифи наққодӣ ва бурду бохти равишҳои ҷудогонаи он мухтасаран таърихи инкишофи онро баррасӣ хоҳем кард.

Имрӯз рӯшан аст, ки осори мустақиле оид ба нақд дар таърихи

адаби қабл аз ислом дастрас нест. Агар боби аввали “Калила ва Димна”-ро аз каломи Бузургмеҳр дар ҳамин радиф ба шумор оварем. Агар ин санад воқеан дар паҳлавӣ вуҷуд дошта бошад, пас он рисолаест интиқодӣ дар боби ахлоқӣ ва аз лиҳози таърихият қобили таваҷҷӯҳ аст. Рисолаи оини нома навиштанро низ метавон аз осори накд ба паҳлавӣ донист. Ин рисола усули номанависиро ташвиқ карда, фарохури ҳол навиштани номаро таъйид мекунад. Бо ин муаллиф хубу бадро дар номанависӣ тафовут медиҳад.

Баъд аз ислом қадимтарин осор ба аҳди Сосонӣ мерасад. Мутаассифона, аз гӯяндагони ин давра осори арзанда боқӣ намондааст. Фақат аз номҳое ёдҳо дар навиштаҳо мондааст. Муҳаммад Васифро зикр кардаанд, ки шоири пуросор набудааст. Абӯҳафзи Суғдӣ, Абулаббоси Марвазӣ девон надоштааст. Ба қавли Авфӣ далеле нест, собит кунад, ки Фирӯзии Машриқӣ чӣ хидмате дар шеъри форсӣ кардааст. Бо Ҳанзалаи Бодғисӣ низ чунин рафтааст. Аз анвои нақди завқӣ низ санади ҷолибе дар даст надорем. Суханони Аҳмад бинни Абдуллоҳи Ҳуҷистонӣ дар боби таъсири шеъри Ҳанзала ҷанбаи интиқодӣ дорад ва мубтанӣ бар ҷанбаи ахлоқӣ ва динист. Беш аз он чунин суханони Яъқуби Лайсро - “чизе ки ман андар наёбам, чаро бояд гуфт”-ро метавон навъе аз нақди маънӣ шинохт.

Дертар, яъне дар аҳди Сомониёну ӯазнавиён нақди завқӣ то андозае нумӯъ ёфт ва муқаддимаи “Шоҳнома”-и Абӯмансурӣ далели даъвост.

Мо дар боби қаблӣ барои баъзе хусусиятҳои нақди асрҳои миёнаро таъкид кардан аз муқаддимаи “Шоҳнома”-и Абӯмансурӣ иқтибос карда будем. Ин ҷо дар ин боб лозим аст муфассалтар сухан гуфт.

Ин муқаддимаро дар аҳди Сомониён ба “Шоҳнома” навиштаанд. Дар ин муқаддима доир ба “Шоҳнома” ва моҳияти достонҳои он баҳси ҷолиби интиқодӣ ҳаст. ки имрӯз низ хусусияти омӯзандагӣ дорад. Ин ҷо сухан аз ҳадди тасвир, усули он. моҳияти он ва ҷанбаи тахаюлотии он меравад. Дар ин муқаддима аввалин “шояд ишораи назарӣ доир ба тарзи тасвири румонтикӣ меравад, ки бисёр ҳам ҷолиб аст. Беш аз ин, муаллиф миёни он чи ки лар воқеият аст ва он чи дар тасвири нависанда ғунҷидааст, фарқ мегузорад. Ӯ адабиёти хос. яъне тасвириву тахаюлиро аз сухани оддӣ тарҷеҳ медиҳад ва ба

назари ӯ “ин гуна сухан дуруст ояд ба наздики доноён ва бихрадон ба маънӣ”. Яъне муҳимтарин натиҷаи осори адабӣ маънии он аст. Вале ба маънӣ низ на ҳама сарфаҳм меравconfigured. Ин ҳама гувоҳӣ қареҳаи наққодии муаллифи муқаддима аст.

Дар таърихи нақди ин аҳд маҷлису мунозираи аҳкоми онро низ метавон ном бурд. Ҳарчанд санадҳои он таърих ҳудуд ва мушаххасоти нақди ин давраро комилан ошкор намекунад, вале арзише дорад. Ин гуна баҳсҳо қареҳаи суханшиносии аҳли завқ ва мамдӯҳону надимони ишонро ба дурустӣ тасдиқ мекунад. Қариҳаи суханшиносии Насри Сомониро муносибати ӯ ба шеъри Рӯдакӣ собит месозад. Ва баръакс, “фарохури ҳол” сухан гуфтани Рӯдакӣ ва дар табъи амир асар гузоштани шеъри ӯ ҳодисаи содда нест. Вазири донишманд Балъамӣ Рӯдакиро беназир мешинохт. Вазиддудавлаи Дайламӣ онҳоеро, ки ба лаҳҷаи табарӣ шеър мегуфтанд, арӣ медод.

Аз шоҳони ин аҳд Маҳмуди ғазнавӣ шеърдӯст буд. Ҳатто Муҳаммад Авфии Бухороӣ ба ӯ номи шоирӣ бастааст. Беш аз ин чунин истиқболи ӯ аз “Шоҳнома” низ гувоҳи табъи ӯст. Мегӯяд: “Ҳама “Шоҳнома” худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст”. Тафсири ин матлабро Заринкӯб хеле равшан дарёфтааст, ки иқтибос мекунем: “Далели адами ба сирати ӯ шеър нест, балки нишон медиҳад, ки таъсири суханони сироятомези руқабои Фирдавсӣ ва касоне, ки аз тариқи тамаллуғ ва муомила Рустаму Искандар ва Баҳману Дороро бандаи Маҳмуд мешумурдаанд, дар вуҷуди ӯ қавӣ будааст. Сухани ӯ дар боби байте аз “Шоҳнома”, ки бино ба қавли Авфӣ, Хоҷа Маймандӣ дар ҷои муносиб бар он подшоҳ хонд ва ӯ пурсид: “Ин байт кирост, ки мардӣ аз вахме зояд”, худ нақде аст ҷолиб, ки аз таъсири шеър дар вуҷуди ӯ ҳикоят мекунад. Писараш Амир Муҳаммад низ, ки гӯё аз маърифвати шеъри тозиву порсӣ бебаҳра набудааст, зоҳиран дар нақди ашъор алоқа ва эҳтимом доштааст ва Фаррухӣ муқаррар ба нақди ӯ ишорат кардааст. /Нақди адабӣ. саҳ. 470/.

Муносибати Унсурӣ ва бародари Маҳмуд Абуяъқуби Юсуф низ далели завқ аст.

Султон Масъуд низ аз адабу шеър огаҳӣ дошт. Рафтори ӯ бо

Масъуди Розӣ далели нуктасанҷии ӯст. Санади ҳодиси Манучеҳриро амр медиҳад то ба шеъри ӯ ҷавоб гӯяд, вале наметавонад, низ басо ҷолиб аст. Вале ин ҳама аснод кофӣ нест, ки равишҳои завқӣ ва фанниро дар тафаккури салотину маҷлисиён ва надимони онҳо муайян кунем. Бо вуҷуди он ин санадҳо низ бешу кам далели завқи идроки латоифи шеъранд. Фаротар аз ин далолат мекунанд, ки онон аз рамузу дақоиқи нақд низ бехабар набудаанд".

Тасаввуроти дигаре вобаста ба шинохти моҳияти шеър ва ағрози он низ ҷо-ҷо ба назар мерасанд. Масалан, чунин байти Шаҳиди Балхӣ интиқоди гиро аз шоирест:

Даъвӣ кунӣ, ки шоири даҳрам, валек нест
Дар шеъри ту на лаззату на ҳикмату на ҷам.

Шаҳид лаззату ҳикмату ҷам /авсоф/-ро аз шароити умдаи шеър медонад ва бо ин хусусияти омӯзишии онро таъкид мекунад. Шеър, ба назари ӯ танҳр мояи тафреҳ нест, балки воситаи таълим низ ҳаст. Дар қасидаи "Корвони Ҳулла" Фаррухӣ шеърро ба дебову парниён монанд мекунад, ки ишорате ба "ҷанбаи санъати шеър аст". Фарухӣ ба хотири танҳо санъат напазируфтааст. балки саҳли маънавиро фазилати шеъри асил медонад. Дар ин боб фармудааст:

Кирдори ту ба назди ҳама халқ мӯъйаз аст,
Чун назди шоирон сухани саҳли маънавӣ.

Каломи мавзун назди шоирон бо сухани саҳли маънавӣ азбу дилнишин аст. Аммо ин гуна шеър, ки пурмаънист, ба воситаи санъат хотирангез хоҳад шуд ва ин аз шароити умдаи шеъру шоирист. Унсурӣ "чун маонӣ ҷамъ гардад, шоири осон бувад", мегӯяд. Вале ӯ таъбиру баёнро низ аз муҳиммоти шеър медонад.

Дар ин миён назари Рӯдакӣ ба шеъру шоирӣ хос аст. Худро "шоири наву навгувора" донистани ӯ як навъ таъкиди сабки шоирии ӯст. Беш аз ин зимни тафсири ин калом муносибати ӯ ба шаклу мазмуни шеър равшан

мегардад. Сониян ин тарзи идроки ӯро ифодаи “лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон” тақвият мебахшад. Рӯдакӣ маҳз мадоеҳро иборат аз чунин фазилат медонад.

Рӯдакӣ аз лиҳози шакл шеъреро меписандад, ки лафзи хуб дошта бошад, саҳли мумтанеъ бошад, вале беш аз ин маънии осон дошта бошад. Ба назари ӯ, мақсуд танҳо аз ин гуна шеър ба ҳосил меояд.

Кисоии Марвазӣ ғазалро бар дурӯғ тарҷеҳ медиҳад. Ва аз як шеъри шиквоии Манучеҳрӣ низ бар меояд, ки “дар он давра мадҳро низ бар дурӯғу газофа мубтанӣ мешумардаанд ва ғолибан ба ҳар кас аз аҳли тамиз шеър арза мешудааст, онро ибтидо то интиҳо яксар дурӯғ мепиндоштааст ва ин тарзи ҳукм дар боби шеър аз ривоҷи мафҳуми нақди ахлоқӣ дар ин давра низ ҳикоят мекунад” /Нақди адабӣ, саҳ. 189/.

Чунон ки ишора шуд, яке аз шохаҳои нақди ин аҳд нақди фаннист. Ҳарчанд китобе дар даст нест, вале аз таваҷҷӯҳи шоирон ба ин масъала бармеояд, ки заминае барои дарки бадеъ ва арӯз будааст. Назар ба қавли муаллифи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” Абӯсаид Аҳмад бини Маншури Самарқандӣ китобе дар санъати муталаввин тасниф карда, ки Хуршедӣ ба он шарҳ навиштааст. Беш аз ин дар шеъри унсуриву Фаррухӣ ва ҳатто Фирдавсӣ таваҷҷӯҳ ба саноеъи лафзиву маънавӣ хеле зиёд аст. Ба қавли Зарринкӯб “номи саноеъи бадеъ низ зоҳиран аввалин бор дар шеъри Унсуриву Фаррухӣ омадааст”.

ғайр аз бадеъ доир ба илмҳои дигар низ таснифоте будааст, китобҳое дар луғату адаб, монанди “Китоб-ул-ъайн”-и Халил бини Аҳмад, “Таҳзиб-ул-луғат”-и Ҳарчӣ мавриди назар будааст. Тарҷумаҳои шеърӣ форсӣ ба арабӣ ва билъакс низ дар ин боб санад аст. Назар ба қавли тазокир дар арӯз низ китобҳо таълиф шуда, вале аз байн рафтаанд. Дар муқаддимаи ”Тарҷумон-ул-балоға” ба кутуби Юсуфи Арӯзӣ ва Абӯаълои Шуштарӣ ишора мешавад, ки пештар таълиф шуда. Дар ин аҳд китоби аввал дар боби арӯзу қофия ба Абулҳасани Алӣ Баҳроми Сарахсӣ мутааллиқ аст. Кутубҳои дигар, аз ҷумла “Канз-ул-қофия”, “ўоят-ул-арӯзайн” ва “Рисолаи хуҷаста”-ро низ аз ӯ донистанд. Санади ҷолиб он аст, ки маҳз ҳамин рисолаҳоро Низомии Арӯзии

Самарқандӣ дар “Чаҳор мақола” барои омӯзиш ба шоирони ҷавон тавсия мекунад. Шарҳи ҳол ва намунае аз ашъори форсӣ ва арабии Абӯмансур” Иброҳим Маърум ба Бузургмеҳр дар “Лубоб-ул-албоб” ва “Татимат-ул-ятима” нақл шудааст. Шамси Қайс низ ӯро аз зумраи арузиёни Аҷам мешиносад.

Дар адаби ин давра асноде ҳаст, ки аз мунозираҳои байни шуаро ёд медиҳад ва як навъ баёнгари завқи онҳо низ ҳастанд. Ин мунозираҳо гоҳо мубтанӣ бар гуфтугӯи самимонаву воқеъбинона дар ҳаққи шеъри ҳамдигар аст. Аз ин гуна андешаҳо мо назари шоиронро ба шеър ва ҳунари муосиронаш метавонем тарҷеҳ диҳем. Масалан, назари Рӯдакӣ ба шеъри Муродӣ аз марсияи пурсӯзи ӯ дар ҳаққи ин шоир эҳсос мешавад. Шаҳидии Балхӣ Рӯдакӣ ва шеъри ӯро меситояд ва аз “мадҳу офарини ситоишгарон бартар мешуморад” ва Рӯдакӣ низ дар боби шеъри Шаҳид чунин ақида дорад. Рӯдакӣ Шаҳидро “шоири мутлақ медонад ва дигаронро ба ҷумла ровӣ ва шогирди ӯ мешуморад”. Санади дигаре низ дархури андеша аст, ки бисёре аз шоирони ин давр, ба Рӯдакиву Шаҳид эътиқод бастаанд, онҳоро муқаддам шумурдаанд. Масалан, Кисоиву Дақиқӣ ба Рӯдакӣ эътиқоди тамом варзида, худро аз ӯ фурӯтар донистаанд. Фаррухӣ низ ба Шаҳиду Рӯдакӣ бо эҳтиром нигаристааст. Унсурӣ ба “ғазалҳои рӯдакивор” гароида, афсӯс мехӯрад, ки ғазалҳояш Рӯдакивор нест. Манучеҳрӣ ба “узубату латофат”-и шеъри Унсурӣ таваҷҷӯҳи хос доштааст. Ҳодисаи баръакс низ ба назар мерасад. Рақобат ва ҳасад миёни шоирон ҳодисаи табиӣ аст. Хидмат дар дарбори подшоҳон ҷиҳате дошт ва чун ин ҷиҳат ба баъзе даст намедод, ба таънаву маломат мепардохтанд. намунаи ин гуна муъонидӣ ҳамоно шеъри Абӯзироъа ба Рӯдакист. Аммо нақди Фирдавсӣ ва Дақиқӣ ҳодисаи дигар аст. Фирдавсӣ танҳо ба рағми муъонидони фасодкори хеш, ки назди Маҳмуд қадри “Шоҳнома”-ро паст мезаданд ва Фирдавсиро муқаллиди Дақиқӣ меангоштанд, инчунин қазоват кардааст. Дар ин қитъа Фирдавсӣ, ки нуфузи суханашро мешинохтааст, ба нақди шеъри Дақиқӣ мепардозад:

Нигаҳ кардам ин назм суст омадам,  
Басе байт нотандуруст омадам.  
Ман инро навиштам, ки то шаҳриёр

Бидонад сухан гуфтани нобакор.
Сухан чун бад-ин гуна боядат гуфт,
Магӯву макун ранҷ бо табъ йуфт.
Чу банди равон биниву ранҷи тан,
Ба коне, ки гавҳар наёбӣ, макан.
Чу табъе надорӣ чу оби равон
Мабар даст аз номаи хусравон.
Даҳон гар бимонад зи хӯрдан тиҳӣ.
Аз он беҳ, ки носоз хоне ниҳӣ.

Ҳодисаи рақобату ҳасодати шоирон ба Манучеҳрӣ боис шуда, ки дар девони ӯ ашъори зиёде дар радди муонидонаш пайдо шавад. Қасидаҳои Унсуриву ӯазоирӣ низ бар ҳасодат ва бухл асос ёфтаанд. Муоризаи Унсуриву ӯазоирӣ аз назари таърихи наққодӣ судманд аст. Зеро аз мунозираи онҳо равиш ва шеваи нақдро дар он рӯзгор метавон муайян кард. Аз мисоли мубоҳисаи Унсуриву ғазоирӣ ду навъ нақдро метавон ошкор сохт. Нахуст нақди маънӣ, дигар нақди бурҳонӣ.

Дар асри Салҷуқия бо вуҷуди нобасомониҳои сиёсиву арзёбӣ шоирони бузурге ба майдон омаданд. Адаби форсӣ зинаи нави такомулро пеш гирифт. Нақди ин давра низ танҳо иборат аз нақди завқӣ набуд, балки нақди фанниву луғавӣ низ ба зуҳур омад. Акнун мо на фақат бо китобҳое чун “Қобуснома” ва “Чаҳор мақола” сару кор дорем, балки донишмандоне чун Родуёнӣ ва Рашиди Ватвот низ дар улуми бадеъ ва нақди шеър таснифҳо карданд.

Аз намунаи нақди завқии ин аҳд лозим донистем. ки ҳикояти соҳиби “Чаҳор мақола”-ро итибос кунем. Ӯ менависад, ки дар замони малики хоқониён Амъақ амирушшуароъ буд ва аз он давлат ҳаққи тамом гирифта ва дар маҷлиси  подшоҳӣ азим мӯҳтарам буд. Аз ин рӯ шоирони даргоҳ ҳама ӯро ҳурмат мекарданд, илло Рашидии Самарқандӣ, ки ҳарчанд ҷавон буд. аммо дар шоирӣ мартабаи баланд дошт ва назди султон низ қурбе тамом ёфта буд. Магар рӯзе Султон дар Қайби Рашидӣ аз Амъақ пурсид, ки шеъри Рашидӣ чӣ

гуна аст? Гуфт: “шеъри бағоят нек, аммо қадре намакаш дар мебояд”. Чанде баъд, ки Рашидӣ фаро расид, султон гуфт: “Амирушшуароро пурсидам. ки шеъри Рашидӣ чун аст, гуфт: нек аст. аммо бенамак аст. Бояд, ки дар ин маънӣ байте ду бигӯӣ. Рашидӣ хидмат кард ва ба ҷои хеш омад ва бар бадеҳа ин қитъа бигуфт:

Шеърҳои маро ба бенамакӣ
Айб кардӣ, раво бувад шояд.
Шеъри ман ҳамчу шаккару шаҳд аст,
В-андарин ду намак накӯ н-ояд.
ШалҚаму боқиласт гуфтаи ту,
Намак, ай қалтабон, туро бояд.

Чун арза кард подшоҳро азим хуш омад. Чунин нақд дар ин аҳд мавқеъ ва миқёси васеътар дошт.

Шоирони ин давра ба шеъри пешиниён эҳтиром ва эътиқод доштаанд. Масалан, Муъиззӣ шеъри қудомо, ба хусус девони Унсуриву Фаррухиро татаббӯъ мекард. Ин амали ӯ аз эътидол гузошта ва Анварӣ барҳақ “хуни девони ин ду шоирро ба гардани вай мениҳад”. Адиб Собир Дақиқиву Фарухиро аз худ бартар медонист. Унсуриву Фирдавсиро дар радифи Буҳтурӣ ва Абутамом мениҳод. Масъуди Саъдӣ Салмон бо вуҷуди он ки Унсуриро маломат кардааст, пайрави шеваи ӯст. Ӯ Фирдавсиро сутуда ва ҷамъу таълифи “Ихтиёроти “Шоҳнома”-ро ба ӯ нисбат додаанд. Анварӣ низ ба осори гузаштагон иродат дошта, дар тадвини ашъори Абулфараҷи Рунӣ саҳм гирифтааст. Рашидии Самарқандӣ ба шеъри Рӯдакӣ бо ихлосу иродати тамом менигарад.

Шоироне низ будаанд, ки бар гузаштагон эҳтиромеро қоил набудаанд, балки бо таъну маломат аз ишон ёд кардаанд. Масъуд аз шоирони пешин худро бартар медонад, Муъиззӣ ҳатто ба Абуаълои Муъиррӣ баробарӣ мекунад. Сӯзании Самарқандӣ бар шоирони пешин ва муосири хеш таъна мезанад. Масалан, вай Мунҷикро нодида гирифта, бар Саноӣ таъна мезанад.

Марсияи вай дар ҳаққи Низомӣ ном шоире диққатангез аст. Сӯзанӣ ин шеърро ба тариқи марсия суруда. тасаввур мекунад, ки Низомӣ мурдааст ва фариштагон ўро ба дӯзах мебаранд ва ӯ дар ин ҳол бар зиндагӣ ва осори хеш дареҚ мехӯрад. Ин шева дар ҳаҷву накд тозагӣ дорад /С.Саъдиев. Сӯзанӣ/.

Дар ин миён назари Хоқонӣ нисбат ба ҳамаи шоирон, пурвусъат аст. Нуқтаи дигари муҳим ин аст, ки вай бештари ҳол худро ситоиш мекунад, бартарии шеъри худро таъкид мекунад. Вай мартабаи шеъри арабиашро аз осори Лабиду Буҳтурӣ баланд мешиносад ва дар насри арабӣ низ Ҷоҳизро аз худ фурӯмоя донистааст. Беш аз ин вай мақоми хешро аз Рӯдакиву Унсурӣ ва Муъиззиву Саноӣ баланд шинохта. ҳамаи муосиронашро резахӯри хони хеш медонад. Вале дар қитъае, ки оиди Унсурӣ аст, завқ ва фаҳми наққодии вай бештар ошкор мешавад. Ва аз қитъа бармеояд, ки онро дар ҷавоби касе гуфтааст, ки шеъри Унсуриро аз шеъри ӯ беҳ донистааст:

Ба таъриз гуфтӣ, ки Хоқониё,
Чи хуш дошт табъи равон Унсурӣ.
Бале, шоире буд соҳибқирон,
Зи мамдӯҳи соҳибқирон Унсурӣ
Зи маъшуқи некӯву мамдӯҳи нек,
ўазалгӯ шуду мадҳхон Унсурӣ.
Ҷуз аз тарзи мадҳу тирози ғазал,
Накардӣ зи табъ имтиҳон Унсурӣ.
Шиносанд афозил, ки чун ман набуд,
Ба мадҳу ғазал дурфишон Унсурӣ.
Ки ин сеҳрнокӣ, ки ман мекунам,
Накардӣ ба сеҳру баён Унсурӣ.
Зада шеваи кони ҳиллат шиор,
Ба як шева зад достон Унсурӣ.
На таҳқиқ гуфту на вазъу на зӯҳд,
Ки ҳарфе надонист аз он Унсурӣ.
Набудаст чун ман ба назму ба наср

Бузургояту хурдадон Унсурӣ.

Ба назме чу Парвину насре чу наъш

Набуд офтоби йаҳоен Унсурӣ

Адибу дабиру муфассир набуд,

На саҳбони яърибзабон Унсурӣ...

Дар ин аҳд аз қаламкашон дар боби шеваи иншо дар муқаддимаи кутуби рисолаҳои худ сухан гуфтаанд, ки назари наққодии онҳоро ошкор менамояд. Барои намуна муқаддимаи "Мақомоти Ҳамидӣ"-ро иқтибос мекунем: "Ва низ шарти авфақ ва рукни авсақ он аст, ки дар майдони ин тасвид аспи худ тозам ва бар бисоти ин тамҳид назди худ бозам ва дар ҷумлаи ин тасниф ба сармояи худ созам ва асло тартиби ин арӯси таълиф ба халле ва ҳилали дигарон нанозам. Илло мисраъе чанд бор сабили шаҳодат на бар ваҷҳи ифодат дар ҷумлаи ин абёт, ки рафиқи ин раҳ бошад, ба адади кам аз даҳ бошад, ки арӯсро ба пирояи ҳамсоя як шаб беш натавон орост ва дар ороиши маъшуқи соҳибйамол ба истораи зевар дарюза натвон сохт.

Байт:

Бо мояи худ бисозу чун беҳунарон,

Сармоя ба орият махоҳ аз дигарон.

Назари суханшиносии ӯ бештар аз мақомоте, ки дар боби "ашъору алфоз" сухан мегӯяд, ошкор мегардад. Вай дар ин боб аз фунун ва саноеъи шеърӣ нуктаҳои ҷолиб баён кардааст, ки арзиши накдӣ доранд.

Яке аз асарҳои ҷолибе, ки ба воситаи он баъзе хусусиятҳои накди ин давраро ташхис додан имконпазир аст, рисолаи Баҳоуддини БаҚдодӣ "Ат-тавсул-ил ат-тарасул" мебошад.

Нахуст, вай масъулияти мутарассилон, яъне нависандагон, котибонро дар назди сухан бузург мешиносад: Ва ҳавохоҳи сухани "маснӯъ бошад ва аммо матбӯъ". Ва сипас моҳияти сухани маснӯъ ва матбӯъро шарҳ медиҳад. Ва мегӯяд, ки: "маснӯъро ба ҳасби ихтилофи санъатҳо ақсоми фаровон ва анвои мутафаннин аст..." ва каломи матбӯъ, ба назари ӯ "маҳкам

бошад, ки осори қуввати хотир аз асноъи он муоина мешавад ё сухани рақиқу диловез, ки далоили лутфи табъ аз мазмуни он мушоҳида меафтад”. Муҳаққиқ сабаби равишҳои бисёр ва фununи мухталифро дар сухан аз ҳамин хусусияти он медонад. Ва аз ҳамин ҷо ӯ “тариқи тарсеъ ва тарӣеъ”-ро дар наср ҷудо мекунад. Дар ин боб Абулҳасани Аҳвозиро пешкор медонад.

Вай гурӯҳеро, ки “рақами ихтиёр ба сухани латифу обдор ва калимоти азби хушгувор мекашанд ва дар риққати алфоз мекӯшанд, на дар диққати маъонӣ” писанд намекунад. Яъне, ӯ маъниро бар зеби сухан муқаддам медонад.

Ҳамин муаллиф, ба қавли Зарринкӯб, “дар номае, ки аз маҳбаси Шодёх ба Хоразм навиштааст, аз шеваи китобати маъмулу марсуми котибони аср изҳори нафрат кардааст ва аз ин ки дар мукотиботи дӯстона низ “муҳофизати одати қадим” ба ҷой орад ва номаҳои пуртакаллуф бинависад ва оғозу анҷоми номаҳоро чунон ки расми котибон аст, бингарад, маъзарат мехоҳад ва мегӯяд: “Ростӣ он расми такаллуф гирифтааст ва дар кашокашӣ истехмоли халқ гашта ва чун шикояти рӯзгор пир зӣ, тир зӣ шуда ва татаббӯъи русуси бостонӣ, ки бо билодат ҳамдостонӣ дорад, донад, ки одати мани кеҳтар нест”. (Нақди адабӣ. саҳ.201).

Китоби дигаре бо номи “Атибат-ул-катиба”, ки ба Мунтаӣибудини Бадеъ Атобак Ал-йувАйнӣ тааллуғ дорад, нуктаҳои ҷолибе оиди нақд ва балоғат дорад. Ӯ ба насре ирод мегирад, ки моломол аз “такаллуфи саӣъ” бошад ва “саӣъе бе такаллуфро писандида медонад. Ва сабаби чунин фаҳмишро ба тариқи зер шарҳ медиҳад: “чун дабир хотир бар ҷамъи саӣъ ва татаббӯъ қавофӣ гуморад, аз мақсуди сухану аз матлуби фаҳвӣ (арзиш) боз монд ва аз ҷодаи ғараз дар мазалаи итноб ва татавили бефоида афтад ва балоғат дар салосати лафз ва эъҷози маънӣ аст” (Нақди адабӣ, саҳ. 202).

Аз ин баён тарзи эҷоди наср ва баъзе хусусиятҳои нописандидаи онро пай бурдан имкон дорад. Ин сухан далели он аст, ки дар он рӯзгор адибон бештар ба тақлиди насри маснӯъи араб пардохтаанд. Ин ҳодисаро муаллиф писандида намедонад, ки муҳимтарин нуктаи фаҳми наққодии ӯст.

Саъдуддини Варовинӣ низ дар муқаддимаи китоби хеш он ҷо, ки

номи нависандагону муншиёни бузурги гузаштаро зикр мекунад ва касоне монанди мутарҷими “Калила ва Димна” ва мусаннифи “Мақомоти Ҳамидӣ”-ро меситояд ва аз “Атибат-ул-катиба” ва “Расоил”-и Рашидаддини Ватвот ва тарҷумаи “Яминӣ”, “Нафсат-ул-масдур”-и Шарафиддини Нӯшервон ном мебарад, тамоми завқу ҳунари худро дар овардани алфозу таркиботи арабӣ ва оростани иборoти мусаҷҷаъ ва бадоеъ мунҳасир мекунад ва вақте мехоҳад ин китобро, ки ба қавли ӯ “ба забони Табаристон ва порсии қадими бостон адо карда ва он олами маъниро ба луғати нозил ва иборати софил дар чашмҳо хор гардонидаанд” ба иборати латифу бадеъ биорояд ва дар кисвати тоза ҷилва диҳад, онро ба шева ва услуби насри маснӯъ ва мутакаллифи муншиёни арабӣ менависад ва ин ҳама ҳикоят аз таваҷҷӯҳи муншиёну котибони аср ба адаби арабӣ дорад ва ҳамин нукта аст, ки адаби ин давраро пероста ба саноеъи бадеӣ ва такаллуфоти лафзиву маънавӣ, ки ғолибан ба тақлид аз арабӣ ба форсӣ роҳ ёфта намудааст.

Воқеан ҳам накди фаннӣ низ дар ин давра ба чунин фаҳмиш такя мекард ва ин “аввалин қадами матин ва устуворе буд, ки адибону наққодон дар роҳи идроку шинохти латоифу маҳосини калом бардоштанд ва фунуни саноеъро малоки арзишу эътибори осори адабӣ фаро намудаанд”. Яъне, дар ин аҳд “илтифот ба саноеъи бадеӣ бо басту нашри адаби арабӣ қуввату вусъат гирифт”. Нависандагоне чун Ҳамидуддини Балхӣ, Абулмаъолии Насруллоҳ, Мунтаҷибуддин Бадеъи ҷувАйнӣ, Аҳмад Ӯомиди Кирмонӣ ва Саъдуддини Варовинӣ ба саноеъу бадеъ таваҷҷӯҳи хос доштанд. Аз шоирон низ касоне чун Рашиди Ватвот, Абулвосеъи ҷабалӣ, Қивомии Ганҷавӣ, балки ҳатто Саноиву Хоқонӣ ва Низомӣ баринҳо ба ин фунун илтифот доштанд. Ва оҳиста-оҳиста чунин назар мизони шинохти маҳосину маъойиби калом гардид. Китобҳое низ дар ин боб таълиф шуд, ки “Тарҷумон-ул-балоға” ва “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” аз ин қабиланд. Аввалӣ дар иртиботи ин аҳд таълиф шуда бошад, дуввумӣ дар замони ҳукумати Хоразмшоҳиён эҷод гардид.

“Тарҷумон-ул-балоға” тақрибан дар солҳои ҳаштодуми асри XI эҷод шуда. дар замонаш ва минбаъд низ арзиши фарвон доштааст. Доир ба ин китоб аввалин маълумот дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Рашиди Ватвот ба назар

мерасад. Баъдтар дар “Мўъҷам-ул-удабо”-и Ёқути Ўумавӣ, “Тазкират уш-шуаро”-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, “кашф-уз-зунун”-и Ўойӣ Халифа, “Оташкада”-и Лутфвалибеки Озар ва “Маймаъ-ул-фусаҳо”-и Ризоқулихони Ўидоят доир ба ин асар маълумот омадааст. Аз ҷумла Ёқути Хумавӣ ин рисоларо ба шоири асри XI Фаррухии Сиистонӣ нисбат додааст ва ин саҳви ў аз китоб ба китоб гузаштааст.

Ин саҳвро соли 1948 донишманди Туркия Аҳмади Оташ ислоҳ кард. Вай аввал нусхаи қадимаи китобро дарёфт ва баъд онро дар Истамбул чоп кард. Ниҳоят, равшан шуд, ки муаллифи ин китоб Муҳаммад ибни Умар ар-Родуёнӣ будааст. Дар бораи шахсият ва сарнавишти муаллиф маълумоте нест.

Дар Муқаддима Муҳаммад Ибни Умар Родуёнӣ сабаби таълифи “Тарҷумон-ул-балоға”-ро чунин шарҳ медиҳад: “Чунин гўяд Муҳаммад бини Умар Родуёнӣ, ки таснифҳо бисёр дидам мар донишиёни ҳар рўзгореро андар шарҳи балоғату ҳалли саноат ва он чи аз вай хезад ва ба фоидаи вай як гурўҳ мардумро махсус дидам, магар Арўзӣ, ки Абўюсуф ва Абулаълоӣ ба порсӣ кардаанд, аммо андар донистани айноси балоғат ва ақсоми саноат ва шинохти суханони бо пироя ва маонии баланд поя китобе надидам ба порсӣ, ки озодаро мўнис бошад ва фарзонаро Қамгусор бувад ва аз коҳилӣ чанд бор мунтахир будам, гуфтам магар ин амал бар дасти ҳунарманде барояд, то чун мане андар саноат хидмате бештар нокарда устодонро ба синфи мусаннифон истода наёяд, лекин интизорро карона надидам, зеро ки имрўз гурўҳе муддаъёни ин навъанд ва хештанро аз ин табақа шуморанд. Чун донишро ба санг кардам, бештар андар даъвӣ Қолӣ дидам ва аз маънӣ холӣ, миҷозашон аз ҳақиқат афзун ва пой аз доираи савоб берун, пас донистам ба яқин, ки аз инчунин таълифе ба сомон низ ҳам некӣ роҳ набаранд ва аз дақоиқу хақоиқи назму наср ба дурустӣ ва ростӣ нишон надиҳанд. Гуфтам, ки бад-ин сафар, ки маро фароз ояд, аз ин илм бад-ин китоб ҷамъ кунам ва ба таснифи шоеъ биороям ва айноси балоғатро аз тозӣ ба порсӣ орам ва мисоли ҳар фасле алоҳида аз гуфтори устодон бознамоям, то раҳнамое бошад ҳунарозмойро ва суханпаймойро”. /Мунтахаби “Тарҷумон-ул-балоға” ва “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”, Душанбе, 1987. с.19. Минбаъд дар

шакли “Мунтахаб” меояд/.

Аз интихоби ашъоре, ки дар ин китоб омадааст, завқи наққодии муаллиф ва андешаи ӯро доир ба шеър пай бурдан душвор нест. Дигар хусусияти муҳими ин рисола он аст, ки ба воситаи он бисёпр байту фикраҳои шуаро то мо расидааст. Аз усули интихоби ашъор бармеояд. ки “муаллиф накде дақиқ карда ва бо завқи латиф ашъорро гузидааст”.

Худи ин амал моҳияти назари ӯро ба шеър ошкор мекунад. Яъне ӯ хостори чи гуна шеър будааст?! Ҳодисаи таснифи чунин китоб ва дар он муҳимтарин аносири шеър чун арӯзу қофия сухан гуфтани ӯ далели таваҷҷӯҳи хоси ӯ ба шеъри дурусту рост аст. Беш аз ин ӯ аз шоироне сӯҳбат мекунад, ки мақоми шеър ва ҳунари шоирии онҳо баланд аст. Вай аз Унсуриву Фаррухӣ, аз ҳунари шоирии онҳо ёд мекунад. Усули шинохти шеърро дар маҷмӯи назарниёти интиқодии ӯ шинохти суханони бопироя ва маонии баланд муайян мекунад. Яъне ӯ ҳангоми таҳқиқ маонии шеърро дар мадди назар дорад, балки шеъреро дурусту рост медонад, ки ҳам маонии баланд ва ҳам суханони бопироя дошта бошад.

Муаллифи ин рисола марди донишманд ва фурӯтане будааст. Ӯ дар хотимаи китоб меоварад: “Ва боистӣ, ки он чи ношоиста аст андар шоирӣ ва нописандида андар назму наср, баъзе биовардаме то хонандаи китобро унсе ва роҳате будӣ, ҳамчунон ки аз ақсоми балоғат маъруфтар ва маъмултар биёвардам. Валекин аз он ки чора набудӣ мисол овардан аз шеърҳои мутақаддимон ва он чун таънае будӣ аз ман гӯяндаи он суханро, мустаҳсан надоштам, хоса чун аз хештане ва андар саноат берун омада ва пой аз маҳалли шогирдӣ берун наниҳода; агар бикардаме, маъзурам надоштандӣ, накардам то машкур бошам...” /Мунтахаб... саҳ. 79/.

Ба ин ваҷҳ аз зикри уюби шеъри қудамо ва ҳар чи ки нописандида аст андар назму наср худдорӣ кардааст. Вале аз он чи ки ӯ дар боби саноеъи шеърӣ меоварад, завқи сареҳи шеършиносӣ ва наққодии ӯ равшан ба назар мерасад.

Чунон ки дар фавқ ишора шуд,  шинохти суханони бопироя ва маонии баланд меъёри назари ӯ ба шеър будааст. Аз ҳамин мавқеъ ӯ шеъри

Рӯдакӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ ва шуарои дигарро накд мекунад.

Ӯ ҳангоми шарҳи навъи дуюми санъати мақлуб-ул-муставӣ нақл мекунад, ки сухан “андар қалб дигар гардад ба вазн ва ба маънии дуруст” Ва меоварад: “Мисоли қасми сонӣ ва ин бағоят қариб буда, чунон ки шоир гӯяд:

Ромишам, дармони дардам, гарми ёр,

Чун ин мисраъ божгуна хонда ояд мисраъе дигар берун ояд чунин:

Рои маргам дарди номардам шумор.” ,Мунтахаб.. с.26,.

Сипас муаллиф назари хешро ба сифати чунин ашъор баён медорад. Ва маълум мешавад, ки Родуёнӣ шеъреро, ки ҳангоми истифодаи саноеъ “ба маънӣ ракик аст”, яъне маънияш суст аст, намеписандидааст. Ва таъкид мекунад, ки инчунин шеър дар хотирҳо нахоҳад нишаст. Беш аз ин “ҳеҷ ровию ҳофиз ин навъро беш аз чаҳор байт ёд натавонад гирифт ва на ёд тавонад кардан аз заъфии назм варо... ,Мунтахаб... с.26/. Ба назари ӯ саноеъ бояд маънии шеърро қавӣ созад, вагарна назм заиф хоҳад буд.

Ҷои дигар ҳангоми ташбеҳ-ил-мукао ӯ моҳияти ташбеҳоти Фаррухӣ, Унсурӣ ва Мунӣикро бозгӯ мекунад. Сипас, қитъаи зерро аз Мунӣик нақл карда:

Ар ангубинлабӣ, сухани талх мар чарост!
В-ар ёсуманбарӣ, ту ба дил чун ки оҳанӣ.
Мангар ба моҳ, нураш хира шавад зи мушк,
Магзар ба боҚ, сарви сиҳӣ пок бишканӣ.

Ва Родуёнӣ менависад: “Чанд тасарруфи некӯ кардааст: яке лабро ба ангубин монанда кардааст ва бараш ба ёсамин ва дилаш ба оҳан ва рӯяш ба моҳ ва қомат ба сарв”. Ба назари ӯ, ин ҳама ташбеҳот тасарруфи Мунҷик будааст. То Мунҷик дар шеъри мо ин гуна ташбеҳот аст ё на ин масъалаи дигар аст. Барои мо назари қиёсии Родуёнӣ арзиш дорад, ки аз оғози шеваи дигари наққодии ӯ дарак медиҳад.

Моҳияти назари ӯро оиди шеъри хубу бад фасли “Ҳусн-ил-матлаъ” низ ошкор месозад. Дар ин боб ӯ мутмаин аст, ки “яке аз ҷумлаи балоғат он аст, ки оғози сухан фаҳл ва бадеъ бошад. Ва агар қасидае бувад,

бояд, ки байти нахуст некӯ ороста бувад, ба лафзу маънӣ, чунонки шунаванда бидонад, ки ин аввал байт аст. Чунон ки шоир гӯяд:

Маро насиҳат карданд зиркакони йаҳон,
Ки аз ҳунар набувад кардани ҳунар пинҳон”.

Ва баъд мукаррар аз Унсуриву Фаррухӣ мисол меоварад.

Аз Унсурӣ:

Аз орзуи рӯи гулу рӯи дӯстон,
Заррин шудаст рӯи ману рӯи бӯстон.

Албатта, ин ҳодиса бесабаб нест. Аввалан моҳияти назари Родуёниро ба шеър равшан кунад, сониян, ишора ба мавқеи шеър ва ҳунари шоирии Унсуриву Фаррухист. Фаротар аз ин, ӯ масъулияти шоирро дар гуфтани байти аввали қасида бузург мешиносад. Ин ҷо моро бо хосияти қасоиди он замон низ ошно месозад. Ҳамин гуна ақидаро ӯ дар “фасл фи ҳусн-ит-тахлис” низ баён медорад. Ба назари ӯ санъати тахлис он вақт некӯст, ки агар “шоир такаллуф кунад ва байти махлас некӯтар ва қавитар гӯяд ва агар қавитар нагӯяд, боре кам аз байтҳои дигар набояд, то хештанро аз тазвир ҷудо гардонад, зеро ки шеъри музаввар ва номузаввар ба тахаллис шиносанд”.

Дар зимни шарҳи тақсими танҳо яке аз фазилатҳои шеъри Унсуриро тавзеҳ медиҳад. Баъд аз нақли қитъаеву байте менигорад: “Ин қасидаҳои маъруф аст ба тақсим ороста ва пеш аз ин амали тақсим аз ин маънӣ кас нагуфта буд. Ва будӣ, ки ба иттифоқ байте биафтодӣ мар шоирони пештарро, ки аз тақсим будӣ. Фаммо қасидаҳои муқассам пеш аз ин нагуфта буданд. Ва устодии вай ба чунин сифатҳои бадеъ падид омад ва айаб он аст, ки қасидаҳое бад-ин ниҳод ва бадеъ назм кардааст ва аз роҳи табъи хеш нагашта аст. Ва аз он ки қасидаҳо миёни аҳли фазл зоҳир аст ва машҳур, бештар ёд накардем” /Мунтахаб..., с.49/. Ин ҷо сухан ҳам аз ибтикороти Унсурӣ меравад, ки аввалин бор қасидаҳои муқассим гуфтааст, ҳам аз фазилати маънавӣ ва ҳунарии ин гуна қасоид ёд мешавад, ки сабаби миёни аҳли фазл машҳур гардидани онҳост.

Родуёнӣ сухани саҳл ва бетакаллуфро меписандад. Ба назари ӯ

чунин шеър “некӯтар, чунон ки ба табъ мутеъ гуфта шавад”. Ва ӯ таъкид мекунад, ки ба ҳар сурат такаллуф аз шеър равнақ мебарад /нигар “Фасл фи муқаттаъ”/. Ва дар ин равиш сухани ӯ дар ҳаққи Унсуриву шеъраш қотеъ ва якрост. “ӯолиби сухани Унсурӣ,-мегӯяд ӯ,-бад-ин табақа аст, яъне дар як шеър... чандин навъ бадеъ орад, ба алфози хуб назм дода ва аз такаллуф нигоҳ дошта ва ҳеҷ қасидае аз бадеъ холӣ нест”. Ва боз: “Унсурӣ сазовортар аст бад-ин ва чун нигоронда тааммул кунад, воқиф шавад бар-он ки ман гуфтам” /Мунтахаб... с. 77/.

Таърифи таловим ва мутанофир. Родуёнӣ дар шарҳи саноеъ шеваи хос дорад, ки ба ин усули кори ӯ муаллифи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” пайравӣ кардааст. Агар баёни равону луғоти соддаи ин китобро аз фазилатҳои он шиносем, усули тарҷума-тавсифи истилоҳотро ба он бояд афзуд. Муаллифи “Тарҷумон-ул-балоға” дар бештарини маврид маънии луғавии истилоҳро ба форсӣ боз меоварад ва баъд истилоҳи онро шарҳ медиҳад. Масалан: “Порсии тарсеъ гавҳар ба ришта кардан бувад ва тафсири вай бад-ин ҷойгай он аст, ки дабир ва шоир андар назму наср бахшҳои сухан хона-хона оранд, чунон ки ҳар ду калима баробар бувад ва муттафиқ ба вазну ҳарфе аз аввали вай ҳамчун охир бувад” /Мунтахаб... с. 20/. Ҷои дигар “порсии мутазод”-ро “охшиӣ” медонад. Ин ҳам далели завқ ва дарайаи дониши муаллиф аст.

Родуёнӣ ба саноеъи таловим ва мутанофир назари хос дорад. Ӯ менависад, ки “яке аз ҷумлаи балоғат он аст, ки шоир байтҳои қасида муталоим гӯяд, яъне якдаста ва ҳамвор гӯяд ва чунон кунад, ки миёни байту тафовут бисёр набувад ба узубат ва сифат. Чи агар байте қавӣ бувад ва азб ва байте суст бувад ва бо халали зишт ояд ва низ гумони дуздида баранд. Мисолаш. Зайнабии Алавӣ гӯяд:

Он қатори борон ба арҚувон-бар,

Чун хай ба баногӯши некӯвон бар.

Ва он фохта бар шохи ӯ нишаста,

Ошиқ шуда бар васфи ту он бар.

Аттор магар васл кард амдан.

Кофуру раёҳин ба заъфарон-бар” /Мунтахаб... с. 77/

Дар ин тафсир чанд нуктаи муҳим аст, ки моҳияти назари интиқодии Родуёниро ба шеър ошкор мекунад. Ба назари ӯ шоир бояд шеърро “якдаста ва ҳамвор гӯяд”, ҳамчунон “миёни байту байт тафовути бисёр набувад ба узубат ва сифат”. Агар чунин набувад, аввалан бунёди хубии шеър халал меёбад, сонияն, ба назари ӯ, мардум “гумони дуздида баранд”. Беш аз ин сухан ин ҷо аз устухонбандии шеър, хоса анвои қасида меравад, ки агар чунин фазилат надошта бошад, “бо халали зишт ояд”.

Ва дар шеъри форсӣ ӯ ин гуна халалро дарёфтааст: “Порсигӯёнро,-менависад ӯ,-бештар шеър бо тафовут аст, то бад он ҷойгаҳ, ки баъзе мардумон пиндоштаанд, ки тафовут мазҳабест ба шоирӣ ва ҳол бар хилофи он аст. ки эшон гумон бурдаанд, зеро чун шеър бар яксон бувад, бисёр беҳтар аз он бувад, ки ботафовут. Ва мутақаддимон андар шеър чунон мустақим набуданд, ки аз мутааххирон, азеро, ки ишон ибтидо карданд ва муқтадирро кор осонтар бувад, ки мутадирро. Ва шеъри поки бетафовут шеъри Унсурист, чун нигоҳкунанда тааммул кунад, бар ҷой орад” /Мунтахаб... с.78/.

Родуёнӣ шеъри порсигӯёнро бештар бо тафовут мешиносад ва сабаби ин ҳодисаро низ шарҳ медиҳад. Вале ӯ шеъри яксону бетафовутро меписандад. Ва дар зимни мулоҳиза огоҳона равиши инкишофи адабиётро тафсир мекунад, яъне “андар шеър чунон мустақим” набудани мутақаддимонро таъкид мекунад ва сабаби инро дар он мебинад, ки онон мубтадӣ буданд. Ин мулоҳиза зинаҳо ва равишҳои мустақим ва ғайримустақими инкишофи шеъри форсиро пеши назар меоранд, ки муҳаққиқон дар ин боб бояд таҳаммул кунанд.

Мутанофирро Рашиди Ватвот дар “Ӯақоиқ-ус-сеҳр” дар фасли “Алфозе, ки дар забони аҳли ин саноат афтодааст ва аз мусталеҳоти эшон шуда, берун аз он чи ёд кардем” зикр кардааст. Зоҳиран, вай ин навъро аз саноеъи бадеъ нашинохтааст. Ба назари ӯ ин навъ  шеър бозии ҳуруфе беш нест. Ва ин маънӣ аз шарҳи ӯ низ падид меояд: “Мутанофир алфозеро гӯянд, ки-менигорад ӯ,-ба гуфтан мушкил бувад ва якдигарро имтиҳон кунанд. Ба гуфтани алфози мутанофир ё ду бор ё се бор бар вило битавонад гуфтан ё на, чунон ки ин алфоз аст: Хоҷа таваҷҷӯҳи тиҷорат кунӣ. Кам касе инро се бор ба

як дам тавонад гуфт, ки забонаш дар наёвезад ва зидди инро, ки осон бувад ба гуфтан ва хушу равон бувад, муталоим хонанд” /Мунтахаб... с.122/.

Вале Родуёнӣ таловим ва мутанофирро “яке аз ҷумлаи балоғат” медонад. Ҳангоми тафсири ин ду саноеъ назари интиқодии ӯ бештар ошкор мешавад. Родуёнӣ дар ин ҳол муфассири оддӣ нест. Ӯ бештар ба моҳияти саноеъи фавқуззикр таваҷҷӯҳ дорад. Муталоим ва мутанофир аз нигоҳи ӯ, чунон ки Ватвот мепиндорад. танҳо иборат аз бозии ҳуруф нест. Дар заминаи ин тафсир ӯ маҳосин ва маоъйиби шеърро таъин менамояд. Дар ин боб санадҳо низ доштааст, вале, ба назари ӯ, “сухан андар ин боб бисёр” будааст ва муроди ӯ аз ин китоб “падид кардани шеъри маъюб нест. Онро алоҳида вазъе ва таълифе ниҳода шавад, иншооллоҳи иззавайӣалла ва аз ин қабил истиқсоъ карда набошад андар ин фасл, то ҳар чизерро бар ҳадди хеш нигоҳ дошта ояд”. /Мунтахаб... с.78-79/.

Бо вуҷуди ин ҳангоми тафсиру тавзеҳи мутанофир назари интиқодии ӯ ба шеър хеле тавсаа ёфтааст. Беш аз ин дар ин маврид ӯ танҳо победи шакли шеър нест. Дар шеваи қиёсоти ӯ маънӣ низ мақоми воло дорад.

Ба ақидаи ӯ “мутанофир зидди муталоим бувад” ва мо ақидаи ӯро оиди муталоим шунидем. Акнун Родуёнӣ мехоҳад “мутанофирро низ миқдоре шарҳ” кунад ва ин амалро ба ин ваҷҳ зарур медонад, ки “то он чи зидди вай /муталоим-Ҷ.Ҳ/ бувад, бад-он сабаб низ равшан гардад, аз он ҷиҳат, ки гуфтаанд: ал-ашёи таррофубиаздодиҳо” /Мунтахаб ... с., 78/.

Ва ӯ мутанофирро “бар ду ваҷҳ” мешиносад. Яке он аст, ки “мутанофир ба ҳуруф бувад, чунон ки ҳуруф аз якдигар гурезон бувад ва носохта, чунон ки байтеро думодум ривоят натавон кардан ва бар забон гуфтани он душвор бувад. Мисолаш чунон бувад, ки муаллимон кӯдакони дабистонро таълим ва имтиҳон кунанд бар тақвими забон ва яке аз онҳо ин аст:

Камзои умри мо карими камар аст,

Ҳарчанд фасеҳзабон бувад гуфтор.

Ин чунин душвор бувад бар вай, хосса, ки такрор уфтад бар вай. Ва чунин сухан маъюб бошад”. /Мунтахаб..., с., 78/.

Яъне, чунин навъи мутанофирро, ки бозии сухане беш нест. Ӯ

маъюб мешиносад.

Навъи дигари мутанофир “бар ваҷҳи дигар он бошад, ки мутанофир ба маънӣ бувад, чунон ки ҳуруф саҳл буваду хуш, валекин байт аз байт дур бувад ба маънӣ ё мисраъ аз мисраъ, чунонки гуфтаанд андар таҳнияти хонаи заррин Малик Маҳмудро, шоир гӯяд:

Хонаи заррини подшоҳи йаҳон аст,
Дар сухан як худойро чӣ гумон аст.
Қорун гӯянд ганӣ дошт ниҳонӣ,
Шоҳ баландахтар асту сахткамон аст.

/Мунтахаб..., с. 78/.

Ба мушоҳидаи ӯ “ҳар мисраъе ба тани хеш вазн ва маънӣ дорад, валекин мисраъи пешин ба мисраи пасин пайванд надорад ба ҳеҷ маънӣ”. Ва иллати инчунин шеърро ӯ дар он мебинад, ки “баъзе байтҳои қасида балеҚу азб бувад, андар оянда ба дилу гӯш ва баъзе ракик” ва “инчунин сухан маъюб меояд” ба назари ӯ.

Беш аз ин дар ҳаққи ин китоб метавон сухан гуфт, вале бо ҳамин иктифо карда, гуфтанием, ки интиқоди Рашиди Ватвот аз ин китоб воқеӣ нест. Ӯ дар мақаддимаи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” овардааст, ки “... рӯзе мани бандаро худованд-малики одил Хоразмшоҳ.... ки дар айёми давлати ӯ уқуди фазл мунтазам буд ва бинои йаҳл мунҳадам, талаб фармуд, бар мӯҷиби фармон бишитофтам ва саъодати хидмати ӯ дарёфтам. Китобе дар маърифати бадоеъи шеъри порсӣ, ки онро “Тарҷумон-ул-балоға” хонанд, ба ман намуд. Нигоҳ кардам, абёти шавоҳиди он китобро бас нохуш дидам, ҳама аз роҳи такаллуф назм карда ва ба тариқи таассуф фароҳам оварда ва бо ин ҳама аз анвои залал ва аснофи халал холӣ набуд. Войиб шуд бар мани банда, ки парвардаи он даргоҳам дар маърифати маҳосини назму насри ду забон - тозию порсӣ ин китоб сохтан ва ин маҷмӯъ пардохтан, ҳарчанд ин ҷумла, ки оварда гашт, Қайзест, аз файзи он чи подшоҳро ... аз ақсоми фасоҳат ва асолиби балоғат ҳосил аст”. /Мунтахаб..., с. 83/.

Аз муқоисаи сатҳӣ бармеояд, ки Рашид аз китоби Родуёнӣ истифода кардааст. Миёни ин ду китоб тафовути ҷиддие ба назар мерасад.

Вале он чи Рашид дар танқиди он мегӯяд, саҳеҳ нест. Баръакс дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр...” муаллиф “баъзе муҳассанотро ба якдигар хилт карда ва гоҳе мисолро бо таъриф мутобиқ наёвардааст”. Ва Абулҳусайни Зарринкӯб он чи Рашид дар ҳаққи “Тарҷумон-ул-балоға” мегӯяд, “нақде нораво” медонад ва “зоҳиран дар ҳаққи “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и худи вай содиқтар ва муносибтар менамояд”. /Нақди адабӣ. с. 205/.

Мавзўи 3 | ***ИНКИШОФИ НАКД ДАР АСРЎОИ XIV-XV*** | Маърўза

Шайх Озарӣ аз мутафаккирони дақиқназари таърихи адаби мост. Муҳимтарин асаре, ки ў боқӣ монда ва назари интиқодии ўро ифода мекунад, “йавоҳир-ул-асрор” мебошад. Аз ин китоб мо назари Шайхро ба шеър, анвои он, хоса ғазал дармеёбем. Ҳамчунин доир ба сабки эҷоди шоирон аз ҷумла Камол мулоҳизоти ҷолиб баён кардааст.

Назари Шайх дар ин китоб ба анвои шеър нисбат ба гузаштагонаш ҷомеъ аст. Барои намуна ин ҷо мулоҳизаи ўро доир ба ғазал иқтибос мекунам. Шайх менависад: “... аз ҷинси йавоҳири фununи шеърия ҳеҷ риштае латифтару Ҷавҳаре шарифтар аз риштаи Ҷавҳари ғазал нест, ки ҳама самараи аъмол ва мақомоту аҳвол ва натиҷаи ишқу муҳаббат бо маъшуқ ва муварраси асрори фироқу висол аст. Ўосиле, ки чамени фununи ашъор аст ва тоифаи мутаҚаззилон булбулони гулзор ва тўтиёни шакаристони аҳли гуфторанд.

Шеър:

Аз фununи шеър фанни беҳтарин омад ғазал,
Чун накўрўён, ки дар сурат беҳанд аз ҷинсу инс.

Ҳамчунон ки ин фанни шариф аз фununи сухан пуршеваву фитнагар ва дилрабою Қамзудой аст, ишқварзону соҳибони ин ҳирфа ҳама азизулвуҷуд ва оламгару шаҳрошўб ва турфатабъу танассуӣгўй ва адимулмислу нодират-уттавр бошанд, мисли афзалулмуттааххири шайх камоли Хўӣандӣ қуддуса сирроҳу, ки билоназири мутақаддам ва мутааххири худ аст ва лафзану маънан ин ҳирфаро ба камоли худ расонидааст ва чунончи ҳақ ин тавр аст, ки доди нозукиву латофат ва хаёл буда, бо вуҷуди шароифи авқоту латоифи хилвот, ки шайхулвақт ва фаридулъаср буд”.

Чунон ки аз таърихи рушди адаб медонем, дар замони Камол ғазал ба иртифоъи инкишоф расида буд. Бузургтарин падидаи ин аҳд девони Ўофиз буд. Як зумра шоироне чун Хоӣуи Кирмонӣ, Салмони Совайӣ, Имоди Фақеҳ, Носири Бухороӣ, Ассори Табрезӣ. МаҚрибӣ, Хаёлӣ ғазали ноб мегуфтанд. Вале

Камол беш аз ҳама ба Саъдӣ ва Ўофиз мутавайийеҳ будааст. Шайх Озарӣ ин ҳодисаро таъбир карда, аз ҷумла менависад" "ғазалҚўӣ ва ғазалхонӣ хоси машраби Мовароуннаҳр аст, ки латофату зарофат ва такаллуф дар калом ва ҳусни табиат чун сурат бар табъи мардуми он диёр Қолиб аст, чунончи лаъл андар Бадахшону дур аз Баҳрайн ва ақиқ аз Яман аст". Шояд ба ҳамин далел аст, ки Шайх Озарӣ дар бораи Камол бо муҳаббати хос сухан мегўяд. Вай дар "йавоҳир-ул-асрор" нозукиҳои ашъори Камолро мўшикофона санҷида, махсусан ба ташбеҳсозиҳои ў иътибор дода, вайро "адимулмислу нодиратуттавр" меномад. Яке аз он байтҳо, ки Шайх зикр мекунад. ин аст:

Он ду абрўи муқаввас ду камонанд баланд,

Ки ба сад қарн чунин турфа камон натвон сохт.

/Аълохон Афсаҳзод. ўазалҳои тари риндона. Садои Шарқ, 1996, № 9-12, с.81/.

Ақидаҳои интиқодии Камол дар боби шеър дар саҳифаҳои девони ў парешон аст. Моҳияти назари Камолро ба шеър, қабл аз ҳама, андешаҳои ў доир ба шеъраш ифода мекунад. Аз ин лиҳоз баётеро аз як қасидаи ў меоварем, ки сифати шеъри худи ўст:

Чун кўҳи Хуйанд омад ин шеър,

Бообу баландному маҳкам.

Аз ин байт бармеояд. ки Камол шеъри "бообу баландному маҳкам"-ро меписандидааст. Аз ҳамин мавқеъ вай арзиши навиштаҳояш ва манзалати худашро хуб шинохта будааст:

Ба лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол,

Бовар намекунанд, ки гўям: хуйандиям.

Ва ё:

Гар найўянд ба сад қарн наёбанд Камол,

Булбуле чун ту ғазалхон  ба чаманҳои Хуйанд.

Дар ҷои дигар Камол бо ифтихори тамом мегўяд:

Табъи ту Камол кимиёест,

К-аз вай сухани ту ҳамчу зар шуд.

Девони ту дӣ яке ҳамехонд,

Дидам, ки даҳон-ш пуршакар шуд.

Аз ғояти лутфу обдорӣ

Ўосид суханат шуниду тар шуд.

Камол дар қитъае ба сабки эҷодиаш ишора мекунад:

Чу девони Камол афтад ба дастат.

Навис аз шеъри ў, чандон ки хоҳӣ.

Хаёлоти Қарибу лутфи ҳарфаш,

Агар хоҳӣ, ки дарёбӣ камоҳӣ.

Зи ҳар лафзаш равон магзар чу хома,

Ба ҳар ҳарфе фурў рав чун сиёҳӣ.

Шеър барои Камол чизи муқаддам ва "фунуни шеъро фанни беҳтарин" аст. Аз ҳамин мавқеъ вай ба гузаштагонаш эҳтироми хос дорад. "Тарзи Ҳасан"-ро икрор ва лутфи Ўофизро меписандад. Эҷоди шеъри "бообу баландном" ба назари ў саҳл нест. Беш аз ин вай дар шеър маъниро муқаддам медонад. Тазйинкориҳои беҳударо намеписандад:

Сухан ҳаргиз тару рангин нагардад,

Ба заркорию йадвалҳои рангин.

Дар мақоми дигар аз шеъри Ўофиз ҳимоят ҷуста, шеъри худро бар эҷоди Имод тарҷеҳ мекунад:

Маро ҳаст аксар ғазал ҳафт байт,

Чу гуфтори Салмон нарафта зиёд.

Ки Ўофиз ҳамехонадаш дар Ироқ,

Буланду равон ҳамчу сабъи шидод.

Ба бунёд ҳар ҳафт чун осмон

К-аз ин ҷинс байте надорад Имод.

Ба ҳамин далел Абдураҳмони Ҷомӣ дар "Баҳористон" менигорад, ки "вай бар латофати сухан ва диққати маъонӣ ба мартабаест, ки беш аз он мутасаввир нест" /"Баҳористон, Д. 1966, с.107/.

Ўазрати Ҷомӣ Ўофизро “ЛисонулҚайб ва Тарҷумонуласрор” гуфтааст ва дар шарҳи ин ҳарфи хеш меафзояд: “басо асрори Қайбия ва маъонии ҳақиқа, дар кисвати сурат ва либоси маҷоз намуда” /Аз “Нафаҳот-ул-унс”-и Ҷомӣ. Дурдонаҳои наср, Душанбе, 1991, с.31/.

“ЛисонулҚайб” сифати шеъри Ўофиз аст. Ва худи Ўофизи малакутӣ низ шеърро ваҳйи илоҳӣ медонад. Бо ҳамин далел Ўофиз манзалати шеъри хешро бисёр хуб шинохта ва ба он арӣ додааст:

Зи шеъри Ўофизи Шероз мегўянду мерақсанд.

Сияҳчашмони кашмирию туркони Самарқандӣ.

Ва ё:

Ироқу Порс гирифтӣ ба шеъри хуш Ўофиз.

Биё, ки навбати БаҚдоду вақти Табрез аст.

Ўофиз арӣи суханашро шинохта, бо ин арзиш ва мақоми суханро таъйин мекунад. Вале ҳар гуна шеър писанди Ўофиз нест. Ў ошкоро бо Имди Фақеҳ инод мекунад, ки ин на аз рўи хусумату нотавонбинист, балки ин ҷо ў муддаъии далер ва бо далел аст. Ў ҷое, ки шеъри хуш аст, сухани ба арзиш аст, сар мегузорад. Аз ҳамин мавқеъ Саъдиро меписандад, “тарзи сухани Хоӣуро” иътироф мекунад, Салмонро низ ба қадр медонад.

Ва таъкид мекунад:

На ҳар к-ў нақши назме зад, каломаш дилпазир уфтод.

Тазаври турфа мегирам, ки чолокаст шоҳинам.

Агар бовар намедорӣ. рав аз суратгари Чин пурс,

Ки Монӣ нусха мехоҳад зи нўги килки мушкинам.

Ин ҷо назари сухансанҷии Ўофиз ошкор аст. Ин суханро шоире мегўяд, ки худ тазарфи турфа мегирад ва чолок аст шоҳинаш. Ва Мониро нусхабардори килки хеш мешиносад. Ўофиз ба ин маънӣ дар шеър ҳунарро хостор аст. Ба назари ў ҳар ки метавонад назм кунад, вале кам шоирест, ки дар “мақоми ҳайрат” шеър гўяд.

Шеъри Ўофиз ду рў дорад, яке зоҳир дигар ботин. Ва аксар дар рўзгори мо зоҳири шеъри Ўофиз мавриди таваҷҷўҳ буда, ки худи Ўофиз ҳеҷ

инро нахостааст. Ҳатто муҳаққиқини рӯзгори мо аз Ӯофизи малакутӣ “худоношинос”-у “даҳрӣ” сохтанд. Ӯофизро аз маслаки “риндӣ” берун оварданд ва ҳар ҷомае, ки хостанд, ба тани вай пӯшонданд. Шояд аз ҳамин тарс Ӯофиз гуфта буд.

Зи шеъри дилкаши Ӯофиз касе шавад огоҳ,

Ки лутфи табъу сухан гуфтани дарӣ донад.

Яъне ҳар касе ки “лутфи табъу сухан гуфтани дарӣ донад” ба қадри шеъри шоир метавонад расад. Аз ин лиҳоз шеъру шоирӣ низ барои Ӯофиз кори содда нест. Шеъру шоирӣ аз “ақлу фаҳму дониш” фароҳам меояд.

Ба ақлу фаҳму дониш доди сухан тавон дод,

Чун ҷамъ шуд маъонӣ, гӯёи баён тавон дод.

Ӯофиз шеъри худро “байтулғазали маърифат” медонад ва аз ин фазилати эҷодаш ифтихор дорад:

Шеъри Ӯофиз ҳама  байтулғазали маърифат аст.

Офарин бар нафаси дилкашу табъи суханаш.

Ва азамати шеъри Ӯофиз буд, ки муддаиёни дасткӯтоҳ ба ӯву шеъраш ъинодкорӣ мекарданд. Сангро баста сагро ҷониби ӯ сар медоданд. Ӯофиз фақат бо тири шеър муддаъиёнашро саркӯб карда ва дар ин мақом назари интиқодии хешро ба шеъру шоирӣ баён кардааст. Чунон ки ӯ мефармояд:

Ӯасад чӣ мебарӣ, эй сустназм, бар Ӯофиз?

Қабули хотиру лутфи сухан худодод аст.

Ҳамин фазилати шеъри Ӯофиз дар замони зинлдагиаш шеъри ӯро вирди забонҳо кард. Шоире. ки рисолати аслии шеърро мешинохт ва шеъри тар мегуфт, бо камоли боварӣ метавонист бигӯяд:

Тайи макон бубину замон дар сулуки шеър,

К-ин тифли якшаба раҳи садсола меравад.

Ва ин “раҳи садсола” шеъри ӯро куҷоҳо мебурд. худи Ӯофиз медонист, чунки ҳарфи ӯ Қайбӣ буд ва Қайб мерафт:

Ироқу Форс гирифтӣ ба шеъри хуш, Ӯофиз,

Биё, ки навбати БаҚдоду вақти Табрез аст.

Назари интиқодии Ўофизро ба шеъри қудамо ва муосиронаш як байти ӯ хеле равшан ифода мекунад:

Устоди ғазал Саъдӣ пеши ҳама кас, аммо,
Дорад Сухани Ўофиз тарзи сухани Хоӣу.

Ўофиз бо ҳама ибтикороте, ки дар ғазал карда, пешгоҳи худ Саъдиро "устоди ғазал" мегӯяд ва аз "тарзи сухани Хоӣу" ёд мекунад. Ва ба шеъри Салмони Соваӣӣ, ки низ аз муосирони ӯст, таваҷҷӯҳи хос дорад.

Ҷиҳати он ки назари ӯ ба шеър ва мақоми он равшан шавад, ҳиммати шоирии ӯро дарёбем, "тарзи сухани Хоӣу"-ро аз дидгоҳи ӯ бояд, ки шарҳ дод ва муносибати ӯро бо Салмон низ таъйин кард.

Назар ба қавли Сиддиқи Ҳасанхон, "Салмон бо Хоҷа Ўофизи ШеРозӣ салому паём дошт ва мусаввадоти ашъори худ мефиристод" /Сиддиқи Ҳасанхон. Шамъи анӣуман. Ўинд, 1298, с. 193/. Ўофиз дар шеъраш Салмонро бо иҳтиром ёд мекунад. Ва дар қитъае мартабаи шоирии Салмонро сутуда, ӯро "шаҳаншаҳи фузало" ва "подшоҳи мулки сухан" меномад:

Саромади фазалои замона донӣ кист?
Зи роҳи сидқу яқин, не зи роҳи кизбу гумон
-Шаҳаншаҳи фузало. подшоҳи мулки сухан,
ӣамоли миллату дин. хоҷаи ӣаҳон Салмон.

/Ниг. ӣашнномаи Ўофиз. Душанбе, 1971. с.126/.

Ин таваҷҷӯҳи Ўофиз ба шеъри Салмон, ки аз "роҳи сидқу яқин" воқеъ шуда, бедалел набуд. Ўанӯз Шайх Рукниддини Самсонӣ шеъри ӯро қадр карда гуфта буд, ки "ҳамчу анори Самнон ва шеъри Салмон дар ҳеҷ ҷо нест". /Давлатшоҳи Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро. Лондон, саҳ. 256/.

Алоқамандии Ўофизро ба шеъри Салмон, намунаҳое, ки дар девони ҳар ду шоир ба назар мерасад, собит менамояд. Шояд дар оғози эҷодиёташ бошад. таворуди сахте миёни шеъри Салмону Ўофиз ба назар мерасад. Чунончи:

Аз Салмон:

Моем баста дилро дар лаъли дилкушоят,

Боре ба ханда бикшо, то дил шавад кушода.

Аз Ҳофиз:

З-ин зуҳду порсоӣ бигрифт хотири ман,

Соқӣ, пиёлае деҳ, то дил шавад кушода.

Чунон ки равшан ба назар мерасад, миёни ин ду байт тафовути ҷиддие нест, ҳам дар тарзи ифода ва ҳам баёни маънӣ. Фақат ба ифодаи Шиблии Нӯъмонӣ “тавзеҳ ва таълили кушудани дил дар байти Салмон лафзан ва маънан зиёда равшан аст”. /Шиблии Нӯъмонӣ. Шеър-ул-Аҷам, ҷ.2. Теҳрон 1327, с.198/.

Дар мақоми қаробати осори Салмону Ҳофиз Шиблӣ таъкид мекунад, ки “рӯи ғазалҳои Салмон ҳам ғазалҳои зиёде мавҷуданд. ки дар онҳо низ ин қадар таворуд вуҷуд дорад. ки барои хонанда байни ин ду калом иштибоҳ шуда. наметавонад онҳоро аз ҳам тамиз бидиҳад”. /Шаблии Нӯъмонӣ, ҳамон ҷо, с.185/.

Яке аз сабабҳои ҳамоҳангӣ ва шабоҳати бемисли ашъори ин ду шоири бузургро Тақии Тафаззулӣ дар қаробати сабки шоирии онон мебинад, ки бешак, мулоҳизаи саҳеҳ аст: “Вале бештар аз ҳама,-таъкид мекунад ӯ,-сабки ғазалсароии Салмон наздик ба сабки Ҳофиз аст, ба ин тартиб, ки дар ғазалиёти Салмон ба баъзе истилоҳот ва таркибот бармехӯрем, ки онҳоро дар девони Хоҷа Ҳофиз низ меёбем. Ба ин тафовут, ки Хоҷа Ҳофиз он истилоҳот ва тарки ботро ба ҳадди камоли лутфи лафзу маънӣ расонидааст”. /Муқаддимаи девони Салмони Соваҷӣ, Теҳрон, 1336, саҳ. 27/. Ва Рашиди Ёсамӣ низ қоил аст, ки “...алфозу ҷумалот ва истилоҳоте. ки Ҳофиз ба дараҷаи камол расонидааст, дар ашъори Салмон низ дида мешавад, чунон ки гоҳе шахсе тасаввур мекунад ба мутолиаи девони Ҳофиз машғул аст” /Рашиди Ёсамӣ. Татаббӯъ ва интиқод ва аҳвол ва ашъори Салмони Соваҷӣ, бидуни соли нашр, саҳ. 107/.

Он чи баён шуд, чунин маънӣ надорад, ки мартабаи шеъри ин ду бузургвор якест. Ин ҷо мақсад ошкор сохтани назари Ҳофиз ба шеъри Салмон ва муносибати сареҳи ин ду шоир буд. Дар асл мақоми шеъри Салмону Ҳофиз хос ва мутафовит аст.

Дар асл ба суоле, “ки нутқи Ҳофиз беҳ, ё фасоҳати Салмон?” ҷавоб

хеле барвақт расида ва ин посух ба номи мустаъори Рӯҳи Аттор мансуб аст.

Рӯҳи Аттор нахуст Салмонро ҳам “ба баҳр мумтоз” мешиносад ва ҳам “ба лафзи дилкашу маънии бикру шеъри равон”. Дигар “таровати алфози йазли Ўофиз”-ро “ки шуд балоғати ӯ рашки чашмаи ҳайвон” дар баёни шаккарбори ӯ мебинад. Ва мегӯяд:

Яке ба гулшани назм аст савсани озод,
Яке ба боҚи латоиф чу лолаи Нӯъмон.
Яке мувофиқи табъи латиф ҳамчун ақл.
Яке муносиби йисми шариф ҳамчун ҷон.
Ўазор руҳ фидои дами чу Искои ин,
Ўазор ҷони кироми нисори гуфтаи он /Браун. Аз Саъди то Ҷоми. Тарҷума ва ҳавоши ба қалами АлиасҚар Ўикмат, Теҳрон, 1327, с.318-319/.

Чунон ки ишора рафт, худи Ўофиз иқрор аст, ки “дорад ғазали Ўофиз тарзи суханми Хойу”. Ва чи Ўофизро ба ин хулоса водошта? Қабл аз ҳама латофати “хоссаи ғазалиёти Хойу” ва маҳз ба ҳамин ваҷҳ “Хоҷа Ўофиз ба ихтиёри сабки ӯ дар каломи хеш ишора менамояд” /Браун. Аз Саъди то Ҷоми. Теҳрон, 1327. саҳ. 261/. Ин фазилати шеъри Хойуро ҳанӯз дар замони зиндагиаш Ҳамдуллоҳи Муставфи дар “Таърихи гузида” ёдрас карда, таъкид мекунад, ки “Хойуи Кирмони шеъри некӯ дорад...” /Таърихи гузида. Ландан. 1910, саҳ. 818/. Давлатшоҳи Самарқанди низ “фазли сабки” Хойуро зикр карда, менависад, ки “соҳиби фазл ва хушгӯи аст ва сухани фозилон ва бузургон дар фасоҳат ва балоғат беназир медоранд ва ӯро нахлбанди шуаро меноманд...” /Давлатшоҳи Самарқанди. Тазкират-уш-шуаро”. Нашри Браун. Лондон. 1901, саҳ. 249/. Дар “Тазкираи майхона” низ дар бораи Хойу омадааст: “Суханваре беназир ва нуктапарваре дилпазир аст, манзумоти он сипеҳри сарири нуктадони ва воридоти он маснаднишини маҳфили сухандони. Аксар рангин ва матин воқеъ шуда ва муосирони саромади он ягонаи замон ӯро нахлбанди шуаро гуфтаанд ва баъд аз ӯ низ ҳар замон ин хитобат бар ӯ мусаллам доштаанд”. /Тазкираи Майхона. Теҳрон. 1340. саҳ. 75/.

Сифати “нахлбандии шуаро” ба ў бе ваҷҳ нест. Воқеан ҳам ғазалиёти ў ба қавли Саид Нафисӣ “ ба сабкест миёни сабки Саъдӣ ва Ўофиз, чунон ки метавон гуфт сабки Ўофиз аз он ҷо берун омадааст”.

Чунин мулоҳизаи Муҳаммад Муин, ки Ўофиз бисёре аз ғазалиёти Хойуро “дар маънӣ ва сабк ва мазмуну вазн татаббўъ фармудааст ва худро дар ғазал аз мутобеъони ў донад” низ бо далел аст.

Худи осори Хойу ба Ўофиз имкон дод, ки тарзи ў писандад ва алҳақ, Хойу “дар ғазал ва маснавӣ соҳиби дасти қавӣ буда ва хусусан дар овардани мазомини ирфонӣ дар ғазал чирадаст ва дар ин роҳ пешвои Ўофиз аст ва Ўофиз худ ба тақаддуми вай дар ин ҷониб ва пайравӣ аз сабки ў мўътариф аст. (Забеҳулло сафо. Мухтасаре дар таърихи таҳаввули назм ва насри порсӣ дар адвори мухталифи адабӣ. Теҳрон, 1331, саҳ. 170/. Ва Хойуро низ муҳаққиқин дар шумори мўтақидони сабки Саъдӣ шинохтаанд. Вале муддаиёни Хойу. минҷумла Ўайдари ШеРозӣ пайравии Хойуро ба Саъӣ барҚалат, аз рўи хусумат сирқат эълрон карда ва дар ин боб ҳаҷвия низ навиштааст.

Мабар дар пеши шоир номи Хойу,

Ки ў дуздест аз девони Саъдӣ.

Ва боз:

Хойу - дузди кобулӣ аз шаҳри кирмон мерасад.

Мўрест ў дар шоирӣ назди Сулаймон мерасад.

Муносиьати Хойуро ба ин счанад муайян кардан душвор аст. Вале ҷавоби ўро ба муддаъиёнаш ҳамчун намунаи сареҳи нақди шоирона метавон иқтибос кард:

Хасми беоб агар инкор кунад табъи маро,

Оби дарё ба аройифи мумар кам нашавад.

йам, агар Аҳрамане санг занад бар ҷонам.

Қилвати лаъли Бадахшон ба ҳайар кам нашавад,

Душманам гар бигудозад зи ҳасад, гў: “бугдоз”,

йурми куффор ба таъзиби тақар кам нашавад.

Гар гиё хушкмизойӣ кунаду таъна занад,

БоҚро роиҳаи сунбули тар кам нашавад.

Чи Қам аз мунқасаби беҳунарон, з-он, ки ба хубе,

Рифъату рутбаи арбоби ҳунар кам нашавад.

Гарчи ҳаст аҳли хирадро хатар аз бехирадон,

Ўиддати хотири доно ба хатар кам нашавад.

Суханамро чи тафовут кунадаш шўриши хасм,

Ки ба ошўби магас нархи шакар кам нашавад.

Ҷавҳариро чӣ Қам аз таънаи ҳар муштарие,

Ки бад-ин қимати ёқуту гуҳар кам нашавад.

Макун андеша зи изои ҳасудон, Хоӣу,

Нутқи Исо ба вуҷуди дами хар кам нашавад.

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки "ғазалиёти Хоӣу мисли як гузаргоҳест дар рроҳи инкишофи ғазал аз Саъдӣ то ба Ўофиз" /Камол Айнӣ. Ўофиз ва "тарзи сухани Хоӣу". Дар маҷмўаи йашнномаи Ўофиз". Душанбе, 1971. саҳ. 98/. Ва мо мебинем, ки "Хоӣу дар ғазалҳои худ шеваи Саъдиро асос қарор дода ва он гоҳ онро бо афкори ирфонӣ даромехта ва равише эҷод кард. ки Ўофиз онро дунбол намуда комил сохтааст" /Забеҳулло Сафо. Ганӣи сухан. ҷилди дуввум, Теҳрон, саҳ. 202/.

Ҳангоми таҳқиқ ва қиёси ғазалиёти Ўофиз бо Хоӣу мо миёни баъзе байту мисраъҳои ин ду шоири тавоно шабоҳати тамомро мушоҳида кардем. Ин монандӣ нафақат дар истифодаи авзон, балки дар таъбиру ифодаҳо ва образҳои шеърӣ низ ба мушоҳида мерасад...

Яке аз муҳаққиқоне, ки асрори гуфтаи Ўофиз "тарзи сухани Хоӣу"-ро таҳқиқ кардааст, Шиблии Нўъмонист. Дар тадқиқоти ў на фақат абёти шабеҳи ин ду шоир зикр шудааст, балки бартарӣ ва заъфи каломи ҳам Хоӣу ва ҳам Ўофиз муайян шудааст.

Хоӣу мегўяд:

Гар шудем аз бода бадноми йаҳон тадбир чист?

Ҳамчунон рафтаст аз рўзи азал тақдирҳо.

Ўофиз мегўяд:

Дар хароботи муЌон мо низ ҳамдастон шавем.

К-ин чунин рафтаст аз рўзи азал тақдири мо.

Дар ин байт Ўофиз мисраъ дуввумро аз Хоїу айнан иқтибос кардааст. Дар мисраъи аввал, чунон ки Шиблї мегўяд, “Хоҷа мазмуни Хоїу ва низ алфози ўро дарҳам барҳам карда ва афсўс, ки ... онро беҳтар накардааст. Мисраи аввали Хоїу зиёда барїаста ва соф аст” /Ҳамон ҷо. саҳ. 189/.

Ва боз аз Хоїу:

Мо дили девона дар занїири зулфаш бастаем,

Эй басо оқил, ки шуд девонаи занїири мо.

Ўофиз мегўяд:

Ақл агар донад, ки дил дар банди зулфаш чун хуш аст,

Оқилон девона гарданд аз паи занїири мо.

Шиблии Нўъмонї менависад. ки мисраи аввали Хоїу зиёда соф ва равон аст, вале дар он як нуқтаи мисраи Ўофиз мавїуд нест: “модоме ки оқилон гирифтори ин занїир гаштаанд, гирифтор шудани девона хеҷ ҷои тааїїуб надорад. Зеро умуман девонагонро дар гузашта бо занїир мебастанд. Ба ҳамин ҷиҳат барои девонагии оқилон ҷиҳате, ки мақбул бошад, дар калом нест” /Ҳамон ҷо, саҳ. 190/.

Дар бисёр мавридҳо, чунон ки Шиблї низ таъкид мекунад тақрири Ўофиз таровати хоса пайдо мекунад:

Хоїу мегўяд:

Хирқа раҳни хонаи хаммор дорад пири мо,

Эй, ҳама риндон муриди пири соЌаргири мо,

Гар шудем аз бода бадноми їаҳон тадбир чист,

Ҳамчунин рафтаст аз рўзи азал тақдири мо.

Ўофиз мегўяд:

Дўш аз мосїид сўи майхона омад пири мо,

Чист, ёрони тариқат. баъд аз ин тадбири мо,

Дар хароботи муЌон мо низ ҳамдастон шавем,

К-ин чунин рафтаст аз рўзи азал тақдири мо.

Ин ҷо шубҳае нест, ки матлаи Хоҷа бар Хоӣу ҳам аз ҷиҳати лаҳну ҷозиба ва ҳам аз роҳи маъниофаринӣ афзалият дорад. аммо байти дуввуми Хоӣуро Ӯофиз бо андаке тағйир ба ғазали худ ворид кардааст, ки интиҳол аст.

Домани ин мавзӯъ васеъ аст ва бошад, ки муносибати Ӯофиз бо Хоӣу комилан муайян гардад. Аз санадҳо бармеояд, ки Ӯофиз пайрави оддии тарзи Хоӣу набудааст, балки дар татаббӯи ашъори Хоӣу роҳи тоза ва хоси худро дар таърихи адабиёт вазъ кардааст.

Асри XV дар таърихи афкори адабӣ ва интиқодии тоҷик давраи камол аст. Маҳз дар ҳамин аҳд нуқтаи назарҳо оид ба осори бадеӣ ба иртифои ҷамъбаст мерасанд ва ин давраро дар таърихи накд низ хеле муҳим ва сермаҳмул бояд шинохт. Ду шахсияти тавонои ин аҳд Ҳусайн Воизи Кошифӣ ва Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ аз саромадони улуми адабии ин давраанд.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ ҳамзамони Ҷомиву Навоӣ буд ва миёни ишон дӯстиву рафоқати шоиста низ барқарор будааст. Навоӣ дар “Маҷолис-ун-нафоис” дар бораи мақому манзалати Ҳусайн Воиз менависад: “Мавлоно Ҳусайн Воиз Кошифӣ тахаллус мекунад ва аз вилояти Сабзавор аст. Муддати бист сол аст, ки дар шаҳри Ӯирот мутаватин аст. Мавлоно бағоят зӯфунун ва пуркор воқеъ шуда ва кам фанне бошад, ки ӯро дар он дахле набошад. Ҳусайн ваъз ва иншо ва нуӣум, ки ҳаққи ӯст ва дар ҳар яке аз ин корҳое машҳур ва мутаайин вуқуфи тамоме дорад ва аз мусаннифоташ яке “ӣавоҳир-ут-тафсир” аст, ки ба сад ҷузъ наздик аст” /Навоӣ “Маҷолис-ун-навоис”, Теҳрон. 1340, саҳ. 206/. Ва Хондамир низ дар “Ӯабиб-ус-сияр” меоварад. ки “Воиз дар илми нуӣум ва иншо бемисли замони худ буд ва дар соири улум низ амсолу ақрон даъвобарорӣ менамуд. Бо овози хушу савти дилкаш ба амри вазъу насиҳат мепардохт...” /Хондамир “Ӯабиб-ус-сияр”, ӣ. III, ҷузъи 3, саҳ. 341/. Аз осори Ҳусайн Воиз муҳимтарин таълифоти ӯ “тафсири Ҳусайнӣ”, “Футуватномаи Султонӣ”, “Тафсири захровин”, “Рисолаи Ӯотамия”, “Бадоеъ ул-афкор ва саноеъ-ул-ашъор”, “Луби лубоби маснавӣ”-ю “Ахлоқӣи Мӯҳсинӣ”. “Анвори Суҳайлӣ”, “Мавоҳиб-ул-зуҳал”, “Лавомеӣ-ул-қамар”. “Махзан-ул-иншо” то мо расидаанд.

Муҳимтарин назариёти Ҳусайн Воиз доир ба шеър ва саноеъи шеърӣ дар рисолаи пурмӯҳтавои ӯ “Бадоеъ-ул-афкор” гирд омадаст. Дар ин рисола муҳаққиқ доир ба шеър ва моҳияту ағрози он мулоҳизоти ҷолибе баён дошааст, ки дар қиёси андешаҳои Родуёнӣ, Тӯсӣ ва Шамси Қайс тоза ва комил аст. Агар Ибни Сино, Шамси Қайс, Насириддини Тӯсӣ ва дигарон шеърро танҳо аз лиҳози “каломи мавзуну муқафо”, “мавзуну мухайял” будан тафовут дода бошанд, Ҳусайн Воиз онро “каломи мураттаби маънавӣ, мавзуни мутакаррар, мутасовии муштабеҳ-ул-охир” ва “мухайяли мавзун, муқаффо ма-ал-қасд” шинохтааст.

Дар рисолаи зикршуда муаллиф ҳангоми зикри саноеъи шеърӣ ҳусн ва қубҳи шеърро дар истифодаи саноеъ ошкор сохта, уюби шеъри шуароро дар ин боб нишон медиҳад.

Мулоҳизоти ӯ доир ба эҷоди бадеӣ, дар рисолаҳои дигари ӯ низ ба назар мерасад. Аз ҷумла андешаи ӯ доир ба мадҳу маддоҳон, ки дар “Футуватномаи Султонӣ” омадааст, аз назари сухансанҷӣ арзише дорад.

Ӯ ба мадҳгӯён мартабаи баланд медиҳад ва сабаби зуҳури ин навъи суханро ба “муҳаббати аҳли байт” вобаста медонад. ки ба назари ӯ “ҳар одамро лозим аст”. Зеро “касе ки касеро дӯст медорад, мебояд, ки доим зикри ӯ кунад ва ба ситоиши ӯ машғул шавад” /Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футуватномаи Султонӣ, Душанбе, 1991, с.96/. Муҳимтарин нуқта дар назариёти ӯ оид ба мадҳ ин аст, ки мадҳро ба назари ӯ “аз барои ғаразу йазо нахонанд”. Беш аз ин “дар мадҳ ба таърифу Қулув напардозанд”. Дар ин нукта ӯ бо Шамси Қайс, ки мадҳро фарохури ҳоли мамдӯҳ медонист, дар уруйи андеша бо ҳам мерасанд.

Чунон ки ишора рафт, дуввумин шахсияте, ки дар садаи XV дар таърихи адаби форсии тоҷикӣ хидмати шоён кардааст, Амир Бурҳониддин Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ мебошад. “Бадоеъ-ус-саноеъ”-ро аз муҳимтарин таълифоти Атоулло шинохтаанд. Хондамир ва Бобур ӯро соҳиби “Рисолаи қофия” низ донистаанд. Илова ба ин Атоулло ҳунари шоирӣ низ дошта, бо тахаллуси Ато, Атоӣ, Атоулло шеърҳо низ гуфтааст ва дар рисолаҳои зикршуда ӯ шеърҳояшро иқтибос кардааст.

Вале муҳимтарин таълифоти ӯ дар боби шеър ва нақди он ҳамоно "Бадоеъ-ус-саноеъ" аст ва Навоӣ гуфтааст, ки "маълум нест, ки дар ин фан ҳаргиз касе ба ин андоза китобе ҷомеъ ва муфид таълиф карда тавонад." Аз рӯи мушоҳидаву муқоиса дар "панӣ қарни пасин китобе ба дараӣаи "Бадоеъ-ус-саноеъ" ба майдон наомадааст. /Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ, Душанбе, 1974, саҳ.4. Минбаъд "Бадоеъ..." зикр мешавад.

Воқеан ҳам ин китоб арзиши фаровони интиқодӣ ва назарӣ дорад. Атоулло дар муқаддимаи китоб майли хешро дар шинохти муҳассаноти шеър таъкид карда, худро "бандаи маъбуди маънӣ" мешиносад ва дар сабаби таълими рисола овардааст, ки "дар бидояти ҳол ва замони фароҚатбол ин каминаро бит-табъ майли тамом ба назми матбӯъ ва каломи маснӯъ мебуд, ба он фан ишҚол менамуд" /"Бадоеъ...", саҳ. 3/. Вале ин шуҚли ӯро воқеъияти рӯзгор халалпазир месозад ва "бо мурури андак фурсатеву замоне ва убури андак вақтеву овоне ба сабаби балои иртикоби вофеъ, баъзе васавасаҳо ва ибтилои лавозими тадриси мадрасаҳо асли он майл мунъалам ва бинои он шуҚл мунҳидам шуд, чунончи солҳо мегузашт, ки хотир гирди ин кор намегашт ва баъзе аврақ, ки дар он боб навишта ва тартиб дода буд, зарравор дар завоёи байти насими абтару парешон ва аз гарду Қубори беиътиборӣ бо хок баробару яксон шуда бад" /"Бадоеъ...", саҳ. 3/.

Баъдтар бо таблиғи Алишер Навоӣ ба таълифи китоб давом мекунад ва дар сифати Навоӣ мувашшаҳе низ дорад, ки бо матлаи

Амони халқи ӣаҳону ӣаҳони фазлу ҳунар,
Мадори давлату мулку низоми миллату дин.-

оғоз мешавад.

"Бадоеъ-ус-саноеъ" муштамил аз муқаддима ва се боб буда, дар муқаддима муаллиф роҷеъ ба "усули илми арӯз" баҳс ба миён меорад ва зикри баҳрҳои арӯзие мекунад, ки хоси шеъри Аҷаму араб ва ҳамчунин муштарак будаанд.

Дар боби аввал ӯ шаст санъати бадеии лафзиро шарҳ медиҳад. Боби дуюм, ба ифодаи ӯ санъати дуюм "Дар баёни муҳассаноти маънавия" ном

дошта, моҳияти шасту панӣ саноеъи маънавиро баён мекунад. Боби сеюм “Дар муҳассаноти лафзия ва маънавия” унвон дошта, дар тафсири бисту ду санъати муштараки лафзиву маънавист.

Чунон ки аз мундариӣа бармеояд, Атоулло дар таърихи улуми бадеъ аввал касест, ки саноеъро ба гурӯҳҳо тақсимбандӣ карда, онҳоро ба лафзиву маънавӣ ҷудо кардааст. Чунин тарзи тақсимбандӣ дар асарҳои моқабли ӯ, монанди “Тарҷумон-ул-балоғат”-и Муҳаммад ибни Родуёнӣ, “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Рашидаддини Ватвот, “Ал-мӯъҷам фи маоъйири ашъор-ил-Аҷам”-и Шамси Қайси Розӣ ба назар намерасад.

“Бадоеъ-ус-саноеъ” бо хусусияти илмиву тадқиқотӣ ва махсусан ҷанбаи накдиаш аз асарҳое, ки қаблан дар улуми сегона таълиф шудаанд, тафовут дорад. Ҳангоми интиқод ва ё баҳсу мунозираҳо муаллиф қаблан бо асноду далелҳои дақиқ сару кор дорад. Атоулло қабл аз шарҳи комили ин ё он санъат нишонаҳои асосии онро ёдрас мекунад. Масалан, дар тафсири санъати тарсеъ менависад: “Тарсеъ-ба қавли аксари фусаҳои араб иборат аст аз он ки чун ду бахши каломро-хоҳ назму хоҳ наср мулоҳиза кунанд, ҳар лафзе аз ҳар бахш мусовӣ бошад бо лафзе, ки муқобили ӯст аз бахше дигар дар вазн ва мувофиқ бошад бо ӯ дар ҳарфи охирин ё мутақориб бошад. Ва баъзе аз ишон тақорубро низ шарт накардаанд”. “Бадоеъ...”, саҳ. 217/. Ин назари ӯ куллист, вале ҷои дигар чун ҳадаф адабиёти Аҷам аст, мегӯяд, ки “аммо пеши шуарои Аҷам мувофиқати алфоз дар ҳарфи охирин шарт аст. Ва мурод ба “ҳарфи охирин”-ҳарфи равист ва он чи ба манзалаи ӯст аз наср” /Бадоеъ..., саҳ. 217/. Зайли намуна байте меорад:

Зи рӯяш мунфаъил гулҳо фитода бӯстон дарҳам,
Ба кӯяш муттасил дилҳо кушода дӯстон хуррам.

Далели дигаре гувоҳи завқи салими муаллифи “Бадоеъ-ус-саноеъ” аст, ки вай ҳангоми нақли навъи дигари тарсеъ меоварад. Ва менависад, ки “агар риоят кунанд, ки алфоз дар ҳаракоту сукунот низ мувофиқ бошанд, дар ғояти латофат бошад, чунон ки байт:

Ба ӣафои рақиб додам тан,

Ба вафои ҳабиб шодам ман”   /”Бадоеъ-ус-саное...” саҳ. 217/.

Дар боби истифода аз санъати тарсеъ вай ибтикороти шуароро тафсир мекунад, писанд ё написандидаи онро ошкор месозад. Ҳамчунон ки байте аз Рӯдакӣ меовард;

Кас фиристод ба сар-андар иёр маро,

Ки: “Макун ёд ба шеър-андар бисёр маро”.

Ва таъкид мекунад, ки “мебояд донист, ки аз такрори робитаҳои мутлақо дар назму наср боке на... Ва инро арбоби ин фан аз қабили тарсеъ доштаанд ва аз ихтилофе дар вазн, ки ба ҷиҳати қофия бошад ҳам, боке нест...” /”Бадоеъ...” с. 218/.

Атолулло Маҳмуди Ҳусайнӣ дар баёни санъатҳои бадеӣ ва анвои он муфассал сухан ронда, ҳусну қубҳи онҳоро ҳангоми истифодаи шуаро нишон медиҳад. Масалан, ҳангоми тавсифи саҷъ ва навъҳои он зери сарлавҳаи “Фоида“ саҷъҳои сараву сақатро ҷудо кардааст. Аз ҷумла, “шароити ҳусни саҷъ чаҳор аст” мегӯяд ва нақл мекунад, ки “аввал он ки муфрадоти алфозаш писандида бувад; дуюм он ки таркибаш зоҳир-ул-маънӣ ва маҳкаму хушоянда бошад; сеюм он ки лафз тобеъи маънӣ бошад, на акс; чаҳорум он ки маъонии фикраҳо муқаррар набошад”; “ҳадди ӯ /саҷъ/ аз ду лафз аст ва ҳар фикрае то даҳ лафз”; “алфоз ҳарчанд камтар ҳусни саҷъ бештар” /”аъло маротиби саҷъ аз ҳайсияти тасовӣ ва тафовути фикраҳо он аст, ки фикраҳо баробар бошанд”; “binои саҷъ бар сукуни иъҷоз аст”, “саҷъ дар калом монанди хол аст бар рӯи маҳбуб. пас агар бисёр бошад, ҳусну латофатро мебарад”. Ин ҳама гувоҳи соҳиби завқи дарроки наққодӣ будани донишманд аст.

Назари Атоулло ба адабиёт дар ниҳояти вусъатнокӣ аст. Далели ин он аст, ки ҳангоми шарҳи таҷнис понздаҳ навъи онро бо бисту ҳафт истилоҳи мухталиф, тақрир мекунад. Ӯол он ки дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр”-и Ватвот фақат ҳафт навъи ин санъат тафсир шудааст.

Дар ду баҳсе, ки дар хотимаи “Бадоеъ-ус-саноеъ” меояд ва баҳси аввал ба ду қисмат мешавад, муаллиф дар боби “уюби роҷеъа ба лафз ва дигаре роҷеъа ба маънӣ” даҳ айби лафзиро /Танофур, Қароиб, мухолифи қиёс, заъфи

таълиф таъкиди лафзӣ, такрор, ихлол, таслим, тайниб ва тағйир/ баён медорад. Нахуст ӯ айби лафзиро нишон дода, сипас мисол мезанад: “Таслия он аст, ки дар назм лафзе оранд, ки мӯҳтоӣ бошанд ба он, ки кам кунанд, то вазн дуруст бошад. Ва кам кардани он чиз миёни шуаро шоеъ набошад”. Баъд байте аз Мансури Мантиқӣ меоварад:

Боз гирам зи ту, чунон ки надодам,

Сабр кунам сабру ҳарчи бодободам.

Дар тафсири ин мулоҳизаи Атоулло метавон афзуд, ки дар лафзи “бозгирам” ҳарфи “йо” сабук талаффуз карда шавад, ҳол он ки ин мухолифи табиати ҳарфи мазкур мебошад. Баъд ӯ истилоҳи “Таслим”-ро шарҳ дода, меафзояд, ки “Таслим дар луғат  рахна кардан аст ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст”.

Дар қисми дуюми “Баҳси аввал” Атоулло “уюби роҷеъия ба маънӣ”-ро шарҳ меҳад ва даҳ навъи машҳури онро нақл мекунад: шаъй. таноқис, имтиноъ, мухолифи урф, қалб-ул-маънӣ, такаллуф-ул-қофия, насх /интиҳол/, масх /иҚорат/, салх /илмом/ ва нақл. Дар шарҳи “имтиноъ” меоварад, ки “он аст, ки дар мадҳ ё дуъо ё ғайри он чандон муболоӣа кунанд, ки ба ҳадде расад, ки ақл онро маҳол шуморад, чунонки яке аз удабо гуфтааст, байт:

Ба тир чашми нобино сапеда пок бардорад,

Ки не дида биёзорад, на нобино хабар дорад.

Ва Аллома гуфта, ки “мумтанеъ он аст, ки мавӣуд нашавад, аммо мумкин бошад тасаввури он, чунон ки гӯянд:

То абад бош довари даврон!

Ва пеши банда ин аст, ки ин вақте аз қабили уюб аст, ки мурод маънии ҳақиқии он бошад. Аммо агар онро киноят доранд ва камол дар амре. мисли хубии тир андохтан дар мисоли аввал. ва ба умри дароз бо давлат будан- дар мисоли сонӣ - айб нест. Ва чӣ гуна айб бошад? Ўол он ки дар ашъори фусаҳои араб ва шуарои Аҷам, ки ҳама кас ишонро мусаллам медоранд. аз ин қабил бисёру бешумор ҳаст. Ҳар кас татабӯъ карда бошад. донад ва ҳар кас татаббӯъ накарда бошад, гӯ: татаббӯъ кун. Ва агар абнои замон бар сабили мукобира ва инод сухани фақирро қабул накунад, гӯ: мекунед! Ки маро рӯи

сухан ҷуз ба аҳли инсоф нест...” /”Бадоеъ...”, саҳ. 221/.

Дар назарияи шеършиносӣ ва нақди Атоулло таносуби лафзу маънӣ мақоми хос дорад. Ӯ ҳамбастагии лафзро бо маънӣ таъкид карда. маъниро ба лафз тасаллут медиҳад. Мулоҳизоти ӯ доир ба анвоъи шеъри пешини мо низ ҷолиб ва омӯзанда аст.

Дар “Баҳси дуюм”-и хотимаи асар, ки онро метавон чун фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ таъбир кард, муаллиф “Дар баёни маъонии баъзе алфози мутадовила миёни шуаро, ки мӯҳтоӣ ба баён аст” мулоҳизоти судманде баён доштааст. Дар ин қисмат истилоҳоти зиёди адабиётро, аз қабили ташбиб, насиб, ғазал, мусарраъ, муздаваӣ, муқаффо, муйаннаъ, тАҷаммеъ, буйт-ул-қасида, матбӯъ, мутакаллаф, хасӣ, йазолат, салосат, иртиҳол ва саҳли мумтанеъ тафсир мекунад.

Усули шарҳи истилоҳотро дар таърихи адаби форсӣ нахустин бор Рашиддадини Ватвот дар “Ҳадоиқ-ус-сеҳр” таҷриба кард ва Шамси Қайс дар “Ал-мӯъҷам...” онро тавсиъа бахшид. Атоулло дар ин ҷода аз гузаштагонаш пеш гузаштааст, яъне тафсири ӯ комилтару дақиқтар буда. аз лиҳози микдори луғат низ бартарӣ бар ӯст.

Ҷиҳати он ки ҳарфамон бо далел бошад, истилоҳи “матбӯъ”-ро ба назари Атоулло қазоват мекунем. “Матбӯъ,-менависад ӯ,-шеъреро гӯянд, ки бинои он бар вазни мақбули тибоъи салима ва қофияи дуруст ниҳода бошад ва алфози он хушояндаву мушҳур-ул-истеъмол бошад” ва таркиби он дарҳам, баставу латиф бошад; ва маъонии он мақбул бошаду забонзадаи мардум нашуда бошад” ва ҳар чи аз саноеъ дар он ба кор бурда бошанд, бар ваҷҳе камол бошад; ва дар фаҳми калому ҳусни адо ба воситаи он қусуре падид нашуда бошад; ва аз ҳарфу алфози зоида ва тағйири алфоз, ки қудамо ба ҷиҳати шеър зоид доштаанд, муарро бошад, монанди ин байти ҳазрати худованди корӣ, байт:

Оташин лаъле, ки тоӣ хусравонро зевар аст,

Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

Ва аксари абёти ин қасида ҳамчунин воқеъ шуда” /”Бадоеъ... с.222/.

Тафсири луғати истилоҳ аз ҷониби Атоулло пурвусъат буда, назари

сареъ ва сареҳи ӯро доир ба мавқеи сухан, устуворӣ ва таносуби лафзу маънӣ собит мекунад. Дар ин замина барои он ки ҳарфи бодалел гуфта бошем, шарҳи истилоҳи салисро ҳам аз ҷониби Рашидиддини Ватвот ва ҳам Атоулло месанҷем:

Нахуст Ватвот нақд мекунад: "Салосат нарм ва мунқод шудан бошад ва шуаро шеъри салис шеъри равоне матбӯъро хонанд ва гуфтаанд. Ва офати йазолат таассуф аст ва офати салосат ракокат:" /"Ўақоиқ-ус-сеҳр", саҳ. 222/.

Тафсири Атоулло Маҳмуди Ҳусайнӣ ин аст: "Салосат он аст, ки алфози шеър нозук бошаду таркиби он равону хушоянда, чунон ки дар ғазалҳои ҳазрати устоди хуйастафари Ҷомӣ ва Амир Шоҳӣ воқеъ шуда. Ва тариқи ғазалу маснавӣ ва қитъаи касиру рубоӣ ин аст. Ва он шеърро, ки алфозу таркиби он нозуку равон ва хушоянда бошад, салис мегӯянд. Ва гуфтаанд, ки офати салосат ракокат аст. Ва "салосат" дар луғат нарм шудан аст ва ваҷҳи тасмия зоҳир аст" /"Бадоеъ...", саҳ. 222/.

Тафсири Атоулло анбориш набуда, балки тозагии назар ва завқи сареҳу қареҳаи олимии ӯро собит мекунад.

Бо нашардошти мероси адабиву илмии садаи понздаҳ метавон хулоса кард, ки равияи назарии нақд дар ин аҳд ташаккул ёфта, ҳамчун шакли хоси ифодаи афкори адабиёт мавқеи устувор ёфт. Вале бо вуҷуди ташаккули он миёни ақидаи уламо дар шинохти аркони арӯз, зиҳофоти он, қофия ва аносири он мухолифати назар дар миён аст, ки ин масъала ва сабабҳои онро бояд муайян кард.

**МАҚОМИ ҶОМӢ**. Афкори интиқодии Ҷомӣ дар таърихи нақди тоҷик, хоса то асри XV ва ҳатто баъди он низ мақоми хос дорад. Ин гуна афкори ӯро мо ҳам дар рисолаҳои ҷудогона ва ҳам дар осори бадеии ӯ дучор меоем, ки аз назари вузъат ва моҳият беназиранд. Дар ин гуна арзёбиҳо Ҷомӣ аввал қадам шеър ва моҳияти онро муайян мекунад.

Мулоҳизоти Ҷомӣ дар таърифи шеър аз назари ҳукамо маншаъ

мегирад. Дар ин боб ӯ дар муқаддимаи равзаи ҳафтуми “Баҳористон” мегӯяд: “Шеър дар урфи қудамои ҳукамо каломест муаллиф аз муқаддимоти мухайяла, яъне аз шаъни он бошад, ки дар хаёли сомеъ андозад маъниеро, ки муӣиби иқбол бошад бар чизе ё иъроз аз чизе, хоҳ фи-нафсиҳи содиқ бошад ва хоҳ не ва хоҳ сомеъ эътиқоди сидқ дошта бошад ё не. Чунон ки гӯянд: хамр лаълест музоб ё ёқутест сайёл...” /Ҷомӣ. Баҳористон, Истамбул, 1285, саҳ. 72/.

Ин мулоҳизаи Ҷомӣ тақрири нисбатан комили андешаҳои ҳукамои гузашта оид ба шеър аст. Андешаи Ҷомӣ дар ин таъриф ба мулоҳизоти Насириддини Тӯсӣ хеле наздик аст. Вале дар ин таъриф мулоҳизоти Ҷомӣ оиди фазилати аслии шеър равшантар аст. “Муқаддамоти мухайяла” дар тафсири Ҷомӣ иборат аст аз сухани образнок. Чунон чи дар ҳамин таъриф ӯ майро /хамр/ ба лаъли гудохташуда /”Лаълест музоб”/ ва ё ёқути моеъ /”Ёқутест” сайёл”/ монанд мекунад ва ҳолатеро ба хонанда талқин мекунад, ки аз воқеият дур нест.

Андешаи Ҷомӣ дар дар ин боб аз назарияи Арасту сарчашма мегирад ва ба ақидаи Тӯсиву Шамси Қайс бисёр наздик аст. Ҷомӣ низ монанди пешгузаштагонаш қофияро аз аносири муҳимми шеър медонад. Вале муҳимтарин фазилати шеър ба назари ӯ мухайял будани он аст. Танҳо аз ҳамин мавқеъ вай миёни “каломи мавзун” ва “каломи мухайял” /сухани образнок/ фарқ мениҳад ва ҷое, ки ба нақди амалӣ даст мезанад, ашъори шуароро низ аз ҳамин дидгоҳ баррасӣ мекунад.

Дар ин боб Ҷомӣ аввал ақидаи ҳукамои гузаштаро баён медорад, сипас тафовути андешаи “мутааххирини ҳукамо”-ро тафсир мекунад, ки аз назари таърихияти инкишофи афкори танқидӣ хеле муҳим аст.

Ҷомӣ баъдтар назари хоси хешро оид ба шеър ва ағрози он баён мекунад ва ба сухан мақоми арӣманд медиҳад. Дар назари ӯ “ҳеҷ шоҳид чу сухан мавзун нест”. -Хоса вақте ки “пай бурдани дил” “сабр аз ӯ саъбу тасаллӯ мушкил” /Баҳористон, с.72/. Ва шеър ба назари ӯ он вақт дилпазир мешавад, ки “аз вазн ба бар хилъати ноз кунад”, “аз қофия домон-ш тироз”. Беш аз ин шеърро шароити дигаре низ ҳаст. Яъне “по ба халхоли радиф орояд” ва “бар ӣабин холи хаёл афзояд”:

Рух зи ташбеҳ диҳад йилва чу моҳ,

Бубарад ақли сад афтода зи роҳ.

Мӯ ба тайнис зи ҳам бишкофад,

Холи аз фарқ ду гесӯ бофад,

Лаб зи тарсеъ гуҳаррез кунад,

Зулфи мушкин гуҳаровез кунад.

Чашм аз иҳом кунад чашмакзан,

Фитна дар анйумани ваҳмфикан.

Ба сари чеҳра ниҳад зулфи маҷоз,

Шавад аз парда ҳақиқатпардоз. /”Баҳористон”, с. 72/.

Чунон ки ба назар мерасад. Ҷомӣ тахайюл ва бадеиётро дар шеър тавъам мебинад ва аз ҳамин мавқеъ миёни шеъри асил ва “сухани шеъргуна” фарқ мегузорад.

Ҷомӣ ба сухан арӣ медиҳад, онро “моддаи шеър” /Насириддини Тӯсӣ/ медонад. Аз ҳамин мавқеъ дар достони “Ўафт авранг”, дар муқаддимаи девонҳояш, дар ғазалиёту қитъаоташ суханро ситоиш мекунад. Ба назари ӯ сухан “самараи шайараи офариниш, балки шайараи самараи донишу биниш” аст:

Сухан з-осмонҳо фуруд омадаст,

Ба иқлими ҷонҳо фуруд омадаст.

Беш аз ин ӯ рисолати суханро дар он мебинад, ки “ба сухан зангҳо зудуда шавад, ба сухан бандҳо кушуда шавад”. Ва ё “бас гиреҳ к-афтад аз замона ба кор, ки намояд кушоданаш душвор”, аз сухан кушода шавад. Дар ин боб ӯ ба сухани мавзун арӣ медиҳад. /”Сухан мояи сеҳру афсун бувад. Ба тахсис вақте ки мавзун бувад/. Дар ҳамин равиш ӯ сухани мавзуни дилпазирро “осоиши ҷон” мешиносад ва ашъори каммояро “коҳиши дил” меҳисобад. Дар ин боб дар дафтари дуввуми “Силсилат-уз-заҳаб” овардааст:

Шеър чӣ бувад?-Навои мурҚи хирад,

Шеър чӣ бувад?-мисоли мулки абад.

Мешавад қадри мурҚ аз ӯ равшан,

Ки ба гулхан дар аст ё гулшан.

Ҷомӣ шеъреро меписандад, ки аз лиҳози мазмун “маҳкам” ва шаклан “дақиқу латиф” бошад. Маҳз ин гуна шеър метавонад йаҳон гирад:

Гар бувад лафзу маънияш бо ҳам,

Ин дақиқу латифу он маҳкам.

Ситти ӯ роҳи осмон гирад,

Номи шоир ҳама йаҳон гирад.

В-ар бувад аз табиати торик,

Маънии ӯ касифу лафз ракик,

Наравад аз бурути ӯ боло,

Пеши ришаш бимонад он коло.

Ва Ҷомӣ шеъреро меписандад, ки “чу чашмасори зулол аз укуди лал моломол” бошад. Нашавад оби ӯ ҳиҷоби гуҳар, балки гардад зи об тозаву тар. На чун он чашмаи гилолуда, ки дар ӯ қаъри об нанмуда, натавонӣ дар ӯ гуҳар ҷустан, бал к-аз ӯ даст боядат шустан. Лафзи ӯ тира маъниаш торик. раҳ ба маънӣ зи лафзи ӯ борик, то ба фикрат дарун наранҷонӣ, накунӣ фаҳми он ба осонӣ.”

Ҷомӣ шеъри соддаи зеборо меписандад ва ин маъниро ҳам дар “Баҳористон” ва ҳам осори дигараш ба такрор таъкид мекунад. Ин маъниро дар “Сабҳат-ул-аброр” тавсиъа бахшида, таъкид мекунад, агар бошадаш. “Лафз йаҳонгаштаву маънӣ-Қариб. лек на бегона зи фаҳми лабиб.” Беш аз ин вай қофияи мукаррарро дар шеър аз кӯтоҳиҳои ҳунари шоир мешуморад, вазни “сабуксанг”-ро қабул дорад, шеъри мутакаллифонро низ хуш надорад. Дар санъат риояти иътидолро аз суннатҳои шоирӣ медонад. Аз ин хотир “шоҳиди парварда ба сад иззу ноз беш ба машшота надорад ниёз”.

Дар баъзе мавридҳо мулоҳизоти Ҷомӣ оид ба шеър дар шакли дастур баён мешавад, ки арзиши амалӣ касб мекунад. Дар ин ҳол ӯ аз онҳое интиқод ба миён меорад, ки бӯқаламуне беш нестанд:

Айбҷӯӣ ҳунари худ кардӣ,

Айб нодида - яке сад кардӣ.

Гоҳ бар рост кашӣ хатти газоф,

Гоҳ бар вазн занӣ таъни зиҳоф.

Гоҳ бар қофия, к-он маълул аст,

Гоҳ бар лафз. ки номақбул аст.

Гоҳ нобурда сӯи маънӣ пай,

Хурда гирӣ зи таассуб бар вай.

Чун ту аз назми маонӣ дурӣ,

З-ин қабил ҳар чи кунӣ, маъзурӣ.

Чунон ки дидем, Ҷомӣ "нақди бемояро" зоҳирнамоии маҳз медонад, ки ин ақида арзиши амалӣ дорад. Ҷолиби таваҷҷӯҳ ин аст, ки газофагӯиро намеписандад. Дар ин мавқеъ вай ҷонибдори шеъри "дурусту рост" аст. Яъне дар қасида арӣ медиҳад. Усули шинохти ӯ ба Шамси Қайс, ки шеъри "фарохури ҳол"-ро афзал мешумурд, шабеҳ аст.

Ба санъат суханро, ки ростӣ,

Чӣ ҳосил, чу холист аз ростӣ?!

Аз ҳамин пояи тафаккур шоиронеро, ки "зи тори тамаъу пуди лоф" "бар қадди ҳар сифла" "хулабофӣ" мекунанд, сахт коҳиш мекунад. Ӯ тарафдор аст, ки шоири шеъри рост "лаимонро кариму сафеҳонро ҳалим" гӯяд. Ҳамчунин "онеро, ки шакли алифро нашиносад зи дол", сазо нест, ки "орифи оғозу азалу воқифи анҷому абад" донанд.

Дар замони Ҷомӣ бисёр шоирони тамаъкор рисолати воқеии шеърро нодида мегирифтанд. Манзалати қудсии шеърро паст карда, суханро хор медоштанд. Шеър барои ишон воситаи зиндагӣ буд, "қасидаи шукр"-и ишон ҷуз хоҳиши нафсонӣ чизе надошт. Агар Рӯдакӣ аз шукӯҳу йалоли Сомониён "Қасидаи шукр" /ўазойирӣ/ гуфта бошад, муосирони Ҷомӣ "ҳар сафеҳу ҳар лаим"-ро ба курсии иззат менишонданд, ки сазои онон набуд. Ҷомиро ин амал сахт дилшикаста карда буд. Ин ҳодиса сабаб шуд, ки ӯ нисбат ба шеъру шоирӣ ҳисси ошкорои бадбинӣ пайдо кунад. Ин ҳирфаро мазаммат

мекунад ва ҳатто ба фарзандаш насиҳат мекунад, ки ба шеъру шоирӣ дил набандад.

Ҷомӣ дами гуфтугӯ чу фуру банд дигар,
Дил шефтаи хаёл мапсанд дигар.
Дар шеър мадеҳ умри гаронмоя ба бод,
Ангор сияҳ шавад варақ чанд дигар.

Дар мақолоти бистуми "Тӯҳфат-ул-афкор" ҳангоми насиҳати фарзанди худ илқо мекунад, ки ба шеър шуҚл наварзад ва умри хеш вақфи илм созад.

Меҳнати ин кор ба худ раҳ мадеҳ,
Ранҷкашӣ дар талаби илм беҳ.

Ишорае рафт, ки сабаби нафрати Ҷомӣ ба шеъру шоирӣ воқеияти ҳаёти адабии замони шоир аст. Аслан шеър барои Ҷомӣ "надиму касбу дониш маъшуқ" буд ва "дафтар дафу килк най, сиёҳӣ - бода". Худи Ҷомӣ сабаби тайҚири назарро ба шеъру шоирӣ хеле возеҳ шарҳ медиҳад. Ба назари ӯ "шеър дар нафси хештан бад нест" ва "пеши аҳли дин ин сухан рад нест". Вале ин ҳама нафрати ӯро сабаб "хиссати шуракост" ва ҳама ранҷи ӯ "зи шарри ишон хост". Зеро ӯ хуб медонист, ки пеш аз ӯ "фозилони шеършиор касб кардӣ фазоили бисёр. Будӣ ороста ба фазлу ҳунар, будӣ озода аз фузулу сияр". Вале дар замони Ҷомӣ ӯ иқрор аст, ки аз чунин шоирон "ҷуз фасона намонд, ҷуз сухан дар миёна намонд". Ба суоли "Кист шоир кунун?" Ҷомӣ бо навмедӣ посух медиҳад: шоир мудбире беш нест, ки надонад зи йаҳл "ҳир" аз "бир". Накунад фарқ шеърро зи шаъир, роҳати хулдро зи ранҷи саир. Жож хояд, зарофат ангорад, чунин арза гӯяд - латифа пиндорад". Маҳз ба ваҷҳи чунин "хиссату ибром шеър мазмум" гашту "шоирон бадном".

Аз ин бармеояд, ки Ҷомӣ аз шеър, аз сухан, ки онро осмонӣ мешинохт нафрат накардааст, балки аз шоироне, ки "шеърро мзмум" кардаанд, ҳазар мекунад. Тири интиқоди ӯ маҳз ба сӯи ҳамин гуна "шоирони шеърбоф" равона шудааст. Дар ғазалу қитъаоташ, дар рисолаҳову достонҳояш ах ишон бо нафрат ёд мекунад, шеърашонро мазаммат мекунад, ҳунарашонро залил

мешиносад. Дар ин боб ҳаҷвияҳое низ гуфта. Махсусан дар “Баҳористон” доир ба ин масъала назари ӯ равшан аст.

Аз хунук шеъри хеш як мисраъ,
Гар кунӣ нақш бар дари дӯзах.
Аз йаҳаннам барад ҳарорати нор,
Дар ҳамин оварад бурудати ях.

Ва ё

Ҳамегуфтӣ ба даъвӣ ди, ки “бошад
Ба пеши шеъри азбам ангубин ҳеҷ”.
Зи ҳар ҷо ҷамъ кардӣ чанд байте,
Ба девонат набинам ғайр аз ин ҳеҷ.
Агар ҳар як ба ҷои худ равад боз,
Ба ҷуз коҚаз намонад бар замин ҳеҷ.

/Баҳористон, с. 69-70/.

Ин қитъаро шоир аз забони Соҳиб Аббод дар “Баҳористон” нақл мекунад. Чун шоиртароше пеши ӯ шеър меоварад, ки “ҳар байт аз девоне ва ҳар маънӣ зодаи табъи сухандоне”. Соҳиб инро мушоҳида мекунад ва мегӯяд: “аз барои мо айаб қатори шутур овардааст, ки агар касе маҳорашон бикушояд, ҳар як ба галаи дигар гирояд”. /Баҳористон, с. 70/. Дар ин баён назари Ҷомӣ ба сирқот низ ошкор аст.

Дар “Баҳорисон”, хоса дар равзаи ҳафтум назари Ҷомӣ оид ба шеър, аносири он ва шоирони мухталиф таҳлиливу пурмоя аст. Равзаи ҳафтум аз муқаддима ва қисмати асосӣ иборат аст. Дар муқаддима дар бораи шеър, анвоъ ва аносири он баҳс мекунад, ки дар фавқ аз ин боб ишора рафт. Ҳарфи ӯ дар бораи шоирон бодалел ва ифодагари назари интиқодии ӯст. Вай аз устод Рӯдакӣ то Алишер Навоӣ доир ба сиву нӯҳ нафар шоирони саршинос маълумот меоварад. Аз муълумоти Ҷомӣ ва намунаи ашъоре, ки ӯ меоварад. назари ӯ ба шеъри шоири мавсуф ва ҳатто /гоҳо/ зиндагии ӯ ошкор аст. Ҷиҳати намуна ахбори ӯро дар бораи Анварӣ нақл мекунем. Ҷомӣ меоварад, ки “ Анварӣ... ҳакиме комил ва фасеҳе фовил буд, ҳусни шеър ва лутфи назм шаммаест аз

улувви ҳоли ӯ ва холест аз йамоли ӯ. Суханони ӯ машҳур аст ва девони ӯ мастур. Аз латоифи ашъори вай як қитъа, ки мушъир аст ба насиҳати шуаро...” ва қитъаеро, ки бо байти

Дӣ маро шоираке гуфт: “ӯазал мегӯӣ?”

Гуфтам: “аз мадҳу ҳиҷо даст биафшондам ҳам”.-

оғоз мешавад. иқтибос мекунад. /Баҳористон. с. 81-82/.

Аз ин баёни Ҷомӣ бармеояд, ки дар асри XV девони Анварӣ, “мастур ва машҳур” будааст. Ва ҳатто аз ин қитъа бармеояд, ки Анварӣ аз “мадҳу ҳиҷо”, ки тӯшаи умри ӯ буд, дилгир шуда ва даст кашидааст. Ин маълумоти Ҷомӣ мухтасар бошад ҳам дар сарчашмаҳои дигар ба чашм намерасад.

Дар бораи шеъри Салмони Совайӣ сухан ронда, Ҷомӣ оид ба ду китоби маснавии вай хабар медиҳад: “...вайро ду китоби маснавист: яке, йамшеду Хуршед” ва дар он чандон такаллуф кардааст, ки онро аз чошнӣ берун бурдааст ва дигар “Фироқнома” ва он китобе бадеъ ва назме латиф аст” /Баҳористон, с.88-89/.

Назари ҷомӣ ба асноди таърихӣ дақиқ аст. Масалан, ҳамзамони ӯ Давлатшоҳ дар “Тазкират-уш-шуаро” маълумоти носаҳеҳро дар бораи “ба қалами Низомӣ Ганҷавӣ тааллуғ доштани достони “Вис ва Ромин” меоварад. Вале маълумоти Ҷомӣ дар ин боб саҳеҳ аст: “Фахрии йурҷонӣ аз амосил ва афозили рӯзгор аст мизони камол ва диққати шеъри вай китоби “Вис ва Ромин” аст ва он дар ин рӯзгор маҳзур ва ноёб” /Баҳористон, саҳ. 86/. Ҷомӣ ин ҷо саҳви Давлатшоҳро ислоҳ карда, фазилати достони “Вис ва Ромин”-ро таъйин мекунад.

Маълумоти Ҷомӣ дар бораи шоирон хеле мӯъйаз бошад ҳам, арзиши зиёди интиқодӣ дорад. Арзиши назари Ҷомӣ дар он аст, ки вай махсусиятҳои ашъори ин ё он шоирро аз рӯи мушоҳидаи худ баён мекунад, ки арзиши фаровон дорад. Масалан, вай дар бораи Ҳасани Деҳлавӣ чунон меоварад: “Вайро дар ғазал тариқи хос аст, аксар қофияҳои танг ва радифҳои Қариб ва баҳрҳои хушоянда, ки асли шеър, хоса дар ғазал мулоҳизаи инҳост,

ихтиёр кардааст. Лоҳарам, аз иҷтимоъи инҳо шеъри вайро ҳолате ҳосил омадааст, ки агарчи ба ҳасби назар осон менамояд, аммо дар гуфтан душвор аст ва лиҳозо ашъори вайро “саҳли мумтанеъ” гуфтаанд” /Баҳористон, саҳ. 90-91/. Дар ин тақрир Ҷомӣ нахуст тариқати Ҳасанро дар шоирӣ муайян мекунад, сониян, фазилати шеъри ӯ, камоли сухани ӯро ёдрас мекунад, ки гувоҳи равиши хоси Ҷомӣ дар нақди шеър аст. Маълумоти вай дар бораи Салмони Соваҷӣ низ ҷолиби диққат аст: “Салмони Соваҷӣ шоире фасеҳ ва сухангузоре балеҚ аст, дар салосати иборот ва диққати истиъорот беназир афтодааст. Дар ҷавоби устодон қасоид дорад ва баъзе аз асл хубтар ва баъзе фурӯтар ва баъзе баробар. Ва вайро маъонии хоса бисёр аст ва бисёр аз маонии устодонро. ба тахсис Камол Исмоил дар ашъори худ ирод карда ва чун он дар сурат хубтар ва услуб марҚубтар воқеъ шуда, маҳалли таъин ва маломат нест” /Баҳористон, с.85/.

Дар ин баён назари интиқодии Ҷомӣ ба шеъри Салмон равшан аст. Яъне ӯ тамаюли писандида ва ҳатто хоси хешро баён доштааст, ки барои омӯзиши осори Салмон кӯмаки амалӣ хоҳад расонд.

Ҷои дигар Ҷомӣ оид ба Алишер Навоӣ мулоҳизоти ҷолиб ва интиқодии хешро баён мекунад. Ӯ менигорад, ки “ва агарчи вайро /Навоиро-й.Ӯ./ ба ҳасаби табият вусъати қобилияти ҳар ду навъи шеър - туркӣ ва форсӣ муяссар аст, аммо майли табъи валӣ ба туркӣ аз форсӣ бештар аст ва азалиёти вай ба он забон аз понздаҳ ҳазор /байт/ зиёдат хоҳад буд. Маснавияте, ки дар муқобили “Хамса”-и Низомӣ вуқуф ёфта, ба сӣ ҳазор /байт/ наздик ва ҳамоно, ки ба он забон беш аз вай ва беҳ аз вай касе шеър нагуфтааст ва гавҳари нам насуфта. Ва аз ҷумлаи ашъори форсии вай аст қасидае. ки дар ҷавоби қасидаи Хусрави Деҳлавӣ. ки мусаммост ба “Дарёи аброр”, воқеъ ва муштамил аст бар бисёре аз маъонии дақиқа ва хаёлоти латифа ва матлааш ин аст. Матлаъ:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,

Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст: /Баҳористон, саҳ.93/.

Дар баъзе мавридҳо назари Ҷомӣ ба шеъри шуаро умумӣ бошад ҳам, вале аксаран ӯбарои муайян кардани мушаххасоти ашъори ин ё он шоир

мекӯшад, гоҳо шеъри онҳоро интиқод мекунад. Аз ҷумла назари ӯро ба шеъри Камоли Исмоил таваҷҷӯҳ кунед: “Вайро /Камоли Исмоилро - ӣ.Ӯ./ “Халлоқ-ул-маъонӣ” лақаб кардаанд, аз бас маъонии дақиқ. ки дар ашъори худ дарӣ кардааст ва ҳеҷ касро аз шуарои мутақаддим ва мутааххир он даст надода, ки вайро дода. Аммо муболоӣаи вай дар тадқиқи маъонӣ иборати вайро аз адди салосат ва равонӣ берун бурдааст” /Баҳористон, саҳ. 88/.

Ба шеъри Бисотии Самарқандӣ низ назари интиқодӣ дорад. аз ҷумла мегӯяд, ки “шеъри вай холӣ аз латофате нест, аммо, аз фазоили муктасаба бисёр орӣ будааст, чунонки аз ашъори вай зоҳир аст”. /Ҳамон ҷо, саҳ. 91/.

Усули дигари интиқоди Ҷомӣ дар қиёси осори ду шоир зоҳир мешавад. Чунончи Ҷомӣ доир ба осори Ӯофиз сухан гуфта, шеъри ӯро муқоиса бо осори Низорӣ арзёбӣ мекунад. “Аксар ашъори вай /Ӯофиз - ӣ.Ӯ./,-менигорад Ҷомӣ,-латиф ва матбӯъ аст ва баъзе қариб ба сарҳадди эъҷоз. ӯазалиёти вай нисбат ба ғазалиёти дигарон дар салосат ва равонӣ ҳукми қасоиди Заҳир дорад нисбат ба қасоиди дигарон. Салиқаи шеъри вай наздик аст ба салиқаи Низории Куҳистонӣ. Аммо дар шеъри Низорӣ Қассу самин бисёр аст бар хилофи шеъри вай /яъне шеъри Ӯофиз-ӣ.Ӯ./ ва чун дар ашъори вай асари такаллуф зоҳир нест, вайро “лисоннулҚайб” лақаб кардаанд” /Баҳористон, саҳ. 90/.

Дар ин баён Ҷомӣ фазилати шеъри Ӯофизро таъкид карда, онро аз лиҳози сабк ба шеъри Низорӣ муқоиса мекунад. Дар айни замон камбудиҳои шеъри Низориро сареҳан нишон медиҳад.

Мулоҳизоти интиқодии ӯ дар бораи Хусрави Деҳлавӣ низ ҷолиби диққат аст. Ӯ менависад, ки Хусрав “дар шеър мутафаннин аст ва қасида ва ғазал ва маснавиро варзида ва ҳамаро ба камол расонида ва татаббӯи Хоқонӣ мекунад. Ҳарчанд дар қасида бар вай нарасида, аммо ғазалро аз вай гузаронида. ӯазалҳои вай мақбули ҳама кас афтодааст. “Хамса”-и Низомиро кас беҳ аз вай ҷавоб накарда, барои он маснавиҳои дигар дорад, ҳама маснӯъ ва матбӯъ” /Баҳористон, саҳ. 88/.

Ҷомӣ аз шахсиятҳоест, ки ба шеъри асил ихлоси тамом дорад. Аз ҳамин мавқеъ вай ҳам ба мутақаддимин ва ҳам ба мутааххирини шуаро бо

назари эҳтиром менигарад. Ва бо ин шеъри онҳоро накди сареҳ мекунад. Андешаҳои ӯ оид ба шеъри Хоқонӣ, Низомӣ, Хусрав ва Ҳасани Деҳлавӣ чунин мавқеияти ӯро собит месозад.

Вай ҳангоми тақрири вазни шеър ба шеъри Хусрав аз ҳамин лиҳоз баҳо медиҳад. менигpад, ки “маснавии чаҳорум-”Сабҳат-ул-аброр” аст вазни он низ аз музоҳифоти рамали мусаддас аст: фоилотьун. фоилотун. фаълан. Ва устодон бар ин вазн маснавӣ нагуфтаанд, магар Хусрави Деҳлавӣ, ки дар китоби “Нӯҳ сипеҳр” бар ин вазн чанд байте гуфтааст ва ин вазн бағоят латиф ва матбӯъ аст” /Ўафт авранг. саҳ. 501/.

Доираи ақоиди интиқодии Ҷомӣ воқиан ҳам васеъ аст ва бешак, дар таърихи накди тоҷик мақоми хос дорад.

**ВОСИФӣ.**

Баъд аз Ҷомӣ дар таърихи адаби асрҳои миёна Зайниддин Маҳмуди Восифӣ чеҳраи дурахшон аст. Ӯ соли 890 ҳиҷрӣ /1485 мелодӣ/ дар Ўирот ба дунё омад. Падараш Абдуйалил олим ва адабдӯст буд. Шояд таъсири муҳити оилавӣ буд, ки Восифӣ аз хурдӣ шоир ва шеършинос шуд ва ҳатто “шеърҳои шоирони калонро танкидҳои маънидор мекард”. /С.Айнӣ. Куллиёт, ҷилди 13 Душанбе 1977, саҳ. 15. Минбаъд С.Айнӣ. Куллиёт меояд/.

Аз Восифӣ асари бузургҳайм ва пурмояи “Бадоеъ-ул-вақоеъ” то ба мо расидааст, ки асосан аз ёддоштҳои муаллиф иборат аст. Устод Айнӣ дар тавсифи асар фармуда. ки “муаллиф дар ин китоб аҳволи илмӣ, адабӣ, маданӣ ва ҷамъиятии замони худро инчунин ихтилофҳои сиёсӣ, динӣ, мазҳабӣ ва ҳам зиддиятҳои синфӣ ва аҳволи иқтисдии он замонро, гуфтан мумкин аст, ки ба воситаи он ёддоштҳо хеле пурра акс кунондааст. “Бадоеъ-ул-вақоеъ” хусусан дар нишон додани аҳволи илмӣ, адабӣ, савияи маданӣ ва зиддиятҳои он замонии Хуросон, Мовароуннаҳр, Туркистон ва қисман Ирон на танҳо оина, балки як лавҳаи тасвирест, ки он аҳволи таърихро ба назари хонанда пайдарҳам йилва мекунонад” /С.Айнӣ. Куллиёт, счаҳ. 20-21/.

Ёддошти Восифиро мо ҳамчун оинаи андеша ва афкори ӯ дар бораи таърихи фарҳанги асрҳои миёна метавонем пазирем. Аз ин китоби муфид

назари ўро ба шеър, усули интиқодӣ ўро метавон дарёфт. Ҳамчунин Восифӣ дар ин асараш роҷеъ ба лаҳазоти зиндагӣ, эҷодиёт ва мунозираҳои адабии шоирону олимони он замон маълумоти воқеӣ ва саҳеҳ меоварад.

“Бадоеъ-ул-вақоеъ” қабл аз ҳама асари ёддоштист. Вале дар ин асар Восифӣ бевосита ё бавосита доир ба шеъру шоирӣ, мақоми адабиёт дар замони зиндагиаш сухан меронад, балки санадҳо меоварад. Аз он чи Восифӣ накд мекунад, аввалан назари хоси интиқодии ўро метавон муайян кард, сониян равишти афкори адабии он замонро то дараӣае муайян кардан имконпазир аст.

Аз ёддоштҳо  бармеояд, ки Восифӣ аз хурдсолӣ табъи даррок дошта, назари хосе оид ба шеър доштааст, балки ў шеъри хубу бадро тамйиз мекардааст. Чунин назари хос ба ў имкон додааст, ки ҳангоми нақли воқиаве ҳодисаҳо ва сарнавишти ашхоси таърихӣ ҳолоти муҳимро аз ғайримуҳим тафовут диҳад. Зимни тасвири маҷлису мунозираҳо назари интихобии ў низ навъ накд аст. Ҳатто ҳангоми нақли фоҷиаҳои таърихӣ, монанди қатли Низомулмулк ва фарзандонаш навъи накди иҷтимоиро эҷод мекунад.

Дар оғози “Бадоеъ-ул-вақоеъ” Восифӣ ҳодисаи қатли Мўъминмирзоро нақл карда, сипас марсияхониҳои Гулхании Астарободӣ ва ўаввосӣ /ба қавли Восифӣ аз шоирони маъруфи вақт будааст/ ёд меоварад ва байтеро аз ўаввосӣ иқтибос мекунад:

Дило зи гардиши гардуни бемадор дареҚ,
На як дареҚ, ки ҳар соате ҳазор дареҚ!

Восифӣ боз ёд меоварад, ки “Гулханӣ чун ин матлаъро шунид, дар бадеҳа якчанд байти гуфтаи ўаввосиро ҳаҷв када ва баъд аз он ба ў гуфт:

-Эй мардаки хар, ту аз барои “фалак” марсия гуфтӣ, на аз барои шаҳзода!” /С.Айнӣ. куллиёт, с. 28/.

Аз ин ёддошт Восифӣ моҳияти назари интиқодии Гулханӣ ва ахлоқии муоширати ўро падид овардааст, ки зиёда омўзонда аст.

Поёнтар Восифӣ матлаъи марсияи Гулханиро меоварад, ки назари танқидӣ ва савқи зотии ў комилан ошкор аст:

Офтоби ман ба зери хоку ман шаб то саҳар,

Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бурун...

Чун ин матлаъро шунидаанд шоирон “фарёди таҳсин ва офаринро баланд кардаанд ва “аз замони Одам то ин дам ҳеҷ шоире ин гуна матлаъе нагуфтааст” гуфтаанд” /С.Айнӣ, Куллиёт, с.28/.

Вале Восифӣ, ки он вақт сездаҳ сол дошт, бемаънӣ будани ин гуна матлаъро пай мебарад. Чунин назари Восифиро Гулханӣ пай бурда, ӯро ба нашинохтани “латофати ин байт” муттаҳам месозад. Вале Восифӣ фавран бо камоли одоб посух медиҳад, ки “агарчи латофати байти Шуморо намедонам, аммо қабоҳаташро медонам”. Сипас, Восифӣ “қабоҳати байтро ошкор месозад”. Он чи Гулханӣ мегӯяд, “монанди он аст, ки гӯяд ман шаб то саҳар Қуръон мехонам, то офтоб барояд. Бар хуштаъбони соҳибақл пӯшида нест, ки ин гуна сухан бемаънӣ аст... Ин матлаъро ба ин навъ ислоҳ метавон кард:

Офтобам зери хоку шаб мани хунинӣигар,

Хок бар сар мекунам, то офтоб ояд бурун”. /С.Айнӣ, Куллиёт, с.28/.

Аз ин гуна нақд моҳияти назари интиқодии Восифӣ, ки муттакӣ ба мантиқ ва нақди маънавист, ошкор мегардад. ки хеле муҳим аст.

Аз мунозираҳои Восифӣ вуқуфи комили ӯ аз назария ва амалияи шеъру шоирӣ равшан ба назар мерасад. Ҳарчанд ин гуна мунозираҳои ӯро наметавон ба нақди фаннӣ маҳсуб кард, вале онҳо ҷанбаи амиқи илмӣ доранд, ки гувоҳи салоҳияти комили муаллифи ёддоштҳо дар боби назарияи шеър ва нақди он аст.

Восифӣ аз боби “мунозираи Восифӣ бо Хоҷа Юсуфи Маломатӣ” нақл мекунад, ки “дар ин миён шахсе, ки Тунӣ тахаллус дошт ва дар шеър дар ғояти забунӣ буд ва аз фақир дар бораи қавоид ва истилоҳоти шеър, аз арӯзу қофияву саноеъи шеърӣ чизҳо мепурсид ва аз саволҳояш комили нодонии ӯ зоҳир мегардид, дар бадеҳа ба ӯ гуфтам:

Эй ки ту “Тунӣ” тахаллус мекунӣ,

Шеърро аз мо тафаҳҳус мекунӣ!

Хоҷа дар роҳи ҳимояти “Тунӣ” ба ман хитоб карда гуфт:

Чун ту медонӣ, ки марде оӣиз аст,

Аз чи ин маънӣ таӣассум мекунӣ?

Ман бо шунидани ин мисраъ беихтиёр хандидам ва ба хоҷа гуфтам:

-Боракаллоҳ, карамҳо кардед!

Хоҷа дигаргун шуда ва аз рӯи эътироз ба ман гуфт:

-Чӣ кор воқеъ шуд. ки сабаби ин қадар хурсандӣ ва хандаи шумо гардид?

Гуфтам:-Эй Махдум! қофия Қалат шуд. Шумо дар ҷавоби байти ман, ки равиаш ҳарфи сод буд, дар равии байти худ ҳарфи син овардед. Дар миёни шоирон дар шеър айбе аз ин қавитар набошад". /С.Айнӣ. Куллиёт, саҳ. 172/.

Ин санадҳо аввалан завқи наққодии Восифиро собит кунад, сонияи савияи дониши ӯро дар шинохти маҳосини шеър, ба хусус маънӣ ва шакли саҳеҳи он муайян менамояд. Илова ба ин аз ҳикоятҳои Восифӣ завқи адабии муосирони ӯро метавон шинохт.

Яке аз шаклҳои ифодаи афкори наққодӣ барои Восифӣ гуфтани ҳаҷвияҳост. Дар ин равиш нақди ӯ бештар хусусияти арзёбӣ мегирад. Ӯ нафақат одамони шоиртарошро аз нигоҳи касбӣ мазоҳ мекунад, балки ҳамияти инсонии ононро низ зери шубҳа мегирад. Дар ҳамин равиш вай ҳаҷвияҳое мегӯяд, ки "он услуб аз фозилони гузашта" воқеъ нашуда ва он услуб "чунон аст, ки "дар зоҳир мадҳе бошад дар ғояти латофат ва тозагӣ ва дар ҳақиқат бо қоидаи муаммо ҳаҷве бошад дар ниҳояти фаҷоӣат ва бемазагӣ" /С.Айнӣ. Куллиёт. саҳ.173/.

Восифӣ бо усули "мадҳия"-и маънан ҳаҷвия" он шоиронеро. ки бадеҳаҳояшон " аз ҷиҳати шеърият паст" аст ва ҷуз "нуктапаронӣ" ба мусофирон мояе надорад, зери тозиёнаи танқид мегирад.

Аз нақлҳои Восифӣ савия ва мӯҳтавои нақди муҷолис ва мунозираҳои уламои давр "ошкор мегардад, ки далели завқи мардуми он рӯзгор аст. Аз ҷумла, Восифӣ қитъаи таърихиеро аз Мавлоно Исомуддин нақл карда, назари Мирро ба ин шеър ва ҳайсияти шоирии Мавлоно баён менамояд, ки хеле омӯзанда аст. Восифӣ мегӯяд: "чун шеъри мазкур ба мутолааи Мир расидааст,

ӯ бағоят мамнун ва масрур шуда гуфтааст: дер боз дар дили мо халоҷоне буд, ки нисбат ба ҳазрати Мавлавӣ аз тарафи ин фақир хизмате /ҳадяе/ воқеъ нашуд. Бо мутолааи ин шеър дили мо аз он андеша фароҚат ёфт /Яъне, ҳазрат ба ҳеҷ ҳадяе намеарзидаанд/".

Восифӣ аз байти /Лаҳо тоқун ва фиҳо суффатАйнӣ, Биваҷҳилҷидди салли ракъатАйнӣ/ сабки шеъри ҳазрати Мавлавиро пайравӣ карда, тақризи манзуме менависад, ки аз назари мӯҳтавои афкори танқидии ӯ ва тозаписандӣ ҷолиб аст. Восифӣ даъвоҳоеро, ки дар вақти мунозирааш Мавлавӣ бо уламо мекард ва ҳамчунин ҳангоми дарсгӯӣ ва ӯ зоҳир мешуд, аз забони худи ӯ адо намуда. қитъаи зерро менависад:

Манам, ки лайса ҳарифӣ касе ба баҳсу йадал,
Чи Бӯалӣ, чи Арастуву бал аз ӯ афзал.
Зи лонуссалими ман баҳр мунйамид гардад,
Чаро нашояд агар ҳам равад зи ҷой йабал?!
Ту маддаъои маро аз чӣ рӯ намоӣ манъ?
Магар зи забт димоҚи ту ёфтааст халал...
Ӯадими ишқ Исомӣ агар шудӣ ноқил,
Чи ҷои манъ, ки сиҳҳат шудӣ масун зи илал.

Устод Айнӣ дар рисолаи "Восифӣ ва хулосаи "Дадоеъ-ул-вақоеъ" маънии ин шеърро, ки бо истилоҳоти манозирачиёни мадраса эҷод шудааст, шарҳ медиҳад, ки ин ҷо иқтибос мекунем: "ман он касам, ки дар баҳсу мунозира ҳариф надорам. Хоҳ Бӯалӣ бошад, хоҳ Арасту ва хоҳ аз онҳо афзалтар бо ман мунозира карда наметавонад. Ҳар вақт ман "лонуссалим" гӯям баҳр ях мебандад. дар ин ҳол чаро мумкин нест, ки кӯҳ ҳам аз ҷо равад. Ту муддаои маро чаро рад ва инкор мекунӣ? Магар димоҚи ту аз девонагӣ халал ёфтааст? Агар ту ишқи Исомиро /яъне маро/ нақл кунӣ, чӣ ҷои рад, ки дурустии вай аз иллатҳо маҳфуз аст". /С.Айнӣ, Куллиёт, саҳ. 198/. Восифӣ бо ин шеър умуман аҳволи рӯҳияи мунозирачиёни мадрасаи куҳанро, хусусан хислатҳои махсуси Мавлоно Исомуддинро, ки аз номи вай навишта шудааст. пурра нишон додааст.

Устод Айнӣ бо далели дигар қавли Восифиро собит месозад. Вай

хабар медиҳад, ки Мавлоно Исомуддинро “Ўошияест” дар “Шарҳи Мулло”-и Абдураҳмони Ҷомӣ, ки мушореҳ дар он ҳошия ба фикрҳои Ҷомӣ ноҳақона муқобил мебарояд ва дар зимни баёни факрҳояш худситоиҳое, ки дар ин шеър аз забони ӯ гуфта шудааст, аёнан мекунад. Ҳатто дар як ҷо худро ба ҷои худо монда “ба хонандагон хитоб карда оятеро аз Қуръон иқтибос мекунад, ки мазмунаш ин аст. “Агар Шумо ба неъматҳои ман-фикрҳои ман шукр кунед. боз ҳам зиёда хоҳам кард”.

Дар заминаи далелҳои зиёд метавон собит кард, “Бадоеъ-ул-вақоеъ” ҷанбаи пурқуввати интиқодӣ дорад. Восифӣ чи аз забони худаш ва чи аз қавли иштирокдорони мунозираҳо аввал қадам ҳунармандонро аз беҳунар тамйиз медиҳад, сониян, ахлоқӣ ва ҳамияти инсонӣ ва хаёсияти шоирии афродро интиқод мекунад. ки дар ин равиш нақди ӯ пурмӯҳтаво буда. аз ин ҷиҳат то андозае аз нақди пешгузаштагонаш фарқ мекунад.

Мушовара ва назирагӯиҳоро низ дар “Бадоеъ-ӯл-вақоеъ” ба шумори навъи нақди завқӣ метавон ёд кард. Дар ин гуна маҷлисҳои унс завқи адабии муосирони Восифӣ ошкор мегардад. Ҳамчунин савқу савияи шеършиносии онҳо маълум мегардад. Махсусан назирагӯӣ навъе сабқати ҳунарист, ки тамйизи беҳ аз бад аст.

Довари бештарини ин гуна мунозираҳо Мир Алишери Навоӣ будааст. Восифӣ саҳнаеро нақл мекунад. ки бо амри Султон беҳин намунаи шеъри Ҷомӣ интихоб ва ба онҳо назира гуфтанро аз шуаро хостор мешавад. Ин мусобиқаро дар охир Навоӣ ҷамъбаст карда, ҳеҷ касро Қолиб намешиносад ва инъомро ба шоирони навхоста Ўилоливу Осафӣ тақдим медорад. Ин амал ба хотири он будааст, ки “он ду шоир /Ўилоливу Осафӣ-й.Ў./ узр овардаанд, ки ин ғазал чунон баланд аст, ки дар ҷавоби вай иқтидори мо намерасад”. Ин санад барои Навоӣ дастур медиҳад, ки завқи Ўилоливу Осафиро иътироф кунад. Ин ҳодисаро Навоӣ тафсир карда, мегӯяд, ки “ҳеҷ як аз шоироне, ки ҷавоб навиштаанд, муваффақият наёфтаанд. Ин ду ҷавон ҳарчанд ҷавоб нагуфтаанд, дар шеършиносӣ маҳорати бузурге нишон додаанд ва дараҷаи баландии ин ғазалро тақдир карда тавонистаанд” /С.Айнӣ, Куллиёт, саҳ. 248/.

Аз ин мунозира ҳодисаи дигар низ ошкор мегардад. Ҳангоми интихоби беҳин пораҳои шеъри Ҷомӣ Восифӣ ва Қатилӣ бехабар аз ҳам шеърҳои ҳаммонандро интихоб мекунанд. Ин ҳодиса далели савқу табъи мувозӣ доштани Восифӣ ва Катилӣ набуда, балки аз ашъори интихобшуда бармеояд. ки меъёри шинохти ашъори хуб ҳамоно муҳассаноти шеърӣ ва ашъори мурассаъ будааст. Дар ин равиш шеъри пуртакаллуфро низ дар он рӯзгор меписандидананд.

“Бадоеъ-ул-вақоеъ”-и Восифӣ илова ба ҷанбаи қавии интиқодӣ, ки қисман зикр кардем, арзиши фаровони илмиву адабӣ низ дорад. Восифӣ моро бо нақлҳои воизона ба муҳити дарбори салотини асри худ, ки аксаран ашхоси адабдӯст ва шоирпарвар будаанд раҳнамоӣ мекунад ва бо муҳити адабӣ ошно месозад. Доир ба ҳаёт ва эҷоди адбибони машҳуру номашҳур, монанди Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Гулханӣ, Ҳилоливу Осафии он вақт хеле ҷавон, Мавлоно Биноӣ, Котибӣ, Қатилӣ, Босавдоӣ ва даҳҳо фозилони он аҳд маълумоти муфид меоварад, ки арзиши фаровони илмиву адабӣ доранд

## 4-мавзӯи. *НАҚДИ АДАБӣ ДАР АСРӮОИ XVI-НИМАИ АВВАЛИ АСРИ XIX*

Дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Ирон дар натиҷаи йангу низоъҳои дохилию сулолаҳои Темуриёну Шайбониён ва Сафавиён ду давлати бузурги феодалӣ - Шайбониён ва Сафавиён ба вуҷуд омад. Бар асари чунин табаддулоти сиёсӣ адабиёти ягонаи форсу тоҷик асосан ба се ҳисса тақсим шуд ва тадриҷан эҷодиёти адибони сарзамини Ирон бо номи адабиёти форс ва Мовароуннаҳр тоҷик шӯҳрат ёфтанд. Дар ин ҳангом дар Ҳиндустон. махсусан пас аз таъсиси давлати Темуриёни Ҳинд забону адаби форсӣ ба тарзи хосе нашъунамо кард, ки минбаъд бо номи адабиёти форсизабонони Ҳинд машҳур гардид.

Аз ибтидои асри XVI ташаккул ва инкишофи ин се шохаи адабиёт, бо вуҷуди анъанаҳои беш аз панйасраи худ, ба вазъи ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ,

маънавӣ ва ҳатто муносибатҳои бо илму адаб доштаи сиёсатмадорони кишварҳои Мовароуннаҳру Ирон ва Ўиндустон алоқаманд гуштанд.

Бо вучуди ин адабиёти Хуросонро то солҳои панҷоҳуми асри XVI аз адабиёти Мовароуннаҳр ҷудо тасаввур кардан муҳол аст. Зеро ин адабиёт идомаи адабиёти форсии тоҷикӣ ва махсусан мактабҳои адабии Ўирот буда, сарнавишти он ҳам дар шакл ва ҳам мундариҷаву жанрҳо аз адабиёти ин марҳилаи тоҷик ногусастанист. Сониян, ин адабиётро муаллифони сарчашмаҳои адабию таърихӣ Восифӣ, Фахрии Ўиротӣ, Ўакимшоҳи Қазвинӣ, Соммирзои Сафавӣ ва Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ҷузъи ҷудонашавандаи адабиёти Мовароуннаҳр донистаанд.

Заминаҳои рушди афкори адабию танқидӣ дар ин давра ба махсусиятҳои аҳд вобаста аст. Мо назарҳои интиқодиро дар сарчашмаҳои адабӣ ва таърихӣ пайдо карда метавонем. Инчунин дар маҷлису маҳфилҳои адабӣ, ки дар ин сарчашмаҳо акс ёфтаанд, ҳусну қубҳи шеър, хусусиятҳои эҷоджиёти адибон мавриди муҳокима қарор гирифтаанд.

Дар ин замина муҳимтарин сарчашмаҳои адабии асри XVI-ро ном мебарем: ду тарҷумаи “Маҷолис-ун-нафоис”-и Навоӣ. ки аввал Фахрӣ ибни Султон Муҳаммади Амирӣ, машҳур ба Фахрии Ўиротӣ. сипас, муҳаммад Ўакимхони Қазвинӣ тарҷума кардаанд; “Ўабиб-ус-сияр” навиштаи Хондамир /1521-1551/; Восифӣ “Бадоеъ-ул-вақоеъ” /1517-1551, тазкираи Соммирзои Сафавӣ “Тўҳфаи Сомӣ” /1550/; “Музакир-ул-асҳоб”-и Хоҷа Ҳасани Нисорӣ /1566/; “Тазкират-уш-шуаро”-и Муҳаммад Мутрибӣ /1605-1606; “Тўҳфат-ус-сурур”-и Дарвешалии Чангӣ /1572-73/.

Инчунин дар омўзиши масъалаҳои муҳими адабиёти ин давр, махсусан нақду наққодӣ маълумоти “Ўафт иқлим”-и Амин Аҳмад, “Майхона”-и Абдунабии Фахруззамонӣ, “Хайр-ул-баён”-и Ҳусайн ибни ўиёсиддин, ”Тазкират-ут-таворих”-и Абдуллои Кобулӣ ва асарҳои таърихии “Шарафномаи Шоҳӣ”-и Ўофизи Таниш; “Мунтахаб-ут-таворих”-и Абдуқодири Бадоунӣ ва “Табақоти Акбарӣ”-и Хоҷа Низомиддини Аҳмад пурарзишанд.

“Бадоеъ-ул-ваќоеъ”-и Восифиро дар ваќташ устод Айнӣ ҳамчун сарчашмаи муҳимми адабӣ шинохта ва тафсир ҳам карда буд. Дар ин асар мо маълумоти фаровонеро доир ба эҷодиёт, шахсият ва аҳволи аҳли адаб пайдо карда метавонем. Ин асар доир ба ҳаёти маданиву адабии асри XVI маъхази бебаҳост.

Аз ин асар маълум мегардад, ки дар ин марҳала муҳимтарин хусусиятҳои мактаби адабии Ўирот давом дошт. Аҳли адаб дар мадрасаву масӣид, хонаҳои аҳли илму фазл, дўкони ҳунармандон, раставу бозорҳо бо баҳсу мунозира ва мусобиқаҳои адабӣ эҷод мекарданд.Дар бораи Биноӣ, Огаҳӣ маълумоти муфиде ҳаст, ки дар дигар сарчашмаҳо ба назар намерасад.

Аз ёддоштҳои Восифӣ аён мегардад, ки баъди ҳуӣуми шоҳ Исмоили Сафавӣ ба Ўирот аз Хуросон ба Мовароуннаҳр қариб 500 нафар аҳли фазл ҳиӣрат кардаанд. Дар бораи маҷлисҳои адабие, ки дар Самарқанд дар ҳавлии Хоҷа Амирхони Шоҳӣ барпо мегардид, маълумот медиҳад.

Аз ёддоштҳо бармеояд, ки дар Самарқанди аввалҳои асри XVI адабиёти доираҳои шаҳрии ҳунармандӣ нуфузи калон дошта, адабиёти дарборӣ ба дараӣаи нестӣ будааст. Аммо дар Бухоро бо сардории Убайдуллохон ва шайхулисломи ў Хоҷа Ўакимӣ адабиёти дарборӣ ба як қувваи тавонои идеологӣ табдил ёфтааст.

Дар ин аҳд чун охири асри XV аҳли адаб на танҳо дар дарбор, балки дар масӣиду мадрасаҳо, хонаҳои фозилон, дўкони ҳунармандон, растаю бозорҳо ҷамъ омада, баҳсу мунозираҳои адабӣ мекарданд. Чунончи, Восифӣ аз хусуси яке аз чунин маҷлисҳо маълумот медиҳад, ки соли 1580 дар масӣиди ҷомеъи Ўирот Осафӣ, Муҳаммади Бадахшӣ, Риёзии Турбатӣ, Ўилоли Аҳлӣ, Фазлӣ ва монанди инҳо ҷамъ омада будаанд ва дар боби шеъру шоирӣ баҳс кардаанд. Дар дўкони Амонӣ низ ҷамъомадҳои аҳли адаб барпо мегардад.

Дар асри XVI эҷодиёти шоирон аз ҷиҳати ғоя муқобили ҳам набуд. Вале баъди Қасби сафавиён маҳдуд мегардад. Аҳли қалам барои афкори озодиӣўӣ ӣазоҳои сахт мебинанд.

Чунончи, йамолиддини Огаҳӣ дар татаббӯи “Дарёи аброр” қасидаи фалсафие гуфта, ҳокими йаббори Ӯирот  Муиниддини Миколро таъна мезанад:

Чархи качрав бин, ки аз таъсири ӯ шаҳро чунин

Маскани ҷамъе парешонрӯзгори абтар аст.

Барои ин забони Огаҳиро мебуранд. “Дар ҳини қатли забон,- менависад Соммирзо,-ӯ ин матлаъро гуфта:

Чу лола йайби ман аз теҚи ёр Қарқа ба ба хун шуд,

Забон бурид чу шамъам, вале забона бурун шуд.

Ба гуфтаи Соммирзо шоир Аҳмади Табасӣ ҳокими Ӯирот ва атрофиёнашро ба тариқи шаҳрошӯб ҳаҷв мекунад ва дасти росту забонашро мебуранд. Шоир Замириро бо айби ночизе рӯяшро сиёҳ карда, ба сараш тахтакулоҳе пӯшонда, дар кӯчаҳои шаҳр давр мезанонанд. Ба гуфти Амин Аҳмади Розӣ чашми адиби барйаста Абулқосими Амириро кӯр мекунанд.

Восифӣ нақл мекунад, ки гумоштагони Сафавия Ӯофиз Зайниддиналиро бо айби суннӣ дар байни издиҳом бо шамшер пора мекунанд. Соммирзо хабар медиҳад, ки шоир Мониро ҳукуматдорон ба сабаби фошгӯиҳо нобуд месозанд. Ятимии Машҳадиро барои йасорати шоиронааш қатл мекунанд.

Риштаи умри бисёр адибон бо теҚи гурӯҳе бо номи “Нурбахшия” қатъ мегардад. Соммирзо аз амалиёти ин гурӯҳ бо эҳтиёт сухан меронад. Аз ишораҳои ӯ пайдост, ки ин тоифа пинҳонӣ амал мекардаанд. Чунончи, Соммирзо дар бораи йуръату бебокӣ ва фазилати Умедии Розӣ  /фав. 1519/ менависад. ки “... ҷамъе дар сари ӯ овехта ба қатлаш расониданд. Баъзе мардум нисбати ин амри шанеъ /зишт/, ба нурбахшия карданд. Ин муаллиф дар бораи Афзалии Номӣ низ мегӯяд, ки шоир дар овони ҷавонӣ ба муфоҷо /ҳамлаи ногаҳонӣ/ даргузашт. Мардумро гумон он буд, ки нурбахшия ӯро таслим кардаанд”.

Сафавиён қадру қимати адибро аз рӯи дар мавзӯъҳои мазҳабӣ эҷод кардани асар муайян мекарданд.

Дар афкори адабии ин аҳд муайян кардани майлу рағбати адибон ба ин ё он навъи адабӣ мавқеи муҳим дорад. Аз он бармеояд, ки Ўилолӣ, Ўотифӣ. Осафӣ. Низомиддини Низом, Биноӣ, Хоҷа Масъуди Қумӣ, Наргисӣ, ғайронӣ дар аксар жанрҳои маъмул устод буданд. Дар ғазал бештар Ўилолӣ, Бобо ФиҚонӣ, дар қасида Умедии Розӣ ва Аҳлии ШеРозӣ мақом доштаанд.

Соммирзо дар бораи Шайх Рубоии Машҳадӣ менависад, ки “ин шоир аз ақсоми шеър ба рубоӣ майли зиёд дорад ва бад-ин восита ўро Шайх Рубоӣ мегўянд”.

Дар ин ҳавза бо вуҷуди маҳдудият ҳаҷв низ ривоҷ дошт. Ўийагўён Мурод, Ҳусайнӣ, ғайрати ғайронӣ, Миралии Сиёҳ, Огаҳии Хуросонӣ - намояндаи адабиёти шаҳранд. Соммирзо аз мазмуни ашъори Мурод сухан гуфта: “бисёр бебок ва ба гуфтани ҳаҷв мубодарат /шитоб, кўшиш/ менамуд, ки овардани он Лоиқи сиёҳи ин аврoқ нест”.

### *ДОИРАИ АДАБИИ САМАРҚАНД*

Аз нимаи дуюми асри XV дар ин шаҳр нуфузи адабиёти доираҳои шаҳрию ҳунармандӣ зиёд гардид. Азбаски ҳукуматдорони давлати навбунёди Шайбонӣ -Фўлод Султон ва Абўсаид таҷрибаи ҷамъ кардани аҳли адабро надоштанд, онҳо асосан дар дўконҳо, мадрасаҳо, растаю бозор ҷамъ меомаданд. Дар нимаи аввали асри XVI 45 нафар аҳли қалам, аз ҷумла Орифи Саиди Ўалвоии Самарқандӣ, Фурўғии Самарқандӣ, Мавлоно Лиқоӣ, Мавлоно Рўҳӣ, Нодири Самарқандӣ, Девонаи Нишопурӣ, Фатҳуллоҳи Ўиротӣ, Нурии Нишопурӣ эҷод кардаанд.

Дар ин шаҳр Восифӣ, Девонаи Нишопурӣ фаъолият доштанд. Нисорӣ бо исботи фикраш аз эҷодити ин шоир ғазале меорад, ки он аз ҷиҳати услуб ба дарайаи андешаи аҳли шаҳр наздик аст.

Дар ошкор сохтани хусусияти адабиёти ин давраи Самарқанд маълумоти Восифӣ ҷолиб аст.

Дар маҷлиси адабӣ асосан иқтидори муаммогўии шоирон санҷида мешавад. Аз ин муаммогўиҳо аён меградад, ки дар нимаи якуми асри XVI

дар адабиёти Самарқанд муаммокушоӣ яке аз фазилатҳои аҳли адаб будааст.

Адабиёти дарборӣ аз равнақ монда, адабиёти ҳунармандӣ рӯ ба инкишоф буд.

Ба шаҳодати Мутрибӣ дар ин давр дар Самарқанд 104 нафар шоиру нависанда фаъолият доштанд: Амини Самарқандӣ, Муроди Самарқандӣ, Аршии Кошӣ, Нозимии Миёнколӣ, Фигории Самарқандӣ, Лавҳии ЯҚнобӣ, Назрии Бадахшонӣ аз ин ҷумла будаанд. Дар ин муҳит қасида хеле ривоҷ ёфта буд. Мутриб чунин санадҳоро нақл мекунад.

***ДАР БУХОРО.***

Дар ривоҷи доираи адабии Бухоро роли Убайдуллохон калон аст. Ба гуфти Фахрии Ӯиротӣ. вай “ба сӯҳбати шуаро” таваҷҷӯҳи калон дошт. Ба қавли Нисорӣ Убайдуллохон “маонии баландро дар иборати дилписанд адо мекард”. Бо тахаллуси Убайдӣ шеър мегуфт. Доираи адабии калонтарин буд. Ба қавли Нисорӣ “Маҷлисӣ, ки то ин вақт маддоҳи Бобур будааст, акнун Убайдуллохонро ситоиш менамудааст. Дар бораи маддоҳи дигар Қатилӣ мегӯяд, ки “дар гуфтани шеъри маснӯъ машҳур ва пурзӯр аст”. Ба табъи Убайдуллохон баробари қасдаҳои мадҳӣ шеърҳои маснӯъи душворфаҳм низ писанд меафтод. Нисорӣ чунин тамоюли завқии Убайдуллохонро зикр мекунад. Шахсан Убайдуллохон аз Восифӣ хоҳиш мекунад, ки шеърҳои маснӯъ, луғзу муаммо ва чистонҳои душворписанд гӯяд. Ва Восифӣ беш аз 80 луғзу муаммо гуфта.

Нисорӣ дар бораи Афсарӣ мегӯяд, ки “муддати мадид дар хидмати Убайдуллохон мебуда ва худро дар силки муқаррабон менамуд. Ашъори маснӯъи бисёре гуфта ва татаббӯъи девони Амир Қосим намуда”. Дар девони Амир Қосим ашъори маснӯъ ҷои асосӣ дорад.

Дар шеъри дарбории Бухоро аз ҳайси мазмун диққати шуаро асосан ба мадҳу ситоиши хони замон ва аз ҳайси шакл ба гуфтани ашъори маснӯъ нигаронида шудааст.

Нисорӣ дар бораи Моилӣ меовард: “дар сарроӣӣ /зингарӣ/ шӯҳрати

шаҳру нодираи даҳр буда... Ашъори рангин дорад ва ин ғазал аз суханони намакини ўст”.

Матлаъ: Ман зи Майнун дар тариқи ошиқӣ кам нестам.
ўояташ девонаву расвои олам нестам.

Дар бораи Дарвешӣ мегўяд: “Марди озодае буд, ба санъати тиргарӣ машғулӣ дошт. Табъаш рост ва баландпарвоз буд. Ҳар куҷо ба маънии рангин пай мебурд. Табъи латифаш ба “латифа моил буд ва аз худ бадоҳатан латифаи бисёр нақл мекард”.

Нисорӣ дар бораи Комӣ нақл мекард: “ба амали нассоӣӣ /бофанда/ машғул буд. Чун аз санъати нассоӣӣ халосӣ меёфт. ба китобати девони худ мешитофт ва ин ғазали ў машҳур аст, ки бисёр дардомезона гуфта”. Дар тазкира танҳо чор байт овардааст:

Зор нолам зи Қамат, гиряи бедод кунам,
Ба ки гўям ситамат, пеши ки фарёд кунам.
Эй хуш он дам, ки ту дар саҳни чаман хоб кунӣ,
Чун насим ояму рўи ту ба гул бод кунам.
Бо вуҷуди лаби ширини ту, эй роҳати ҷон,
Шаккари қанд чӣ бошад, ки аз ў ёд кунам.

Ин ғазал на танҳо “бисёр дардомезона гуфта” шудааст, аз ҷиҳати баён низ ҷолиб мебошад.

Дар давраи ҳукмронии Абдуллохон зиддиятҳои мазҳабӣ коҳиш ёфт ва ваҳдати нисбӣ фаро расид.

Дар афкори танқидии нимаи дуввуми асри XVI дар услуби адибон ду навъ баён таъкид ёфтааст. Дар тазкираи Мутрибӣ қайд шуда: яке тарзи матбўъ ва дигаре маснўъ.

Дар нимаи аввали асри XVI услуби матбўъ “мавқеъ дошт”. Аз ҷумла Мутрибӣ мегўяд: “ин гуна шеърҳо бо илҳоми саршор гуфта шуданд. /Ўилолӣ, Ўотифӣ, Аҳлии Хуросонӣ, Огаҳӣ, Наргисӣ, Миралии Сиёҳ, Ошиқии Хуросонӣ, Мансури Табрезӣ/. Дар ашъори ин шоирон ягонагии шаклу мазмун нигоҳ дошта шуда.

Тақрибан дар миёнаҳои аср гуфтани шеъри маснӯъ то рафт зиёдтар қувват мегирад.

Шоирон ба маъниофаринҳо ва мазмун диққат карда, аз таносуби комили шаклу мундариӣа бепарво буданд. Дар натиҷа дарки маънӣ душвор мешуд ва ҳатто маънӣ дар сояи шакл мемонд.

Зумрае аз шоирон ба ду услуб шеър мегуфтанд. Мутрибӣ дар зикри аҳволи Фаршии Самарқандӣ, Қозии Зоминӣ, Собири Тошкандӣ ва Содиқии Самарқандӣ сухан карда, ашъори матбӯъи онҳоро қадр мекунад, дар айни ҳол бештар ба гуфтани шеъри маснӯъ майл доштани онҳоро таъкид намояд.

Дар бораи Фаршӣ меоварад: "Дар ҳар ду қисм аз ақсоми шеър-матбӯъ ва маснӯъ табъаш диққат мекунад ва майли хотираш ба ашъори маснӯъ бештар аз матбӯъ менамояд". Аз санадҳо бармеояд, ки худи Мутрибӣ муқобили ҷараёни шаклпарастӣ будааст.

Дар ин аҳд ба ҷуз ин ду шакли баён боз як услуби тоза шакл мегирифт. Мутрибӣ дар услуби Ашкии Самарқандӣ менависад, ки "бештар ашъораш ба тарзи Ироқ-мутарроз /тироӣ ва зинаторанда/ аст. Яъне дар услуби ин шоир аломатҳои сабки ироқиро мебинад. Ин ҷо Мутрибӣ сабки маъмули ироқиро не, балки сабки тозаеро. ки аз миёнаҳои асри XVI аломатҳои худро зоҳир намуда, дертар бо унвони "ҳиндӣ" машҳур гардид, дар назар дорад.

Соммирзо дар бораи Ӯилолӣ мегӯяд: "Алқисса баъд аз қатъи манозил ва тайи дараҷоти хасоил ҳилоли омолаш ба сарҳади бадрият расид. Табъаш дар асолиби шеър ва ақсоми калом бағоят марҚуб ва дар қасидаву маснавӣ доди сухан дод".

Хондамир дар "Хулосат-ул-ахбор" /1491/ меоварад: "Мавлоно Ӯилолӣ дар назми ғазал бешубҳа бебадал аст. Лекин дар ин айём ... аксар авқоти худро ба таҳсили улум сарф мекунад:

Ӯилолӣ: Нақди ганӣинаи сухан ғазал аст,
Шукри борӣ, ки назми ман ғазал аст.

Он ки назми ғазал тавонад гуфт,
Маснавиро чу дур тавонад суфт.

х х х

Ганҷи ман агар равад ба Ганҷа,
Созад қадаме ба Ҳинд ранҷа.
Бахшад дури назми худ Низомӣ,
Хусрав диҳадаш хати Қуломӣ.

х х х

Ҳайф аст, ки номаҳои номӣ,
Гардад зи тамаъ хати Қуломӣ.

Дар асри XVII шеъру адаб дар муҳити шаҳр ривоҷ меёфт. Ҳолати нақди ин давраро аз тазкираи Малеҳои Самарқандӣ "Музаккир-ул-асҳоб" пай бурдан мумкин аст.

Дар муҳити берун аз дабор тараққӣ кардани адабиёт боиси ривоҷи сухан ва нақди шеър гардид. Аҳли адаб ашъори якдигарро мавриди муҳокима қарор медоданд, доир ба масъалаҳои гуногуни шеър баҳс ва изҳори ақида менамуданд. Бинобар ин Малеҳо аксар адибонро на танҳо ба сифати суханофарин, балки ҳамчун шеърфаҳму суханшинос зикр кардааст. Вай фаъолияти ноқидии ононро зикр карда, дар бораи Намии Балхӣ мегӯяд: "шеърфаҳмию шеъргӯиро пешаи худ дорад".

Дар зикри Самандархоҷа меоварад: "дар боби фаҳми сухан истеъдод дорад" Сомеъи Содот низ: "дар шеъру хатти фаҳми сухан" тавсиф мешавад. Мирқосими Котиб "дар ҳар боб, хусусан дар фаҳми сухан" табъи расо доштааст.

Мирзо Рашиди Заркӯб "дар суханфаҳмӣ машҳур" будааст. аз ин мулоҳизаҳои Малеҳо аён мегардад, ки дар асри XVII сухансанҷиву суханфаҳмӣ рушд карда, ба як соҳаи муҳими адабиёт табдил ётааст.

Чунин менамояд, ки бо нақди шеър бештар аз ҳам Сайидӣ таваҷҷӯҳ дошта, шӯҳрат доштааст. Ин нукта дар "Убайдуллонома" /Мир Муҳаммадамини Бухорӣ. "Убайдуллонома"/ равшан мегардад. Вай

Сайидоро “марди зарифи латифи сухансанҷ” меномад.

Малеҳо низ сухансанҷи борикбин буд, дар мушоираҳо ширкат варзида андешаҳои танқидии худро баён менамуд. Мулоҳизаҳои дар тазкирааш мисоли ин аст. Ин аз чигунагии хусусияти накд гувоҳӣ медиҳад.

Малеҳо дар мулҳақоти тазкира як қатор иродҳои худро ба шеър ва байтҳои ҷудогонаи суханварони гузашта ва муосир дарӣ кардааст.

Мулоҳизаҳои Малеҳо гувоҳ аст, ки ҳадафи баҳсҳо дар атрофи осори Хоҷа Осафӣ, Нозими Ҳиротӣ, Урфии ШеРозӣ, Соиби Табрезӣ, Шавкати Бухорӣ, Абӯтолиби Калим, Носиралии Ҳиндӣ, Масъуди Шафқат таъйини сабки нави шеър мебошад.

Малеҳо ашъори ин шоиронро фақат танқид накардааст. Вай ба байтҳои ҷудогона ирод гирифта, дар баробари ин иқтидори суханварӣ ва имтиёзи ашъори ононро таъкид мекунад.

Масалан ба Шавкат Таваҷҷӯҳ доштааст. Таҳти унвони “Имтиёзи шеъри урфӣ ва Нозим” як байти Урфиро аз маснавии ”Хусрав ва Ширин”

/Калиди ганҷи маънӣ деҳ ба дастам.

Вагарна мастам, инак дар шикастам/

ва як байти “Юсуф ва Зулайхо”-и Нозим

/Дари арши сухан бикшо ба рӯям,

Ки бар курсӣ нишинам ҳар чи гӯям/-ро оварда, аввал барҷастагӣ ва шӯҳрати онҳоро қайд мекунад. Маълум мешавад. ки ин ду байт дар байни аҳли Мовароуннаҳр шӯҳрат доштааст. Малеҳо низ ҳусн ва имтиёзи онҳоро қайд карда, вале ба мантиқи байти Урфӣ ироди ҷиддӣ мегирад: “Шубҳа он аст, ки /дар/ мисраи сонии байти аввал, ки гуфта: “Вагарна мастам, инак дар шикастам” гуфтан маст будан аз маи маънӣ менамояд. Касе ки аз маи маънӣ маст аст, калиди ганӣ аз баҳри чӣ металабад ва талабидан абас менамояд”.

Малеҳо ба байти фавқуззикри Урфӣ ирод нагирифта бошад ҳам дар мавриде аз “Юсуф ва Зулайхо” байте меорад:

Намудӣ тай ба як ҳай дашти айём,

Гузаштӣ чун пул аз дарё ба як гом.

“Роқими ин таҳрирро таҳаммул аст, агар дар гузаштан аз дарё шутурро ба пул ташбеҳ карда, Қалат менамояд. Пул аз дарё нагузашта, балки чун мардуми матлаъ монда ду пои ӯ дар тарафайн аст”. Ин ҷо ҳақ ба ҷониби Малеҳост, зеро аз дарё гузаштани шутурро, ки ҳаракату амалро мефаҳмонад, ба пули беҳаракат монанд кардан ташбеҳи ноқис аст.

Малеҳо унвони “Муноиша дар абёти Мавлоно Соиб” назари худро ба як байти ғазали Соиб баён мекунад:

Зи хокам сабза мерӯяд. зи хунам лола мейӯшад,

Баҳори гулшани хуниндилон ранги дигар дорад.

“Munoқиша он ки тафовут нametавон ёфт миёни баҳори хуниндилон ва баҳори мутаориф /воқеӣ/ ба ин тариқ ки дар баҳори мутаориф ҳамин ду ранг аст: яке сабзӣ аз ҷиҳати сабза ва дигаре сурхӣ ба сабаби лола ва гуфтан, ки “ранги дигар дорад” чӣ маънӣ дорад?”

Малеҳо Шавкати Бухориро аз шоирони пурқудрат ҳисоб карда, ба вай “халоқул маонии солис” лақаб дода дар се маврид ба шеъраш ирод ҳам гирифтааст, ки яке ин байт аст:

Дари шаҳри фано ба хок яксон буд аз пастӣ,

Паи дохил шудан чун шамъ дуздидам қади худро.

Ва мегӯяд, ки ”даре, ки вайрон ва бо хок яксон бошад, ҳоҷат ба паст шуда даромадан нест, чӣ ҳоҷат ба машаққати қади худро дуздидан бошад?”

Ҳамин тавр Малеҳо зиёда аз шонздаҳ ирод ба шеъри шоирон, аз қабили Калими Кошонӣ. Мирзо йалоли Асир, Низоми Астарободӣ, Хоҷа Осафӣ, Мир Атоӣ, Ӯаким. Носиралии Ӯиндӣ, Қосими Девонаи Нишопурӣ, Масъуд ибни Замонаи Заркаш мегирад. Аз тазкира бармеояд, ки Малеҳо аз ноқидони забардасти шеър будааст.

Нақли адабӣ дар асри XVII ҷиҳатҳои манфӣ ҳам доштааст. Баробари накди солим хӯрдагирӣ низ авӣ гирифта буд.

Яке аз устодони маъруфи сабки ҳиндӣ Шавкати Бухороӣ дар аввалҳои эҷодиёташ ба чунин танқиди ноҳақ ва инкори аҳли маҷлисҳои

адабӣ дучор гардида, бештар ба ҳамин сабаб йилои Ватан карда. Ба шаҳодати Малеҳо, Шавкат аз оғози фаъолияти адабӣ дар шеър ба тарзи нав, яъне дар пайравии сабки ҷадиди ҳиндӣ “фикрҳои дур-дур мекард”. Вале ҳамсӯҳбатонаш мункири шеъри ӯ буданд ва ӯро дузди шеъри Шавкати Ироқӣ медонистанд. Шоири дарбор Насими Маҳрам чунин даъво дошт.

Дигар шоири навпардоз Афсари Балхӣ низ дар аввали эҷодиёташ дар Самарқанд ба муқобилати баъзе шоирон дучор гардида, маӣбур шудааст, ки муддате худро аз майдони шеъру шоирӣ канора гирад. “Лекин сониюлҳол ба мартабаи зуҳур пайваст, ки шоири пуркор ва намакингуфтор будааст”.

Малеҳо низ аз қисмати тазкирааш аз “забони иътиРозӣ танқидгарони аз ҷодаи инсоф дуре, ки забонашон доим ба айб дароз аст”. сахт дар адеша афтодааст. Вай аз худо илтиҷо кардааст, ки осори ӯро аз “дастбурди Қоратгарони матои инсоф” нигоҳ дорад. Ин ташвиш бесабаб набуд ва дар мазамматий танқидгарони айбӣӯ шеъре низ эҷод кардааст.

Порае: Ӯақиқат надонанд аҳли маҷоз,
Ба айб аст доим забонашон дароз.
Мабодо ба айбаш даҳон во кунанд,
Бурун карда аз парда расво кунанд.
Яке гӯядаш: “Ин сухан гуфтаанд,
Ки пешиниён ин гуҳар суфтаанд.
Ки ин ҳарф сабти фалон сафҳа аст,
Ба халқи йаҳон ин сухан сабҳа аст”.
Дигар гӯядаш: “Ин сухан кӯтаҳ аст,
Тариқи дигар гуфта, карда беҳ аст”.
Тамаъ чун зи ислоҳи ишон шавад,
Агар “рост” созанд вайрон шавад.
Ба ҷузве дили худ тасаллӣ диҳанд,
Ба худ миннати фаҳми куллӣ диҳанд...
Зи инсоф орӣ ба ин ”мунсифон”
Ба сад лутф созад чу хотирнишон,

Гирифтам зи таъсираш аз ҷо раванд,
Ба худ н-омада дар шикасташ шаванд.
Ба ботин нишонанд, таҳсин кунанд,
Ба зоҳир бубинанд, нафрин кунанд.
Яке гӯядаш: “Нест ин бехалал”,
Дигар гӯядаш: “Ўаст зарбулмасал”
Яке гӯядаш: “к-ин фалон баста аст”,
Дигар гӯядаш: “к-ин на барӣаста аст”.
Яке гӯядаш: “омадам ин ба ёд,
Вале табъи ман кай ба онҳост шод?
Нашуд дилнишинам, зи бас суст буд,
Ки дар фикри сайди забардаст буд”.

Аз идомаи шеър пайдост, ки ин айбӣӯёни хурдагир ҳамон шоироне будаанд, ки ҳар яке худро дар шеър ва сухансанҷӣ ягонаи давр тасаввур намуда, аз Қурури ҷоҳилона ба наҳзанӣ ва инкори маҳсули эҷодии дигарон забондаРозӣ мекардаанд.

Малеҳо қадршиносӣ ва баҳои ҳақиқии осори худро чашм дорад. Вай тазкираро ба номи дӯстону шарикони ҳамкаломи худ таълиф карда. аз онҳо баҳои воқеии осорашро тақозо дорад. Ин маслиҳати адиби асри XVII имрӯз низ арзиши воқеӣ дорад.

Ақидаи Малеҳо дар бораи масъалаи баҳо додан ба осори адабӣ ва қадр кардани маҳсули меҳнати адиб қобили таваҷҷӯҳ мебошад. Ба назари ӯ санъаткор ба он умед дил хун карда, асармеофарад, ки боиси таҳсин шавад.

Чу соҳибсухан дил ба хун оварад,
Ба уммеди таҳсин бурун оварад.

Бо ёдрас кардани ин нукта мунаққид дар муносибат ба маҳсули эҷодии адиб иҳтиёткор ва дар баҳо додани он қадршинос буданро талқин мекунад. Умуман Малеҳо айбӣӯиро шеваи қосирон /норавоён/ ва ислоҳи хато, ё ба қавли муаллиф “рост сохтани каҷӣ”-ро ростону расоён ҳисоб мекунад ва дар тақвияти ин ақида байти зеринро оварда, тазкираро хатм

мекунад:

ўуломи ҳиммати он орифони бокарамам,

Ки як савоб бубинанду сад хато бахшанд.

Ин ҳама гувоҳ аст, ки Малеҳо вазифаи накдро дар ислоҳи камбудиҳои асар медид ва аз дўстону ноқидони сухан нисбат ба тазкирааш ҳамин гуна муносибатро чашм дошт.

Дар ин давра вазъи сиёсиву ичтимоии аморати Бухоро тамоман, бад шуд. Давраи мудҳиш ба замони ҳукмронии Абулфайзхони Аштархонӣ /1711-1747/ рост меояд.

Раӣабхон ном шахс қазоқҳои аз фишори қалмикҳо ба ин сарзамин омадаро бо худ гирифта, Самарқанду Миёнколот ва қисме аз туманҳои Бухороро ишҚол намуд. Дар натиҷа қаҳтии сахт рўй дод. Дар ин хусус Муҳаммад Яъқуб дар “Гулшан-ул-мулук”, менависад: “Он ӣамоа /қазоқҳо/ муддати ҳафт сол пай дар пай дар айни расидани зироат мобайни Самарқанду Бухороро талаф карданд. Дар Мовароуннаҳр қаҳтӣ шуд. Гўшти одам Қизои мардум буд. Мурдаро ба гўр намебурданд, мехўрданд. Ҳар кас ба ҳар ҷониб ватани худро гузошта рафтанд. Дар Бухоро ду гузар мардум монд ва дар Самарқанд аҳаде намонд”.

Абдулазими Сомӣ дар “Тўҳфаи шоҳӣ” ба ин маълумот илова намудааст: “Гўянд дар он вақт дар Самарқанд. ШоҳчуҚз ном қаландаре буд ва ғайр аз вай касе намонда, чунончи дар ин маънӣ гўянд.

Ба соли ҳазору саду чилу ҳашт,

Самарқанд гардид монанди дашт.

Ба ҷуз чуҚз он ҷо набуд одамӣ,

Ба ШаҳчуҚз мекард ў ҳамдамӣ.

Соли 1747 Муҳаммад Раҳимбӣ Абулфайзхонро ба қатл расонда, силсилаи Аштархониёнро хотима дод ва салтанати хонадони манғит барқарор гашт, ки он 170 сол давом кард.

Раҳимхон /1747-1758/.

Дониёл /1758-1785/

Амир Шоҳмурод /1785-1800/

Амир Ўайдар /1800-1827/

Амир Насрулло /1827-1860/

Дар адабиёти асри XVIII ва аввали асри XIX таълиф шудани тазкирае ҳоло маълум нест. Инро ба инқирози ҳаёти адабию маданӣ вобаста медонанд. Воқеан дар Осиёи Марказӣ пас аз таълифи тазкираи Қорӣ Раҳматуллои Возеҳ /”Тазкират-ул-аҳбоб” /1871/ дар зарфи қариб 160 сол тазкиранависӣ қатъ шуд.

Солҳои охир “Маҳзар-ул-мусаннифин” /1758-59/ ном асари Муҳаммадамин ибни Нурмуҳаммади Насафӣ пайдо гардид, ки барои омўхтани муҳити адабии Насаф, Бухоро, Самарқанд аҳамият дорад. Асосан асари таърихӣ буда. як боби он ба тарзи тазкира навишта шудааст. Адибони закрмешуда аз аҳли ҳунар Сафоӣ-кордгар, Мавлоно Абдулло-қоҚазфурўш, Устод қосим-камонгар, Шавқӣ-тиргар, Розӣ-котиб будаанд.

Аз солҳои 80-уми асри XVII дар доираи адабии Бухоро ва Қўқанд йунбиши адабӣ ба вуҷуд омад, ки дар Хўқанд бо номи Олимхон /1799-1809/, Умархон /1809-22/ Муҳаммадалихон /1822-1842/ алоқаманд аст. Дар ин ҷо бо фармони Умархон соли 1821 Фазлии Намангонӣ бо номи “Маҷмўаи шоирон” мунтахабе тартиб медиҳад. Дар он ашъор ва баъзе маълумоти тарҷумаҳолии шоирони дарбори Умархон ҷамъ омада /75 нафар/ ва намунаи ашъори шоирон ба иътибори жанрҳо тақсим шудааст. Фазлӣ бо зикри тарҷумаи ҳоли шоирон роҷеъ ба шеъри онҳо низ ақидаи худро баён кардааст. Ҳамчун вакили табақаи ҳукмрон ба шахсият ва эҷодиёти шоирони пешқадам бештар аз дари айбӣўию кунӣковиҳои ғаразмадона даромада ба шеъри онҳо баҳои нодуруст додааст. Дар ин хусус Н.Маъсумӣ навишта буд “Ў /Фазлӣ/ маддоҳи дарбор, мабдаи фитна дар байни адибон, шоирони озодфирро паст мезад. дар ҳаққи онҳо бадгўӣ мекард ва аз ин кори худ завқ мебурд”.

Аз ҷумла дар ҳаққи Махмур, Гулханӣ, Ўозиқ, Маъдан, ки аз шоирони пешқадам буданд, хеле бадгўиҳо кардааст. Бар хилофи иқтидори шоирии Гулханӣ мекўшад, ки мартабаи шоирии ўро паст нишон диҳад.

Бувад Гулханӣ шоири кӯҳсор,

Асоси суханҳои ӯ бемадор.

Муҳол аст аз шоирӣ дам занад,

Ба ин шева худро магар кам занад.

Ва боз:

Тамасхур ба шеъри вай оганда аст,

Ба гуфтори ӯ мӯҷиби ханда аст.

Ба эҷоди Махмур низ баҳои манфӣ медиҳад:

Чунон буд Махмури гулханпараст,

Мудом аз маю бангу кӯкнор маст.

Макун айби кӯкнору афюни ӯ,

Ки ин аст ҳар рӯз маъйуни ӯ.

Ба рӯзу ба шаб он чи имсол кард,

Дар ин як ғазал кашфи аҳвол кард.

Ва боз:

Хаёлоти Махмур бемарҳабост,

Ӯиҷоги Қайбат қалбошност.

Наёяд зи афъоли ӯ ғайри бад.

Бувад ҳарчи қавӣ номӯътамад.

Шикоят кунад аз ҳамин бисёр,

Зи махмурии нашъаи кӯкнор.

Бувад шеъри он кӯса аз лоҚарӣ,

Зи ороиши ришу сиблат барӣ.

Бо вуҷуди чунин яктарафагӣ ва ғаразнокӣ барои муайян кардани вазъи танқид ва махсусан донистани мубориза адибони равияи халқӣ ва иртиҷойии аввалҳои асри XIX сарчашмаи хуб аст. “Маҷмӯаи шоирон”-и Фазлии Намангонӣ барои муаллифи “Тӯҳфат-ул-аҳбоб” /Возеҳ/ дар навиштани шарҳи аҳволи шоирони тоҷикзабон ва дузабони муҳити адабии Хӯқанд маъхази мӯътамаде буд. Ба ин тариқ, дар асри XVIII ва ибтидои асри XIX оид ба адабиёти ин давр танҳо ҳамин ду манбаъ “Маҳзар-ул-

мусаннифин”-и Муҳаммадамини Насафӣ ва “Маҷмӯаи шоирон”-и Фазлии Намангонӣ дастраси аҳли таҳқиқ аст.

Возеҳ ва устод Айнӣ бо афсӯс таъкид намудаанд, ки аз ин давр чизе ки боиси бақои номи адибон гардад, боқӣ нест. Аз ҷумла, Айнӣ менависад: “Адибоне, ки дар ин давра гузаштаанд, осорашон дар пардаи ҳиҷоб аст”. Бо вуҷуди ин солҳои охир аз осори адабии ин давр миқдори зиёди мероси мансуру манзум ба даст омад, ки аз ривоҷи адабиёти тоҷик дар асри XVIII ва ибтидои асри XIX гувоҳӣ медиҳанд:

Сарчашмаҳо:

1/ Тазкираҳое, ки дар нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX таълиф шудаанд.

2/ Баёзҳое, ки дар асрҳои XVIII-XIX мураттаб шудаанд.

3/ Асарҳои таърихие, ки дар асри XIX таълиф ёфтаанд.

Дар бораи ҳолати адабии ин давра аз тазкираҳои Возеҳ “Тӯҳфат-ул-аҳбоб”, Мирсиддиқи Ўашмат “Тазкират-уш-шуарои мутаахирин”, Ўоӣӣ Неъматуллоҳи Мӯҳтарам “Тазкират-уш-шуаро” маводи зиёде пайдо кардан мумкин аст.

Возеҳ дар маълумоти худ натанҳо ба вазъи аҳвол, лаҳзаҳои зиндагӣ, таҳсили илм, завқу салиқаи шоирон, балки ба мундарийаю ғояи, ҷиҳатҳои бадеӣ ва гоҳо тозагии мазмуни ашъори онон диққат додааст.

Чунончӣ, дар бораи Муҳаммадшарифи Шавқии КаттақўрҚонӣ баробари маълумоти тайумаҳолӣ ба шеъраш низ ишора мекунад: “Марди хушсӯҳбт, неку- муҳовара буда, ашъораш ҳам дар ниҳояти зебоӣ ва дар илми луғат ҳам салиқаи тамом дошта”.

Дар бораи Матлаби Марвии Самарқандӣ мегӯяд: “Саҳеҳ-ул-фаҳм”, ҷадидулдатабъ. Татаббӯи ашъори салаф ва халаф бисёр карда... Ҳамагӣ манзумоташ мустаҳсан /некӯ/ ва ҳамвор ва соф аст. Мазмунҳои Қариб ирод намуда. Дар банду басти ашъор санъате ба кор бурда.

Мирзо Абдулазими Сомӣ дар “Миръот-ул-хаёл” /1904/ оид ба муҳиту маҳфилҳои адабии охирҳои асри XVIII /чунончи муҳити адабии

Ӯисор/ ва нимаи аввали асри XIX маълумоти пурқимате овардааст, ки дар дигар ҷо ба назар намерасад. Чунончи Сомӣ дар бораи ашъори “мушкбӯи” Қозӣ Саъдии  Моҳир, шоирони атрофи ӯ, китобхонаи Говкуш ва дар он ҷо ҷамъ омадани аҳли фазлу адаб маълумот овардааст:

Зи ширинкаломони мулки Бухор,
Яке буд машҳури аҳли диёр.
Мусаммо ба Қозӣ-Саъдӣ буд ӯ,
Ҳаме шеъри ӯ нофаи мушкбӯ:
Ба асри амири баҳодурнишон,
Саид мир Насруллоҳи комрон.
Шуда аз қазо адл омад ба шаҳр,
Зи дори шоҳи йаҳон ёфт баҳр.
Китобхонаи Говкушонро амир,
Ато кард бар он азимунназир.
Дар он ҷо шуда ҷамъ аҳли ҳунар
Фасоҳаткаломони донишасар.
Чу Мухтор - махдуми ширинкалом,
Тахаллус ба Афсаҳ ба назди авом.
йалолияи Ансаб, Саиду Мунир,
Масеҳову Фитрат, Дабири Касир.
Шарифхоҷаи Уйаки хушкалом
Ба ҳазлу латифа бароварда ном.
Дигар Осиву Афкари хушманд,
Зи аҳли фазоил дигар боз чанд.
Шабу рӯз бо ҳам мусоҳиб буданд
Ба иншову ашъор роҚиб буданд...
Зи бас ҷои хубони айём буд,
Кутубхона чун қасри Баҳром буд.

Дар тазкираи Возеҳ оид ба илму фазилати Саъдии Моҳир ва дар назди вай илми фароиз /як ҷузъи фиқҳ/ омӯхтани талабагони мадраса

маълумот ҳаст. Вале дар бораи ҳафт китобхонаи Говкушон ва ҷамъомадҳои адабӣ чизе гуфта нашудааст.

Аз баёзҳо низ тасаввуроте оид ба мутолиаи адабии Бухоро пайдо кардан мумкин аст. Аз китобҳои таълимӣ низ.

Сомӣ дар бораи Мирзо Содиқ менависад:

“Мирзо Содиқ ба зевари фазлу камол ороста ва ҳуллияи /либос/ דониш пироста, дабири хушқаламу зеборақам ва дар боби таҳрир дар асри худ алами рухсораи шоҳиди маониро хол ва дар равияи иншо бемисол буда”.

Дар осори таърихии Мирзоолими Тошкандӣ “Ансаб-ус-салотин фи таворих-ул-хавоқин” дар бораи йунайдуллои Ўозиқ маълумоте ҳаст, ки дар дигар сарчашмаҳо ба назар намерасад.

Амир Насрулло баъди дар Хўқанд қатли ом гузаронида ба Бухоро боз гаштан, аз ҷумла Ўозиқро ҳамроҳаш мегирад. Дар назди арки Бухоро ба Ўозиқ фармон медиҳад, ки дар бораи ин сафари бозафар мадҳия гўяд.

Мирзоолим менависад: “амир фармоиш қилди ким бизни бу сафари бозафар қилҚонимизга бир фард байт машқ қилиб бир нимнарсага айтинг дедилар. Дар ҳол бу байтни укурдилар, ким назми Ўозиқ:

Буридӣ бар қади худ аз маломат,
Либосе то ба домони қиёмат”.

Дар ин давра ҳаёти адабӣ дар се доира Бухоро, Хўқанд ва Хоразм ҷараён дошт. Адабиёт дар Хоразм асосан бо забони ўзбекӣ инкишоф меёфт. Дар Хўқанд аксари шоирон /Алишер, Акмал, Махмур, Гулханӣ, Нозим, Маъдан/ ба забони тоҷикию ўзбекӣ эҷод мекарданд.

Вазъи адабӣ дар Бухоро аз охири солҳои сийуми асри XVIII ба таназзули сахте дучор шуд. Таълими улуми дунявӣ аз байн рафт. Ҷаҳолат дар Бухоро авӣ гирифт.

Вале шоирон аз назм даст барнамедоштанд. Мирзо Содиқи Муншӣ бо иншонависии дарбор машғул буд. Ба гуфти Возеҳ девони худро дар 15 ҳазор байт тартиб дод: “Дар бадеҳагўиву латифасанҷӣ ва ҳозирҷавобӣ аз беназирони аҳд” буд.

Аз маъхазҳо бармеояд, ки миёни шоирон баҳсҳои пуршиддат давом доштааст. Шоирони маддоҳи дарбор тухми фитн мекоштанд. Бадгўиҳо мекарданд. Чунончи, Возеҳ дар бораи мадҳу сано ва ҳиҷогўиҳои Рамзӣ менависад: “Ва ўро ба фузалои он аҳл мусоӣироти ракика бисёр воқеъ шуда”. Ё ин ки ӣалолӣ шоири тавонои замон - ӣунайдуллои Ўозиқро ҳаҷв намуда. Азбаски Ўозиқ дар шеър аз Махдум ӣалолӣ баланд буд, рашки ў зиёд мешуд. Возеҳ ба сабаби дуруштӣ ҳаҷви ўро намеорад. Мегўяд, ки ҳаҷвияи ракика дар шаъри Ўозиқ муносиб набуда Ўозиқ ба ҷавоби ҳаҷви ӣалолӣ бо номи “Қасида дар ҷавоби ҳаҷви Мавлоно ӣалолӣ” эҷод намуд. Матлаъ ва ду байти охири қасида ин аст:

Дар гаҳи хотирам расад чу хаёли қасидаат,

Гардад дилам сиёҳ зи зуҚоли қасидаат.

Ай рўбаҳак, ба шери жаён панӣа мезанӣ,

Даркаш забон, ки нест маҷоли  қасидаат.

Ўозиқ чи ҳоҷат аст дарад пардаи туро,

Нафсат намуда рух зи камоли қасидаат.

Бо маддоҳию тамаллўқ ва ҳиҷою базлагўиҳо сазовори лутфу марҳамати “шоҳона” гардидани шоирони пастфитрату белаёқат гувоҳӣ медиҳад, ки зотан амирони манғит аз фазлу ҳунар дур будаанд.

Бар хилофи Бухоро адабиёт дар Хўқанд инкишоф ёфт. Хусусан дар аҳди Умархон /1809-1822/. Шоироне ба дарбор роҳ меёфтанд, ки “мақбули табъи амир” бошанд ва “ба радифи ашъори амир” шеър гўянд:

Умархон на танҳо ҳокими мутлақ, балки тамоми ихтиёри шоирони дарбор ба даст дошт:

Зи султон наронанд қалам беҷавоб,

Намонанд қадам ҷуз ба роҳи савоб-гуфта шоирони саройро таърйф кардани Фазлӣ бесабаб набудааст. аммо шоироне буданд. ки ба ҳаёт бо чашми хирад менигаристанд. Бинобар ин дар осори онҳо ба иборaи шоирони дарбор ба муҳити замон “ҳиҷогўию Қайбат” дида мешуд. Ба гуфти Фазлӣ ҳамон шоирон иътибор пайдо мекунад, ки бо амир “аз як ӣайб” сар

бароварда, дар шеър шаъну шавкати амирро ва марҳаматҳои ӯро ситоиш мекарданд.

Агар дар дарбори Манғитиёни Бухоро йалолӣ Ӯозиқро ҳиҷо карда бошад, дар Хӯқанд Махмур ва Гулханиро Фазлӣ ва пайравонаш маломат карданд.

Бинобар ин аксари шоирон аз касодии шеър ва аз равнақ мондани бозори шоирӣ шикоят мекунанд. Чунончи, инро аз як ишораи Носеҳи Хатлонӣ, ки дар аввали маснавии "Маҷлисафрӯз" овардааст, пай мебарем.

Назар кардам ба авзои замона,
Гирифта рағбати халқ аз миёна,
Ба назми Нозиму Толиб надидам
Ба Шавкат хотири Соиб надидам.
Харидорон зи "Унсур" гашта Бедил,
Ки ӯ таъсиромез аст мушкил,
Сухангӯяндаро чун шамъи маҷлис.
Кунад орӣ зи ҳар асбоб муфлис.
Ба дилҳо дарду Қам пайваста дар йанг,
Ҳама оинаҳо хобида дар занг.

Пас Носеҳ аз фазлу камоли Мирзо Содиқ, Миракҷони Аълам, Муҳаммадшарифи Мунисӣ, Дониши Хуйандӣ сухан меронад.

Яке з-онҳо ба фаҳму ақлу биниш,
Тахаллус дар баҳори назм Дониш.
Дар ақрон аз ҳама ӯ сарбаланд аст,
Мақоми аслии ӯ дар Хуйанд аст.

Баъд Носеҳ бо афсӯс мегӯяд:

Дуторе гар навозад кӯри бахшӣ,
Ҳама гӯянд ӯро "яхшӣ-яхшӣ".
Чи умеде зи абнои замона,
Намонда аз хирадмандӣ нишона.

Гуҳарҳои суханро ҳаст сарроф.

Ҳамон анқо, ки бошад ҷой дар қоф.

Бо вуҷуди ин ҳама беиътиноии ҳокимон дар шаҳру вилоятҳо маҳфил ва доираҳои адабӣ ривоҷ дошт. Махсусан дар Бухоро. Дар хонаи Муҳаммад Аминхоҷа мутахаллис ба Ишон, ба гуфти Возеҳ чанде аз аҳли фазл ва织 дониш ҷамъ омада... мунозира ва мушоира менамуданд ва мубоҳисаҳои ҳар навъ ашъор ва ҳикоёти рангин дар миён меафтод".

Ҷолиб аст, ки баҳсу мунозироти Ўозиқу Музтар ва шоирони дигар, мисли мунозироти шоирони маддоҳи дарборӣ /йалолӣ ва Рамзӣ/ ба худ ранги ракика нагирифта ҳама дар ҷодаи малоҳат ва қобили таҳсин будааст.

Зиёда аз ин Раҳматуллоҳи Музтар, Мансурхоҷаи Ансаб, Саъдиддини Моҳир, Ўозиқ дар ҷавоби якдигар ба сифати мусобиқаи адабӣ бо як вазну қофия ва радиф шеърҳо гуфтаанд. Мусобиқаи шоирони Бухоро аз дарбори Умархон фарқ дошт.

На аз осори танқидӣ, балки эҷодиёти шоирони ин давр аён меградад, ки омезиши ду сабк - сабки шоирони асри 13-14 ва ҳиндӣ. равияи бедилӣ ба назар мерасад.

Бисёре аз шоирони ин давр ба эҷодиёти нависандагони сабки ҳиндӣ /Урфӣ, Толиби Омулӣ, Соиб, Носиралӣ/ ошно буда, пайрави намудаанд.

Мирзо Содиқи Муншӣ ҳатто худро дар шеър аз Толиби Омулию Соиб кам намедонад. Ва мегўяд:

Дар иқлими сухан рўзе, ки будам Толиби маънӣ,

Зимоми ихтиёри мулки Омул буд дар дастам.

Возеҳ дар "Тўҳфат-ул-аҳбоб" аз услуби Содиқ сухан карда, мегўяд, ки ў шоири "бедилхаёлу соибмисол" буд.

Қонеъи Насафӣ /миёнаи а. XVIII/ ўро "Тўтии Омул" ҳисобида, орзу мекунад, ки ба ин шоирони Ўиндустон баробар шавад:

Қуввати шаҳбози фикри мо, ки бар чангул нишаст.

Хоҳиши сайде ба табъи тўтии Омул нишаст.

Шоирон Мирзо Олимҷон Ўасрат, Мирзо Атои Бухорӣ, Мирзо

Шухӣ муносибати худро ба ашъори шоирони Ўинд муайян кардаанд.

Ба сабки эҷоди шоирони ин давр ашъори шоирони асри XIII-XIV низ /Амир Хусрав, Ҳасан, Камоли Хўӣандӣ, Ўофиз/ нақш гузоштааст.

Аз ашъори Мирзо Содиқ маълум мешавад, ки ва қисме аз ғазалиёташро ба тарзи Хусрав, Ҳасан Камол, Ўофиз сурудааст:

Шона з-он зулфи парешон чу сухан мегўяд,

Сухан аввал-зи парешонии ман мегўяд.

Хусрави мулки сухан омада Содиқ чу Камол,

Ҳар чи гўяд, ҳама бар ваҷҳи Ҳасан мегўяд.

Дар байти сонӣ Хусрав ҷуз маънии шоҳ ишора ба Хусрави Деҳлавист. Ба ин ҷиҳат маънии “хусрави мулки сухан”-и Содиқ нисбат ба замонаш “Амир Хусрави дигар”-ро низ дорад.

Ўумулии Ургутӣ дар таърихи вафоти Мирзо Содиқ мегўяд:

Содиқ ба сухан, Ўумулӣ он хусрав буд,

К-аз ҳиндсипоҳӣ фатҳи Руму Рай кард.

Аксар шоирон ба Ўофиз пайравӣ карданд. Аз 14 мухаммаси содиқ 12 тоаш ба ғазали Ўофиз аст. Содиқ дар муҳаммасе бар газали Ўофиз -

Бибурд аз ман қарору тоқату ҳуш,

Бути сангиндилу симинбаногўш - худро фидои ин шоир ба қалам медиҳад.

Висолаш дилкушои туст, Ўофиз,

Гули рўяш сафои туст, Ўофиз.

Сари Содиқ фидои туст, Ўофиз.

Давои ту, давои туст Ўофиз,

Лаби нўшаш, лаби нўшаш, лаби нўш.

Мирзо Ато Ўофизро устоди бебадал ва ашъори ўро сармашқи эҷодиёташ қарор додааст.

Ато, зи марқади пир нури ў талаб кардам,

Ба рўҳи Ўофизи Шероз ҳам санохон бош!

Таъсири ашъори Ўофиз, образҳои ў дар ашъори Шўхии Хўӣандӣ,

ФориҚи Ўисорӣ, Парии Ўисорӣ низ мушоҳида  мешавад.

Зимнан бояд гуфт, ки ФориҚу Парӣ дар оғоз пайрави сабки ҳиндӣ ва услуби Бедил буданд. Вале ба тадриҷ пай бурданд, ки бо услуби Бедилӣ шеър гуфта бо Бедили бузург ҳампоя будан мушкил аст. Бинобар ин онҳо бо сабки соддаи шоирони асри XVII-XIV, хусусан Саъдӣ, Хусрав, Ўофиз шеър гуфтанро афзал донистанд. Ба ин маънӣ ин байтҳои ФориҚ ҷолиб аст:

Чанд созам шона машшота гесўи сухан,
Аз йунайду Шавкату Бедил маро нанг асту ор.
То ба назми Хусрави фаррухнишон бастам рақам.
Гашт мазмунҳо зи эҷози каломам ошкор.

Қонеъи Насафӣ ба сабки ҳиндӣ майли тамом дошта, пайрави Ўофиз ҳам буд. Вай доир ба мақоми фавқулоддаи Ўофиз дар ғазал иқрор аст:

Манам гадои тиҳидасти кишвари Ўофиз,
Ба ҷони хеш. қасам дорам аз дари Ўофиз.
Ба ҳар ки як сари мў дода девонаш,
Ки шабчароҚи хирад оби гавҳари Ўофиз.
Наёми чарх ба теҚаш, ки ҷои ҳила наёфт,
Супурд бар камари хок Ҷавҳари Ўофиз.

Қонеъи Насафӣ баробари дар сабки ҳиндию бедилӣ шеър гуфтан ба равияи Ўофиз - соддагўӣ рўй оварда будааст.

Ба ҳамин муносибат як мулоҳизаи устод Айнӣ, ки ба равияи пешгирифтаи шоирони пайрави Бедил дар нимаи асри XIX дахл дорад, бағоят ҷолиб аст: “Услуби Бедил ба сабаби душворфаҳмиаш қобилияти умумӣ шудан надошт... Бинобар  ин баъзе шоироне ҳам, ки услуби Бедилро бо муваффақият тақлид карда, намунаҳои дуруст дода буданд. дар охир аз ин роҳ баргашта ба оммафаҳм кардани асарҳои худ кўшиш намуданд”. Дар ҳамин ҷо устод ба ҳамсўҳбатонаш гуфтаҳои Аҳмади Дониш /Бедил пайҚамбар аст, мўъӣизаро дар ихтиёри пайҚамбар гузоштан даркор аст. Шумо Валӣ шуда каромат нишон диҳед ҳам мешавад/-ро оварда қайд мекунад, ки шояд “Таъсири ҳамин гуна сўҳбатҳо бошад... Сарир, Сират, Исо

баъд аз он ки умри ҷавониашонро ба тақлиди Бедил сарф кардаанд, дар пирӣ шеъри худро содда карданд”. /Айнӣ, Бедил, 1954, с. 108/.

***ТАЗКИРАЎО***

Яке аз сарчашмаҳои мўътабаре, ки доир ба ҳаёти адабии аҳд маълумоти саҳеҳ медиҳад ва ҷанбаи наққодӣ дорад. тазкираи Ҳасани Нисорӣ “Музаккир-ул-аҳбоб” аст. Муаллифи ин тазкира Сайид Баҳоуддин Ҳасани Нисорӣ /Бухорой/ аз фузалои аҳди шонздаҳи тоҷик буда, номи ў тавассути тазкирааш зинда аст.

Нисорӣ “Музаккир-ул-асҳоб”-ро соли 1566 дар Бухоро таълиф намуда. дар он роҷеъ ба аҳволу ашъори адибони муосираш маълумот додааст. Ин тазкира аз муқаддима, чор боб ва хотима иборат буда, дар он алоқаҳои адабии Мовароуннаҳру Хуросон ва Ўиндустон маълумоти пурарзише ба назар мерасад. Ҳамчунин ин асарро чун сарчашмаи муҳимми адабӣ ва намунаи насри аҳди XVI пурарзиш аст.

Дар он мулоҳизоти судманде доир ба эҷоди шуаро ба назар мерасад. Ҳамчунин назари интиқодии муаллифро доир ба мероси адабӣ аз тазкира метавон ташхис кард.

Масалан, Нисорӣ дар зикри Мавлоно Фазоӣ овардааст. ки вай “бисёр хушсўҳбат буду бо тавозўъ ва дар мулозимоти Убайдуллохон тақаррубе дошт. Ашъори форсӣ ва туркиаш бисёр хуб аст. Маснавии “Нозу Ниёз” ном гуфта... Ва ин ғазалро бисёр хуб гуфта. Матлаи ғазал:

Хушдори йаҳон будан ба савдояш намеарзад,<br>Мусаххар кардани олам ба Қавғояш намеарзад.

/Ҳасани Нисорӣ. “Музаккир-ул-аҳбоб”. Дар китоби “Дурдонаҳои наср”, Душанбе 1991, саҳ. 387. Минбаъд “Дурдонаҳо...” меояд/.

Маълумоти вай оид ба Восифӣ низ аз бисёр ҷиҳат ҷолиб аст ва далели завқу ёди мавқеии ўст. Менависад, ки “аз шоирони машҳур аст. ... Дурру лаолии маъониро мерабуда ва таҳсили муамморо ба такмил расонида... Мавлоно Котибиро гўянд чаҳорсад маънии хос дорад. Ва яке аз

он маъонӣ дар ин байт воқеъ аст. Байт:

Ҷонро садои теҚи ту аз ранҷи тан раҳонд,

Овози об заҳмати бемор мебарад.

Мулло /яъне Восифӣ/ панӣ ғазал дар татаббӯъи ин маънӣ гуфта ва ба алмоси сухан дурҳои хос суфта. Ва матолеъи ғазалҳо навишта шуда:

Гирифт теҚи ту бар халқ роҳи рафтани ҷон,

Зи оби тез гузаштан наметавон осон.

Ва:

Чун бар сар аст теҚи ту натвон кашид оҳ,

Натвон ба зери об нафас доштан нигоҳ.

Ва:

Музтариб гардам чу гардад дар гулӯям теҚбор.

Дар гулӯи ҳар ки гирад об, гардад беқарор.

Ва:

Гуфтӣ зи теҚи ман шавад охир йаҳон хароб,

Оре, йаҳон хароб шавад оқибат зи об.

Ва:

Аз тани хокӣ барорад гард ҳар дам оҳи сард,

ТеҚ бардору ба оби лутфи худ кун дафъи гард.

Ва ин панӣ ғазалро "Хамсаи мутаҳайира" ном ниҳад ва аҳли ҳасад аз истеъмоли он дар таҳайюр мондаанд. /"Дурдонаҳо..." саҳ. 395/.

Тазкираи Нисорӣ маводи зиёди интиқодӣ надошта бошад ҳам, аз лиҳози интихоби шеър, бешак, гувоҳи завқи саршори наққодии муаллиф аст.

Муҳаммад Мутрибии Самарқандӣ аз тазкиранависон ва адибони машҳури охири қарни XVI ва ибтидои асри XVII буда, зодаи Самарқанд аст.Ӯ аз шогирдони Хоҷа Ҳасани Нисорист.

Муҳимтарин таълифоти боқимондаи ӯ "Тазкират-уш-шуарост", ки соли 1605 таълиф гардидааст. Дар ин тазкира доир ба аҳвол ва осори 343 нафар шоирони қарни XVI Мовароуннаҳру Хуросон ва Ӯиндустон маълумот

меояд. ки 16 нафари онҳо соҳибдевонанд.

Тазкираи Мутрибӣ бо шакл ва сабки нигориш аз тазкираҳои қаблӣ тафовут дорад. Муаллиф, ки худ табъи баланди шоирӣ доштааст ва табиист, ки аз завқи наққодӣ низ барӣ нест, муҳимтарин лаҳазот, лавҳаҳои асрорангези ҳаёти ҳамасронашро бо камоли диққат нақл мекунад. Майли ӯ дар тасвири ҳодисаҳо ва лавҳаҳои мароқангези латифамонанд зиёд аст. Муҳимтар аз ҳама вай ин ё он шоирро аз рӯи ҳунар ва савқи шоирӣ баҳо медиҳад. Аз намунаҳои ашъори иқтибосшуда, ки бешак, хубу марҚубанд, тамоюли завқии ӯ низ маълум меградад.

Дар ин равиш вай шеъреро меписандидааст, ки маънии дилрас ва шакли бадеъ дошта бошад. Аз шоирони соҳибдевон ва онҳое, ки девон надошта, вале “табъи некӯ” доранд, дар як мақом намунаҳо меоварад.

Ҳамчунин бояд гуфт, ки ҳангоми таълифи тазкира Мутрибӣ ба сарчашмаҳои зиёде, монанди “Анис-ул-ушшоқ”-и Султон Ҳусайнӣ, “Музаккир-ул-аҳбоб”-и Нисорӣ такя карда, аз онҳо иқтибос меорад. Чунончи, ҳангоми баёни аҳволи Абдуллоҳи Нишопурӣ аз китоби “Анис-ул-ушшоқ” истифода кардааст. Ӯолоти зиндагии Мавлоно Маҷлисиро тақрир карда, ҳикоятеро аз муносибати Маҷлисӣ бо Бобур аз забони Нисорӣ иқтибос мекунад.

Дар тазкираи Мутрибӣ таҳлилу тақризи ҷиддии осори шуаро ба назар мерасад. вале тарзи идроки аҳволу осори шуаро ва интихоби ашъори онҳо дастур медиҳад, назари сареҳи интиқодии муаллифро иқрор шавем.

Чунончи, дар бораи Хоҷа Ҳусайни Саноӣ. ки дар Бухоро таҳсил карда, “дар Ӯиндустон нашъунамо намудааст”, мегӯяд, ки “аз шуарои хушгӯи беназир аст. Ва гуфтораш аҷоиб дилпазир. Шеърро некӯ медониста ва аз соири фазоиле низ баҳраманд буда. Дар илми ҳикмату ҳайъат яди байзо мерабуда. Муддате дар мулозимати хусрави йамҷоҳ Акбар подшоҳ буда ва забон ба маддоҳии он йаноб мекушуда ва риояти бисёр меёфта. Ашъори зебо ва қасоиди Қарро дорад. Ин абётро дар таърифи баҳор аҷоиб марҚуб гуфтааст:

Шуд эътидоли ҳаво он чунон зи файзи баҳор.
Ки хори пушта гул орад ба шакли гулбун бор.
Ўавои хок бад-он гуна шуд. ки аҳли назар,
Кунанд партави хуршедро хаёли Қубор...
Шудаст хубии даҳр ончунон ки орифро
Гузаштан аз сари дунё басе бувад душвор.

/Мутрибии Самарқандӣ. Тазкират-уш-шуаро”, “Дурдонаҳо...”, с.413/.

Ба ин гуфта боз афзуда таъкид мекунад, ки “йаноби Хоҷа Ҳусайн” аз шуъарои мўътабар ва маъруфу машҳури замон аст ва мўҳтоӣ ба таъриф нест...” /Дурдонаҳо...” , саҳ. 415/.

Аз нақд ва интихоби ашъори Хиргоҳӣ низ бармеояд, ки Мутрибӣ соҳиби завқи баланде будааст. Ў менависад: “ашъори покизаи латиф ва гуфтори санҷидаи муниф дорад. Ва ин ғазал натиҷаи табъи салими ўст:

Агар дар Қам фурў монам, навое метавонам зад,
Ба ҳар гирдоб афтам, дасту пое метавонам зад.

Зи ҳар ҷониб, ки ояд талхкомӣ, заҳрошомӣ,
Салое бар сари хони балое метавонам зад.
Ҳарибӣ шаҳри ишқам, гарчи худ Қамхона меӣўям.
Дари меҳнатсарои мубталое метавонам зад.
Нишинед, эй қаландармашрабони ишқ, равшандил,
Ки ман ҳам рафта даврони ҷудоӣ метавонам зад.
Чу Хиргоҳӣ ман ин тири ҷудоӣ дар камон дорам,
Ки бинам ҳеҷ сайди муддаъое метавонам зад.

/”Дурдонаҳо...”, саҳ. 417/.

Чанд намунае, ки ин ҷо зикр кардем далел аст, ки Мутрибӣ дар шинохти шеъри хубу бад сайъ карда, ахбори муфидеро аз аҳвол ва осори

шуаро фароҳам овардааст, ки арзиши фаровони адабӣ ва таърихӣ дорад.

Муҳаммад Бадеъ Ибни муҳаммад Шарифи Самарқандӣ, мутахаллис ба Малеҳо дар Самарқанд ба дунё омада, зиндагиву фаъолияти эҷодиаш дар ҳамин шаҳр гузаштааст. Муҳимтарин таълифоти ӯ тазкираи “Музаккир-ул-асҳоб” аст. Ин асар сарчашмаи мӯътабарест доир ба ҳаёти адабии асри XVII Мовароуннаҳру Ирон. Муаллиф дар тазкира роҷеъ ба ҳаёту эҷоди 170 нафар шоири замони худ маълумот медиҳад. Бештарини маълумоти Малеҳо, назар ба гуфтаи худи ӯ, бевосита аз мулоқоту сӯҳбатҳои аҳли адаб гирифта шуда, аз ин назар дақиқ ва пурарзишанд.

Аз тазкираи Малеҳо бармеояд, ки вай шахси донишандӯхта ва адабдӯсте будааст. Маҳз ҳамин фазилати муаллиф ба ӯ имкон додааст, ки шинохти ҳадду ҳақиқати эҷоди шоирон қудрат ва тавоноӣ зоҳир кунад.

Малеҳо дар муқаддимаи тазкира сабаби ба ин кор даст заданашро баён карда. аз умри ба беҳуда зоеъ рафтааш ҳасрат мехӯрад ва “умри ба бод шударо ба ёд оварда, савод бар баёзи рӯзгор” карданро муҳим мешуморад. Дар ин замина хостааст “ аз мақулоту ҳолот, аз ҳасабу насаби шуаро чизе... навишту ҷамъ... кард”. Малеҳо пас аз фурсате ба ин амал даст мезанад. вале рисолати хешро дар ин кор аз ёд намебарад. Зеро ӯ медонист ва иҳсос мекард. ки ҳангоми таълиф “фарохури ҳоли ҳар кас ибороти писандида бояд гуфту муқаддамоти шоиста бояд суфт” Оқибат ба йуръати қаламу ба ҳиммати рақам ирода мекунад, ки чизе нависаду “ба сабаби зикри асомӣ ва исми киромии ишонон худро аз гумномӣ бароварда. дар зайли номдорон” дарорад. Ва дар ин кор аз рӯи табъ “маслаки фузалои мозиро дар назар” медарорад. Дар ин равиш ба қавли худаш “аз наҳзати дастгоҳи мавлоно Давлатшоҳ ибни Бахтишоҳи Самарқандӣ, Хоҷа Ҳасани Нисорӣ. ки пеш аз ӯ таълифоте дар ин боб доштаанд, пайравӣ мекунад.

Тазкира аз нӯҳ боб иборат буда, “дар ҳар бобе ҳарферо унвон” месозад ва “ҳар шоире, ки дар аввал тахаллуси ӯ ин ҳарф буд”, дар он дарӣ мекунад.

Чунон ки ишора рафт. усули эҷоди тазкира аз ҷониби Малеҳо ҷолиби диққат аст ва холӣ аз накди асил нест. Воқеан ҳам вай дар шинохти саҳеҳи аҳвол ва осори шуаро завқи баланд нишон медиҳад. Балки, ба қавли худаш "фарохўри ҳоли ҳар кас" сухан мегўяду "муқаддамоти шоиста" дармеёбад.

Аз ҷумла дар бораи Муаммад Амини Аршад мегўяд: шеъри ў "банду басти шоирона дорад. ... Дар бадеҳаю ҳиҷо ва гуфтани шеър шеърашро метавон дар баёзи рўзгор савод кард..." Ва баъд намунае аз шеъри Аршад меоварад, аз ҷумлаи ин байт:

Машав зи базми тараб дур то дами мурдан,
Ба умри якшаба чун шамъ ҷо ба маҷлис кун.

/"Дурдонаҳо..." , саҳ. 464/.

Малеҳо дар баробари шарҳи ҳол ва осори шуаро, инчунин ба гароиши онҳо дар сабк низ ишора мекунад. Пайрави кадом мактаб будани онҳоро низ таъкид менамояд. Аз ҷумла дар ҳаққи Рабеъи Бадахшонӣ сухан гуфта. аз забони Сайидои Насафӣ шогирди он кас будани Рабеъро хабар медиҳад ва дар "тарзи шеър ба Шавкати Бухороӣ" дорад мегўяд, ҳамчунин "баъзе мисраъҳои тозае"-ро дар шеъри ў ба мушоҳида мегирад..."

Мушоҳидаҳои ў доир ба шахсият ва ҳайсияти шоириву инсонии Мулҳами Самарқандӣ низ қобили таваҷҷўҳ аст. "Самарқандиюласл аст,- менависад Малеҳо,-марде буд, ки дар куллиёту ҷузъиёт донишмандии тамом дошт. Афзал-ул-мутаҳарририн ва акмал-ул-мутаҳайирин буд. Дар аҳди хеш мислу ҳамтояш набуд. Ҳамаи ашъораш музайян ба зевари саноеъ ва мулавван ба дурари бадоеъ аст. Ҷомеъи абёташ мурассаъу маснўъ аст ва афкораш мухтареъ ва ашъори мурассаъ бисёр дорад. ўазали ў, ки ақалли ў панӣ байт аст, сарпанӣаи паҳлўи шоирии бисёреро тофта аст. Ва ба чаҳор мисраъ рубоии ў аркони абёт пойдору банду басти қасоид Қаррор ва банду басти ашъор устувор ва дар маснавӣ доди суханварӣ дода ва дар таърихёбӣ ноёб буд".

Дар сухани Малеҳо аз ихлосу иродати ў нисбат ба Мулҳам асаре

низ ҳаст ва шояд худи ӯ инро пай бурда, ки мегӯяд. “Зиёда аз ин, дар боби мушорунилайҳ муболоға нарафт, ки хубии ашъораш шоҳиди хубии атвор аст...” Ва намунаҳои беҳини шеъри ӯро зикр мекунад.

Хотимаи тазкираи Мулҳамро метавон ба нақди амалӣ нисбат дод. Ва худи ӯ таъкид мекунад, ки ҳангоми навиштани ин қисмат “аз суханони қабулу радде, ки байнуҳум мегузашт, низ сабт ёбад”. Ҳамчунин дар ин боб ӯ хостааст “аз мубтадилот ва таворудоти шуъарои мутақаддиму мутааххир ва муосир, ки ба якдигар шуда ва аз татаббӯъи мутааххирин ва мутақаддимин “аз саволу ҷавоби ба якдигар шуда ва аз талошҳои тозаю фикрҳои беандоза, ки ба ҳам кардаанду мекунанд, сабт гардад”.

Мулоҳизоти зерини ӯ, ки дар боби “имтиёзи Урфӣ ва Нозимӣ Ҳиравӣ” буда дар хотимаи тазкира меояд ва аз бисёр ҷиҳат ҷолиб аст. Ӯ аввал ду байтро нақл мекунад. Байт:

Калиди ганҷи маънӣ деҳ ба дастам,

Вагарна мастам, инак, дар шикастам.

х х х

Дари арши сухан бикшо ба рӯям,

Ки бар курсӣ нишинад ҳар чӣ гӯям.

Сипас менависад, ки “маълуми хурдабинону нукташиносон буда бошад, байти аввал аз Мулло Урфии ШеРозӣ мебошад. Дар нусхаи “Хусраву Ширин”-и худ гуфта. Вай байти сонӣ аз “Юсуф ва Зулайхо”-и Нозими Ҳиротист, ки ба шоистагии ин ашъору боистагии ин дигаре, на, ки худи Мулло Урфӣ ва Мулло Нозим гуфта бошад. Ва гумон низ яқин дорад, ки дигаре баъд аз ин фикр бад-ин тозагӣ ва баландовозагӣ накунад... аммо байти Урфӣ дар ғояти шӯҳрат аст”.

Муаллиф чун пай мебарад, ки маънии байти Урфиро ҳама намефаҳманд. онро тафсир мекунад. “Шубҳа он аст, ки менависад ӯ,- мисраъи сонии байти аввалро гуфта, ки “Вагарна мастам, инак, дар шикастам”. Касе, ки масти майи маънӣ бошад, калиди ганӣ аз баҳри чӣ металабад ва талабидан абас менамояд... Таъйини ҳоли Мулло Урфии

ШеРозӣ ҳоҷати баён аз ҷиҳати шӯҳрат нест. Ва нусхаи “Хусрав ва Ширин”-ро касе аз хубии ӯ нагуфта, лек нотамом монда”. /Дурдонаҳо..., саҳ. 486/.

Ҷои дигар аз аҳвол ва осори Нозим ҳарф зада, сари тафсири як байти ӯ мулоҳизоти ҷолиби интиқодӣ ба миён мегузорад. Чунончи, “бар табъи фаҳм равшан аст ва пинҳон нест, роқими ин таҳрирро дар он байташ, ки гуфта:

-Намудӣ тай ба як ҳай дашти айём,
Гузаштӣ чун пул аз дарё ба як гом.

таъаммул аст. Агар даргузаштан аз дарё ба пул ташбеҳ карда, Қалат менамояд. Пул аз дарё нагузашта, балки чун мардуми маътал монда, ду пои ӯ дар тарафайн ин арз равшан аст. /”Дурдонаҳо...”, саҳ. 487,\

Чунон ки дидем ва мисолҳои дигар низ ҳаст, каломи Малеҳо дар баёни аҳволи шуаро аз чошнии интиқод холӣ набудааст.

## 1-Адабиётшиносии асрҳои 10 — 15

Адибони асрҳои 10 — 15 дар асоси таҷрибаи эҷодии адабиёти араб, форсии дарӣ, назари адабии юнониён ва арабҳо роҷеъ ба поэтикаи шеъру наср, шинохти фалсафию филологии адабиёт асарҳои пурарзише ба вуҷуд овcovered.

Дар китобҳои фалсафии бархе аз китобҳои таърихи луғат бобҳо ва фаслҳои алоҳида ба баҳси масъалаҳои гуногуни адабиёт ихтисос ёфтаанд:

- Ибни Сино,
- «Қобуснома»-и Унсурулмаолии Кайковус,
- «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ (1158),
- «Асос-ул-иқтибос»-и (1258) Насируддини Тусӣ

**масъалаҳои балоғат ва суханварӣ**

Китобу рисолаҳои бахшида ба масъалаҳои балоғат ва суханварӣ дар садаи XI пайдо шуданд.

Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ «Тарҷумон-ул-балоға»-ро (1114) ба масъалаҳои бадеиёти сухан, таҳлили санъатҳои бадеии ташбеҳ, истиора, таҷнис, тазод, таносуби сухан ва ғайра бахшид ва нукоти муҳимме роҷеъ ба шеъри шоирон арз кард.

Шамс Қайси Розӣ дар «Ал-Мӯъҷам фӣ маойири ашъор-ил-Аҷам» аз илмҳои арӯз, қофия ва бадеъ баҳс ороста, дар бораи вазифаҳои шеър, қофия ва хелҳои он, санъатҳои бадеӣ ва анвои шеър (қасида, рубоӣ, маснавӣ ва ғайра) мулоҳизаҳо рондааст.

**Масъалаҳои назарияи наср**

Масъалаҳои назарияи наср дар «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзӣ, «Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт»-и Муҳаммад Авфӣ матраҳ шудаанд.

Китоби Муҳаммад Авфии Бухороӣ «Лубоб-ул-албоб» қадимтарин тазкира дар адабиёти форс-тоҷик ба шумор меравад.

Авфӣ дар ин тазкира оид ба бисёр масъалаҳои адабиёт таваққуф намуда, доир ба рӯзгор ва осори қариб 300 нафар шоирон (аз аввалин шоири форсигӯй то замони худаш) маълумот додааст ва ашъори шоиронро нақди илмии бадеӣ кардааст.

**Адабиётшиносии нимаи дуюми асрҳои 12 — 15**]

Ба адабиётшиносии нимаи дуюми асрҳои 12 — 15 китобҳои зерномбаршуда ва дигар маълум буданд:

- «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашиди Ватвот,
- «Меъёр-ул-ашъор», бахшҳои хитоба ва шеъри «Асос-ул-иқтибос»-и Насируддини Тӯсӣ,
- «Эъҷози Хусравӣ»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ,
- «Меъёри нусратӣ»-и Шамси Фахри Исфаҳонӣ,
- «Рисолаи пирӯзӣ ва мақолаи наврӯзӣ»-и Наҷотии Нишопурӣ,
- «Дақоиқ-уш-шеър»-и Тоҷулҳаловӣ,
- «Ҳадоиқ-ул-ҳақоиқ»-и Шарафуддини Ромӣ

Дар ин давра адабиётшиносӣ чун ҷузъи таркибии улуми адабӣ ва адабиёти бадеӣ инкишоф ёфт ва адабиётшиносони хушсалиқае фаъолият доштанд.

Асарҳои онҳо масъалаҳои умдаи эҷоди бадеӣ, ба монанди ҳунари офаринандагӣ, муҳимтарин ҳодисаҳои адабии замон, пайванди адабиёт бо суннатҳои эҷодӣ, қонунияти моҳияти шеър, мақоми адиб ва адабиёт дар ҷамъият, шинохти сухану суханварӣ, шарҳу тафсири осори адибон ва шарҳи мухтасари ҳоли гӯяндагонро инъикос кардаанд.

**3-Адабиётшиносии асрҳои миёна**

*Мақолаи асосӣ:* ***Адабиётшиносии тоҷику форсии асрҳои миёна***

Адабиётшиносии асрҳои миёна рукнҳои назарияи адабиётро, аз ҷумла дар баҳси моҳияти шеър ва наср, нақди адабиро дар баррасии балоғати шеъру сухан ва таърихи адабиётро дар тазкираҳо бо худ дошт. Аз ҷумла адаби назариявии садаи XV нишон медиҳад, ки дар он замон шакли содаи ҳар се ҷузъи таркибии адабиётшиносӣ мавҷуд будааст.

Таърихи адабиёт дар тазкираҳо, масъалаҳои назариявӣ дар рисолаҳо ва нақди адабӣ дар маҳфилҳо ва нақди ашъор густариш меёфтанд.

**Адабиётшиносии садаи XV**

*Мақолаи асосӣ:* ***Адабиётшиносии тоҷику форсии садаи XV***

Адибони он замон дар илми қофия низ рисолаҳо навиштаанд, ки аксар «Рисолаи қофия» ё «Илм-ул-қавофӣ» ном доранд. Аз рисолаҳои ин силсила асарҳои Абдурраҳмони Ҷомӣ «Рисолаи қофия» ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ «Рисола дар илми қавофӣ» машҳуранд.

Асарҳои Ҳусайн Воизи Кошифӣ «Бадоеъ-ул-афкор фӣ саноеъ-ул-ашъор» ва Атоуллоҳи Ҳусайнӣ «Бадоеъ-ус-саноеъ» дар илми бадеъ таълиф шудаанд. Атоуллоҳи Ҳусайнӣ бо номи «Такмил-ус-саноат» асари муфассале дошт.

Таснифи навъҳои шеър дар таърихи афкори назарии нимаи дуюми садаи XV мақоми хос дорад. Донишмандони улуми адабӣ роҷеъ ба қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, маснавӣ, шоҳбайт, фард ва анвои гуногуни мусаммат (мураббаъ, мухаммас, мусаддас, мусамман, муашшар ва ғайра) дар кутубу рисолаҳо назари худро баён кардаанд.

### 4-Адабиётшиносии ибтидои садаи XVI

Дар нимаи дуюми садаи XV ва ибтидои садаи XVI илмҳои адабӣ ривоҷ ёфтанд. Улуми адабӣ соҳаҳои гуногуни филология ва иншои шеъру наср ва адабиётшиносиро фаро гирифта, барои такмили ҳунари касбии нависандагӣ зарур буданд ва ҳамчун ҷузви таркибии адабиёти назарӣ дар ҷомеа мақоми шоиста доштанд.

Донишмандон аз оғози аҳди ислом улуми адабиро иборат аз дувоздаҳ навъ донистаанд (нигаред мақолаҳои Адаб ва Адабиёт). Муаллифи «Арӯзи Ҳумоюн» Абдулқаҳҳор ибни Исҳоқи Шариф номгӯ ва шарҳи мухтасари ин дувоздаҳгонаро овардааст.

Дар таснифи улуми адабӣ чаҳор илм ба соҳаи забоншиносӣ хос мебошанд, илмҳои дигар сохтори назму насрро фаро мегиранд.

Аз китобҳои назарӣ, дастурӣ ва амалии фанни иншо ва номанигорӣ китобҳои зерномбаршуда ҳарчанд дар маҳалҳои гуногун тасниф шудаанд, аз ҷиҳати услуб ба ҳам қаробат дошта, гоҳе дар атрофи қоидаҳои ин фан баҳс карда, асосан намунаҳои муросилоти шахсӣ, пурсишу посуххои илмӣ, номаҳои давлатӣ ва ғайраро дар бар мегиранд:

- «Махзан-ул-иншо»-и Кошифӣ,
- «Тарассул»-и Абдуллоҳи Марворид,
- «Маншаъ-ул-иншо»-и Абдулвосеи Низомӣ,
- «Руқаот ва муншаот»-и Ҳақирӣ,
- «Тарассул»-и Хоҷа Бурҳон,
- «Манозир-ул-иншо»,
- «Риёз-ул-иншо» ва «Қавоид-ул-иншо»-и Маҳмуди Қовон.

Ҷомӣ ва Навоӣ низ маҷмӯаҳои руқаоти худро тартиб дода, онҳоро чун асари алоҳида дар куллиётҳояшон ҷой додаанд.

Дар таснифи илмҳои адабӣ касе илми муамморо ворид накардааст, аммо аз садаи XV ба баъд дар илми муаммо рисолаҳои бисёре навиштаанд ва дигар қоидаҳои муаммо ва роҳҳои кашфи онро фаро гирифтаанд, аз он ҷумла:

- «Чаҳор рисола»-и Ҷомӣ,
- «Муфрадот»-и Навоӣ,
- «Ҳулали мутарраз дар фанни муаммо ва луғаз»-и Алии Яздӣ,
- «Муаммо»-и Мир Ҳусайни Муаммоӣ,

- «Афкор-уш-Шариф»-и Шарифӣ,
- «Зобитаи ҳалли муаммо»-и Камолуддин Муҳаммади Бадахшӣ,
- рисолаҳои Сайфии Бухороӣ, Юсуфи Бадеӣ, Қосими Коҳӣ.

Дар мамлакатҳои Ғарб адабиётшиносӣ дар Юнони Қадим бо таълимоти Афлотун (427—347 то м.), «Поэтика» ва «Риторика»-и Арасту сар шудааст.

Афлотун саромади ҷараёни идеалистӣ дар эстетика буда, вазифаи маърифатии адабиётро инкор мекард ва фақат ба аҳамияти тарбиявии он иқрор буд.

Арасту адабиётро эҷодкорие медонист, ки ба мардум на фақат дониш, балки завқе ҳам медиҳад ва дилу рӯҳро тоза мекунад. Арасту ва пайравони ӯ аз мақоми иҷтимоии адабиёт, аз шаклу сабкҳои шеърӣ, аз ҷинс ва жанрҳои адабӣ сухан рондаанд. Таълимоти Арастуро дар Рими Қадим Горатсий (65 — 8 то м.) бо рисолаи манзуми «Фанни шеър» давом дод.

Дар асрҳои миёна адабиётшиносӣ бештар дар Шарқ — Хитой, Ҳиндустон, мамлакатҳои арабизабон ва форсизабон инкишоф ёфт.

Муҳаққиқон ва адабиётшиносони Шарқ бештар ба муносибати шаклу мазмун, омӯхтани шаклҳои бадеӣ ва хусусиятҳои сабку услуб таваҷҷӯҳ намуданд.

Аврупои Ғарбии асрҳои миёна даврони ҳукмронии иртиҷоии динӣ буд ва ин боиси инқирози илм, аз ҷумла афкори адабиётшиносӣ гардид.

**5-Адабиётшиносии аввали садаи XX**

Дар охири садаи XIX ва бахусус оғози садаи XX дар баробари тазкиранависии суннатӣ тазкираҳое таълиф шуданд, ки дар онҳо маълумоти умумии тавсифӣ мавқеи дуюмдараҷа гирифта, осори шуаро ва нависандагон аз меъёри мавқеи иҷтимоӣ, аҳамияти милливу ватандӯстӣ ва навназарӣ баҳо дода шуданд. Дар ин маврид метавон баҳсҳои назарӣ ва усулие, ки дар саҳифаҳои рӯзномаи «Бухорои Шариф» баргузор шуда буд, намунаҳои накди адабӣ дар нашрияҳои М. Беҳбудӣ (г. «Самарқанд», маҷаллаи «Оина») ва тазкираҳои Садри Зиё «Тазкори ашъор» ва Салимбекро ном бурд.

Ба таври куллӣ ин намунаҳои накд масъалаҳои таҷдиди назар ба адабиёт, баррасии масъалаҳои иҷтимоӣ, назари воқеӣ ва навбинӣ ба масъалаҳои адабиётро фаро гирифта буданд. Ба ин маънӣ метавон оғозгоҳи шинохти тозаи адабиёт, яъне адабиётшиносӣ ва накди адабиро ба даврони рӯшангарӣ ва ҷадидия нисбат дод. Ин афкори адабии нав бо ҷанбаи иҷтимоъгароии худ ба адабиётшиносии замони шӯравӣҳамоҳангӣ дошт ва баъзе аз хусусиятҳои он дар таълифоти Садриддин Айнӣ идома ёфт.

**Адабиётшиносии тоҷикии замони шӯравӣ**

*Мақолаи асосӣ:* ***Адабиётшиносии тоҷикии замони шӯравӣ***

Оғози рушди адабиётшиносии тоҷикии замони шӯравӣ бо номи Садриддин Айнӣ вобастагӣ дорад. Айнӣ бо «Намунаи адабиёти тоҷик» (1926), бо рисолаҳое, ки дар бораи Фирдавсӣ (1934), Ибни Сино (1939), Рӯдакӣ (1940), Саъдӣ (1940), Бедил (1946), Навоӣ (1948) ва дигарон навиштааст, дастурҳои асосии омӯзиши таърихи адабиётро муайян кард. Ӯ дар таърихи илми замони нави тоҷик якумин касе буд, ки эҷодиёти классикон ва раванди адабии таърихиро алоқамандона бо вазъи иҷтимоию сиёсии замон омӯхта, ба асоси ҳаётии эҷоди бадеӣ (воқеъгароӣ) ва халқияти он, ба масъалаҳои услуб ва методи (усули) эҷодии нависандагон, пайдоиш ва инкишофи баъзе жанрҳову шаклҳои бадеӣ диққат дод.

**6-Адабиётшиносии тоҷикӣ дар давраи Истиқлолият**

Аммо дар замони бозсозии горбачевӣ, бахусус, дар даврони соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон (1991) ва тағйир хӯрдани арзишҳо адабиётшиносӣ аз маҳдудияти мафкуравӣ озод шуд ва ба дастурҳои бунёдии илмии худ таҷдиди назар намуд.

Дар ду даҳсолаи садаи XXI чанде аз адабиётшиносони ҷавон, амсоли Ш. Солеҳов, Ш. Исрофилниё, М. Зайниддинов, Т. Шарифзода, М. Нарзиқул, Б. Мақсудов, В. Охониёзов, А. Худойдод, Н. Нурзод, С. Аъзамзод, Р. Ваҳҳоб ва дигарон ба воя расиданд, ки рушди минбаъдаи адабиётшиносӣ дар дасти онҳост. Адабиётшиносии тоҷикӣ дар марҳалаи нави инкишоф қарор гирифтааст.

Давраи навини таърихи нақди адабии тоҷикиро одатан бо Инқилоби Октябр алоқаманд мекунанд, ки саҳеҳ нест. Аввал ин, ки дар таърихи беш аз ҳазорсолаи тамаддуни халқи тоҷик афкори танқидӣ мақоми устувор доштааст. Дигар ин, ки назари тозаи интиқодӣ дар таърихи нақди мо аз охири садаи XIX ва ибтидои аҳди XX шурӯъ мешавад. Бинобар ин ҳам ҳангоми баррасии марҳилаҳои инкишофи таърихи нақд ҳамин нуктаро ба инобат гирифтан лозим аст.

Ҳарчанд нақди адабии тоҷик собиқаи Қанӣ дорад, вале нақди асили фаннӣ ҳамчун як ҷузъи адабиётшиносӣ маҳсули давраи нави таърихи халқи тоҷик аст, ки баъди инқилоб алоқаманд бо дигаргуниҳои азими сиёсиву арзёбӣ ва адабӣ ба майдон омад ва роҳи мураккаби ташаккул ва таҳаввулро сипард.

Мутаассифона, то имрӯз ҳангоми таҳияи барнома ва ё тарҳи омӯзиши таърихи нақд марҳилаҳои инкишофи онро алоқаманд бо муҳимтарин воқиаҳои сиёсии даврони нав таъйин мекарданд. Яъне, таърихи нақди тоҷикро аз замони инқилоб то ба ин тараф аз шаш марҳила иборат медонистанд. ки раванди саҳеҳи инкишофи давраи навинро муайян намекард. Баръакс, баъзе саҳифаҳои гирои ин таърихро, ки аз охири асри XIX шурӯъ мешуд. нодида мегирифт.

Аз ҳамин нуқтаи назар пешниҳодҳои қаблӣ доир ба даврабандии марҳилаҳои таърихи навини нақди тоҷик аз мавқеи имрӯз кӯҳна шудаанд. Мо марҳилаҳои инкишофро бо давраҳои алоҳидаи инкишофи ҷомеаи шӯравӣ низ алоқаманд карда наметавонем, чунки як лаҳзаи ҳассоси ин таърих - арафаи

“Инқилоби Бухоро” дар ин ҳол аз назар меафтад.

Вақт ба тадқиқоту тарҳҳои қаблан сохтаи мо дасти таҳрир даровард. Бозсозии Горбачёв ва пош хӯрдани империяи Шӯравӣ ва дар ҳудуди он таъсис ёфтани давлатҳои мустақил, минҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон назари моро ба воқеият дигар кард. Акнун мо бояд воқеияти таърихи навини нақди тоҷикро аз дидгоҳи нав баррасӣ кунем. Тамоюлҳо, ҳадафҳо ва марҳилаҳои инкишофи онро аз ҳамин дидгоҳ санҷем ва муайян кунем. Танҳо ба хотири он, ки ҳарфамон аз ин таърих росту дуруст ва воқеӣ бошад, фақат аз ҳамин мавқеъ тавонистем таърихи навини нақдро ба марҳилаҳои нақди маорифпарварон /нимаи дуюми садаи XIX/; марҳилаи ҷадидия /солҳои 1900-1926/; марҳилаи пролеткулт - инкори мерос ва суннатҳо /солҳои 1926-охири солҳои панҷоҳум/; даврони бозгашт ва бозёфт /аз охири солҳои панҷоҳум то охири солҳои ҳаштодум то ба имрӯз/ қисмат кунем.

НАҚДИ АДАБИИ МАОРИФПАРВАРОН

/нимаи дуюми асри XIX|

Нимаи дуюми асри XIX дар таърихи халқҳои Осиё Марказӣ, аз ҷумла тоҷикон марҳилаи ниҳоят ҳассос аст. Ин давраро то ба ҳол дар илми таърихшиносӣ ба унвони “ба Россия ҳамроҳ шудани Осиёи Миёна” ёд мекарданд. Вале имрӯз баъзе муаррихон ин аҳдро чун замони истилои Россия ва ё ийборан ба Россия ҳамроҳ кардани Осиёи Марказӣ таъбир мекунанд. Мо баҳси таърихӣ ва сиёсии ин масъаларо ба муаррихон вогузошта, ҳаминро ёдрас карданием, ки маҳз ҳамин давра “дар афкори арзёбӣ  ва инкишофи таърихии адабиёти тоҷик” /Муҳаммадҷон Шукуров. Пайванди замонҳо ва халқҳо. Душанбе: “Ирфон”. 1982, саҳ. 44/ марҳилаи муҳим мебошад.

Воқеияти сиёсӣ мусоидат кард, ки ҳаёти адабӣ дар маркази ягонаи фарҳангӣ равнақ ёбад. Эҳёи бисёр навъу намудҳои адабӣ. ки аз охири асри XVIII сар карда, ба дасти фаромӯшӣ рафта буданд, маҳз ба ҳамин давра вобаста аст.

Ҳамчунон ки назар ба воқеияти таърих дар ин давра дигар шуд, диди адибон ба ин воқеият низ тағйир пазируфт. Дар равиши афкори интиқодӣ низ дигаргуние ба назар омад. Муҳимтарин равиши нақди ин аҳдро мо аз тазкираҳо, эҷодиёти адибони маорифпарвар пайдо карда метавонем.

Дар ин ҷода таълифи тазкираҳоро ҳамчун эҳёи як навъи адабии аз ёд рафта метавон қадр ва арзёбӣ кард. Яке аз чунин тазкираҳо “Тӯҳфат-ул-аҳбоб фи тазкират-ул-асҳоб” буда, ба қалами Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ мансуб аст. Тазкираи Возеҳ ҷанбаи нақдӣ дошта, муаллифони баъдина фазилати тазкираи ӯро эътироф ва ба равиши ӯ пайравӣ кардаанд.

Дар нимаи дуюми асри XIX пас аз Возеҳ шоир ва адиби намоёни он давр Ӯоӣӣ Абдулазими Шаръӣ ва Мирсиддиқи Ӯашмат дар аввали асри XX Абдӣ, Афзал, Мӯҳтарам ва Садри Зиё тазкира таълиф намуда, муълумоти тазкираи Возеҳро такмил додаанд ва ҳам доир ба ҳаёти адабии охири асри XIX ва ибтидои асри XX ахбори нав илова кардаанд. Маҷмӯи ахбори ин тазкираҳо, аввалан, барои омӯхтани адабиёти нимаи дуюми асри XIX арзиши фаровон дорад. Аз тарафи дигар, худи ин асарҳо ғайр аз мазмуни асосиашон аз ҳайси сабку услуб намунаи бадеии он аҳд низ ба шумор мераванд.

Тазкираи Возеҳ соли 1871 таълиф шуда, дар он асосан аз шоироне ёд мешавад, ки дар ҳудуди аморати Бухоро зиндагӣ карданд. ғайр аз ин дар тазкира шоироне низ ёд мешавад, ки ба ҳаёти адабии Осиёи Вусто, хоса доираи адабии Бухоро алоқамандие доштаанд. Сабаби ин ҳодисаро муаллиф ду чиз медонад: аввалан. ба қавли муаллиф, ба тазкира бояд ҳамаи шоирони муосири Возеҳ дохил шаванд, сониян Возеҳ менависад, ки азбаски дар ҳар ҳарф аз Бухоро шоире пайдо карда натавонистам, бинобар ин аз шоирони кишварҳои ҳамсоя номи баъзе шоиронро дохил намудам. Яъне, ин шоирон ба ҳаёти адабии Бухоро беалоқа набудаанд.

Возеҳ аз шоирони Эрон ўавҚо ва Қоониро ба тазкира дохил намуда, таъкид мекунад, ки девон ва дигар осори ин шоирон дар Бухоро машҳур ва худаш бо эҷодиёташон ошно будааст.

Инчунин Мавлоно Шоҳ Аҳмади Ниёз /Ўинд/, Хоҷа Шоҳниёзи Кашмирӣ, Наҷиби Ўинду чанд муддат дар мавзеъҳои гуногуни Осиёи Марказӣ зистаанд.

Дар тазкира аз доираи адабии Хуқанд асосан шоирони дузабонаро бо таъкиди ба Хўқанд мансуб буданашон дохил кардааст.

Чунончи, дар бораи Мулло Раҷаббои Дониш менависад: “Аз шуарои аҳди давлати ҳазрати амири фирдавсмаконӣ /яъне, Умархон/ буда”.

Дар бораи шоир Риндӣ меоварад: “Аз шуарои Намангон, аз тарбиятёфтагони Муҳаммад Умархон”.

Возеҳ ҳамаи шоирони шомили тазкираро махсус таъкид мекунад, ки кадоме аз онҳо касбисту кадоме ҳаваскор. Аз ин қайду шарҳҳо шоирони намоёни асри XIX-ро ҷудо метавон кард. Чунончи, дар бораи Рашид устоди амир Ўайдар омадааст: “Гоҳе бинобар инбисоти /хушии/ табъ ва имтиҳони хотир рабт-ул-лисони шаҳди ашъор низ мегардиданд”. Дар бораи Афсаҳ чунин мегўяд: “Баъд аз хатми улуми расмӣ дар шеър гуфтан ҳавас намуда ва бад-он машҳур гашта”.

Возеҳ дар бораи мазмуни ғоявӣ ва мансубияти синфии ашъори шоирон дар тазкираи худ, албатта, чизе нагуфтааст. Лекин вай дар бораи тарзу салиқа ва мундариҷаи ашъори шоирон ишораҳо дорад ва аз он равияҳои умумии эҷодиёти ин ё он шоирро муайян кардан мумкин аст.

Ба ҳамин тариқ, шоирон ва адибони тазкираи Возеҳро ба се гурўҳ тақсим кардан мумкин аст.

Гурўҳи аввал намояндагони адабиёти дарборӣ, ки бештар ба остони амир алоқаманд будаанд, дар мадҳи амиру вазир қасидаҳо мегуфтаанд. барои базмҳои хосаи дарбор ашъори ҳаҷвию ҳазломез мебофтанд. Ба ин гурўҳ намояндагони дарбори Хўқанд низ дохил мешаванд.

Гурўҳи дуюм шоирони мутасаввиф, қаландару дарвешон, ишонҳои муридхўр ва умуман рўҳониёни расмии ислом буданд. Қариб дар ҳама ҷо мазмуни сўфиёнаи ашъори мутасаввифии ин шоирон зикр шудааст. Чунончи, дар боби Сират манависад: “ба тариқаи аҳли тасаввуф ва тазарруф дохил. ҷомеъи сулуки тариқаи нақшбандия адлияро тамом намуда”.

Гурўҳи сеюм шоироне, ки ба адабиёти дарборӣ ва доираи арбоби давлат мансуб набуданд, аз қабили Ўасрат, Парии Ўисорӣ, Ирсӣ, Ширин, Савдо, Аъраӣ, Афкор ва Қ. Аксари ин шоирон фазлу дониши баркамол доштанд, аммо

дар фикру нодорӣ мезистанд. Ашъори онҳо мазмуни шиква ва танқиди замон дорад ва бо сабку услуб аз ашъори сӯфиёна ва бедилонаи ду гурӯҳи аввал тафовут дорад.

Возеҳ мероси адабии ҳамаи адибонро бевосита хондааст ва интиқоду тавсифи ӯ натиҷаи тадқиқ ва таҳқиқи наққодона ва сухансанҷона аст. Чунончӣ. дар бораи Қоонӣ мегӯяд:

“Китоби мазкур /яъне, “Парешон”/ дар мавриди фитрати Қоҷория аз дасти туркмон дар Бухоро афтод. Муҳаррири авроқ ба шарафи мутолиаи он китоб мушарраф шуд”.

Дар бораи Рашид меоварад: “Маҷмӯаи ашъори эшон он чи ба назари ҳақир расида, аз чаҳор ҳазор /байт/ мутаҷовиз аст”.

Дар бораи Фазлӣ низ: “Ва ӯро “Тазкират-уш-шуарост” маҳсур ва мақсур бар зикри шуаро... ва он китобест зебо ва ба назари қосир расида”.

Дар муқаддимаи тазкира аз ном, мартаба,  унвон ва баъзе хислатҳои шахсии шоир маълумот ҳаст. Тавсифи эҷодӣ ва ба мазмуни эҷодиёт, балки бештар ба сабку услуб ва забону тарзи баёни шоир оид аст. Ин ҳам на дар ҳамаи шоирон. Чунончи “ашъораш соф ва ҳамвор воқеъ шуда”, “ашъораш низ бағоят латиф ва мавзун”, “манзумоташ латиф ва матбӯъ аст” ва Қ. Аз ин бармеояд, ки мулоҳизаҳои танқидӣ ва тадқиқии Возеҳ хеле муҳим ва бе таҳлили мисолҳои муайяни ашъори шоир омода шудааст. Возеҳ ғайр аз тавсифу тақрир  ба эҷодиёти шоирон ё ба шоирон ё ба шеъру асарҳои ҷудогонаи онҳо назари танқидии худро низ баён кардааст. Вале ин гуна мулоҳизоти ӯ хеле умумӣ ва бедалел аст. Масалан, дар бораи яке аз шахсиятҳои тавонои адабиёти ин давр ӣунайдуллоҳи Ўозиқ  ҳеҷ ҳарфи мушаххасе намегӯяд.

Возеҳ баъзан дар бораи рӯҳу ғояи ашъори шоирон мухтасар андеша рондааст. Вай аксар пайравони Бедилро махсус таъкид мекунад. Чунончи мегӯяд: “Мӯътақиди ашъори Мирзо Абдулқодири Бедил ва дар мушовараи абёти мушкил ҳавзе болоӣ дошта”. Мазмуни шикваомези ашъори Ўасрат ва оҳанги шӯху ҳазломези шеъри Ирсиро таъкид мекунад.

Ҳарчанд. чунон ки ишора шуд, аз тазкира назари хоси интиқодии муаллиф рафшан нест, бо вуҷуди ин мароми интихоби ӯро навъе накди завқӣ метавон таъбир кард.

Муаллифи дигаре, ки дар муҳити адабии он давр мақом ва манзалати тамом доштааст, Мулло Ўашмат будааст. Номи ӯро “Тазкират-уш-ушаро” то имрӯз зинда медорад. Аҳмади Дониш ӯро /Ўашматро/ дар ёддоштҳои худ бо эҳтиром ёдовар /ба унвони “Маликзода/ мешавад ва “Наводир-ул-вақоеъ” ва “Меъёр-ут-тадаюн”-ро махсус барои ӯ китобат кардааст. Аз як мактуби Возеҳ, ки дар тазкираи Ўашмат сабт гардидааст. маълум мешавад, ки онҳо бо ҳам мукотибаи дӯстона доштаанд. Баъзе шеърҳои танқидии Шоҳин фақат дар тазкираи Ўашмат дида шуд. Ин ҳам гувоҳ аст, ки Ўашмат бо Шоҳин ҳам Қоибона дӯстӣ доштааст. Ўашмат аз бисёр воқиаҳои адабии замонаш хуб бохабар буд ва ҳамчун шахсе, ки аз тарафи амир-бародараш таъқиб карда мешуд, нисбат ба адибони пешқадами ин давр ҳусни таваҷҷӯҳ дошт. Аз ин сабаб дар тазкираҳои худ эҷодиёти онҳоро холисона ва хайрхоҳона тавсиф намудааст. Ўашмат дар таҳлили адабӣ ва интиқоди эҷодиёти адибон аз бисёр муаллифони

тазкиранависи замонаш ва аввали асри XX пешқадамтар буд.

Маълумоти Ўашмат оиди шоирони нимаи дуюми асри XIX нисбатан комил аст ва назар ба маълумоти тазкираҳои дигар маводи нав дорад.

Муаллифи тазкира Дониш, Шоҳин, Савдо, Возеҳро бо такаллуфот мадҳ намуда, баробари ин андешаҳои худро бо баъзе тафсилоти танқидиву таҳлилӣ қувват медиҳад. Вай аввалин шахсест, ки ба эҷодиёти Шоҳин ба тарзи холисона, баҳои баланд додааст. Сабаби оҳангҳои шикваомези ғазалиёти ў, махсусан маснавии "Тўҳфаи дўстон"-ро нишон додааст. Дар бораи маснавии Шоҳин менависад:

"Дар маснавияташ котиби ҳуруф ба диққат нигаристам, чунон матин ва мавзун аст, ки хиради хўрдадон ҳайрон мешавад, ки бо вуҷуди ҳаҷви андак ва фурсати қалил ин миқдор ашъор, ки ҳар байти онро интихоб натавон кард... ба поён кард".

Ўашмат дар тавсифи ғазалиёти Шоҳин оид ба сабк ва навовариҳои шоир қайдҳои ҷолиб дорад.

"Дар ғазал ихтирооти аҷиб намуд"; "дар ғазал ду навъ такаллум: навъе ба табъи бедилӣ ва навъе ба равияи мухтареъи худ, ки ин ҷо аввал татаббўи бедилӣ... марқум мегардад, сонияи ихтирои ғазалиёташ сабт мегардад".

Ўашмат ба шеърҳои ҷудогона ва умуман эҷодиёти шоирон ғайр аз баҳои мусбат, бисёр андешаҳои танқидӣ низ баён кардааст. Ин андешаҳо аксаран натиҷаи таҳлил ва тадқиқи ҷиддии адабӣ мебошад. Чунончи, дар бораи як қасидаи Саҳбо, ки Возеҳ бисёр таъриф кардааст, чунин мегўяд:

"Аз ин қасида чанд сатр нигоштам, лекин шоиста набуда ва Лоиқи истиКтобу интихоб надошта. Қасида гуфтан душвор... ва пешаи шоири олимақдор аст".

Ақидаи Ўашмат дар бораи эҷодиёти Муҳаммадшарифи Анбар диққатангез аст. Муаллифони аксар тазкираҳо ўро ниҳоят мадҳу ситоиш карданд ва ғазалҳои каммазмуну қитъаву қасидаҳои таърихиашро намунаи назми олӣ гуфтаанд. Ўашмат бар хилофи онҳо ғазалҳои шоирро аз ғазалияти шоирони пешқадами он давр пасттар медонад. Чунончи: "Лекин ҳусне. ки ғазалҳои Шоҳир ва Муқбил ва Сарир ва амсоли ишон дорад, дар байни ашъори ғазалияи ў камтар ба вуҷуд меояд".

Бемазмунӣ ва санъати пасти шеърҳои ин шоирро дертар Садри Зиё ва Айнӣ низ нишон додаанд.

Дар қисми осори шоирон Ўашмат на ҳамеша аз ашъори онҳо намуна меорад. Аммо аз осори шоироне, ки эҷодиёташон барои адабиёти давр аҳамияти махсус дорад. намунаи ашъор нисбатан зиёдтар дида мешавад. Вай мисли Афзал қасидаву ғазалҳои дар мадҳ ва дар тақлиди ашъори амир Абдулаҳад гуфташудаи шоиронро намеорад. Баръакс. дар тазкираи ў ғазал ва шеърҳое, ки дар шикоят ва танқиди тартиботи он давр навишта шудааст, хеле бисёр аст. Чунончи, "дар шикояти хосу ом" маснавие оварда шудааст, ки ҳамоно боби то ҳол номаълуми "Тўҳфаи дўстон" аст. Дар ин маснавӣ Шоҳин бо ҷуръати тамом амир, дарбори ў ва ахлоқӣи разилаи муҳити дарборро ниҳоят фошофош танқид кардааст.

Садри Зиё аз шахсони маърифатпарвар ва донишманди охири асри XIX

ва аввали асри XX буд. Вай ба бисёр касони фозилу олими замонаш пуштибонӣ мекард, ҷавонони боистеъдодро тарбия менамуд, нусхаҳои мӯътабари осори маданӣ ва адабиро ҷамъ мекард, асарҳои муҳимми муосиронро бо маблаҚи худ ба котибони беҳтарин китобат мекунонд.

Аз ҷумла қисми зиёди асарҳои Аҳмади Дониш. бо кӯшиши Садри Зиё то замони мо расидааст. Ба кӯшиши ӯ нусхаи комили "Наводир-ул-вақоеъ" дар охири асри XIX ба майдон омад. Хулоса, Садри Зиё бо хидмати фаъолони худ дар ҳаёти илмиву адабии он давр таъсири мусбате гузошт.

"Тазкират-уш-шуаро"-и ӯ асари манзум буда, ба унвони "Тазкират-ул-ашъор" шӯҳрат дорад.

Садри Зиё нисбат ба шоироне, ки аз тартиботи амир ноРозӣ буданд ва дар ашъори худ оҳангҳои танқиду мазамматьи сохти давлатиро дохил мекараднд, баҳои дуруст ва мусбат медиҳад. Ҳатто дар баъзе мавридҳо муносибати хайрхоҳонаи ӯ то ба дараҷае кушоду равшан ва далерона аст, ки гумон меравад дар охири солҳ'ои бистум гуфта бошад. Чунончи, дар ҳаққи Шоҳин мегӯяд:

Вале он қадр буд ӯро Қурур,
Ки аз хидмати шаҳ будӣ нуфур.
Бад-он поя будӣ Қаюру далер,
Ки инъоми шаҳро намудӣ ҳақир.
... Аз ин раҳ басе ранҷу меҳнат кашид,
Ба олам даме рӯи роҳат надид.
Ба ҳасрат аз ин хокдони хароб,
Бурун рафт бо дидагони пуроб.

Он шоирони дарбор, ки дар асл ба истеъдоди шоириашон худи Садри Зиё ҳам шубҳа дошт ва баъзеи онҳоро дертар дар ёддоштҳояш ҳаҷв кардааст, дар тазкираи ӯ хеле мадҳу ситоиш карда шудаанд. Чунончи. дар бораи Афзал дар тазкирааш менависад:

Дар ин асру овон ба қайди ҳаёт,
Яке фозиле ҳаст некӯсифот.
Бар аҳли Бухоро басе мӯътабар,
Ба махдуми Афзал шуда муштаҳар.
Аз амсолу ақрони худ акмал аст,
Тахаллус дар ашъори ӯ Афзал аст.

Дар ёддоштҳояш мулоҳизаи ӯ баръакс аст: "Афзал-Махдуми Пирмастӣ муаллифи "Тазкират-уш-шуаро" аз таломизи ӯст /яъне дониш аст/. Аз он ҷо ки бетамизӣ ва бепарҳезӣ дар ниҳоди ӯ муставлӣ буд... ду нафар хидматгорони ӯро... бад-ин рубоӣ ҳаҷв намуд".

Дар бораи Анбар ном шоири маддоҳи амир Абдулаҳад дар тазкира чунин навиштааст:

Яке шоири нуктасанҷи амир,
Хирадманди доно, куҳансоли пир.
Муҳаммад Шариф ном, Анбар лақаб,
Дукони ҳаё асту кони адаб.

... Зи ақсоми шеър он ҳамидахисол,
Ба таърихгўист соҳибкамол.
Набошад ба гетӣ чу он номдор,
Ба таърих аъйубаи рўзгор.

Аммо дертар таърихҳои бемаънии Анбарро чунин ҳаҷв карда: “Дар ҳудуди Бухоро офтобаи бедаста ва кўзаи гарданшикаста мавӣуд набуд, ки таърихе барояш нагуфта бошад”.

Ҳамаи ин гувоҳ аст. ки дар вақти истифодаи тазкираи Садри Зиё дар ҳеҷ сурат аз ёддошту хотира ва рисолаҳои адабию таърихии ў сарфи назар наметавон кард.

Ҳамин тариқ ин се тазкираи Возеҳ, Ўашмат, Садрӣ Зиё берун аз дарбор, ба шавқу ихтиёри худи муаллифон тартиб ёфта буданд. Муаллифи ҳар се тазкира - намояндагони пешқадами илму адаби замони худ ва ҳар яке ба дарайаи муайян нисбат ба тартиботи замон ҳисси адоват ва норизоӣ доштанд. Ўаёти адабӣ дар тазкираҳои онҳо холисона акс ёфтааст.

ғайр аз ин се тазкира, тазкираи Ўойӣ Абдулазими Шаръӣ таълиф шуда буд, ки аз он танҳо чанд бобе то замони мо расидааст.

Шаръӣ ҷамъ дар бораи шоирони намоёни аср /Дониш, Савдо, Возеҳ, Шоҳин.../ маълумоти муфассал меорад ва дар хусуси ҳар шоир мулоҳиза ва муҳокимаҳои интиқодии худро низ ба тафсил зикр мекунад. Шаръӣ махсусан шоирони пешқадами замонашро бо далелу бурҳони қатъӣ аз тўҳмати ноҳақ ва ҳамлаи уламои муртайеъ ҳимоя намудааст. Чунончи, дар бораи Возеҳ мегўяд:

“Агар аз ин ҳайсият аз шарри нос халосу наҷот меёбад, лекин аз ҷиҳати дигар мавриди таъни суфаҳо /сафеҳ/ мегардад. ки мегўянд: миёни саҳеҳе саҳим /хато/ ва ракику матин қувваи тафриқаю тамиз надорад, истеъдоди маърифати калом, ки балоғат аст, дар фитраташ нест, вагарна имтиёз дода исбот мекард”.

Ба ҳамин оҳанг ва ҳусни таваҷҷўҳ Шаръӣ Аҳмади Донишро низ аз ҳуйумҳои душманонаи табақаи ҳукмрон ва мутаассибони дин ҳимоя мекунад.

Дар аввали асри XX қариб дар як вақт ба фармуди амир ё барои амир се тазкираи дигар таълиф шуд, ки муаллифони он, Афзал, Абдӣ ва Мўҳтарам мебошад. Ин ҳар се ба завқи тамоюли адабиёти дарборӣ пайравӣ намуда, эҷодиёти шоирони пешқадами замони худро нодуруст тавзеҳ намудаанд. Ин якрангӣ ва умумияти фикру ақидаро дар иқтибосҳое, ки доир ба эҷодиёти Шоҳин аз тазкираи онҳо дар поин меорем, равшан дидан мумкин аст.

“Аз он ҷо абвоби /дарҳои/ тафаккудоти /меҳрубонӣ/ гуногуни хусравонӣ... ҳамеша ба рўяш боз буд ва маводу афзалаш рўз ба рўз меафзуд, кораш ба ҷое кашид. ки рутбаи камоли худро аз ҳама боло дид ва ба мазаннаи /гумон/ пастӣ ва пояе, ки дошт, ношукрӣ чид, аз ин Қофил, ки нафси одамиро вақте ки аз мабдау маод тазаккур /ёдоварӣ/ нест, дар ҳеҷ марказе такаррур /устуворӣ/ нест. Ва филҷумла аз ин шўъла дилаш пурдоҚ буд ва мубталои сўзиши димоҚ”.

Абдӣ менависад:

“Бо вуйули он ки бинобар закои табиат ба манодамату /надими/ мусоҳабати аълоҳазрат расида ва ҳамдўши хуршед гардида, аз пастии толеъ шиква мекард ва аз нуҳусати /бадбахтӣ/ бахт ситеза мекард... лиҳозо офтоби

умри он навҷавон дар синни шабоб ба сар омад”.

Мӯҳтарам менависад:

“Чандон ки хуршеди марҳамати султонӣ ва анвони тарбияти хусравонӣ бар вуҷуди мустаидди ӯ метофт. иддаои ӯ боло мегирифт ва мақолаи ҳарзадоронро боло афрохт”.

Ба ҳамин тариқ ин се тазкира барои муайян намудани мубориза и ғоявии намояндагони адабиёти феодаливу динӣ ва равияи пешқадами адабиёти он давр маводи хуб дорад.

АФЗАЛ -МАХДУМИ ПИРМАСТӣ:

“Афзал-ут-тазкор фи зикри-ш-шуаро ва-л ашъор”-ро бо амри амир Абдулаҳад таълиф намудааст.

Тазкираи Афзал аз тарафи аҳли дарбори амир писандида шуд. Зеро Афзал ғайр аз он ки дар асараш амирро мадҳ намудааст, боз ба ҳукми хоҳиши ӯ бисёр шоирони пешқадамро, ки аз амир ноРозӣ буданд, ба ҳар воситае дар тазкирааш сиёҳ намуда буд. Махсусан Шоҳинро. Дар тазкираи ӯ доир ба тарҷумаи ҳол ва хусусияти эҷодиёти адибон маълумот кам аст, ӯ бештар ба хислатҳои шахсӣ ва сифатҳои зоҳирии шоирон диққат медиҳад.

Аз тарафи дигар, Афзал ҳарчанд кушоду равшан набошад ҳам ба шоирони пешқадами он замон, ки нисбат ба сохти аморат ва тартиботи амир муносибати танқидӣ доштанд, назари бадбинонае дорад ва намояндагони адабиёти дарборро бошад, бо ҳар роҳ таърифу ситоиш менамояд.

АБДУЛХОҶАИ АБДӣ: “Тазкират-уш-шуарои мутааххирин”-ро /1900/ таълиф кардааст. Вай дар муқаддимаи тазкира оид ба пайдоиши шеър. оид ба рутбаву унвонҳои расмии ҷамъияти он замон /қозӣ, муфтӣ, мударрис/ маълумот медиҳад. Инчунин дид ба мавқеи шоир дар ҷамъият ба таври хеле муфассал ҳарф мезанад.

Дар тазкираи ӯ аз аҳволи шоирон маълумот ниҳоят кам аст. Ба ҷои ин Абдӣ ба эҷодиёти ҳар нависанда ва баъзе хусусиятҳои шахсии он бештар ба таври умумӣ аз нуқтаи назари маҳдуди шахсияш баҳо медиҳад.

Маълумоти Абдӣ чандин саҳеҳ нест, ки ба ин худи тазкирааш низ ишора мекунад.

Тазкираи дигар “Тазкират-уш-шуаро”-и /1908-1909/ Ӯоӣи Неъматуллоҳи Мӯҳтарам мебошад.

Дар тазкираи Муҳтарам монанди тазкираҳои Афзал ва Абдӣ нисбат ба адабиёти феодалӣ ҳусни таваҷҷӯҳ ва нисбат ба шоирони пешқадам муносибати манфии муаллиф ҳис мешавад. Ӯ адабиёти дарборӣ ва шоиронаш чун Афзал, Сират, Анбар, Фитрӣ ва чанде дигарро ҳимоят мекунад. Баръакс, аз забони “шоирони суханфурӯш” тир ба “аҳли ҳиммат” ва сухан мезанад. қитъаеро аз қозӣ Қурбонхони Фитрат меоварад, ки Шоҳинро мазаммат кардааст:

Худфурӯшӣ касали кӯҳна бувад Шоҳинро,
Мекунад йилва ба ҳар сӯ зани далола барин.

Афзали Пирмастӣ низ дар ҳар маврид аз Шоҳину Дониш интиқод мекунад ва нисбат ба онҳо тӯҳматҳое ба миён меандозад.

Дар миёни адибони маорифпарваре, ки дар нимаи дуюми асри XIX зиста

ва эҷод кардаанд, Аҳмади Дониш, Савдо, Возеҳ ва Шоҳин мақоми афзал доранд. Мулоҳизоти ишон, ба хусуси Аҳмади Дониш дар боби шеъру шоирӣ қадри сухан ва ҳамчунин, назари ӯ ба шеъри Абдулмаонӣ саҳифаи боҚановате аз таърихи накди маорифпарварист.

Шахсият ва ҳайсияти инсониву адабии Аҳмади Дониш дар муҳити адабии Бухорои аҳди XIX беназир аст. Ӯ як шахси худододае буд, ки аз роҳи ҳақ дида ба муҳити нобасомони аморати Бухоро кушода буд. Ба воқеияти арзёбӣ ва сиёсии замонаш назари хосу бемонанд дошт. Ба қавли устод Айнӣ “маълум аст, ки дар он овон дар Бухоро аз фикрҳои нав ва адабиёти ҷадида асаре набуд. пас маълум мешавад, ки ин доҳии модарзод ҳамаи афкорашро аз ғайри талқини касе ва китобе, маҳз тадаббуру тафаккури худ маишат ва дунёро ҳосил кардааст”. /С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926. саҳ. 289/.

Тафаҳҳуми воқеияти замон, ахлоқӣи ҷомеа ва фаҳму фаросати ҳукком тафаккури Донишро ангезиш медод. Ӯосили ин мафкураи қавии интиқодии вай буд, ки ҳам дар шинохти воқеият ва ҳам муайян кардани асолати ҳунариву ахлоқӣ саъй дошт.

Аз ҳамин мавқеъ вай рисолати шеър ва шоирро мукаррам медонист. Ва шоириро пешае медонист, ки “аҳли қаламро бад-он мубоҳот ва ифтихор ояд”, чунки “маншаъи тафаввуқ ва тафаззул гардад”. Дар ин замина “музовалаи ашъори мавзун ва гуфтани шеърҳои бомазмун”-ро аз муҳимати ин касб шумурдааст. ”Валҳақ,-навишта буд Дониш,-шеър кардан ва гуфтан хислати ҳамида ва санъате писандтда аст, агар мӯҳтавӣ бувад бар... мавъизат ва насиҳат. Ва агар муштамил бувад бар фаҳш ва лаҚв ва ҳисо ва мадҳи аҚниё ва умаро бад хислатест ва номаҳмуд сифате” /Аҳмади Дониш, Осори баргузидаи бадеӣ. Душанбе, 1976, саҳ. 202/. Минбаъд “Осори баргузида” меояд/.

Аз ин иқтибос назари интиқодии Дониш ба воқеияти адабии замонаш, ки ҳунар хор гашта буд, равшан мегардад. Вай рисолати шеър ва адабиётро дигар хел мешинохт. Ва худаш дар ин роҳ сабқат нишон медод, зеро “обрӯи маънӣ дар пои ситоиши дунон нарехт”. /Сори баргузида, саҳ.203/.

Дар ин маслак вай худро ҳамроюю ҳампои шоирони якрӯю бериёи қадим, аз ҷумла Абулмаонӣ медонад. Ва бевачҳ нест, ки дар ин боб бештар ба Бедил такя карда, шеъри ӯро иқтибос мекунад. Чунончи. ҷое, ки аз хормоя шудани сухан ҳарф мезанад, қитъаи зерро аз Бедил меоварад, ки посухгӯи андеша ва орои ӯст:

Эй басо маънии равшан, ки зи ҳирси шуаро,
Хоки йавлонгаҳи аспу хари аҳли ҷоҳ аст.
В-эй басо нусха, ки дар мактаби ташвиши тамаъ,
Рӯсиёҳи абад аз мадҳи амиру шоҳ аст.
Силамуштоқи гадотабъ зи мазмуни баланд,
Гар ҳама пой бар афлок ниҳад дар чоҳ аст.
Марйаъи маънии ин сустхиёлон дарёб,
То бидонӣ, чӣ қадар фитраташон кӯтоҳ аст?
Модеҳи аҳли сафо бош, ки дар илми яқин,
Васфи ин тоифа тафсири каломуллоҳ аст.

/Осори баргузида, саҳ. 203/.

Дониш аз онҳое, ки ба роҳи шеъру шоирӣ меафтанд, тақозо дорад, ки нахуст нафси хешро такмил диҳанд, сониян ҳунарро. Агар ин амр риоят нашавад "дар нанги залолати абадӣ бояд" бимонад. Пас, "ҳайфт иборате, ки аз муаммои ифодааш номи йефа барояд ва афсӯс маъние, ки аз оинаи латофаташ муддаъои касиф чеҳра кушояд". /Осори баргузида, с.205/.

Ҳарфи ӯ дар боби мавқеъ ва манзалати шеъру шоир ниҳоят қотеъ аст. Вай аз шоирони газофагӯй, ки мадҳи одамони носазовор мекунанд, иҳтироз карда, амали ин гуна шоиронеро, ки "машқи таърифи салотин" кардаанд, ба "машқи таълими шаётин" баробар медонад. Ва сирри "таълими шаётин"-ро шарҳ медиҳад:

Чист таълими шаётин? - ҳубби ҷоҳ.
Эй шаётин муршидат, рӯят сиёҳ!
Фахри табъат мадҳи шоҳе беш нест,
К-он ҳама тахту кулоҳе беш нест.
Имтиёзе, то бидонӣ шоҳ кист,
Ин қафаспарварди аҳли ҷоҳ кист?
Бар сараш афтода он заррин рухом,
Омада пояш ба санге - тахт ном.
Тахт симу афсари заррин ду санг,
Ӯ чу оташ дар миёни ин ду санг.
Фил-ҳақиқат, оташ аст ӯ, шоҳ нест,
Лек ҳар оташпараст огоҳ нест.
Қурби ин оташ балои ҷони туст,
Барқи дину хирмани имони туст.
Гар ба базми шоҳ қурбандешаӣ,
Бегумон, Зардушти кофирпешаӣ.
Рафта гир оинаи динат зи даст,
Нест ҳаргиз ҳақпараст оташпараст.
/Осори баргузида, саҳ. 204/.

Шеър аз нигоҳи Аҳмади Дониш танҳо бозии калом набуда, балки падидаоварандаи ҳолоти инсон низ ҳаст. Ин маънӣ ва мӯҳтавои шеър барои Дониш арзиши аввал дорад. Ба назари ӯ шоир чун шеър мегӯяд, ҳолоти хеш, беш аз ин "нафосату хабосати инсониро маълум мегардонад". Аз ин ҷост, ки шоир чун шеър гуфт, "сирри дили" худро низ ошкор кард ва ҳадди камоли нафси ӯро низ аз шеъраш шинохта мешавад.

Дар ин маврид нақди ӯ аз шеър ва оғози он нақди фалсафист, ки ба муҳокимароиҳои Арасту дар боби ахлоқии шоир қаробат дорад. /Арасту. Доир ба санъати шеърӣ. Дар китоби "Фанни шеър". Душанбе, 1985, саҳ. 16/.

Ба назари ӯ "шуури нафс ва қабоеҳи сухан аксари халқро, ба сабаби ҳубби наф пӯшида монад, то ки ҳама афъолу аъмоли хешро ҳусн бинад ва ба мардум изҳор кунад то бидонанд, ки вай доност ва ҳол он ки нодонии худ исбот карда бошад". /Осори баргузида..., саҳ. 204/ Ва ин ҳолати шоирон ва фасоди сухани ишонро ӯ бисёр мушоҳида карда, ба шоирони муйид ин амалро номашрӯҳ донистааст. Ӯ мегӯяд: "Ва ман медидам, ки аксаре арбоби шеъру қофия маҚрур ва мутакаббир буданд ва шеъри номарбути худро фазилате аъло эътиқод

мекарданд ва ба ҳар дари касу нокас ба мадҳу қасида мерафтанд ва таваққуъи силаву ҷоиза мекарданд ва ғайри шуароро аз ҳайизи иътибор соқит медонистанд. Ва шеъри ишонро дар нафс ба ҷуз таҳаюйи шаҳват ё тамаккуни фаҳш ҳеҷ таъсире набувад: ё ҳаҷви касе, ё музахрафоти ботила: ва аз шеъри мамдӯҳ билмарра отил буданд, чунки аҳли он набуданд”. /Ҳамон ҷо, саҳ. 244/. Ва ин гуна шеъреро, ки барангезандаи шаҳват ва таблиғи бадахлоқӣист, манзалати ахлоқӣ нест ва ин гуна шоиронро аз аҳли ҳунар намешиносад.

Аз ҳамин мавқеъ Аҳмади Дониш ба шеъри гузаштаи мо, махсусан. ба ашъори Бедил ихлоси тамом дорад. Дар бисёр мавридҳо, ҳам дар “Наводир-ул-вақоеъ” ва ҳам рисолаҳои дигараш аз шеъри Абулмаонӣ фаровон иқтибос карда, ақоиди хешро бо ашъори Бедил тафсир ва нақд мекунад. Ин ҳама гувоҳи табъи дарроки наққодӣ ва сухансанҷии ӯст. Дар ин маврид вай дар рисолаи “дар фараӣ баъд аз яъс” қасидаҳоеро, ки Шохин ва Музтариб баъди қироати китоби ӯ “Наводир-ул-вақоеъ” навиштаанд, комилан иқтибос карда, байту масореъи онро нақд низ менамояд.

Мушоҳидаи ӯ доир ба қасидаи Шоҳин хеле ҷолиб аст ва онро чун дастуре барои таҳқиқи сабки Шоҳин низ метавон шинохт. Дониш менасивад, ки “Ин қасида /қасидаи Шоҳин - й.Ӯ./- агарчи бар усули забони омма воқеъ шуда, аз аҷобат холӣ нест. Ин аҷобатро вай дар истифода аз услуби забони омма” дида “муроoти истилоҳоти тавоифи халқ ва татаббӯи луғати омма”-ро “аз саноеъи бадеъаи шеър” медонад.

Ҷои дигар қасидаи Музтарибро нақл карда, дар ҳавоиши рисола назари хешро ба он баён медорад. Аз ҷумла дар ҳавошӣ таъкид мекунад. ки соҳибшеър “матлаъро муносиб наёварадааст. Матлаъи он қасида ин аст:

Ки эй, ба тахти фатонат ягонаӣ ба йулус,
Замон зи зевари фазлат ба ноз ҳамчу арӯс.
/Осори баргузида, саҳ.294/

Ин ироди Дониш воқиан бедалел нест. Ба назари мо Дониш. ки ҳарчанд хоксорона икрор аст, ки “ман дар эҳрози асбоби он /шеър - й.Ӯ./ аз вазну қофия ва арӯз ҳеҷ кӯшиш накардам, балки надида ва нашунида, ки шеър чунин рисолаҳо ва чунин мизонҳо дорад” /Осори баргузида, саҳ. 205/, вале аслан ӯ аз ин илм бебаҳра набудааст. Ва далеле, ки Дониш дар муносиб наомадани матлаъ пеш мегузорад, шояд ин бошад, ки танҳо дар матлаи ғазал “ҳар ҳолеро... шарҳ диҳанд ва “дар миёни мардум сифати ҳар чӣ кунанд” /”Ҳадоиқ-ус-сеҳр”. саҳ. 120/. Аммо дар қасида шарту шароити дигарест. Чун ин қасида мадҳист, “вуйуҳи мадоеҳ бояд, ки ба чизе аз фазоили нафсонӣ бошад. умдаъи адъияи /дуъоҳо мамдӯҳ бояд, ки ба ҳусули саъодати нафсонӣ” /Ал-мӯъҷам...” саҳ. 327/ бошад. Беш аз ин албатта Дониш аз назариёти гузаштагон оид ба қасида. ба хусус матлаъ ва насибу ташбиб, бехабар набуд, балки медонист, ки “мамдӯҳро ба ном” нахонанд. “ба чиҚаи нидо ва нашояд, ки мамдӯҳро гӯянд, ай фалон, магар дар чизе ки дар он сифати мадҳӣ бошад, чунон ки “эй подшоҳи олам” ва “эй садри йаҳон” ва монанди он” /”Ал-мӯъҷам...”, саҳ. 326/. Ва дар матлаи қасидаи Музтариб ин ҳолати нописандида ба назар мерасад. Беш аз ин, ба ваҷҳи мақом ба он ташбеҳу истиороте, ки муаллиф меорад /ба бахти фатонат ягонаӣ ба йулус”... “замон ба зевари фазлат ба ноз ҳамчу арӯс”/ Донишро “бад-он исм

таллуғе нест” /”Ал-мўъҷам...” саҳ. 325/.

Ҳар ҷо ки байте хуш аст Дониш онро эътироф мекунад ва дар ҳавошӣ муқобили он иборати “байтро хуб гуфта”-ро рақам мекунад. ки ин ҳам аз маслаки шоирӣ ва наққодии ӯ гувоҳ аст.

Дониш аз “бозори фазлу ҳунар нороиӣ ва касод” будан ҳасрат мехӯрад ва Шоҳину Музтариб ва Тамкинро “аз шуарои муқаддами он замона” мешуморад ва аз муносибату рафоқати хеш бо ишон ёд мекунад. Дар ин боб менависад: “ҳеҷ кадомро ба ин ҳакир мухолафат ва муҷоласат наяфтода, магар ба нудрат гоҳ-гоҳе. Ва он чи гуфта ва набиштаанд, ҳам аз забони омма буда ва баъд аз мулоқот аз дилу ҷон иътироф менамуданд”. /Осори баргузида, саҳ. 296/.

Ӯукми ӯ дар боби рисолати суханвар беш аз ин буда, хеле қотеъона ба гӯш мерасад. “Вай ононеро. ки “азмону авқоти худ ба пардохти шеъри бемаънӣ сарф кунанд ва шабу рӯз ба фикри бастани мазмунҳои лотоил лаҳву /мазмунҳои бемаънӣ/ зоеъ гардонанд, сафеҳ ва аҳмақтарин бани навъ” /Ҳамон ҷо, саҳ. 313/ мешуморад. Ин ақидаи ӯ ба ин ваҷҳ қотеъ аст, ки “шеъру китобат”-ро “хоси инсоният” медонад. Ҳар кас ки аз ин “сифоти зотия” баҳраманд аст, “баъд аз зуҳури ин ду сифат агар онро ба камол нарасонад, низ ноқис бошад” /Ҳамон ҷо, саҳ. 313/.

Дониш камоли ин “сифати зотия”-ро бе “камоли инсония” ҳеҷ медонад. Ба андешаи ӯ фақат “баъд аз чиҳилсолагию панҷоҳсолагӣ” ин фазилат даст диҳад. Танҳо ба шарте ки “шахс шабу рӯз умрро ба мутолаъаи кутуби илмия ва амалия ва китобат ба сарф расонад ва беҳуда ба чапу рост нангарад ва авқоти муҳмаларо ба фикри авоқиби умури гузаштаву оянда бигзаронад. Он гоҳ агар шеър бигӯяд, муӣаввад бошад...” /Осори баргузида, саҳ. 314/.

Ба андешаи Дониш камоли ҳунари шоирӣ таӣризист. Ва шоир ҳеҷ гоҳ аз навиштаи худ бояд маҚрур нашавад ва ба он ифтихор накунад. Агар ӯ бо ин роҳ равад “роҳи камол бар ӯ то марг масдуд монад ва хусруд дунё вал-охират гардад /яъне то марг дар банд монад ва зиёни дунёву охират бошад/” /Ҳамон ҷо, саҳ. 314/. Ҳамчунин Дониш “ба хатту шеъри ноқис маҚрур шудан ва онро фазли аъло ақида кардан ва бад-он қаноат намудан”-ро, “изҳори ҳамоқати худ” медонад.

Адабро аз амали шоирӣ низ аз муҳимоти ахлоқӣ медонад, яъне шоир бояд ҳар чӣ гӯяд дар мизони ақлу идрок андозад, вагарна оқибати ҳарфи насанҷида гуфтан гарон аст. Дар ин боб сухани ӯ бештар ба шеъри ҳаҷвӣ нигаронида шудааст. Зимни ин ақида мисоли ҷолибе меоварад. “Гирду гуфти шеър,-мегӯяд ӯ,-осон аст. ҷавоби он бисёр душвор асту гарон. Масалан:

> Дар Самарқанд гурба ях нахӯрад.
> Дар Бухоро хурӯс мурҚи нар аст.

Сию шаш ҳарф аст... Агар пурсанд, ки чаро ба гуфти ин байти фаҳш ин ҳама некӯиро ба зиён будӣ, шоири бечора чунон ки ба калтак ояд, ҳеҷ узре наёрад гуфт. Хоса агар бад-ин шеъри ракик ифтиихор ва мубоҳот оварда бошад, ин як калтак чаҳор калтак шавад...” /Осори баргузида, саҳ. 314-315/.

Аз ин иқтибос ва осори Аҳмади Дониш бар меояд, ки касби шоирӣ барои ӯ воқеан ҳам хеле ҷиддӣ будааст, вай шоириро манхулгарӣ” /Шами Қайс/

намедонад. Бо ин рисолат ва ағрози шеърро дар ҷомеа баланд мешиносад.

Порае, ки дар боло нақл шуд, ҳадафи дигар низ дошта. Ин ҳадаф таъкиди соддаписандии Дониш дар эҷод аст. Ҳарчанд, ки дар насри ӯ таъсири насри маснӯъи асрҳои XVII-XVIII ба мушоҳида мерасад, вале дар ҷомеъият насри ӯ муштамил бар забони зинда аст. Ӯанӯз ин фазилати ӯро устод Айнӣ дар "Намунаи адабиёти тоҷик" ёдрас карда, гуфта буд, ки вай /А.Дониш/ "услуби ваҷҳ, таъкид мекунад устод, ӯ бар зидди "тақлиди услуби Бедил мубориза иълон карда, худ осори манзума ва мансураашро дар камолоти соддагӣ ва равонӣ навиштанро илтизом кард" /С.Айнӣ. Намунаи адабиёти тоҷик. М., 1926. саҳ. 289/. Дониш аз ашъори Бедил дар тамоми асарҳояш ба маврид иқтибос мекунад. Махсусан дар шарҳи ҳолоти нафсонӣ беҳтарин пораҳоро аз шеъри Бедил истифода мекунад. Интихоб ва тафсири байту қитъаҳои ҷудогона ба сари худ нақди солим аст.

Дониш дар амаи мавридҳо ба шеър аз рӯи меъёри шинохтаи худаш "алфоз қаволиби маъниҳост, то лафз хуб наояд, маънии баланд аз вай сарбарнамезанад" /Аҳмади Дониш. Порчаҳо аз "Наводир-ул-вақоеъ" Душанбе, 1957, саҳ.79/, баҳо медиҳад ва онро қадр мекунад.

Аз осори Аҳмади Дониш. махсусан дар таҳлилҳои фалсафии ӯ хабардориаш аз осори ҳукамои Юнон равшан ба назар мерасад. Дар бисёр мавридҳо аз Арасту, Афлотун ва Суқрот ба ваҷҳе ном мебарад. Вале ӯ монанди Арасту шоиронро аз Ҷумҳури хеш намеронад, балки аҳли қаламро "ашрафи табақоти мардум" медонад. Ва дар дастуроти худ ба салотини вақт тавсия мекунад, ки амир "дар табақоти аҳли қалам раисе вазъ кунад - мустақил соҳиби амр, ки ҷуз ба азли касе истиҷоза ба подшоҳ набарад; ва олим бувад ба ҳамаи фунун аз шароеъ ва бадоеъ. Агар инчунин касе ба ҳам нарасад, ду раис мансуб дорад; яке барои шароеъ. дигаре барои бадоеъ" /"Порчаҳо аз "наводир-ул-вақоеъ", саҳ. 121-122/. Ин гуна раиси бадеъ бояд, ки аз аҳволи шоирон Қофил набошад, балки "шоири комил"-ро тақдир карда, "дар соле се ҳазору чаҳорсад дирам" "нафақаи мутавассит" таъйин кунад. ӯ ҳатто Раиси бадеъро масуъ медонад, ки касони навқаламро низ" рад накунад", балки "имтиҳон гирад, фарохури ҳолашон моҳиёна ва солиёна вазифа мураттаб дорад, то саъй кунанд ва ба камол расанд, ки мулк аз ҳунармандон ӣамол гирад" /Порчаҳо аз "Наводир-ул-вақоеъ", саҳ. 122/. Ин сухан, албатта, ҳеҷ тафсире намехоҳад, балки умқи назар ва ҳайсияти шоир ва ҷомиашиноси бузургро таъкид мекунад.

## *МАРӮИЛАИ ҶАДИДИЯ*

Таӣдиди назар ба воқеияти аморати Бухоро, бешак аз замони Аҳмади Дониш шурӯъ мешавад. Аҳмад Махдум "соҳати билоди Мовароуннаҳрро, ки доруссалтанаи он Бухорои шариф аст, тарсаи шаҳристони Лут" шинохта, дар он боло гирифтани "наҳӣи бозори фисқу фуӣур"-ро аз фоҷиаи ин кишвар медонад ва оқибати онро низ қаблан мебинад ва мегӯяд, ки "наздик аст чун марзи фароъина ба хитоби "Ӯазо дорулфосиқин" машҳур шавад..." Ана дар чунин вазъият "ҳангоме ки дар Бухоро аҳамияти арзёбӣ ва сиёсии калимаи "танқид"-ро шояд касе намедонист, Аҳмад Махдуми Калла, ки дар ҳақиқат мунаққиди бузурги замони худ буд, зиндагонӣ ва тарзи ҳукуматдории амир Музаффар чун

як мунаққиди тавоно тасвир намуд, аммо вазъияти замони гузаштаи Бухоро имкон надод, ки фикрҳои равшани мунаққидона рӯи рӯшноиро бубинанд”. /Аз сарсухани А.Муҳиддинов ба рисолаи Фитрат “Давраи ҳукмронии амир Олимхон” Душанбе, 1991, саҳ. 4/.

Ин ҳолати Бухорои амирӣ, ки маркази фисқу фасод гардида буд, заминае гардид барои идома ёфтани роҳи таҷаддудхоҳонаи Аҳмади Дониш ва маорифпарварони ҳаммаслаки ӯ. Чун рисолаҳо, дастурҳо ва насиҳатҳои Донишро дар Бухорои он замон, “ба гӯши хар танбӯр навозтан” омад, дар оғози садаи бист, махсусан арафаи нқилоб ҳаракати таҷаддудхоҳӣ роҳу равиши тозае пайдо кард. Рӯшанфикрону зиёиёни тоҷик ҳаракатеро баҳри ислоҳи таълиму тадрис дар макотибу мадорис, таъсиси мактабҳои усули нав, саводнокӣ ва бедории мардум барои огоҳӣ аз воқеоти олам таъсис карданд, ки баъдтар бо номи ҷараёни ҷадидия машҳур гардид.

Ҳамроҳ карда шудани Осиёи Марказӣ, аз ҷумла аморати Бухоро ба Россия ва нуфузи унсурҳои маданияти замонӣ ба Бухорои “дорулфосиқин”, ки дар ҳоли асримиёнаӣ қарор дошт, дар байни муллобачаҳои кунҷкови мадрасаҳои Бухоро. ки ҷомеаи босаводон. донишҷӯён ва ашхоси бо маълумоти он замон буд, рағбат ва донистани ҳаёти Россия ва мардумони он шавқу ҳавас ба омӯхтани забони русӣ зиёд мешуд. Ин майл аз охирҳои асри гузашта, яъне замони зиндагии Аҳмади Дониш равшантар ба назар мерасад /Нигар: Раҳим Ҳошим. Сухан аз устодон ва дӯстон, Душанбе, 1971, с.43/.

Таваҷҷӯҳи хешро ба донистани забони русӣ Аҳмади Дониш дар “Наводир-ул-вақоеъ” ошкоро баён мекунад. /Порчаҳо аз “Наводир-ул-вақоеъ”, саҳ. 79/. Устод Айнӣ дар “Ёддоштҳо” ба тарзи “Нисоб-ус-сибён” порчаҳо тартиб доданаш чун майле барои омӯхтани забони русӣ тасвир намудааст.

Аҳмади Дониш, Раҳматуллои Возеҳ, Шоҳин, ғайрат ва даҳҳо мардони маорифпарвар бо навиштаҳои худ фаро гирифтани илмҳои замониро таблиғ мекарданд. Ононе, ки таваҷҷӯҳ ба таҷаддуди фикриву маънавӣ доштанд, аз надонистани забони русӣ пушаймонӣ изҳор мекарданд. Дар ин аҳд гурӯҳи шоирони пешқадами аср ба ашъори худ калимоти русиро ворид мекарданд. Чунончи, ғайрат дар шеъри “Саёҳати ФарҚона” алфози “фойтан”, вогзал, вагон. истанса, белат, первой номер” ва ғайраро истифода карда буд. Айнӣ дар қасидаи “Сайри Ширбадан” ин корро кардааст. Чунин шеърҳо дар эҷодиёти Ҳамдӣ низ ба назар мерасад.

Яъне, кӯшиш ва иқдомоти таҷаддудхоҳиро дар Бухоро маорифпарварон замина гузоштанд. Вале “то замони воқиаи Колесуф ҷадидҳо бо усули идораи аморат муқобил набуданд, балки мехостанд, ки бо савобдиди амир ва атрофиёнаш, дар усули идории ҳукумати амир ислоҳоте ба вуҷуд оранд. Дар натиҷаи он ҷадидҳо, яъне гурӯҳе, ки дар таҳти таъсири сармояи саноъатӣ ва тиҷоратии Руссия ва Бухоро пайдо гардидаанд ва аз “мактаби сиёсии” панисломиз ва пантуркизм сабақ гирифтаанд, дар идораи мамлакат шарик буда, таъсире дошта бошанд, барои ба даст овардани ин мақсад ба амир муроҷиатҳо карданд /Сарсухан, саҳ. 6/. Баъд аз воқеаи Коллесуф масъала ранги дигар гирифт. Ҷадидҳое, ки дар хоки Туркистон муҳоҷират намуданд, бо таъсири замон ва макон тарафдории усули Ҷумҳурии буржуазиро қабул карданд. Вале

амир аз оқибати ин бозиҳо пай бурда, ба муқобили он мубориаи сахт бурд.

Баъди гузашти вақт назар ба моҳияти ин ҷараён тағйир ёфт. Имрӯз аъмом онро асосан ҳодисаи муфид, яъне наҳзати тайаддудҳои дар зери ливои ислом маънидод мекунанд. Вале гумон меравад, ки ҷадидия ҳадафҳои амиқтаре аввал барои Росияи подшоҳӣ, баъд барои кишварҳое, ки пантуркизм дар он ҷо реша ронда буд, дошт. Аз ин рӯ ҳангоми баҳо додан ба он моҳияти миллӣ ва иҷтимоии онро бояд дар назар дошт.

Бо вуҷуди ҳамаи ин, ҳаракати ҷадидия барои Бухорои он замон аҳамияте дошт. Таъсиси мактабҳои усули нав, нашри рӯзномаву маҷаллаҳо барои муҳити тираи Бухоро беаҳамият набуд. Ба қавли устод Айнӣ, нафаре. ки "тамом дар мактаби ҷадид ва инқилоб тарбия ёфтааст", адиби тавонои тоҷик Фитрат буд. Фитрат аввалин асари хеш "Мунозираро" ба шарҳу баёни мақсаду мароми ҳаракати ҷадидия бахшидааст.

"Мунозираи мударриси Бухоро бо як нафар фарангӣ дар Ҳиндустон дар бораи макотиби ҷадида" ҳанӯз соли 1909 дар Истамбул чоп шуда, пинҳонӣ дар Бухоро интишор гардид.

Дар ин "Мунозира" муаллиф мақсаду мароми хешро аз таълифи асар возеҳ баён кардааст. Вай, аз як тараф "рӯи қаламро ба сӯи олиҳазрат, падари меҳрубони бухориён, падари миллатпаноҳ" гардонда, хоҳиш мекунад, ки "раҳме ба ҳоли раияти барҷомондааш сохта, хидмате ба шариати анвари Муҳаммадӣ, ки аз ҷониьби ҳақ супурдашудае ба вуҷуди муборакат аст, намуда, ба танвири афкору тавсеъаи маорифи миллати аз по фитодаи худ иқдоме кун. Бале, чунин кунанд бузаргон чу кард бод кор" /Абдурауфи Фитрат, Мунозира, Душанбе, 1992, саҳ. 5/. Рӯи дигари ин китоб ба ҷониби бухориён нигаронида шуда буд ва аз онҳо даъват мекард, ки Бухороро, ки "ҷои нашъунамои" онҳост, "модари меҳрубони" онҳост. "поймоли ин Ватани муқаддасро бо камоли бешарафӣ" напазиранд.

Ҷадидия ҳамин гуна афкорро таблиғ мекард ва дар ин замина асарҳои илмиву бадеӣ нашр мегардад. Санади дигарро низ бояд ёдрас кард, ки пешоҳангони ҳаракати ҷадидия, ки тайдиди маорифи исломиро дар назар доштанд, ҳама аз тоторҳои Қазон буданд. Ислоҳотталабони йаррор Курсавӣ /таълимро дар мадориси Бухоро гирифта/, Ҳусейн Фоизхонов ва Марҷонӣ асосгузорони ғоявии ҷадидия шинохта шудаанд. Вале сарчашмаи ғоявии ҷадидияи Осиёи Марказӣ ҳамоно ақоиди маорифпарварони асри XIX, аз ҷумла Аҳмади Дониш буд. /И.С.Брагинский. Из истории таджикской и персидской литературы. Москва, 1972. саҳ. 441. Минбаъд дар шакли "Из истории ..." зикр мешавад/.

Чунон ки ишора рафт, ҷадидҳо бо таъсири матбуот афкори арзёбӣ, адабӣ ва интиқодиро нашр ва таблиғ мекарданд. Муҳаққиқон аввалин рӯзномаи ҷадидиро, ки соли 1906 дар Тошканд нашр шудааст, "Тараққий" донистаанд. Рӯзномаҳои "Хуршед", "Шӯҳрат" идомаи ҳамон рӯзнома аст. Дар ҳамин равиш "Бухорои шариф" /1912/ аввалин нашрия ба забони тоҷикӣ буд. Рӯзномаи "Самарқанд" /1913/ дар Самарқанд нашр мешуд. "Оина"-ро низ муҳаққиқин идомаи ҳамин рӯзнома донистаанд. Таблиғи маориф ва фарҳанг ҳадафи асосии ин нашрияҳо будааст.

Дар роҳи таблиғи ғояҳои худ ҷадидон театрро воситаи муҳим шинохта, осори драмавиро ба майдон оварданд. /Дунган, БАС, 1936, 5/. Муҳимтарини онҳо пйесаи Беҳбудӣ "Падаркуш" ва "Тӯй"-и Нусратулло ибни Қудратулло буд, ки маориф, ахлоқӣи некӯ ва сарфакориро таблиғ мекарданд.

Айнӣ, Беҳбудӣ, Фитрат ва Айзӣ аз адибоне буданд, ки дар таблиғ ва дастгирии ғояҳои ҷадидӣ саҳме доштанд. Махсусан дар ин саҳна чеҳраи Фитрат ба назар намоён аст. Дар ҳамаи асарҳое, ки вай дар ин давра эҷод кардааст, иҳсоси амиқи ватанпарварӣ ва шариатпаноҳӣ ошкор аст. Ба воқеъияти замон назари амиқи интиқодӣ дорад. Дар "Мунозира" назари ӯ ба илм, адабиёт ва санъат дигар шудааст. Акнун ӯ тарафдори "дар макотиб ва мадорис ба ҷои ашъори ошиқонаи ахлоқӣвайронкун ва таҳқиқоти пучу ноҷинс ва истиҚроқ китобҳои ахлоқӣ таълим дода, матбаа кушода халқро ба воситаи йароид бо ахлоқӣи ҳасана тарҚиб" кардан буд. Асарҳои дигари Фитрат, монанди "Сайҳа" /1911/, "Баёноти сайёҳи Ўинд" /1912/, "Таърихи ислом", /1913/ ва "Раҳбари Наҷот" /1915/ бештар хусусияти маромномаро доштанд ва аз интиқоду интихоб холӣ набуданд. Ҳадафи аслии Фитрат дар ин гуна асарҳо дифоъ аз ҳуввияти миллат ва ислом аст. Навиштаҳои Айзӣ ва Беҳбудӣ низ то дарайае ҳамин гуна хусусият доштанд.

Айзӣ дар муҳимтарин асараш "Меръоти ибрат" усули романтикии тасвирро авӣ медиҳад. ўояи асосии ин асар "тиҷорат наҷотбахши ватан" аст. Дар ҳамин замина ба забони русӣ арӣ медиҳад ва омӯхтани онро барои тавсиъаи муносибатҳои тиҷоратӣ муҳим мешуморад.

Муҳаққиқон дар адабиёти даҳсолаи аввали асри бист ду ҷараёнро мушоҳида кардаанд: "якум; ҷараёни консервативӣ, ки ифодакунандаи ғояҳои синфи феодалҳо /адабиёти клерикалӣ/ ва дуюм, ҷараёни ҷадидӣ, ки ғояҳои буржуазияи маҳаллиро ифода мекарданд /матбуоти буржуазии миллатчиён, драматургия, романтикаи пантуркистию иртиҷоии нависандагон Фитрат, Беҳбудӣ ва дигарон/. Илова бар ин ҳар дуи ин ҷараён қатъи назар аз тафовутҳо, ҳатто аз муборизаҳои байни ҳамдигариашон моҳиятан як лагер-лагери зиддиахлоқӣиро ташкил мекарданд" /И.С.Брагинский. Ўаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. Душанбе, 1968, саҳ. 40/. Ин ақида бо истилоҳоти сиёсии истифода кардаи муаллиф имрӯз кӯҳна шудааст. Мо имрӯз ҳангоми тавсифи адабиёти ин давр асосан фаъолияти адибонеро қадр мекунем, ки ҳам дар амал ва ҳам дар эҷодиёт тарафдори ҳуввияти миллӣ ва тайаддудхоҳӣ буданд.

Мутаассифона, аз маводе, ки дастрас шуд, ҳатто вазъи умумии равиши нақди ин давраро муайян кардан душвор аст. Шояд ба ҳамин далели Маъруфи Раҷабӣ ба хулосае меояд, ки "адабиётшиносиву нақди адабӣ дар солҳои қабл аз инқилоб ва дар нахустин солҳои баъд аз он ҷойгоҳи сазовор надоштааст" /Маъруф Раҷабӣ. Таърихи танқид ва адабиётшиносӣ. Душанбе, 1997, с. 6/ М.Раҷабӣ албатта, дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи нокифоя ба чунин хулосаи шитобкорона меояд, ки "дар 10-20 соли аввали асри XX афкори назариву эстетикӣ аз инкишофи осори сирф бадеӣ хеле қафо монда будааст, нақд ба он дарайаи камолот, ки ҳама дигаргуниҳои бадеиро дар худ ғунҷоиш диҳад, нарасида будааст". Баъд муаллиф ваъда медиҳад, ки "бо ба даст омадани имкон /сафарҳои эҷодӣ/ тамоми матбуоти ибтидои асри XX-ро аз ин дидгоҳ аз назар

гузаронидан ва саҳми ҷадидияро дар масъалаҳои афкори назариву эстетикӣ дақиқ намудан хеле пурсуд аст /Ҳамон асар, саҳ.7/.

Баръакси андешаи ин адабиётшинос Валӣ Самад ба хулосае меояд. ки дар бештарин мавридҳо дар рӯзномаи “Бухорои шариф” афкори интиқодӣ аз тариқи осори бадеӣ ифода шудааст. Дар ин замина ӯ ба шеърҳои Мирзо йалол Юсуфзода, ки ифодагари ақоиди интиқодии ӯст, арӣ медиҳад /Валӣ Самад. Аз қаъри Хазар то авйи Зуҳал. Душанбе, 1992, саҳ.141/. Ҳамчунин А.Набиев низ дар заминаи омӯзиш ва таҳқиқи маводи нашрияҳои “Самарқанд” ва “Оина” дар рӯзномаву маҷаллаи мазкур низ изҳори афкори интиқодиро ба василаи сирф бадеӣ мушоҳида кардааст /А.Набиев, Нақди адабӣ дар нашрияҳои Маҳмудхоҷаи Беҳбудӣ. Дар маҷмӯаи “Ҷустуҷӯҳои адабӣ”. китоби II-Д., 1996, с.78/.

Дар вақташ устод Айнӣ “сари таърихи нави тоҷикро” соли 1905 муайян карда буд. Агар ба воқеияти инкишофи адабиёт назар афканем, ин мулоҳизаи усто дақиқ будааст. Воқеан ҳам имрӯз мо итмонон пайдо кардем, ки дар ибтидои аср, ҳамчун идомаи адабиёти маорифпарварии тоҷик, адабиёти ҷадидия тайаддудхоҳ будааст. Нигариши тозаи боҳадаф ба ҳаёти арзёбӣ аз муҳимтарин фазилатҳои ин адабиёт будааст. Ва дар саргаҳи ин адабиёт дар қатори ҳамсафони ҳамиятхоҳаш Айнӣ низ меистод. Бесабаб набуд, ки дар солҳои 1904-1905 Афзал Махдуми Пирмастӣ Айниро ба тазкирааш дохил карда, ба таблиғи эҷодиёти ӯ кӯмак кардааст. аз ҷумла ӯ менависад, ки Айнӣ “марде покбин ва пурдон ва дохили зумраи аҳли ирфон ва ӯро дар ҳалли  Қумуз ва кашфи рамузи бадоеъи улум ва дақоиқи фунун иқтидори кофӣ ва тавоифот ва соҳиби расоӣ ва манбаи фазлу камол ва олимашраб ва лодбол”.

Абдӣ низ дар тазкирааш, ки соли 1906 мураттаб шуда, доир ба мавйуд будани ду гурӯҳи шоирон дар ин давр мушоҳидаи худро баён мекунад. Ба назари ӯ гурӯхи аввал шоироне будаанд, ки меъёрҳои эҷоди шеърро хуб дониста ва истифода мекарданд ва ҳамин ки илҳом даст дод, шеър мегуфтаанд. Гурӯҳи дуюм онҳое будаанд, ки танҳо аз назари қонунияти арӯз шеърҳои аз ҳайси маънӣ ракик эҷод мекардаанд. Абдӣ шикоят мекунад, ки дар рӯзгори ӯ шоирон на илҳом доранду на қавоиди арӯзро медонанд. Абдӣ Айниро ба ҷиҳати завқи зотӣ ва донистани қонуниятҳои шеъри гузашта аз миёни ин ду гурӯҳ тарҷеҳ медиҳад. Ва таъкид мекунад, ки “агар тарбият ёбад дар тариқи илмӣ ва шеърӣ, саромади рӯзгор хоҳад гардидан ва мазомини гули маънӣ ва мазмуни тоза бисёр хоҳад чидан” /Ўаёт ва эҷодиёти Садриддин Айнӣ. с.32/.

Ин далелҳо гувоҳи он аст, ки адабиёти ин давра дар замонааш мавриди назар будааст. Ва аз аввалин нафароне, ки дар навиштаҳояшон майли таҳлилу тақриз буд, низ Айниро метавон ном бурд. Мақолаю порочаҳои бадеие, ки Айнӣ дар китоби дарсии “Таҳзиб-ус-сибён” оварда буд, ба сари худ усули ифодаи назар оид ба адабиёт аст. Махсусан нашри дуюми ин китоб ҷолиби диққат аст. Дар ин китоб “Хонадони хушбахт” ном ҳикояи Айнӣ, ки соли 1916 таълиф шудааст, низ ба чоп расида буд. Ўикоя дар шакли мактубҳо таълиф шуда, андешаҳои баъзе муаллифони мактубҳоро доир ба моҳияти адабиёти бадеӣ ифода мекунад. дар яке аз номаҳое, ки падар ба писар навиштааст, Мулоҳизоти ҷолибе ифода шудааст: “Ба ин муносибат ҳамин қадарро ба ту маълум мекунам,

ки ҳар вақт ба ҳар кас мактуб навиштанӣ шавӣ, албатта аз пеши худ навис. Аз таҳрири касе ё аз мактуби касе нусха магир, вагарна дар балои тақлид гирифтор шуда, нусханавис мешавӣ” /”Таҳзиб-ус-сибён”, нашри дуюм, Самарқанд, 1917. саҳ. 61/. Низ дар яке аз мактубҳои ба Муҳаммадфарид навиштаи бародраш шеъри “Баҳор” оварда шудааст, ки гӯё ба муаллифи мактуб тааллуғ дорад. Ин аз беҳин шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Айнист.

Яке аз шахсиятҳои тавонои ин давра доктор Собирро наметавон аз ёд бурд. Китоби муфиди ӯ “Тӯҳфаи аҳли Бухоро” андешаҳои ҷолиби муаллиф, минҷумла назари танқидии ӯро ба воқеияти замон, рисолати уламо ва шуаро фаро мегирад, ки арзиши фаровони илмиву адабӣ ва таърихӣ дорад.

Барои устод Айнӣ ва бисёре аз адибони ҷадид арафаи инқилоб бисёр гарон афтод. Устод баъд аз истинтоқ ва зарбу лат /75 дарра/ ба Самарқанд кӯчид ва инқилобро чун пайки раҳоибахш бо рӯҳияи баланд пешвоз гирифт. Дар Самарқанд хона сохта,аз тӯфони одамхӯри арафаи инқилоб ва солҳои сиву ҳафт наҷот ёфт. Нашъаш дар Душанбе, хонааш дар Самарқанд монд

# ГЛОССАРИЙ

| Термин | Шарҳ |
|---|---|
| **Автобиографизм** (юнонї) | инъикоси лаҳзаҳои ҳаёти муаллиф дар асараш. |
| **Лирикаи автопсихологї** | ашъори лирикие, ки дар он ҳолатҳои рўҳии худи муаллиф ифода ёфтааст. |
| **Анахронизм** (юнонї) | ғайритаърихї; саҳван ё қасдан нодуруст ва хато тасвир кардани воқеа, замон ва корномаи шахсони гузаштаи таърихї дар асари бадеї; асарҳо дар бораи Искандари Македонї, Абўмуслим ва ғайра. |
| **Апсихологизм** | инкори тасвири ҳолатҳои рўҳї дар эҷоди бадеї. |
| **Архетип** (лотинї) | 1) нахустобраз; нусхаи аслии асари қадим; 2) «идея»-ро асоси системаи образ номидан дар эстетикаи К.Г.Юнг. |
| **Герменевтика** (юнонї) | тафсирот, ташреҳот; навъи илми матншиносї, ки назария ва хусусиятҳои асарҳои қадимиро меомўзад ва матнҳои онҳоро барқарор мекунад. |
| **Глосса** (юнонї) | калимаи нодир; калимаи мушкилмаънои архаистие, ки маънои мазмуни онро котиб, муҳаррир, хонанда дар ҳошияи асар шарҳ медиҳанд |
| **Глоссарий** (юнонї) | луғат; шарҳу тафсири калимаҳои архаистї, камистеъмол ва номафҳум; ҳошия, иловаҳо дар ҳошия ва вараќи асар. |
| **Подтекст** | маънои ниҳонї, таҳтулматн; матни тамсилї, матни маҷозї, матни иҳоммаъно. |
| **Психоанализ** | усули таҳлили психологї; яке аз ҷараёнҳои субъективї- идеалистї дар соҳаи эҷоди бадеї, ки ба омўзишу таҳлили азобу машаққат ва ҳолати рўҳии персонажҳо диққати асосї дода, мақоми ҷамъиятї ва иҷтимоии персонажҳоро аз эътибор соқит мекунал. |
| **Психологизм** (юнонї) | ба фаъолияти рўҳї иснод овардани нависанда; майли амиқ тасвир кардани рўҳия, олами ботинї ва ноаёни инсон. |

| | |
|---|---|
| **Мактаби психологї** | яке аз мактабњои илмї-эстетикї, ки дар чоряки охири асри X1X ба вуљуд омада ба фаъолият ва њолати рўњии санъаткорон маќоми калон медод ва фолклору адабиётро дар асоси «оѓози иродаи нахустин» тадќиќ мекард. |
| **Омўзиши статистикии шеър** | тањлили шуморавии ашъор, тадќиќи њисобии шеър, ки дар методи статистикї (усули риёзї-њисобкунї) дида мешавад. |
| **Адабиётшиносии структуралї** | адабиётшиносие, ки сохти асарњои бадеиро меомўзад. |
| **Семиотика** | илм дар бораи аломат ва системаи аломатњои забон ва услуб мебошад. Семиотикаро услуби аломатию шартї дар эљоди бадеї њам меноманд. |

## ЛУҒАТИ АЛИФБОЙ

**Сабк:** вожаи «сабк» масдари салосии муҷарради арабӣ аст, ба маънои гудохтан ва рехтану қолабгирӣ кардани зар ва нуқра. Ва «сабика» ба маънои пораи зар ва нуқраи гудохта ва қолабгирӣ шуда муштаќ аз он аст1. Дар китоби «Аш шеър вашуаро»-и Ибни Қутайба (мутавафо с. 275 ҳ.қ) ин вожа ба маънии «шева» ва «равиш» ба кор рафта аст2, аммо дар арабии имрӯз маъмулан ба ҷои он вожаи «услуб»-ро ба кор мебаранд ва онро бар «асолиб» ҷамъ мебанданд. Дар забонҳои аврупоӣ калимаи «стил» ба кор меравад ва он муштаќ аст аз «стилиус»-и юнонӣ, ки ба маънои ќаламҳиљорӣ будааст. Дар забони форсии қадим вожаи «сабк» ба маънои мавриди назари мо ба кор намерафтааст. Зоҳиран истеъмоли он бад ин маънӣ марбут аст ба адвори мутааххир. Ба назари Маликушшуаро Баҳор, аввалин матне, ки ин вожа дар он ба ин маънӣ ба кор рафтааст, «Маҷмаъ-улфусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят аст3. Дар шеъри давраи Сомонӣ то қарни панҷум агарчи шоирон гоҳгоҳ дар бораи шеъри якдигар сухан гуфтаанд ва каломи хешро ба тарозуи нақд санҷидаанд, аммо дар ишора ба равиши шоирии якдигар зоҳиран вожаи мустақил ба кор набурдаанд. Унсурӣ дар баёни ин мафҳум аз пасванди «вор» ёрӣ гирифта ва гуфтааст:

**Ғазал Рӯдакивор неку бувад,**  
**Ғазалҳои ман Рӯдакивор нест.**  
**Агарчи бикӯшам ба бориквaҳм,**  
**Бад ин парда андар маро бор нест.**

Ва Носири Хусрав наздик будани сабки шеъри форсӣ ва арабии худро ба шеваи Унсурӣ ва Бухтурӣ ва Ҷарир чунин баён кардааст: **Низоми суханро худованди ду ҷаҳон,**  
**Дили Унсурӣ доду табъи Љарирам**5.  
**Бихон ҳар ду девони ман то бубинӣ,**  
**Яке гашта бо Унсурӣ Бухтуриро.**

## А

АБРӮИ ШОҲИ МАҒРИБ - киноя аз моҳ.

Наъли бурори размат абрӯи шоҳи маѓриб,  
Дуди чароѓи базмат рӯи арӯси ховар.

**Бадри Чочӣ**

АБУЛБАШАР - ниг. ба ОДАМ.

АДН - ба маънои иромат кардан аст, боиҳои биҳиштро низ гӯянд:

Биҳишти адн агар хоҳӣ, биё бо мо ба майхона,
Ки аз пойи ҳумат яксар ба ҳавзи кавсар андозем.

АЁЗ - номи иуломи Султон Маҳмуди Ғазнавӣ, ки маҳбуби ӯ буд ва ба зиракию ҳусну малоҳат маъруф. Дар адабиёти форсу тохик ба унвони маҳбубу маъшури Маҳмуд, ки ӯро чун бут мепарастид, зикр шудааст:

Дасти дили Махнуну хами турраи Лайлӣ,
Пешонии Маҳмуду кафи пои Аёз аст.

**Ҳофиз.**

Барҳамане ба Ғазнавӣ гуфт: Кароматам нигар!
Ту, ки санам шикастаӣ, банда шудӣ Аёзро.

**Муҳаммад Ирбол.**

АЗИЗИ МИСР - вазири аввали Миср, шавҳари Зулайхо, ки Юсуфро хариду дар расри худ хо дод ва бар асари тӯҳмате ӯро ба зиндон афканд. Юсуф пас аз раҳоӣ аз зиндон худ ба азизии Миср расид. Аз ин рӯ дар адабиёти форсу тохик гоҳе аз ифодаи «азизи Миср» Юсуфро дар назар доранд:

Азизи Миср ба раҳми бародарони иаюр,
Зи раъри чоҳ баромаду ба авхи моҳ расид.

**Ҳофиз.**

АЙВОНИ НУР - киноя аз фалаки чаҳорум:

Гар ӯ Кайхусрави айвони нур аст,
Чаро Бежан шуд ин дар чоҳи ялдо.

**Хоронӣ.**

АЙЮБ - номи пайиамбар, ки дар сабру таҳаммули ранх машҳур аст. Дар ривоят ҳаст, ки Худои таоло ӯро ба балоҳо мубтало кард ва сабрашро озмуд. Ибтидо моли ӯро гирифт ва фарираш гардонид, сипас фарзандонаш мурданд ва худи ӯ бемор шуду дар баданаш кирм афтод. Аммо ӯ нанолид ва сабр кард. Айюб худро ба об шусту сиҳат ёфт ва он чашма ба чашмаи «Айюб» ё «айни Айюб» маъруф гашт. Ҳар беморе, ки худро дар он мешуст, шифо меёфт. Сабри Айюб дар адабиёти мо масал аст:

Ҳар кӣ дар иам сабр кард Айюб медонем, мо,
Хӯ ба ҳихрон кардаро Яъруб медонем мо.

**Сайидо.**

АЙЮР- аз ситорагони собит, ки дар канори Каҳкашон хойгир аст:

Бисуда дасти халоли ту доманаш Айюр,
Сипарда пойи камоли ту зарваи аъло.

АЛАСТ - яъне «оё нестам». Ишора ба ояти Руръон аст, ки дар он Худованд ба одамиён хитоб кард, ки «Аласту бираббикум», яъне «Гуфтанд, ки оре». Дар шеъри форсу тохик ба маънои рӯзи азал омадааст:

Бирав, эй зоҳиду бар дурдкашон хӯрда магир,
Ки надоданд хуз ин тӯҳфа ба мо рӯзи аласт.

**Ҳофиз.**

АЛБУРЗ - номи силсилакӯҳе, ки дар рисмати шимолии Теҳрон ворест. Мувофири ривояти «Шоҳнома» Рустами гурд Кайрубодро аз он хо ҳамроҳ овард ва бар тахти шоҳӣ нишонд ва симури Золро бар фарорзи он парвариш дод:

Агар Кайрубодам зи Албурзкӯҳ,
Ба зорӣ фитода миёни гурӯҳ.
Наёвардаме ман ба Эронзамин,
Набастӣ камарбанду шамшери кин.
Туро ин бузургӣ набудиву ком,
Ки гӯӣ суханҳо ба Дастони Сом.

**Фирдавсӣ.**

Албурз дар шеъри форсӣ тимсоли шукӯҳу иртидор ва ховидоният аст:

Ба зери сангҳои собиту сайёри гардунҳо,
Ало, Албурзи побархо, маро ту зинда хоҳӣ дошт.

**Лоир.**

АНГУЗА ДАР РАНД ХӮРДАН - ба маънои фиреб хӯрдан, гирифтори макру ҳилла шудан:

Зи ширинкории Ширини дилбанд,
Фаровон хӯрдаам ангуза дар ранд.

**Низомӣ.**

АНГУШТАРИ СУЛАЙМОН - ангуштаре, ки Сулаймон дар даст дошт ва ба василаи он бар инсону хонварон подшоҳӣ мекард. Тибри «Расас-ул-анбиё» деве онро рабуду чиҳил рӯз ба хои Сулаймон бар тахт нишаст:

Аз мулки ту гар ёбам ангуштаре, зинҳор,
Сад мулки Сулаймонам дар зери нигин бошад.

**Ҳофиз.**

Ман он нигини Сулаймон ба ҳех настонам,
Ки гоҳ-гоҳ бар ӯ дасти аҳриман бошад.

**Ҳофиз.**

АНГУШТ НИҲОДАН - ба маънои таъзим кардан:
Чарх таъзими даратро моҳу сол,
Бар хабин менҳад ангушти ҳилол.

**Зулолӣ.**

АНКАБУТ - таҳти ин вожа анкабутеро ирода кунанд, ки варти аз таъҳиби куффори Рурайш аз Макка ба Мадина фирор кардани Муҳаммад алайҳиссалом боиси нахоти эшон гардида буд. Чун ҳазрати расул ба uоре паноҳ оварданд, ба зудӣ анкабуте бар даромадгоҳи он тор танид ва бо ин амали хеш шубҳаи дар uор паноҳ овардани касеро бартараф кард:

Чун кабӯтар нома овард аз зафар неъмалбарид,
Анкабутосо хабар дод аз хатар неъмалфато.

**Хоронӣ.**

АНРО - паррандаи афсонавӣ, маънои луuавии «анро» дарозгардан аст. Дар адабиёти форсу тохик тамсил аз камёбӣ ва инзивою истиuност:

Бибур зи халру зи анро риёси кор бигир,
Ки сити гӯшанишинон зи Роф то Роф аст.

**Ҳофиз.**

АНӮШЕРВОН - шоҳи сосонӣ, писари Рубод. Номи ӯ дар арабӣ ба сурати Кисро омадааст. Дар замони Рубод Маздак оини наве овард ва Рубод дини ӯро пазируфт, вале пас аз чанде аз ӯ рӯ баргардонд ва Кисро ба фармони падар Маздаку маздакиёнро бикушт. Чун бар тахт нишаст, бар кишвардорию ободӣ пардохт. Духтари хорони Чинро ба занӣ гирифт ва дӯстии Эрону Чинро мустаҳкам кард. Дар замони Анӯшервон шатранх аз Ҳинд ба Эрон омад, ҳамчунин ба дастури ӯ китоби «Калилаву Димна» аз Ҳинд ба Эрон оварда шуд ва ба забони паҳлавӣ тархума гардид.

Анӯшервонро Нӯшинравони одил низ гӯянд ва дар адабиёти мо тимсоли додгарию раиятпарварист.

АРНӢ - ишора ба риссаи Мӯсо пайuамбар, ки ба Худо гуфт. «Раббун арни унзура илайка» (Парвардигоро, худро ба ман бинамо, то ба сӯи ту бинигарам). Хавоб омад: «Лантаронӣ» (Ҳаргиз маро нахоҳӣ дид);

Бо ту он аҳд, ки дар водии Айман бастам,
Ҳамчу Мӯсо аранӣ гӯй ба мирот барем.

**Ҳофиз.**

АРДАВОН - охирин подшоҳи ашконӣ, ки Бобак - ниёи Ардашер аз тарафи ӯ фармонравои Истахр буд. Ардавон чун овозаи Ардашер - набераи Бобакро шунид, ӯро аз падар хост ва азизаш дошт. Аммо ногаҳон бар хашм гирифт ва ба нигаҳбонии аспон водораш кард. Ардашер бо Гулнор ном канизаки Ардавон фирор кард ва лашкаре хамъ оварду ба ханги Ардавон рафт ва ӯро маuлуб кард.

АРДАШЕРИ БОБАКОН - шоҳи сосонӣ, писари Сосон аз духтари Бобак. Мувофири нарли «Шоҳнома» Сосон - писари Доро пас аз кушта шудани падар ба Ҳиндустон гурехт ва фарзандони ӯ то чанд пушт дар Ҳиндустон монданд. Писари чаҳорум, ки Сосон ном дошт, ба Порс омад ва назди Бобак - ҳокими Истахр ба саршубонӣ расид. Шабе Бобак хоб дид, ки Сосон дар пили жаён нишаста ва ҳар кас ба наздаш меояд, ӯро намоз мебарад. Бобак Сосонро хост ва чун донист, ки аз нажоди шаҳриёрон аст, духтари худро ба вай дод ва аз ӯ Ардашери Бобакон ба вухуд омад.

Рисолаи паҳлавии «Корномаки Артахшери Попакон» дар шарҳи вореъи замони ин подшоҳи сосонист, ки ба афсона омехтааст ва Фирдавсӣ мазмуни онро ба риштаи назм кашидааст.

АРДАШЕРИ ДАРОЗДАСТ - лараби шоҳи Сосонӣ - Баҳман аст;

Шунидастам, ки бар пой истода,
Расидӣ то ба зону дасти Баҳман.

**Манучеҳрӣ.**

АРЖАНГ - номи китоби мансуб ба Монӣ, ки дорои тасвирҳои зебою диловез будааст. Аржанг дар адабиёти форсӣ тимсоли зебоист;

Танаш чун номаи «Аржанг» зебо,
Миён чун хомаи Монӣ мусаввар.

**Масъуди Саъди Салмон**.

АРӮСИ СУБҲИДАМ - киноя аз офтоб.

Ба боми чорумин айвон баромад,

Ба боми чорумин айвон баромад.

**Амир Хусрав.**

АРӮСИ ХОВАР - киноя аз офтоб.

Наъли бурори размат абрӯи шоҳи маѓриб,
Дуди чароѓи базмат рӯи арӯси ховар.

**Бадри Чочӣ.**

АРӮСИ ҲАФТКАРДА - арӯси оро дода шуда ва киноя аз офтоб.

Саҳар, к-ин арӯси ҳафткарда,
Бурун омад ба ноз аз пушти парда.

**Ваҳид.**

АСАД - ба истилоҳи нухум яке аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ. Дар минтарат-у-лбурух (ниг.) ба шакли шер. Бурхи Асад баробари моҳи Мурдод аст;

Асад дар пеши Харчанг истода,
Камонкирдор дум ба сар ниҳода.

**Фахриддини Гургонӣ.**

АСИР - табарае аз осмон, болои кураи ҳаво, ки онро курраи оташ низ гӯянд:

Баршаванд аз пули оташ, ки асираш хонанд,
Пас сари моидаи ханнати маъво бинанд.

**Хоронӣ.**

АСОИ МӮСО - асое, ки чун Мӯсо пайѓамбар дар ҳузури Фиръавн бар замин андохт, аждаҳо шуд ва ин аз мӯъхизоти бузурги Мӯсост:

Асо баргирифтан на мӯъхиз бувад,
Ҳаме аждаҳо кард бояд асо.

***

Гар асои Мӯсавӣ шуд аждаҳо,
Ман асо андозаму Мӯсо шавад.

Ҳамчунин варте ки Мӯсо дар биёбон асои худро бар санге зад, чашмаҳои об аз он хорӣ шуданд.

Хоро чу мор баркашаму пас ба як асо,
Даҳ чашма чун Калим зи хоро бароварам.

**Хоронӣ.**

АСҲОБИ КАҲФ - каҳф ба маънои ѓор аст ва асҳоби каҳф шаш тан буданд, ки дар аҳди Дарёнус ба худопарастӣ гароиданд ва аз тарси ӯ шабона гурехтанд. Дар роҳ шубоне ба эшон ҳамроҳ шуд. Хостанд, ки саги шубонро бозпас ба шаҳр баргардонанд, вале саг ба сухан даромад ва гуфт: «Ман низ он касро металабам, ки шумо металабед». Даст аз ӯ боздоштанд ва ҳамагӣ ѓоре рафтанд ва хобиданд. Пас аз сесаду нӯҳ сол бедор шуданд. Яке аз онҳо ба шаҳр рафт, то таоме фароҳам кунад. Чун сикка ба номи Дарёнус буд, таббоҳ ӯро пеши фармонравои шаҳр бурд. Фармонраво забони ӯро намефаҳмид. Донишмандеро ҳозир кард, ки забони ӯро дарёфт ва вориаро дарк кард. Ҳамагӣ ба зиёрати он идда ба ѓор рафтанд, то эшонро бо таҳлилу эҳтиром ба шаҳр биёваранд, вале асҳоби каҳф ба ин амр тан дарнадоданд ва дуо карданд, то Худо марг бар эшон фиристод:

Саги асҳоби каҳф рӯзе чанд,
Паи некон гирифту мардум шуд.

**Саъдӣ.**

АРРАБ - ба истилоҳи мунаххимон яке аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки бар шакли каждум аст. Бурхи Арраб баробари моҳи обон.

Думи Арраб битобид аз сари кӯҳ,
Чунон чун чашми шоҳин аз нишеман.

**Манучеҳрӣӣ.**

АҲРИМАН - тибри Авасто мазҳари нопокию тирагӣ, ки пайваста бо Аҳурамаздо - худои покӣ ва сафою нур дар ханг аст. Аҳриман гоҳе ишора ба девест, ки ангуштари Сулаймонро ба даст овард ва чиҳил рӯз ба хои ӯ бар тахт нишаст. Шайтон ҳам гоҳе дар адабиёти форсу тохик Аҳриман хонда мешавад. Аҳриман тимсоли зиштию нопокист:

Ман он ангуштари Сулаймон ба ҳех настонам,
Ки гоҳ-гоҳ бар ӯ дасти Аҳриман бошад.

**Ҳофиз.**

# Б

БАДР - ҳолате аз моҳ, ки ниме аз он, ки ба хониби замин аст, комилан равшан шавад ва ин ҳол дар шаби чаҳордаҳуми ҳар моҳ рух медиҳад. Дар адабиёти форсӣ тамсил аз ҳусни расост:

Рурси маҳ чун ҳилолу бадр шавад,
Наъли якрону рурси хони ту бод.

**Абулфархи Рунӣ.**

БАЙЗА ДАР КУЛОҲ ШИКАСТАН - киноя аз ахзу маиіубият.

Шикаста байзаи хуршед дар кулоҳи сипеҳр,
Ба давлати ту, ки дорои афсаркулаҳӣ.

**Заҳири Форёбӣ**.

БАЙЗАИ ЗАРРИН - киноя аз офтоб.

Пеш аз он, к-ин байзаи заррин ба ташти зар шавад,
Дар хурӯш ояд хурӯс аз нолаҳои зори ман.

**Бадри Чочӣ.**

БАЙЗАҲОИ ЗАР - киноя аз ситорагон.

Ғизоле, к-аз даҳан андохт дӯш он байзаҳои зар,
Рабудаш аз разо ногаҳ уроби оташиншаҳпар.

**Бадри Чочӣ.**

БАЙТУЛЭҲЗОН - байтулҳазан низ гӯянд, ниг. ба «кулбаи эҳзон».

Эй зи васлатхонаҳо дорушшифо,
В-эй зи ҳахрат байтҳо байтулҳазан.

**Саъдӣ.**

БАЛЪОМ - номи обиде аз банӣ Исроил, ки рондашудаи даргоҳи Худо шуд. Дар Руръон вай ба саг ташбеҳ шудааст (сураи Аъроф, ояти 175):

Аз мояи бечорагӣ ритмир мардум мешавад,
Мохулиён меҳтарӣ саг мекунад Балъомро.

**Саъдӣ.**

ШАРҲ: «Ритмир» ба маънои зарраи хурду камарзиш, ки ба туфайли кеҳтарӣ ва шикастагӣ то ба манзалаи мардумӣ мерасад, вале Балъом, ки аз ашхоси соҳибэътибор буд, ба маҳзи худписандию даъвои бузургманишӣ ва савдои меҳтарӣ ба саг нисбат ёфт.

БАНОТУННАЪШ - ҳафтдодарон, Дубби Акбар низ меноманд. Сувари фалакии ҳафт ситора аст, ки чаҳор ситораи ба шакли тахт дар чаҳор гӯша хойгиршударо банот ва се ситораи дигарро наъш хонанд:

Банотуннаъш гирди ӯ ҳамегашт,
Чу андар дасти марди чап фалохун.

**Манучеҳрӣ.**

БАР(Р)А - бурхи барра ё бурхи ҳамал, мутобири моҳи фарвардин, ки дар он шабу рӯз баробар мешавад:

Чу омад ба бурхи ҳамал офтоб,
Хаҳон гашт бофарру ойину тоб.
Битобид з-ин сон зи бурхи бара,
Ки гетӣ хавон шуд аз ӯ яксара.

**Фирдавсӣ.**

БАТИ БОДА - зарфе батшакл (муриобишакл), ки май андаруни он меоранд:

Нашъаи бодаи тавҳид бар он ринд ҳалол,
Ки бати бода кам аз мурии ҳарам нашносад.

**Соиб.**

БАЧЧАИ ХУНИН - киноя аз ашк.

Ҳар дам ҳазор баччаи хунин кунам ба хок,
Чун лӯъбатони дида ба зодан дароварам.

**Хоронӣ.**

БАҒДОДИ КӮҲНА - киноя аз шиками холӣ, ки онро Баиэоди маъмур, Баиэоди холӣ низ гӯянд:

Ҳех гаҳ аз таом пур дидӣ?
Ҳоли Баиэоди кӯҳна пурсидӣ?

**Лоардӣ.**

БАҲМАН - писари Исфандиёр, ӯро Ардашери Дароздаст низ гӯянд. Чун падараш ба дасти Рустам кушта шуд, Рустам парвариши ӯро ба ӯҳда гирифт ва ҳунар омӯхту чун писар азизаш дошт. Чун бузург шуд, номае ба Гуштосп фиристод ва ӯро аз кори Баҳман огоҳ кард. Баҳман пас аз Гуштосп ба шоҳӣ расид. Вай ба хунхоҳии падар ба Зобулистон лашкар кашид ва чун Рустам дар ин замон ба ҳиллаи бародараш Шаиод кушта шуда буд, вай дари ганхи хонадони Рустамро кушод ва ганхҳоро иорату Золро асир кард. Писари рустам Фаромурз чун шунид, ки Зол асир гаштааст, ба ханги Баҳман омад, вале шикаст хӯрд. Баҳман аз кори худ пушаймон гашт ва Золро озод кард.

БАҲМАНХАНА - баҳманрӯз низ гӯянд, ки рӯзи дуюм аз моҳи баҳман аст. Порсиён ин рӯзро хашн

мегирифтанд ва ин хашн то чанд рарн пас аз ислом низ маълум будааст:

Расми баҳман гиру аз нав тоза кун баҳманхана,
Эй дарахти мулк борат, иззу бедорӣ тана.

**Манучеҳрӣ.**

БАҲРИ ХАЗРО - киноя аз осмон.

Боuест фазои кибриёит,
Берун зи риёзи сабзторам.
Аз ҳар варараш чу баҳри хазро,
Овехта сад ҳазор шабнам.

**Салмони Совахӣ.**

БАҲРОМ - сайёраи Миррихро гӯянд. Ситораи фитнаю ханг аст. Рамзи нуҳусат ва шумӣ маҳсуб мешавад. Хояш фалаки панхум будааст:

Баҳром тофт аз фалаки панхумин ҳаме,
Чунонки дида сурх кунад шаржаи жаён.

**Анварӣ.**

БАҲРОМИ ГӮР - писари шоҳи сосонӣ Яздигурд. Падараш ӯро назди Мунзир бинни Нӯъмон фиристод, то тарбият диҳад. Чун Баҳром ҳунару фарҳанг омӯхт ва аз марги падар хабар ёфт ва донист, ки бузургон яке аз шоҳзодагонро ба номи Хусрав ба тахт нишондаанд, бо сӣ ҳазор савор ба рон омад. Эрониён тохи шоҳиро миёни ду шер гузоштанд, то ҳар як аз ду шоҳзода, ки онро бардошт, бар тахт бинишинад. Баҳром шеронро бикушт ва тохро баргирифту бар сар ниҳод.

Дар адабиёти мо Баҳром ба раиятпарварию тахаммул ва хушгузаронии умр шӯҳрат дорад. Дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ риссаҳои зиёде аз шикору махлиси базми Баҳром ва саркашиву расидагӣ ба вазъи мардумон ва табароти мухталиф миллату додгустарии ӯ омадааст. Манзумаи «Ҳафт пайкар» ё «Баҳромнома»-и Низомӣ дар бораи ӯст.

Саранхом Баҳром ҳангоме, ки аз пайи гӯрхаре метохт, ба ботлоре фурӯ рафт ва нопадид шуд:

Он расp, ки Баҳром дар ӯ хом гирифт,
Оҳу бача карду гург ором гирифт.
Баҳром, ки гӯр мегирифтӣ ҳама умр,
Дидӣ, ки чӣ гуна гӯр Баҳром гирифт.

**Хайём.**

БЕЖАН - паҳлавони эронӣ, писари Гев.

Мувофири ривояти «Шоҳнома» ба фармони Кайхисрав ҳамроҳи Гургин ба ханги гурозон рафт. Вале Гургин ӯро фиреб дода ба даште раҳнамоӣ кард, ки духтари Афросиёб - Манижа дар он хайма зада ва хашн барпо карда буд. Бежан ошири Манижа шуд ва ӯро ба чодари худ хонд, пас аз он ба кохи худ бурд. Чун Афросиёб огоҳ шуд Бежанро дар чоҳ андохт ва Манижаро сарупо бараҳна аз кох берун афканд. Манижа ҳар рӯз ба сари чоҳ мерафт ва нонеро, ки аз гадоӣ ба даст оварда буд, ба Бежан мерасонид. Саранхом Рустам дар хомаи бозаргонон ба Тӯрон омад ва ба раҳнамоии Манижа бар сари чоҳ рафт ва Бежанро нахот дод. Чоҳи Бежан дар адабиёти форсу тохик тимсоли гирифторист:

Сурайё чун Манижа бар сари чоҳ,
Ду чашми ман бад-ӯ чун чашми Бежан.

**Манучеҳрӣ.**

БИЛРИС - номи маликаи шаҳри Сабо, ки Сулаймон хабари рудрати ӯро шуниду оҳанги шаҳри ӯ кард. Билрис чун донист, ки ӯ пайuамбар аст, ба даргоҳаш равона шуд. Сулаймон аз Худо хост, ки тахти Билрис пеш аз расидани худи ӯ ба даргоҳ ҳозир шавад. Тахти Билрис дар махлиси Сулаймон ҳозир шуд ва Билрис ба Сулаймон имон овард ва ба никоҳаш даромад:

Ҳазрати Билрис бонуи Сабо,
Бар сари арши муалло дидаам.

**Хоронӣ.**

БИРХИС - сайёраи Муштарӣ. Аз сайёрагони ҳафтгонаи масъуд аст, онро розии фалак низ гӯянд:

Дорад аз лутфи ту Бирхису зи раҳри ту Зуҳал,
Ин саодат мустафоду он нуҳусат мустаор.

**Анварӣ.**

БОДИ САБО - боде, ки фармонбардори Сулаймон буд ва ӯро аз шаҳр ба шаҳре мебурд:

Андар он мавкиб, ки бар пушти сабо банданд зин,
Бо Сулаймон чун биронам ман, ки мӯрам маркаб аст.

**Ҳофиз.**

БОЗИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Хез, ки боз бози зар бар сари чатри нилгун,

Гашт падид, боз мурu аз uами дил фиuон гирифт.

**Низомӣ.**

БОЗИЧАГУН ҲУРРА - киноя аз осмон.

Ҳанӯзам арл чун тифлон сари бозича медорад,
Ки ин бозичагун ҳурра ба бозӣ кард ҳайронам.

**Хоронӣ.**

БОМИ ХАЗРО - киноя аз осмон.

Ба сури субҳгоҳӣ баршикофам,
Салиби равзани ин боми хазро.

**Хоронӣ.**

БОМИ ЧОРУМИН АЙВОН - киноя аз осмон ва фалаки чаҳорум, ки рароргоҳи хуршед аст:

Арӯси субҳидам якчашма карда,
Ба боми чорумин айвон баромад.

**Амир Хусрав.**

БУЗУРГМЕҲР - номи вазири донишманди Анӯшервон. Дар адабиёти форсу тохик тимсоли донишмандию лаёрат ва тарвост:

Базми Нӯшинравон сипеҳрӣ буд,
К-аз хаҳонаш Бузургмеҳре буд.

**Низомӣ.**

БУЛБАШАР - яъне Одам алайҳиссалом, Абулбашар низ гӯянд:

Ба сафои сафии ҳар Одам,
Ки сари анбиёву Булбашар аст.

**Анварӣ.**

БУРОР - номи аспе, ки Муҳаммад, алайҳиссалом, дар шаби меърох бар он нишаста буданд, ба маънои мутлари асп ҳам омадааст:

Бурори ҳимматаш меърохпаймой,
Уроби давлаташ наҳматшикор аст.

**Абулфархи Рунӣ.**

Барре, ки Бурор буд номаш,
Рифри равиши ту кард ромаш.

**Низомӣ.**

БУТИ ОЗАРӣ - ишора ба бутҳое, ки Озари буттарош - падари Иброҳим пайuамбар метарошид. Дар шеъри форсу тохик киноя аз зебоию хубрӯист:

Дигар ба рӯи расам дида барнамебошад,
Халили ман ҳама бутҳои озарӣ бишкаст.

**Саъдӣ.**

БӮТАИ ГИЛ - киноя аз колбуди одамӣ.

Туро дар бӯтаи гил бахри он доданд ин фурсат,
Ки сими нориси худро кунӣ комилиёр ин хо.

**Соиб.**

# В

ВАРВОР - номи хазираест ва баъзе гӯянд, номи кӯҳест, ки дар он кӯҳ маъдани тилло хой дорад ва мардуми он хо хамеи ашёи рӯзгори худро аз тилло кардаанд. Он хо бӯзинагони зиёде ҳастанд ва мардум онҳоро хона хорӯб кардан ва ҳезум аз хангал овардан омӯхтаанд. Дар он кӯҳ дарахте низ ҳаст, ки меваи он ба сурати одамӣ ва ҳайвоноти дигар буда, аз он суратҳо садоҳои ахибу uариб бармеомадааст. Чун он меваҳо аз дарахт бияфтанд, ё онҳоро бичинанд, дигар овоз намедодаанд. Номи ҳамон дарахтро низ варвор дар Ҳиндустон месабзидааст, ки ҳар субҳ барг бароварда баҳор мекарда ва шом хазон гардида, баргҳояш мерехта.

Басе намонд, ки ябрӯҳ дар замини Хутан,
Сухансарой шавад чун дарахтаки варвор.

**Хоронӣ.**

ВАРАР ДАРНАВАШТАН - ба маънои роҳ паймудан, радам задан.

Чу лахте заминро варар дарнавашт,
Зи паҳлӯи водӣ баромад ба дашт.

**Низомӣ.**

ВАҲШАТ КАШИДАН - ба маънои хавотирию тарс.

Ғӯта зан дар баҳри ҳайрат в-арна аз ҳар мавхае,
Ҳамчу моҳӣ ваҳшатии руллоб мебояд кашид.

**Соиб.**

ВОДИИ АЙМАН - биёбоне, ки Мӯсо дар он бар дарахте равшании оташ дид ва хитоб омад: «инна ано аллоҳ» (ба дурустӣ, ки ман Оллоҳам) ва оташи намудоршударо рабас (ниг.) гуфтаанд:

Шаби тор асту раҳи водии Айман дар пеш,
Оташи Тур кухо, ваъдаи дидор кухо.

**Ҳофиз.**

ВОДИИ ХОМӮШОН - киноя аз мазористон.

Орибат манзили мо водии хомӯшон аст,
Ҳолиё ulyлиула дар гунбади афлок андоз.

**Ҳофиз.**

# Г

ГАНДУМ - донае, ки хӯрданаш барои Одаму Ҳавво манъ шуда буд, вале онҳо ба иuвои иблис аз он хӯрдану аз биҳишт ронда шуданд.

Падарам равзаи ризвон ба ду гандум бифурӯхт,
Нохалаф бошам, агар ман ба хаве нафрӯшам.

**Ҳофиз**.

ГАНХИ ГОВ - дар адабиёти форсу тохик таҳти ин мафҳум ду ривоятро ирода мекунанд. Аввал он аст, ки дар замони Мӯсо пайиамбар шахсе буд, ки давлати бисёр дошт. Хешовандонаш ӯро бо хумлаи молҳояш ҳалок карда ба хои дигар андохтанд ва барои дафъи гумон тӯҳмат ба мардуми он хо заданд. Барои рафъи шубҳа ба Мӯсо, алайҳиссалом, мурохиат карданд. Мӯсо ба даргоҳи илоҳӣ мунохот кард. Ҳар таоло фармуд, ки як гов бад-он шаклу намуди гови он шахс бикушанд ва як хузве аз дил ё забони онро бурида бар он шахси мартул бизананд, ӯ зинда шавад. Баъди хустухӯи зиёде як гови комилан ба гови он шахс монанд пайдо карда, онро ба ивази як чарми гови пур аз зар хариданд. Чун он амал ихро карданд, шахси кушташуда ба сухан даромад ва гуфт, ки ӯро хешу аррабояш ба ратл расониданд. Бад-ин маънӣ Ҳоронӣ гуфтааст:

Маро чун даъвати Исост иде ҳар замон дар дил,
Дилам рурбони иди фарру ганхи гови рурбониаш.

Дуюм, номи ганхест, аз ганхҳои Хамшед, ки онро дар замони Баҳроми Гӯр пайдо кардаанд. Гӯянд, ки деҳроне зироатро об медод, ногоҳ сӯрохе пайдо шуду об тамом ба он сӯрох мерафт ва садои ахибе аз он берун мешуд. Деҳрон ба назди Баҳром омаду аҳволро гуфт. Баҳром фармуд, замини он хойро кананд. Иморате пайдо шуд басе олӣ. Мӯъбадеро ишора кард, ки ба он хона дарой. Чун даромад ду говмеш дид, ки аз тилло сохта буданд ва чашмҳои онҳо аз ёрути римате буд ва шикамҳои онҳоро пур аз анору себ ва амруди заррин карда ва даруни меваҳои зарринро пур аз марворид сохта буданд. Дар пеши говмеш охуре аз тилло сохта, онҳоро аз гавҳари римате пур карда буданд ва бар говмешҳо номи Хамшедро канда буданд. Дар атрофи говмешҳо намудҳои гуногуни паррандагон, чарандагон ва хонварони дигарро аз тилло сохта будаанд. Чун хабар ба Баҳром оварданд, ӯ фармуд, ки тамоми он ганхро ба мардуми камбизоат ва афтодаҳол тардим кунанд. Ин риссаро Фирдавсӣ бад-ин шева тасвир кардааст;

Зи зар карда бар пой ду говмеш,
Яке охуре карда заррин зи пеш.
Забархад ба охур - дарун рехта,
Ба ёрути сурх андар омехта.
Чу ду гови гардун миёнаш тиҳӣ,
Шикамшон пур аз нору себу биҳӣ.
Миёни биҳӣ дурри хушоб буд,
Ки ҳар донае ратраи об буд.
Ҳамон говро чашм ёрут буд,
Зи пирӣ сари гов фартут буд.
Ҳама гирд бар гирди ӯ шеру гӯр,
Яке дида ёруту дигар булӯр.
Тазарвони зарину товуси нар,
Ҳама синаву чашмҳошон гуҳар…
Ба ҳангми Хам чун сухан ронданд,
Варо ганхи говон ҳамехонданд.

ГАНХИ ОБОВАРДА - киноя аз ашк.

Агар як ганхи бодоварда Хусрав дид дар умре,
Маро сад ганхи обоварда ҳар дам канор уфтад.

**Солики Яздӣ.**

ГАНХИ РОРУН - ганхе, ки Рорун - писари амаки Мӯсо пайuамбар ба василаи кимиёгарӣ андӯхта буд ва бо uурури он ганх бар Мӯсо исён кард. Мӯсо пайuамбар дуое кард, то Роруну ганхаш дар замин фурӯ рафтанд;

Ба ибрат назар кун, ки гардун чӣ кард,
Фаридун кухо рафту Рорун чӣ кард?!

**Хомӣ.**

ГАРОНПОЯ - ниг. ба гаронсоя.

Чу дарё нагӯям, гаронсояӣ,
Ҳамоно, ки чун кон гаронпояӣ.

**Низомӣ.**

ГАРОНСОЯ - ба маънои олирадр, боарх.

Чу дарё нагӯям, гаронсояӣ,
Ҳамоно, ки чун кон гаронпояӣ.

**Низомӣ.**

ГАРШОСП - номи яке аз ниёгони Зол, ки аз Зобулистон буд. Асадии Тӯсӣ риссаи диловариҳои ӯро дар «Гаршоспнома» (анхоми таълифаш соли 1065) ба ралам овардааст.

ГЕВ - аз паҳлавонони «Шоҳнома», писари Гударз, ки диловариҳо зоҳир кардааст. Аз корҳои маъруфи ӯ овардани Кайхисрав ба Эрон аст. Дигар ёфтани духтаре дар шикоргоҳ ва овардани ӯ назди Ковус. Ковус он духтар ба занӣ мегирад ва аз ӯ Сиёвуш ба дунё омадааст. Гев падари Бежани номдор аст, ки достони ӯ бо духтари Афросиёб - Манижа аз рисматҳои дилкаши «Шоҳнома» аст.

ГОВИ ГАРДАНДА - ба истилоҳи аҳли нухум ва шуаро бурхи Саврро гӯянд.

В-аз фалак овард дар вай Моҳиву Гову садаф,
Гови гарданда садафхунбону Моҳӣ ошно.

**Хоронӣ.**

Дар ин байти Ҳоронӣ мурод аз Моҳӣ бурхи Ҳут ва аз садаф ситорагони самти рутб.

ГУДАРЗ - аз паҳлавонони номдори «Шоҳнома», писари Кашвод. Гударз ҳафтод писар дошт, ҳама паҳлавонони номӣ, ки аз миён Гев Гударз машҳуранд. Хонаводаи ӯ дар «Шоҳнома» Гударзиён хонда шудааст. Худи Гударз дар даргоҳи Ковус обрӯю эътибори бисёре дошт.

ГУЛ - киноя аз рӯй.

Барафрӯхт он моҳ чун офтоб,
Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.

**Низомӣ.**

ГУЛ ЧИДАН - ба маънои файз бардоштан.

Ба сайри боuу бӯстон эҳтиёхе нест оширро,
Ки ҳам аз кори худ Фарҳоди ширинкор гул чинад.

**Соиб.**

ГУЛИ СУРХ - киноя аз офтоб.

Саҳаргаҳ, ки омад ба некахтарӣ,
Гули сурх бар тори нилуфарӣ.

**Низомӣ.**

ГУЛГУН - номи аспи Ширин, аз риссаи «Хусраву Ширин».

Набуд он рӯз Гулгун дар висораш,
Гар аспе дигар уфтод иттифораш.

**Низомӣ.**

ГУНБАДИ ЗАРНИГОР - киноя аз осмон.

Нигаҳ кун ба ин гунбади зарнигор,
Ки сарфаш бувад бе сутун устувор.

**Саъдӣ.**

ГУРБАИ АБӮҲУРАЙРА - Абӯҳурайра аз саҳобагони Муҳаммад алайҳиссалом буд, ки ҳофизаи равие дошт. Аз ин хиҳат бисёр аз суханони пайuамбарро дар хотир дошт ва асҳоби дигар аз номи вай нарли равл мекарданд. Абӯҳурайра гурбаро дӯст медошт. Як бор дар ҳузури пайuамбар бачаи гурбае ба зону дошт, пайuамбар ба навозиш ба ӯ номи Абӯҳурайра (маъноаш гурбаи хурд) бидод. Гурбаи Абӯҳурайра монанди саги асҳоби каҳф дар адабиёти форсу тохик тимсоли ҳайвони боиззату ҳурмат ва робили эҳтиром мебошад.

«Молдореро шунидам, ки ба бухл чунон маъруф буд, ки Ҳотами Той дар карам…то ба хое, ки ноне ба хоне аз даст надодӣ ва гурбаи Абӯҳурайраро ба лурмае нанвохтӣ ва саги асҳоби каҳфро устухоне наяндохтӣ».

**Саъдӣ.**

ГУРДОФАРИД - духтари диловаре, ки ба ханги Сӯҳроб рафта, далерию шухоат нишон дод ва бо ҳилла Сӯҳробро то дарвозаи Дижи сапед оварду худ вориди диж шуд ва дар ба Сӯҳроб баста, худ ва эрониёни дигарро нахот дод.

ГУРГ - дар адабиёти форсу тохик ишора ба гургест, ки бародарони Юсуф бардурӯu ӯро ба даридани бародари хурдиашон муттаҳам кардаанд. Аз ин сабаб гурги Юсуф тимсоли гунаҳгори бегуноҳ рарор гирифтааст:

Дар кӯи ту маъруфаму аз рӯи ту маҳрум,
Гурге даҳанолудаю Юсуф надарида.

**Саъдӣ.**

ГУРГОШТӣ - киноя аз риёву нифор.

Эй сабо, дарди дили Юсуф бигӯ Яърубро,
Оштӣ карданд ихвонаш, вале гургоштӣ.

**Осафӣ.**

ГУШТОСП - писари шоҳ Лӯҳросп. Падараш ба сари тахт омадани ӯро намехост, бинобар ин вай ба Рум рафта, духтари Райсари Рум - Катоюнро ба занӣ мегирад. Орибат Лӯҳросп писари дигараш Зарирро ба хустухӯи Гуштосп мефиристад, то ба Эрон бозгардаду тахти шоҳиро соҳиб шавад. Гуштосп аз Катоюн ду писар дошт: Исфандиёр ва Пашутан. Аз муҳимтарин вореаҳои замони Гуштосп зуҳури Зардушт аст, ки Гуштоспу писаронаш ва бузургони дигар ба дини ӯ гаравиданд. Дигар ханг бо Архосп аст, ки барои пирӯзиҳои кеши зардуштӣ бурда мешуд ва он ханг бо uалабаи Исфандиёр анхомид.

ГУҲАР (гавҳар) - киноя аз дандон.

Гар шуд гуҳаре зи дурхи нӯшинат кам,
Дар ҳусн нагашт ҳех тамкинат кам.
Сад моҳ зи атрофи рухат метобид,
Гӯ, бош ситорае зи парвинат кам.

**Хомӣ.**

ГӯСОЛАИ СОМИРӣ - гӯсолае, ки дар замони Мӯсо пайuамбар Сомирӣ ном марде аз тилло сохт ва мувофири ривоёт аз хоке, ки аспи Хабраил дар он по ниҳода буд, бар он афшонд, то гӯсола ба садо омаду ҳаракат кард. Дар адабиёти форсу тохик гӯсолаи Сомирӣ тамсил аз сеҳру ходугарист, ки ҳаргиз ба мартабаи эъхоз нарасад.

# Д

ДАБАРОН - манзили чаҳорум аз манозили рамар ва ситораест равшану сурх, ки ба арабӣ онро тобеъуннахм гӯянд. Дар пушти Сурайё хойгир аст:

Гар Савр чу Арраб нашудӣ норису бечашм,
Бар рабзаи шамшер нишондӣ Дабаронро.

**Анварӣ.**

ДАЙРИ МИНО - киноя аз осмон.

На руҳуллоҳ дар ин дайр аст, чун шуд,
Чунин Даххолфеъл ин дайри мино.

**Хоронӣ.**

ДАЛВ - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ, ки ба шакли далви обкашист. Бурхи Далв баробари моҳи баҳман аст:

Фитода обкашро далв дар чоҳ,
Бимонда обкаш хира чу гумроҳ.

**Фахриддини Гургонӣ.**

ДАМИ ИСО - нафаси Исо, ки мурдаро зинда мекард:

Ҳар насиме, ки ба ман бӯи Хуросон орад,
Чун дами Исо дар колбудам хон орад.

**Сайид Ҳасани Ғазнавӣ.**

ДАМОВАНД - номи кӯҳест дар шимоли шарри Теҳрон, туфайли дар он кӯҳ Заххокро ҳабс кардани Фаридун маъруф аст.

ДАРАХТИ ДОНО - дарахте будааст, ки агар касеро чизе фаромӯш шуда бошад, барги он зери болини худ ниҳода хуспад, он чиз ӯро ба ёд меомадааст. Онро шахарулҳаким низ номидаанд.

Муҳаррирони сухан з-ин дарахт мева баранд,
В-агар шаванд саросар дарахтаки доно.

**Хоронӣ.**

ДАСТ ДАР ТАҲТИСАНГ БУДАН - киноя аз охизӣ ва маuлуб шудан.

Аз ин диёр сафар сахт мушкил аст маро,

Ки даст дар таҳи санг асту мор дар кафи по.

**Нодими Гелонӣ.**

ДАСТ ГАЗИДАН - киноя аз афсӯсу надомат ва пушаймонӣ:

Азбаски даст мегазаму оҳ мекашам,
Оташ задам чу гул ба тани лахт-лахти хеш.

**Ҳофиз.**

ДАСТ ЗАДАН - киноя аз шодию сурур.

Ғамро чӣ заҳра бошад, то номи мо барад,
Дасте бизан, ки аз ıаму ıамхор фориıем.

**Мавлавӣ.**

ДАХХОЛ - номи шахси мавҳуме буда, ки чун риёмат наздик ояд, аз чоҳи Исфаҳон берун шуда, халрро бероҳ кунад ва ба сӯи куфр кашида дар зулм шӯҳра шавад. Баъдан бояд Исо алайҳиссалом аз фалаки чаҳорум ба замин фуромада Даххолро бикушад ва халрро аз шарри ӯ раҳой диҳад. Тибри ривоёт Даххол байни мардум харсавор мегаштааст ва танҳо як чашм доштааст:

Ба фан Даххолро маъзул карда,
Ба шакл Иблисро махзул карда.

**Хусрави Деҳлавӣ.**

ДИЛ ШИРИН КАРДАН - киноя аз завру шодӣ.

Бидон ширин кунам боре дили хеш,
Бирезам бар шакар шӯри дили реш.

**Хусрави Деҳлавӣ.**

ДИРАФШИ КОВИЁН - ливое, ки Коваи оҳангар аз пешдомани чармини хеш бар сари чӯбе сохт ва мардумро ба Заҳҳок шӯронид. Аз он пас ин чармпора, ки ба гавҳарҳои гаронбаҳо ороста шуда буд, дирафши шоҳии Эрон шуд. То поёни кори Сосониён дирафши расмии Эронро дирафши Ковиён меномиданд.

ДОВУД - номи пайıамбар, ки овози баıоят хуш дошт ва ҳангоме, ки китоби осмонии худ «Забур»-ро мехонд, мурı аз парвоз бозмеистод:

Ба Довудӣ диламро тоза гардон,
«Забур»-амро баландовоза гардон.

**Низомӣ.**

***

Кӯҳи донишро ду Довуд аз нафас,
Мантир-ут-тайр аз хушовой фирист.

**Хоронӣ.**

ДОМОДИ ШУАЙБ - ишора ба Мӯсо пайıамбар, ки духтари Шуайбро ба занӣ гирифта буд.

ДОРО - писари шоҳи каёнӣ Дороб аст, ки дар дувоздаҳсолагӣ бинобар даргузашти падараш ба шоҳӣ расид ва аз румиён бож хост. Искандар, ки ба ривояти «Шоҳнома» писари дигари Дороб буд, ба ӯ хавоби сахт дод. Байни онҳо ханг оıоз шуд. Дар ин ханг эрониён шикаст хӯрданд. Ду тан аз саркардагони Доро чун вазъи ӯ дигаргун диданд, шабона корд ба синаи ӯ заданд. Чун хабар ба Искандар расид, бар болини Доро омад ва зорӣ оıоз кард ва фош кард, ки бародари ӯст. Доро пас аз он, ки Искандарро ба додгарӣ васият кард, хон дод. Зории Искандар бар болини Доро аз рисматҳои бисёр муассири «Шоҳнома» аст. Дар «Искандарнома»-и Низомӣ низ ин рисмат бо шевоии том суруда шудааст.

ДОРОБ - писари Баҳман. Модараш барои он ки тоху тахтро аз даст надиҳад, ӯро баъди таваллуд шудан бо хавоҳироти бисёр ба сандуре гузошт ва ба об андохт. Гозуре сандурро аз об гирифт ва ба хона бурда кӯдакро Дороб ном кард. Дороб бузургу нерӯманд шуда, фарҳангу саворӣ омӯхт. Азбаски ба падару модари гозурпеша меҳре эҳсос намекард, аз нажоди худ пурсид. Чун розро донист, силоҳу аспе хариду ба хидмати марзбон омад. Иттифоран румиён ба он марз омаданд ва марзбонро куштанду ханг оıоз карданд. Маликаи Эрон Ҳумо (модари Дороб) шахсеро ба номи Рашнавод бо лашкаре ба ханги Рум фиристод. Дороб дар он ханг мавриди навозиши Рашнавод рарор гирифт. Чун аз нажоди ӯ огоҳ шуд, номае ба Ҳумо навишту Доробро ба даргоҳ фиристод. Ҳумо, ки писарро чунон дид, аз гузашта пӯзиш хост ва бузургонро хамъ кард ва ӯро ба тахти шоҳӣ нишонд. Дороб духтари райсари Румро ба занӣ гирифт. Аммо чун даҳонаш бӯи нохуш дошт, ӯро назди падараш фиристод. Духтар обистан буд ва писаре зоид ба номи Искандар, ки райсари Рум ӯро писари худ хонд.

ДОРУССАЛОМ - ишора ба биҳишт:

Дар айши нард кӯш, ки чун обхур намонд,
Одам биҳишт равзаи доруссаломро.

**Ҳофиз.**

ДУББИ АКБАР - аз суратҳои фалакӣ, ки дар шимоли минтарулбурух рарор гирифта ва ба шакли хирси бузурги ба пой истода аст.

ДУББИ АСҒАР - аз суратҳои фалакӣ, ҳафт ситораи ба шакли хирси кӯчак. Хумла ситорагони хирси кӯчакро банотуннаъши хурд хонанд.

ДУНБА НИҲОДАН - киноя аз фирефтан, даuо додан ва uофил кардан аст:

Туро аз гӯсфанди чарх дунё мениҳад дунба,
Ту бар гови замин асоси чарху бунёнаш.

**Хоронӣ.**

ДӮЛОБИ МИНО - киноя аз осмон.

Ин оташинкоса нигар дӯлоби мино дошта,
Ин абри кавсаркоса низ оҳанги дарё дошта.

**Хоронӣ.**

# Ж

ЖОЛА - киноя аз ашк.

Жола аз наргис фурӯ бориду гулро об дод,
Аз тагарги рӯҳпарвар тобиши унноб дод.

**Бадри Чочӣ.**

# З

ЗАБОНИ ЗАРГАРӣ - забоне, ки чанд нафар барои худ тартиб бидиҳанд ва бо он сӯҳбат бикунанд:

Нест ҳарфи хайр гуфтан бар лаби аҳли тамаъ,
Он чи медонанд ин мардум, забони заргарист.

**Алихони Орзӯ.**

Сухансанху радаҳнӯшу uазалхон,
Адофаҳму забони заргаридон.

**Фаврии Яздӣ.**

ЗАМЗАМ - номи чоҳе наздики хонаи Каъба:

Ба сони чоҳи Замзам аст чашми ман,
Ки каъбаи вуҳуш шуд сарои ӯ.

**Манучехрӣ.**

ЗАНГӣ - аҳли Зангборро гӯянд, махозан сиёҳии зулф ва фарорасии шаб ирода мешавад:

Зулфаш ба сони зангиён дарҳам шуда аз ҳар карон,
Бар оразаш бозикунон афтону хезон дидаам.

**Хоронӣ.**

ЗАРРИНСОҒАР - киноя аз офтоб.

Аз барои ташнагони роҳи меҳраш офтоб,
Бар сари ин нӯҳ хуми фирӯза заррин соuар аст.

**Бадри Чочӣ.**

ЗАХИРАҲОИ ДИЛ - ба маънои uами дил.

Тан дардиҳам ба ҳахри ту азбаски нолаҳо,
Як-як захираҳои дилам аз забон кашид.

**Шонӣ.**

ЗАҲҲОК - Беварасп низ гӯянд. Аз нажоди араб, ки бар тибри «Шоҳнома» ба иuвои иблис падарро кушт ва иблис ду китфи ӯро бӯсиду нопадид гашт. Аз хои бӯсаҳо ду мор падид омаданд, ки Заҳҳокро сахт ранх медоданд. Табибон чораи онро намедонистанд. Иблис ба сурати пизишке зоҳир шуд ва доруи дардаш, яъне ором кардани морҳоро маuзи сари одамӣ гуфт. Аз он пас ҳар рӯз ду хавонро мекуштанд, то uизои морҳои Заҳҳок ҳозир шавад. Заҳҳок бар Эрон uалаба кард, Хамшедро кушт, бар тахт нишаст ва бисёр ситам кард. Саранхом оҳангаре ба номи Кова, ки Заҳҳок писаронашро кушта буд, мардонро ба шӯриш даъват кард ва Фаридунро, ки аз нажоди Таҳмурас буд, ба салтанат хонд. Фаридун Заҳҳокро асир ва дар кӯҳи Домаванд зиндонӣ кард:

Дасти оҳангар маро дар моҳи заҳҳокӣ кашид,
Ганхи Афредун чи суд андар дили донои ман.

**Хоронӣ.**

ЗЕРИ НИГИН КАРДАН - киноя аз тасхир кардан ва ба итоати хеш овардан:

Бурди фаровон ранхи дил, дидӣ фаровон ранхи тан,
Аз ранхи дил в-аз ранхи тан кардӣ хаҳон зери нигин.

**Фаррухӣ.**

ЗОБУЛ/ ЗОВУЛ - номи вилояти Систон, дар машрири Эрон, ки ба ривояти «Шоҳнома» сарзамини ахдоди Рустам будааст.

ЗОЛ - писари Сом, падари Рустам. Чун ҳангоми зодан мӯяш сафед буд, ба дастури Сом бар болои кӯҳи Албурз гузоштанд. Симурғ ӯро назди чӯҳаҳои худ бурд ва бузург кард. Сом баъди чандин сол писарашро дар хоб дид ва ба хустухӯи ӯ рафт. Симурғ Золро ба падарш супурд ва паре аз худ ба Зол дод, ки ҳангоми ҳохат онро оташ занад ва аз симурғ ёрӣ бихоҳад. Зол, ки аз симурғ Дастон лараб гирифта буд, назди бузургон ба дониш омӯхтан пардохт ва паҳлавоне донишвару нирӯманд шуд.

ЗОЛИ МАДОИН - пиразанеро гӯянд, ки дар шафати расри Нӯшервон кулбаи вайронае доштааст. Чун ӯ барои таҳияи таом аз хасу хошок оташ меафрӯхт, дуди он дарбориёнро ранх медод. Хостанд, барои ӯ хои дигар хонае бунёд кунанд, пиразан розӣ нашуд. Нӯшервон дар маслаки адолатпешагии худ устувор монда то даргузашти пиразан нагузошт, ки ба ӯ халал расонанд.

Не золи Мадоин кам аз пиразани Кӯфа,
Не кулбаи танги ин беҳтар зи танӯри он.

**Хоронӣ.**

ЗУЛАЙХО - зани азизи Миср, ки ошири Юсуф гашт ва чун Юсуф таслими вай нашуд, бар ӯ хашм гирифт ва шавҳарашро водошт, ки ӯро ба зиндон афканад. Саранхом Юсуф аз зиндон нахот ёфт ва азизи Миср шуд. Зулайхо, ки фариру охиз гашта буд, пайваста ба даргоҳи Худо менолиду сари роҳи Юсуф менишаст. Чун дини Юсуфро пазируфт, бар асари мӯъхизаи ӯ Зулайхо хавону бино гашт ва ба ҳамсарии ӯ даромад.

Ман аз он ҳусни рӯзафзун, ки Юсуф дошт, донистам,
Ки ишр аз пардаи исмат бурун орад Зулайхоро.

**Ҳофиз.**

ЗУЛМАТ/ ЗУЛМОТ - ниг. ба Зулумот.

ЗУЛУМОТ - торикие, ки Хизр пайғамбар барои ба даст овардани оби ҳаёт ва андаруни он рафт:

Ратъи ин марҳала беҳамраҳии Хизр макун,
Зулумот аст, битарс аз хатари гумроҳӣ.

**Ҳофиз.**

ЗУЛФИРОР - шамшери ҳазрати Алиро гӯянд:

Самсоми шоҳ чун зи ҳунар чошнӣ диҳад,
Захмаш баробар ояд бо захми зулфирор.

**Абулфарахи Румӣ.**

ЗУЛФИ КОФ - киноя аз хами зулф.

Аз хами зулфи кофу турраи нун,
Ҳар замон шакле оварад берун.

**Калим.**

Зулф дар шеъри форсӣ ҳамчунин тавсифоту кинояти зерин дорад: оташпараст, ошуфта, абр, ошуфтарӯзгор, бунафшаи бодпаймо, берарор, хавгон, сунбули тофта, пардадор, хим, ҳола, ҳабола, лайл, ғайн, таноб, нофакушо, мушкбӯ, мушкранг, мушкпош, мушкрез, мушкогин, анбарфон, анбаршикан, шаби ялдо, ғолиягун, ғолияфом, ғолиябу, гулпӯш, камарпӯш, шоми ғарибон, шабистон, шабранг, диловез, саркаш, саргашта, сар ба бод дода, камандандоз, расани тобдода, расанбоз, кофаркеш, зуннор, чалипо, чавгонбанд, занхир, шӯрида, доми зоғ, ҳам андар ҳам, сунбулистон, парешон, шаби дайхур, шаби бадр, Мочин, зангубор, ҳинду, сунбули тар, сунбули наврас, чавгони мушкин, доми мушк, дуди сияҳ, а краби шабранг, атрпош, пари товус, пари ғуроб, парешонрарам, ҳабл-ул-матин, ҳабаши хуфта, хӯшаи инаб, сабукинон, сияҳмаст, шерозаи хамъият, шерозаи девони риёмат, шергир, шоҳи шикаста, кофари нозфурӯш, кофарниҳод, лом, мавх…

ЗУЛРАРНАЙН - лараби Искандар, ки тибри баъзеривоёт аз хумлаи пайғамбарон аст. ӯ садди Яъхуху Маъхухро сохт, ки бо номи садди искандарӣ шӯҳрат дорад, бо Хизр ба талаби оби ҳаёт рафт вале ба он даст наёфт.

Искандар сурати дигаргуншудаи Александр - шоҳи юнонӣ писари Филипп аст, ки сию се сол умр дида хаҳонро тасхир кардааст.

Калимаи Зулрарнайн дар Руръон омадааст ва муфассирон онро ба Искандари Мардунӣ татбир кардаанд. Баъзе донишмандон (Мавлоно Абулкаломи Озод) бар онанд, ки Зулрарнайни мазкур дар Руръон на Искандари Мардунӣ, балки Куруши Кабир аст:

Фармонбари Худою нигаҳбони халр бош,
Ин ҳар ду рарн агар бигирифтӣ, Сикандарӣ.

**Саъдӣ.**

ЗУҲАЛ - номи сайёра, ки Кайвон низ номанд. Дар фалаки ҳафтум рарор гирифта ва се ҳалраи нур даври онро гирифтааст. Радимиён онро наҳс медонистанд.

Бигир турраи маҳчеҳраеву рисса махон,
Ки саъду наҳс зи таъсири Зӯҳраву Зуҳал аст.

**Ҳофиз.**

ЗӮҲРА - номи сайёра, ки нисбат ба Замин баъд аз Уторид рарор гирифтааст Ноҳид (Аноҳита) низ гӯянд.

Аз дурахшонтарин ситораҳост. радимиён онро аз сайёраҳои нек медонистанд ва ба хунёгарӣ нисбат медоданд. Аз ин рӯ, мутрибаи фалак, Зӯҳраи чангӣ, Зӯҳраи барбатнавоз низ хондаанд.

Биёвар май, ки натвон шуд зи макри осмон эмин,
Зи лаъби Зӯҳраи чангиву Миррихи силаҳшӯраш.

**Ҳофиз.**

Ривояте аст, ки гӯё Зӯҳра аслан зани соҳибхамоле будааст. Фариштагон Ҳоруту Морут ба ӯ ошир шудаанд. Зӯҳра хоҳиш кардааст, ки нахуст ба ӯ исми аъзамро биёмӯзанд. Чун исми аъзам омӯхт, Зӯҳра онро хон два аз дасти онҳо халосӣ ёфта, ба фалаки сеюм рафт ва он хо ситораи тобоне шуд.

# И

ИБЛИС - аз малоики мурарраб, ки чун аз амри Худо печид ва Одамро монанди дигарон сахда накард, аз даргоҳи Худо ронда шуд ва пас аз он Одаму Ҳавворо фиреб дод ва ба хӯрдани гандум водошт. Ниҳоят мӯхиби берун афтодани эшон аз биҳишт гардид:

Гуфтаи бадсигол чун Иблис,
Дур кардам аз он чу хулди ханоб.

**Саъди Салмон.**

ИБНИ ЁМИН - бародари Юсуф пайuамбар, ки бо вай аз як модар буд. Бар тибри ривоёт ҳангоме, ки Юсуф азизи Миср шуд ва бародарони Юсуф барои харидани uалла ба Миср омаданд, Юсуф дастур дод, ки паймонаи тиллоиро дар анбони Ибни Ёмин бигузоранд, то ба ин баҳона ӯро дар назди худ нигоҳ дорад ва дар натиха Яърубро ба Миср биёвард:

Чу Юсуф нест, к-аз раҳтам раҳонад,
Маро чӣ Ибни Ёмин, чӣ Яҳудо.

**Хоронӣ.**

ИБРОҲИМ - номи пайuамбар, ки писари Озари буттарош буд. Иброҳим Намруд ва мардумони дигарро аз бутпарастӣ бозмедошт ва ба парсатиши Худои ягона даъват мекард, вале Намруд даъвати ӯро напазируфт ва саранхом ба раҳнамоии Ибилис дастур дод, ки Иброҳимро бигиранд ва дар оташ дарандозанд. Ба фармони Худои таоло оташ сард шуд ва гулистон гашт:

Ё раб, ин оташ, ки дар хони ман аст,
Сард кун з-он сон, ки кардӣ бо Халил.

**Ҳофиз.**

Иброҳим хонаи Каъбаро сохт ва ҳахар-ул-асвад (санги сиёҳи Каъба) ба фармони Худо дар он хона гузошта шуд ва аз он варт ҳах кардан фарз шуд.

Иброҳим аз Ҳохар - канизи худ писаре ёфт ба номи Исмоил. Чун назр карда буд, ки писаре ёбад, рурбон кунад, ба ҳангоми чаҳордаҳсалогии Исмоил аз Худованд фармон расид, ки бояд ба аҳдаш вафо кунад. Иброҳим ва Исмоил аз ин кор кароҳат нишон надоданд. Ба фармони Худо ба мавреъ гӯсфанде расид, то ба хои Исмоил рурбон шавад. Аз он пас рурбонӣ кардан дар Каъба фарз шуд:

Бимон з-оташи uавuои ҳодисот масун,
Чунон к-аз оташи Намруд буд Иброҳим.

**Анварӣ.**

Килкаш аз баҳри шараф таслими теu омад, бале,
Мартабат бифзуд Исмоилро таслими ӯ.

**Хоронӣ.**

ИДРИС - номи пайuамбар. Гӯянд, ки илми нухум мӯъхизаи ӯст. Дар асоси дониши ситорашиносӣ аз тӯфони Нӯҳ хабар дод. Чун умраш ба ҳаштсаду шасту панх сол расид аз малакулмавт хост, то рӯҳашро ба амри Худо рабз кард ва биҳишту дӯзахро ба ӯ нишон дод. Идрис чун аз биҳишт берун омад, ба баҳонаи он, ки наълайнро он хо фаромӯш кардааст, бозгашт ва дар биҳишт монд:

Бимир, эй дӯст, пеш аз марг, агар умри абад хоҳӣ,
Ки Идрис аз чунин мурдан биҳиштӣ гашт пеш аз мо.

**Саноӣ.**

ИНРИЛОБ - ду нурта аз минтаратулбурух аст, ки замин чун дар гардиши худ ба даври офтоб ба он нурта мерасад, шабу рӯз ба ҳадди аълои тафовут бо ҳам мерасанд. Инрилоб бар ду гуна аст: инрилоби сайфӣ ва инрилоби шитавӣ. Инрилоби сайфиро инрилоби тобистонӣ низ мегӯянд, ки он ҳангоми рӯз ба мунтаҳои дарозӣ ва шаб ба мунтаҳои кӯтоҳӣ мерасад. Инрилоби шитавӣ ё инрилоби зимистонӣ баръакс буда, дар он шаб ба мунтаҳои дарозӣ

ва рӯз ба мунтаҳои кӯтоҳӣ мерасад.

ИРАМ - номи боғе, ки Шаддод сохт ва дар зебоию сарсабзӣ беназир буд. Дар шеъри тоҷикӣ киноя аз боғҳои бисёр мусаффост:

Дар гулистони Ирам дӯш чу аз лутфи ҳаво,
Зулфи сунбул зи насими саҳарӣ меошуфт.

**Ҳофиз.**

ИРФОН - маслакест, ки дар асарҳои аввали зуҳури ислом дар Аҷам низ ба вуҷуд омадааст. Пайравони он Худоро асли олам вуҷуд медонанд, ки танҳо ҳастии вореист ва дар ҳама мавҷудот таҷаллӣ мекунад ва ҳар кӣ биҷоҳад, ба мароми ӯ пай бибарад ва зоти ӯро бишиносад, бояд ба риёзати нафс, ворастагӣ, тарки тааллуроти дунявӣ, тарки шавҳат машғул бошад ва ба зоти аҳадийяти эътирод варзад ва бо ишри шадид барои пайвастан ба асл хӯ гирад. Ҳамчунин даст аз талаб боздошта, ба мароми шуҳуду кашф бирасад. Чун оинаи дил аз нопокиҳо бизудояд, Худо дар он таҷаллӣ мекунад. Он чи ҳакимон меҷоҳанд, аз роҳи арлу истидлол ба он бирасанд, орифон аз роҳи ишру риёзати нафс бар он ноил меоянд. Ориф нисбат ба ҳамаи мазҳабҳо ба дидаи эҳтирому муҳаббат менигарад ва мӯътарид аст, ки ҳама дар роҳи вусул ба як марсад пеш меравард, чунонки Ҳофиз гуфтааст:

Ҳама кас толиби ёранд чӣ ҳушёру чӣ маст,
Ҳама ҷо хонаи ишр аст чӣ масҷид чӣ куништ.

ИСКАНДАР - бинобар ривояти «Шоҳнома» писари Дороб аз духтари райсари Рум, ки назди падар тарбият ёфт ва бо Доро писари дигари Дороб - шоҳи Эрон ҷанг кард. Дар ин ҷанг Доро маҷрӯҳ шуд ва чун Искандар он хабарро шунид, худро ба болини Искандар расонид ва зор ғиристу хост, ки пизишк ҳозир кунанд, аммо суде накард ва Доро пас аз васият ҷон дод. Искандар бинобар васияти ӯ духтараш Равшанакро ба занӣ гирифт ва ба Ҳинду Миср лашкар кашид. Дар Ҳинд пире ӯро аз шигифтиҳо хабар дод ва ҷои торикеро ба ӯ нишон дод, ки дар он чашмаи обе буд, ки ҳар кас аз он биҳӯрад, ҳаргиз намемирад. Ҳангоме, ки Искандар ба сӯи торикӣ мешитофт, дар рӯшноие кӯҳе дид. Аз кӯҳ боло рафт Исрофилро дид, суре ба даст ва мунтазири фармон, ки дар сур бидамад. Искандарро овоз дод, ки барои тоҳу ганҷ он радар ба худ озор надиҳад. Искандар ба нола фуруд омад ва ба тарафи Бохтар рафт. Мардум аз ҷонвароне ба ном Яъҷуҷу Маъҷуҷ шикоят карданд, ки гӯшҳояшон ба андозае будааст, ки якеро бистару дигареро рӯйпӯш месохтаанд. Искандар бо иддае аз донишмандон ба гузаргоҳи Яъҷуҷу Маъҷуҷ рафт ва ба фармони ӯ деворҳои баланде сохтанд аз оҳану сангу ғаҷу рир ва бо сохтани ин садд мардумро аз шарри Яъҷуҷу Маъҷуҷ раҳонид. Оинаи Искандар ва садди Искандар аз тимсолҳои маъруфи адабиёти форсу тоҷик аст:

На ҳар кӣ чеҳра барафрӯхт, дилбарӣ донад,
На ҳар кӣ оина созад, Сикандарӣ донад.

**Ҳофиз.**

ИСО - номи пайғамбар, ки писари Марям, ки китоби осмониаш Инҷил ном дорад. Марям аз рӯҳи пок обистан шуда Исоро таваллуд кардааст. Исо равми Исроилро ба дини худ даъват кард, вале онҳо напазируфтанд ва аз ӯ мӯъҷиза хостанд. Ӯ бо хоҳиши онҳо ба дами хеш мурдаеро зинда кард. Саранҷом бадхоҳонаш расди куштани ӯ карданд. Исо гурехт, вале яке аз ҳавориюн, ки Яҳудо ном дошт ба ивази сӣ дарам Исоро ба онҳо нишон дод. Онҳо хостанд, Исоро бигиранд, вале ба амри илоҳӣ ӯ нопадид гашт ва саркардаи онҳо Ишуъро ба сурати Исо даровард. Онҳо ҳамин Ишуъро Исо пиндошта дастгир ва ба дор кашиданд. Исо ба осмон рафт. Марям ба пояи дор рафта лобаву зорӣ мекард, зеро ӯ ҳам пиндошта буд, ки писарашро ба дор кашиданд. Шаби ҳафтум Исо барои таскини модар аз осмон ба замин бозомад. Ҳафт нафар аз ҳавориюн он шаб Исоро диданд ва то субҳ бо ӯ буданд, саҳаргоҳ Исо боз ба осмон рафт.

Ба ғайрат аз нафсаш рӯҳи Исии Марям,
Ба ҳиҷлат аз раламаш чӯби Мӯсии Имрон.

**Анварӣ.**

ИСФАНДИЁР - писари Гуштосп, муқарраб ба Рӯинтан. Бо фармони падар ба ҷанги Арҷосп рафт ва пас аз гузаштан аз Ҳафт хону фатҳи Рӯиндиж, Арҷоспро кушт ва аз падар тоҷу тахт хост. Гуштосп бо марсади гузаронидани фурсат ӯро назди Рустам фиристод, то он паҳлавони номдорро даст баста ба даргоҳ оварад. Рустам ба нанг тан дарнадод ва кор ба ҷанг анҷомид. Дар ин ҷанг пас аз диловариҳои ду ҳариф Рустам ба дастури симурғ Исфандиёрро бо тире, ки аз чӯби газ сохта буд, кӯр кард ва Исфандиёр аз он захм ҷон супурд. Достони ҷанги Рустаму Исфандиёр аз ритъаҳои бисёр зебои «Шоҳнома» аст.

ИСҲОР - писари Иброҳим пайғамбар. Исҳор ду писар дошт. Номи яке Ийс ва дигаре Яъруб. Яъруб рамаи гӯсфандонро дӯст медошт ва Исҳор шикорро. Рӯзе Исҳор аз писарон гӯштбирён хост. Чун Яъруб барраи бирёнкардаро зудтар фароҳам кард, Исҳор ӯро дуо кард ва пайғамбарӣ ба ӯ расид.

# К

КАБУДҒАДИР - киноя аз осмон.

Зи меҳри завраки симини моҳ бар хуршед,
Ҳазор чашмаи симоб аз ин кабудғадир.

**Бадри Чочӣ.**

КАБӮТАР - дар адабиёти форсӣ кабӯтареро ирода кунанд, ки боиси нахоти Муҳаммад алайҳиссалом аз таъриби куффори Рурайш гардид. Вореа чунин сурат гирифта: Чун ҳазрати расолатпаноҳ аз Макка ба Мадина ҳихрат фармуданд, гурӯҳи мушрикон бо марсади куштани эшон он касро таъриб карданд. Ҳазрати пайиамбар ба иоре паноҳ оварданд, ба даромадгоҳи иор анкабуте зуд тор танид ва кабӯтаре тухм гузошт. Мушрикон ин ҳолро дида гумон карданд, ки даруни иор касе пинҳон нашудааст:

Чун кабӯтар нома овард аз зафар неъмалбарид,
Анкабутосо хабар дод аз хатар неъмалфато.

**Хоронӣ.**

КАВСАР - чашмаест дар биҳишт, ки ҳама чашмаҳои биҳишт аз он хорӣ мешавад.

Зоҳид шароби кавсару Ҳофиз пиёла хост,
То дар миёна хостам кирдугор чист?

**Ҳофиз.**

КАЙВОН - сайёраи Зуҳалро гӯянд, ки аз хумлаи ситорагони наҳс будааст, аз ин хиҳат таъбири наҳси Кайвон маъруф.

Зане бошад, ки марде, к-аз ду олам хонае созад,
Ки Ноҳид аст, не Кайвон, ки бошад хона Мизонаш.

**Хоронӣ.**

**Шарҳ:** Ноҳид- сайёраи Зӯҳра, Кайвон- Зуҳал ва Мизон номи бурхест аз бурхҳои дувоздаҳгона ба шакли тарозу, ки хонаи Зӯҳра аст. Зӯҳра мода аст ва мутриби фалак низ гӯяндаш. Яъне дил маро гуфт, касе, ки ду оламро хона созад, он зан бошад мард набошад, зеро ки ду олам ба мисоли ду паллаи тарозуст ва бурхи тарозуи хонаи Зӯҳра аст, ки мода аст, на хонаи Зуҳал, ки нар аст, пас агар ту мард ҳастӣ, аз ду олам хонаи худ масоз, тарки кавнайн бигир ва озодаву вораста бизӣ.

КАЙХИСРАВ - аз шоҳони силсилаи Каёнӣ, писари Сиёвушу Фарангис, ки баъди даргузашти Сиёвуш дар Тӯрон ба дунё омад. Пирони вазир ӯро ба чӯпонҳо бахшид, то бузург шавад. Паҳлавони эронӣ Гев барои овардани Кайхисрав ба Тӯрон рафт ва пас аз ҳафт соли хустухӯ ӯро дар маризоре ёфт ва аз ҳоле, ки дар бозу дошти он нишони Каёниён буд, Кайхисравро шинохт ва бо худ ба Эрон овард. Аъёну ашрофи дарбор ба подшоҳии Кайхисрав тарафдор набуданд ва мехостанд, ки писари Ковус Фарибурз сари тахт ояд. Ковус барои озмоиш ҳардуро ба фатҳи ралъаи Баҳман фиристод. Кайхисрав иолиб омад ва соҳиби тахти шоҳӣ гардид. Ӯ барои интироми падараш Сиёвуш бо Афросиёб хангид ва саранхом Афросиёб кушта шуд. Бузургони кишварро хамъ карда, тохи шоҳиро ба Луҳросп бахшид, ба ҳама ганх бахшид, сипосгузорию хайрухуш кард ва худ рӯ ба кӯҳе ниҳоду нопадид гашт.

КАЙХИСРАВИ АЙВОНИ НУР - бинобар дар айвони нур, яъне фалаки чорум, ки рароргоҳи офтоб аст, маскан доштанаш Исои пайиамбарро чунин номидааст:

Гар ӯ Кайхисрави айвони нур аст,
Чаро Бежан шуд дар ин чоҳи ялдо.

**Хоронӣ.**

КАЛБИ АКБАР - «калб» ба маънои саг, «акбар» бузургро гӯянд, аз суратҳои фалакӣ дар хануби минтарат-ул-бурух, ки ба шакли саги бузург аст.

КАЛБИ МУРДИМ - «мурдим» ба маънои далер, аз суратҳои фалакӣ дар хануби минтарат-ул-бурух, ки ба шакли саг аст.

КАЛИМ - ниг. ба МӯСО.

Хоро чу мор баркашаму рас ба як асо,
Даҳ чашма чун Калим зи хоро бароварам.

**Хоронӣ.**

КАМАР СИХ КАРДАН - киноя аз осоиш ва ором гирифтан.

Аз нахустин нигаҳат масту харобам кардӣ,
Камаре сих накардам, ки кабобам кардӣ.

**Мӯҳсини Таъсир.**

КАМОНИ РУСТАМ - киноя аз тирукамон, ки равси руҳаз низ гӯянд.

Чун теи занад офтоби роят,
Бар абр бигиряд камони Рустам.

**Абулфархи Рунӣ.**

КАНЪОН - шаҳре, ки Яъруб пайиамбар он хо дар хонаи таиоияш паноҳ ёфт ва минбаъд духтари ӯро ба занӣ гирифт, ҳамон хо муримӣ шуд.

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, иам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, иам махӯр.

**Ҳофиз.**

КАЮМАРС - нахустин шоҳи Пешдодӣ, ки оини тохгузорию тахтнишиниро ба вухуд овард ва сӣ сол подшоҳӣ кард. Хӯрок пухтан, аз пӯсти хонварон либос дӯхтанро ба мардум омӯхт.

КАҲКАШОН - ниг. ба МИХАРРА.

Чашми бузиола бар он Хӯша, ки хирман карда шаб,
Доси каждандон зи роҳи Каҳкашон ангехта.

**Хоронӣ.**

КОВА - оҳангаре, ки бинобар писаронашро куштани Заҳҳок бар ӯ шӯрид ва чармпораеро сари чӯб карда мардумро ба пайкори зидди Заҳҳок барангехт ва ниҳоят Фаридунро бар сари тахт нишонд.

КОВУС - аз шоҳони силсилаи каёнӣ, писари Райрубод, ки бо ёрии Рустам Мозандаронро фатҳ кард ва барои саркӯб кардани шоҳи Ҳомоварон рафту ба зиндон афтод. ӯро Рустам нахот дод. Ковус духтари шоҳи Ҳомоварон - Судобаро ба занӣ гирифта, ба Эрон баргашт. Бо фиреби Аҳриман ба осмон парвоз кард ва уробҳое, ки тахти ӯро мебурданд, вайро дар сарзамини Омул фуруд оварданд. Ковус ба хештанпарстию тундӣ маъруф буд ва бо Рустам, ки борҳо ӯро аз ранхҳо раҳонида буд, ба дуруштию тундӣ рафтор мекард, чунончи аз додани нӯшдору барои Сӯҳроб сар печид. Ҳамчунин бо писари худ Сиёвуш рафтори нохавонмардона пеш гирифт, бар ӯ хашмгин шуду Сиёвушро ба сарзамини Тӯрон фиристод ва дигар ӯро надид. Ниҳоят Ковус аз подшоҳӣ канорагирӣ кард ва тоху тахтро ба писари Сиёвуш - Кайхисрав бахшид.

РОҒАЗИНХОМА - хомаеро гӯянд, ки дар аҳди радим хабрдидагон онро бар тан пӯшида барои додхоҳӣ назди ҳокимон мерафтанд.

Роиазинхома ба хуноб бишӯям, ки фалак,
Раҳнамунӣ-м ба сӯи алами дод накард.

**Ҳофиз.**

КУЛБАИ ЭҲЗОН - хонае, ки Яъруб дар он мезист ва дар фирори Юсуф мегирист, ба тамсил кулли иамхонаро гӯянд.

Юсуфи гумгашта боз ояд ба Канъон, иам махӯр,
Кулбаи эҳзон шавад рӯзе гулистон, иам махӯр.

**Ҳофиз.**

КУЛОҲ БАР ҲАВО АФКАНДАН - киноя аз шодмонию сурур.

Бар ҳаво меафканад насрин кулоҳ аз ибтиҳох,
Лаб намеояд фароҳам иунчаро аз ибтисом.

**Салмони Совахӣ.**

КУЛОҲИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Субҳи фанакпӯшро абри зиреҳзаб рабо,
Бурд кулоҳи зараш рундузи шабро зи тоб.

**Хоронӣ.**

КУСУФ - гирифтани хуршед аст. Агар моҳ миёни замину офтоб вореъ шавад, офтобро аз чашм мепӯшонад ва сиёҳие, ки бар офтоб дида мешавад, сояи моҳ аст. Кусуф тамому куллӣ ва норису хузъӣ мешавад.

То ҳашр мункасиф нашавад офтоб, агар,
Ояд ба зери сояи адлат ба зинҳор.

**Анварӣ.**

КУШЁР - ишора ба мунаххими бузурги асри XI Абулҳасани Кушёр (муаллифи «Китоб-ул-устурлоб» ва осори дигар).

Яке дар нухум андаке даст дошт,
Вале аз такаббур саре маст дошт.
Бари Кушёр омад аз роҳи дур,
Диле пуриродат, саре пуриурур.

**Саъдӣ.**

КӮҲКАН - ниг. ба ФАРҲОД.

Чу шаҳ бишнид равли анхуманро,
Талаб фармуд кардан Кӯҳканро.

**Низомӣ.**

# Л

ЛАБ ФАРОҲАМ НАОМАДАН - киноя аз иояту шавру сурур ва шодмонӣ.

Бар ҳаво меафканад насрин кулоҳ аз ибтиҳох,
Лаб намеояд фароҳам иунчаро аз ибтисом.

**Салмони Совахӣ.**

ЛАЙЛАТУЛРАДР - ниг. ба шаби радр.

ЛАЙЛӣ - раҳрамони риссаи маъруфи «Лайлию Махнун», ки аз рабилаи банӣ Омир буда, риссаи ишраш бо Махнун фасона гаштааст. Аз адибони форсу тохик бештар аз ҳаштод муаллиф ин риссаро ба риштаи назм кашидаанд.

Шабе Махнун ба Лайлӣ гуфт, ки Эй маҳбуби беҳамто,
Туро ошир шавад пайдо, вале Махнун нахоҳад шуд.

**Ҳофиз.**

ЛАНБАКИ САРО - номи сарое (обкаш), ки дар достони «Баҳроми Гӯр»-и «Шоҳнома» зикр шуда. Вай марде будааст, ки бо вухуди дасттангӣ, чандин рӯз Баҳромро меҳмондорӣ кардааст. Муҳимтар он аст, ки Ланбак шоҳ Баҳромро ба куллӣ нашинохта чун як марди мусофир пазирой мекунад, бархилофи шахси дигари сарватманде, ки Бароҳоми яҳудӣ ном дошт. Бароҳом бо вухуди он ҳама сарват Баҳромро ба хонааш роҳ надода буд.

Баҳром нангарад ба Бароҳом чун назар,
Ба рухону хони Ланбаки саро барафканад.

ЛАНТАРОНӣ - ишораест ба риссаи Мӯсо пайuамбар, ки гуфт: Эй парвардигор боре худро ба ман намо! Хавоб омад: «Лантаронӣ», яъне ки ҳаргиз маро нахоҳӣ дид.

Чу ралам зи даст монӣ, бидиҳӣ-ш бе ралам ту,
Сифате, ки нур гирад зи хитоби «лантаронӣ».

**Мавлавӣ.**

ЛОЛАИ ЗАРД - киноя аз офтоб.

Зи сабзазори фалак чун дамид лолаи зард,
Киро бувад зи гули сурху шохи бода гузир.

**Низомӣ.**

ЛУТРО - забоне, ки чанд нафар барои худ тартиб диҳанд ва бо он бо ҳам сӯҳбат кунанд. Онро лутра ва лутр ҳам гуфтаанд:

Хирад сирри uайбӣ кунад фаҳм аз ӯ,
Чи гӯяд сари килки ту лутро.

**Камоли Хухандӣ.**

ЛУРМОН - мувофири баъзе ривоятҳо писарамаки Иброҳим пайuамбар будааст, ки дар ҳикмат маъруф аст. Номи ӯ дар Руръон низ сареҳон зикр шудааст.

ЛУТ - аз пайuамбарон. Ҳарчанд ӯ равми худро ба худопарастӣ талрин мекард, рабул намедоштанд. Орибат ба фармони Худо Лут ва шахсоне, ки ба ӯ имон оварда буданд, аз шаҳр берун рафтанд. Шаҳр сангсор шуд ва зани Лут низ, ки ба шавҳараш нофармонӣ мекард, бо дигарон сангсор шуд.

ЛӮҲРОСП - номи шоҳи каёнӣ, ки ба дастури Кайхисрав бар хилофи раъйи аъёну ашроф ба шоҳии Эрон расид. Лӯҳросп оташкадаи Озарбарзинро бино кард. Саранхом шоҳиро ба писараш Гуштосп супурду худ дар оташкадаи Навбаҳори Балх ба ибодат машuул шуд.

# М

МАЛИКАИ САБО - ниг.ба БИЛРИС.

МАНИЖА - духтари Афросиёб, аз духтарони номдори «Шоҳнома», ки оширu Бежан шуд ва ӯро ба расри худ бурд. Чун Афросиёб аз ишри Манижа огоҳӣ ёфт, ӯро аз раср ронд ва Бежанро дар чоҳ зиндонӣ кард. Манижаи сарупобараҳна ба гадой пардохт ва нонеро, ки ба даст меовард, барои Бежан ба чоҳ меандохт. Манижа дар ишр фидокориҳо кард, то Рустам ба ёрии онҳо расид ва Бежанро аз чоҳ берун оварда, ҳамроҳи Манижа ба Эрон бурд.

МАННУ САЛВО - манн ба маънои тарангабин, салво ба маънои асал. Дар адабиёти форсу тохик ишора ба uизоест, ки Худованд ба Мӯсо ва банӣ Исроил дар биёбони сӯзоне бирасонид.

Гар ба аҳди Мӯсӣ умматро гаҳи раҳт аз ҳаво,
Боз манну салвии силватрасон афшонанд.

**Хоронӣ.**

МАНОЗИЛИ МОҲ - иборат аз бисту шаш манзил дар минтарат-ул-бурух, ки ҳар рӯз моҳ яке аз онҳоро тай мекунад.

МАНСУРИ ҲАЛЛОХ - Ҳусайни ибни Мансури Ҳаллох (соли 922 ба дор кашида шудааст) аз бузургони аҳли ирфону тасаввуф. Баъзеҳо рафтори uайриоддии ӯро нишони кароматаш медонистанд, бахше дигар аз мардумон афъоли ӯро сеҳру ходу мепиндоштанд. Мансури Ҳаллох барои «Аналҳар» («ман ҳар ҳастам, ман Худо ҳастам») гуфтанаш аввал зиндонӣ шуд ва баъд ба фармони вазири аббосӣ Ҳомид ибни Аббос дар Баuдод ба дор кашида шуд.

Мансур ба сари дор ин нурта хуб сароид:

Аз шофеъӣ мепурсед, амсоли ин масоил,

Гоҳе алфози ёр, дӯст маҳбуб бо лафзи дор якхоя омада,
Мансури Ҳаллохро ифода мекунанд:
Гуфт: Он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,
Хурмаш ин буд, ки асрор ҳувайдо мекард.

**Ҳофиз.**

МАНУЧЕҲР - писари (ба равле набераи) Эрах, ки ба сарпарастии бобояш Фаридун парвариш ёфт ва ҳунар омӯхт. Ммнучеҳр ротилони падарш - Салм ва Турро кушт, дижи Алнонро кушод ва бо фирӯзӣ бозгашт. Фаридун тохи шоҳӣ бар сари вай ниҳод ва худ гӯшагирӣ кард. Манучеҳр бо роҳнамоию тадбири Сом подшоҳӣ мекард.

МАРЯМ - модари Исо пайиамбар, духтари Умрон. Умрон мурими масхиди Байтулмураддас буд, писарони бисёре дошт ва бо шукронаи он ният кард, ки фарзанди ояндаашро мурими масхид кунад. Марям таваллуд шуд. Азбаски духтар наметавонист дар масхид мурим шавад, Умрон дар ҳайрат монд. Ваҳӣ расид ва ихозат дода шуд, ки Марям дар масхид мурим шавад. Писари амаки Умрон - Закариё Марямро дар масхид муҳофизат мекард. Чун Марям ҳаждаҳсола шуд Хабраил худро ба сурати Юсуфи наххор ба Марям намуд ва ӯро ба таваллуд шудани Исо мужда дод, ба фармони таоло рӯҳи мураддас дар ӯ дамида шуд. Ба равле пас нӯҳ соат ва ба равли дигар баъди нӯҳ моҳ Исо таваллуд шуд.

Обистании Марями Умрон ба писар буд,
Обистании духтари ангур ба хон аст.

**Манучеҳрӣ.**

МАСЕҲО - лараби Исо пайиамбар.

Файзи руҳулрудус ар боз мадад фармояд,
Дигарон ҳам бикунанд, он чи Масеҳо мекард.

**Ҳофиз.**

МАХНУН - раҳрамони риссаи машҳури «Лайлӣ ва Махнун» аст, ки аслан Райс ном дошт ва аз рабилаи банӣ Омир буд. Бинобар гирифтории азимаш ба ишри Лайлӣ ба ӯ Махнун (девона) ном доданд.

Басе гаштам чу Махнун кӯҳу саҳро,
Магар ёбам суроі аз манзили хеш.

**Ҳофиз.**

МЕЪРОХ - дар луиат ба маънои боло рафтан, он чи ба воситаи он боло раванд омадааст. Дар адабиёти форсу тохик ишора урухи Муҳаммад алайҳиссалом ба сӯи Худост, то он хо ки баландтар аз он рафтан ба касе муяссар нашудааст.

Ишр меърох аст сӯи боми султони азал,
Аз рӯҳи ошир фурӯ хон риссаи меърохро.

**Мавлавӣ.**

МЕҲРГОН - рӯзи шонздаҳуми меҳрмоҳро гӯянд, ки Фаридун дар он рӯз бар Заҳҳок фирӯз шуд ва ӯро дар кӯҳи Дамованд ҳабс кард. Мардуми эронинажод ҳар сол ин рӯзро хашн гиранд ва онро меҳррӯз низ номанд.

Меҳргон омад гирифта фолаш аз некӣ мисол,
Нек рӯзу нек хашну нек варту нек ҳол.

**Унсурӣ.**

МИЖГОНИ ОФТОБ - яъне нури офтоб, ки онро теиu Афросиёб, шамшери зар, ангушти офтоб, расаби мисрӣ, мижгони хуршед, панхаи хуршед, найзаи оташин, асои офтоб, ханхари зар, нохуни хуршед, расани офтоб… низ гуфтаанд:

Ин бӯстони кист, ки мижгони офтоб,
Чун хор гардан аз сари девор мекашад.

**Соиб.**

МИЗОН - аз суратҳои дувоздаҳгонаи фалакӣ дар минтаратулбурух, ки ба шакли тарозуст ва мутобири моҳи меҳр аст.

Асарҳои кини ту чун наҳси Арраб,
Назарҳои лутфи ту чун саъди Мизон.

**Анварӣ.**

МИНТАРАТУЛБУРУХ - доираи бузургеро гӯянд, ки аз гардиши Замин ба даври Хуршед ба вухуд ояд, онро фалакулбурух ва ниторулбурух низ хондаанд. Минтаратулбурух иборат аз дувоздаҳ бахш аст, ки ҳар якеро бурх гӯянд ва он бурхҳо ба номи суратҳои фалакист. Бурхҳои дувоздаҳгона инҳоанд: Ҳамал, Савр, Хавзо, Саратон, Асад, Сунбула, Мизон, Арраб, Равс, Хадӣ, Далв, Ҳут.

Мувофиран ба чаҳор унсур бурхҳо низ бодӣ, хокӣ, обӣ ва озарӣ (ё оташӣ) мешаванд. Бурхҳои бодӣ - Хавзо, Мизон, Далв; обӣ - Саратон, Арраб, Ҳут; озарӣ - Асад, Ҳамал, Равс; хокӣ - Савр, Сунбула, Хадӣ.

МИХАРРА - махмӯи ситораҳост аз хинси ситорагони абрӣ, монанди роҳе бузург, ки ба ду бурх - Хавзо ва Равс мегузарад. Роҳи Каҳкашон.

Михарра бар фалак чун коҳ бар роҳ,
Фалак дар зери ӯ чун об дар коҳ.

**Низомӣ.**

МОНӣ - номи нарроши эронӣ, ки модараш аз хонадони шоҳони Ашконӣ буд. Китоби маъруфи Монӣ «Шопургон» ном дошт, китоби дигараш «Аржанг» (ё «Атранг») низ шӯҳрат дорад. Монӣ иддаои пайғамбарӣ кард ва оинаш дар Осиёву Урупо паҳн шуд. Барои ин даъво Монӣ бо амри шоҳ Баҳроми аввал кушта шуд (соли 276 милодӣ). Монӣ дар адабиёти форсу тоҷик ҳамчун нарроши мумтоз маъруф аст ва суханварон маҳз ба ҳамин фазилати ӯ масал задаанд.

Сипеҳр гуфтӣ нарроши нарши Монӣ гашт,
Ки ҳар замон бинигорад ҳазор гуна сувар.

**Анварӣ.**

МОР - мувофири ривоёт хонварест, ки Иблисро дар хони худ хой дод ва пинҳонӣ ӯро ба биҳишт бурд, то Одаму Ҳавворо фиребад. Баъзан ба морони Заҳҳок низ ишора кардаанд.

Дасти оҳангар маро дар мори заҳҳокӣ кашид,
Ганхи Афредун чи суд андар дили донои ман.

**Хоронӣ.**

МОЧИН - кишварҳои ҳамсарҳади Чинро (ба хуз Ҳинд) Мочин гуфтаанд.

Ду чашми шӯхи ту барҳам зада Хитову Хутан,
Ба чини зулфи ту Мочину Ҳинд дода хироҳ.

**Ҳофиз.**

МОҲИ КАНЪОН - ниг.ба Юсуф.

Моҳи Канъониман маснади Миср они ту шуд,
Хои он аст, ки падруд кунӣ зиндонро.

**Ҳофиз.**

МОҲИ МИСР - ниг.ба Юсуф.

Зи сад ҳазор писар ҳамчу моҳи Миср яке,
Чунон шавад, ки чароғи падар кунад рӯшан.

**Соиб.**

МОҲИ МУРАННАЪ - моҳи сунъиеро гӯянд, ки ҳакиме ба номи Ҳаким Ибни Ато ва маъруф ба Ибни Муранназ аз омезаи симоб бо филизоти дигар сохт ва он ҳар шаб аз чоҳи кӯҳи Сиём, ки наздикии шаҳри Нахшаб вореъ буд, берун меомад ва то чаҳор фарсангро аз нураш равшан мекард.

Кай бувад моҳи Муранназ ҳамчу моҳи осмон,
Гарчи кӯтаҳдидагонро дар хаёл афтад мунир.

**Анварӣ.**

МОҲИ НАХШАБ - ниг. ба Моҳи Муранназ.

Субҳ баромад зи кӯҳ чун моҳи Нахшаб зи чоҳ,
Моҳ баромад ба субҳ чун думи моҳӣ зи об.

**Хоронӣ.**

МОҲИ СИЁМ - ниг. ба Моҳи Муранназ.

На моҳи Сиёмӣ, на моҳи фалак,
Ки инат ғулом асту он пешкор,

**Рӯдакӣ.**

МОҲИ ЧОҲИ КАШ - ниг. ба Моҳи Муранназ.

Ҳамчу моҳи чоҳи каш бадхоҳ мехуст иртифоъ,
Аз тулӯи хеш ҳам дар мабдаи ғоиз монд.

**Бадри Чочӣ.**

МУЛКИ СУЛАЙМОН - кишвари Сулаймон, раламраваш бисёр васеъ буд, зеро ки Худои таоло илова бар пайғамбарӣ ба ӯ подшоҳӣ низ дода буд, то бар одамию деву парӣ ва вуҳуш ҳукумат кунад. Бод маъмур, буд, ки ҳарчи дар мулки Сулаймон мегузашт, ба гӯши ӯ бирасонад.

Пеши соҳибназарон мулки Сулаймон бод аст,
Балки он аст Сулаймон, ки зи мулк озод аст.

**Хохуи Кирмонӣ.**

МУМСИКУЛИНОН - аз суратҳои фалакӣ дар шимоли минтарат-ул-бурух, ки шомили чаҳордаҳ ситора аст ва ба шакли мардест, ки ба як даст тозиёна ва ба дасти дигар инон дорад.

МУРҒИ ИСО - шабпаракро гӯянд, ки Исо аз гил сурати мурғи шабпаракро сохт ва чун дар ӯ дам зад, зинда

шуд ва паридан ous кард. Вале аз ихтилофоти даҳр аст, ки шабпарак торати офтоб надорад, ҳол он ки Исо ҳамсояи офтоб аст ва чун ӯ дар фалаки чаҳорум маскан гирифтааст.

Чи ҳохат мурии Исоро зи Исо,
Ки ҳамсояст бо хуршеди азроҳ.

**Хоронӣ.**

МУРҒИ СУБҲ - киноя аз офтоб.

Фарози чатри марворид аз он шуд боз зарринпар,
Ки мурии субҳро як дам набуд аз нола оромаш.

**Низомӣ.**

МУРҒИ СУЛАЙМОН - ниг. ба ҲУДҲУД.

Рофилаи шаб чӣ шунидӣ зи субҳ,
Мурии Сулаймон чӣ хабар аз сабо.

**Ҳофиз.**

МУШКИНМӮҲРА - киноя аз замин.

Назора мекунам, вайҳак, дар ин ҳангома чун тифлон,
Ки мушкинмӯҳра осудасту нилӣ ҳурра гардонаш.

**Хоронӣ.**

МУШКНОБ МУШКИ НОБ - киноя аз зулфи маҳбуб:

Ба нохун зираҳ бофт аз мушкноб,
Бияндохт аз паҳлӯи офтоб.

**Фирдавсӣ.**

МУШТАРӢ - сайёраи фалаки шашум аст, онро Бирхис, Ҳурмуз, Саъди Акбар ва Розии фалак низ гӯянд.

Бар осмони макрамат аз рӯшанони илм,
Чун Муштарӣ ба нури хирад Саъди Акбарам.

**Анварӣ.**

МУРАННАЪ - лараби Ҳаким ибни Ато, ки даъвои пайuамбарӣ мекард ва гӯянд барои намоиши мӯъхизаи хеш моҳе сохта буд, ки шабонгаҳ аз як чоҳ берун меомад ва дар чоҳи дигар фурӯ менишаст ва нураш то чаҳор фарсангро равшан мекард. Моҳи Муранннаъ дар шеъри форсу тохик аксар маънои моҳи пӯшидарӯйро ифода кардааст. Ин таъбир маънои иҳомӣ дорад. Яке маънӣ маҳбуби зери сатру ҳихоб бошад, маънои дигар ишора ба худи Муранннаъ аст, ки марди баuоят зиштрӯй буд ва аз ин хиҳат пайваста ниробе бар рӯй дошт.

Маънои калимаи муранннаъ низ пӯшидарӯй аст.

МУРОБАЛА - он аст, ки миёни ду бурх нимдавраи фалак, яъне шаш бурх фосила бошад ва дар истилоҳи мунаххимон назар кардани ҳар бурхро ба бурхи ҳафтум аз худи он гӯянд ва он нишони некӣ будааст.

Зи ахтарам назари саъд дар раҳ аст, ки дӯш,
Миёни моҳу рухи ёри ман муробала буд.

**Ҳофиз.**

МУҲОР - ҳолате аз Моҳ, ки ниме аз он, ба хониби хуршед аст, аз назар нопайдост ва ниме, ки комилан торик аст, ба сӯи замин аст. Ин ҳол одатан дар охири моҳ рух медиҳад ва онро ихтимоъ ва иттисол низ мегӯянд, аз он ки Офтобу Моҳ бо ҳам меоянд.

Моҳ ар нахоҳад, ки бувад наъли маркабат,
Аз нохуни муҳори абад чеҳра хаста бод.

**Анварӣ.**

МӮСО - аз пайuамбарони соҳиби азму иродаи бузург, ки ӯро Мӯсо калимуллоҳ гӯянд. Вай дар замони шоҳии Валид ибни Мусъаб - Фиръавни Миср таваллуд шуд. Чун мунаххимон ба Фиръавн гуфта буданд, ки писаре аз банӣ Исроил ботилкунандаи ҳукми ӯ хоҳад шуд, аз ин рӯ дастур дод, ҳар писаре, ки аз банӣ Исроил ба вухуд ояд, бикушанд. Варте ки Мӯсо таваллуд шуд модараш аз тарси Фиръавн ӯро дар сандуре гузоште ба рӯди Нил андохт. Он сандурро зери расри Фиръавн бурд, канизи зани Фиръавн ӯро грифту назди бонуи худ бурд. Осия - зани Фиръавн ӯро ба фарзандӣ пазируфт. Кӯдак аз пистони ҳех кас шир нахӯрд хуз аз модараш. Модарашро ба доягӣ интихоб карданд ва Мӯсо дар хонаи Фиръавн ба камол расид. Рӯзе яке аз рибтиёнро (мардуми радими Мисрро рибтӣ гӯянд) кушт, аз ин сабаб гурехта назди Шуайб рафт ва дар ивази даҳ соли шубонӣ духтари ӯро ба занӣ гирифту ба Миср рафт. Шуайб асое ба ӯ бахшид. Дар роҳ ҳангоми торикшаб занашро дарди зоиш гирифт. Дар он биёбон, ки водии Айман ном дошт, Мӯсо ба хустухӯи об рафт. Бар сари дарахте равшание дид ва хитоб омад: Инно инналлоҳ ва мӯъхиза бар ӯ каромот шуд. Мӯсо мӯъхизотро ба Фиръавн арза дошт. Фиръавн ӯро ба сеҳру ходу муттаҳам карду имон наёвард. Чун ритбиён ба банӣ Исроил хабр мекарданд, Мӯсо бо банӣ Исроил аз Миср ҳихрат карданд. Мӯсо чун асояшро ба рӯди Нил андохт, пуле ҳосил шуд ва онҳо аз он гузаштанду ритбиён дар об uарр шуданд. Мӯсо барои нахот ба кӯҳи Тур рафт ва Худои таоло «Таврот»-ро, ки ба алвоҳ (лавҳ) навишта буд, бар ӯ нозил кард. Варте Мӯсо бо Худо сухан гуфту дидор хост, хавоб омад: «Лантаронӣ» (ниг. ба

«Лантаронӣ»).

МӮҲРАИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Бози кабудест чарх болзанон дар ҳаво,
Мори сафедест субҳ мӯҳраи зар дар рафо.

**Бадри Чочӣ.**

# Н

НАВРӮЗ - нахустин рӯз аз фарвардинмоҳ. Дар адабиёти форсу тохик тимсоли шодию фараҳ, пайки некӣ.

Бар лашкари зимистон наврӯзи номдор,
Кардаст ройи тохтану расди корзор.

**Манучеҳрӣ.**

НАЗАР - ё нигаристан, он аст, ки вазъи ҳар бурхро нисбат ба бурхҳои дигар нишон диҳад ва арсоми он чаҳор аст: тасдис, таслис, муробала, тарбеъ.

Аз нигоҳи мунаххимон баъзе аз ин ҳолҳо саъду баъзе наҳс аст.

Зи чорум ҳаме бингарид офтоб,
Ба ханги бузургон-ш омад шитоб.

**Фирдавсӣ.**

НАКИСО - ромишгари бузурги дарбори Хусрави Парвезро гӯянд, ҳамроҳо Борбаду Саркаш адои хидмат мекард.

НАМАКДОНИ ЗАР - киноя аз офтоб.

Намакдони зар аз Моҳӣ ба сӯи Барра моил шуд,
Чӣ шӯришҳо, ки дар бозори гарми Навбаҳор уфтод.

**Бадри Чочӣ.**

НАМРУД - шоҳи бутпарасте, ки дар замони Иброҳим алайҳиссалом мезист. Иброҳим чун Намрудро ба худопарастӣ даъват карду бутҳоро шикаст, Намруд фармон дод, то ӯро ба оташ афкананд. Аммо ба амри илоҳӣ оташ бар ӯ гулистон шуд.

Ё раб, ин оташ, ки бар хони ман аст,
Сард кун з-он сон, ки кардӣ бо Халил.

**Ҳофиз.**

Намруд хост, бо Худо ханг кунад ва фармуд, то сохтанду чаҳор пора гӯштро дар сари чаҳор найза овехтанд ва ба чаҳор пояи сандур чаҳор каргаси гурусна бастанд ва ӯ дар сандур нишаст. Каргасон сандурро ба ҳаво бурданд. Намруд тире ба осмон андохт. Ба амри илоҳӣ тири андохтаи ӯ хунолуд ба пешаш бозгашт. Намруд ба гумони он, ки Худоро махрӯҳ кардааст, гумроҳ шуд ва даъвои худоӣ карда, хост, ки бори дигар бо Худо бихангад. Худо лашкаре аз пашша, ки заифтарин махлурот аст, ба ханги ӯ фиристод. Лашкари Намруд аз неши пашша ҳалок шуданд, пашшае ба бинии Намруд рафту маuзи сари ӯро хӯрда, Намрудро ҳалок кард:

Дасти Намруд бин, ки новаки куфр,
Дар сипеҳри мудаввар андозад.

**Хоронӣ.**

Сад ҳазорон пашша дар лашкар фитод,
То Бироҳим аз миён бо сар фитод.

**Аттор.**

Гӯӣ, ки дубора тири хунин,
Намруд бар осмон барафканад.

**Хоронӣ.**

НАРГИС - киноя аз чашм.

Барафрӯхт он моҳ чун офтоб,
Фурӯ рехт бар гул зи наргис гулоб.

**Низомӣ.**

НАРИМОН - мувофири «Шоҳнома» падари Сом ва ба ривояти «Гаршоспнома» бародарзодаи Гаршосп, баъзеҳо ӯро набераи Гаршосп низ донистаанд.

НАСРИ ВОРЕЪ - аз ситорагони собит, ки мардум онро сепоя мегӯянд ва ба шакли каргасест, ки ду болашро ба худ хамъ кардааст:

Умри зоеъшударо сулвати хон боз оред,
Насри Вореъшударо руввати пар боз диҳед.

**Хоронӣ.**

Насри Вореъ бо Насри Тоир якхоя истифода шавад, онро насрайн номидаанд.

Парвона чархи ахзараш парвози насрайн азфараш,
Парвози саъдайн бар сараш чандон ки парво дошта.

**Хоронӣ.**

НАСРИ ТОИР - аз ситорагони собит, монанди каргасе бошад, ки ҳарду боли он кушода аст.

Бар сари он хони иззат Насри Тоир дон магас,
